**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***СУД 338:368 (575.3)***

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ШАМСУЛЛОЗОДА ШУКРУЛЛО**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**Мушовири илмӣ:**

**доктори илмҳои иқтисодӣ,**

**профессор Мирсаидов А.Б.**

**Душанбе-2022**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**.........................................................................4

**МУҚАДДИМА**.......................................................................................................5

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ**.......................................................................26

1.1. Моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ................................................26

1.2. Хусусият ва принсипҳои ташкили соҳибкории суғуртавӣ.........................39

1.3. Хизматрасониҳои суғуртавӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ............................56

1.4. Механизми фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ.............71

**БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**............95

2.1. Методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ.........................................................................................................95

2.2. Усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ............................110

2.3. Хусусиятҳои нархгузорӣ ба хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ.......................................................................................................133

2.4. Арзёбии сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ..............................157

**БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**......................................175

3.1. Арзёбии сатҳи сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ...........................175

3.2. Хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун кафолати фаъолияти самараноки соҳибкорӣ.......................................................................................................191

3.3. Хусусиятҳои ташаккули пешниҳод дар фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ва афзалиятҳои рақобатии субъектҳои он..........................................................210

3.4. Рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ..................229

**БОБИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.......................................250**

4.1. Такмили механизми танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ..............................................................................250

4.2. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ..................267

4.3. Такмили усулҳои назорати давлатии соҳибкории суғуртавӣ..................281

4.4. Рушди механизми банақшагирӣ ва оияндабинии рушди соҳибкории суғуртавӣ..............................................................................283

**ХУЛОСА**..............................................................................309

**АДАБИЁТ**..............................................................................319

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**СУС** – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

**СКСХ** – Созишномаи кулли савдои хизматрасониҳо

**СНИ** – Сиёсати нави иқтисодӣ

**ЗЧП** – Захираи чораҳои пешгирикунанда

**МДСМ** – Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ

**ТС** – Ташкилоти суғуртавӣ

**КВДШДС** – Корхонаи воҳиди давлатии ширкати давлатии суғурта

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ҶСДММ** – Ҷамъияти суғуртаи дорои масъулияташ маҳдуд

**ИМА** – Иёлоти  Муттаҳидаи Амрико

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо» пешбинӣ шудааст[1]. Дар татбиқи ин самтҳои бунёдии дар Стратегияи мазкур таъкидшуда, соҳибкории суғуртавӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисодиёти мамлакат ва омили рушди иҷтимоию иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Зеро ташкили фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ба суғурташаванда (ташкилотҳо, корхонаҳо, шахсони воқеӣ) барои гирифтани ҷуброни мувофиқ дар сурати ба амал омадани хавф ҳангоми фаъолият кафолат медиҳад, ки ин яке аз шартҳои муҳимми рушди соҳибкории мутамаддин дар замони муосир маҳсуб меёбад.

Суғурта яке аз ниҳодҳои муҳимми иқтисоди бозории рушдёфта ба шумор меравад. Вай на танҳо субот ва самаранокии фаъолияти хоҷагидориро таъмин мекунад, балки аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ ҳам дорад. Таъмини рушди соҳаи суғурта ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро иқтисодиёти кишвар бо назардошти қариб ҳамаи навъҳои фаъолият дар дараҷаи баланди хавф нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароити воқеии ҷумҳурии мо, ки дар он низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори муносибатҳои бозорӣ дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтаанд, ҳалли масъалаҳои эмин доштани ҳаёт ва моликият аз таҳдиди хавфу хатар яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад ва маҳз таъмини рушди соҳибкории суғуртавӣ яке аз пояҳои асосии соҳибкорӣ дар ин замина арзёбӣ мегардад.

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. С. 71.

Дар асл зарурати таъмини рушди соҳибкории суғуртавиро афзоиши бемайлони сатҳи номуайянӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва аз ин лиҳоз афзудани шумораи хавфҳои гуногуне, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо онҳо дучор меоянд, муайян менамояд. Бинобар ин, ба суғуртаи субъектҳои иқтисодӣ талабот ба миён омада, ин талабот дар навбати худ сохторҳои суғуртавиро ташаккул медиҳад ва барои рушди соҳибкории суғуртавӣ замина мегузорад. Воқеан ҳам манфиати суғуртавии агентҳои иқтисодию иҷтимоӣ унсурест, ки имконияти мавҷудияти ниҳоди суғурта ва соҳибкории суғуртавиро пешакӣ муайян мекунад. Ин муносибатҳои объективӣ ҳангоми ба миён омадани талаботу манфиатҳои суғуртавӣ бешубҳа зуҳури соҳибкориро дар бахши суғурта тақозо менамоянд. Хусусан, ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки эҳтимолияти сар задани хавфҳоро пешбинӣ ва арзёбӣ намуда, кафолатҳои муайяни молиявиро барои ҷуброни зарари имконпазир пешниҳод кунанд, зеро ин яке аз шартҳои муҳимми таъмини манфиатҳои суғуртавии субъектҳои иқтисодӣ ва соҳибкории суғуртавӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо мушкилот дар он аст, ки дар мамлакат сатҳи кофии рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ба чашм намерасад. Сарфи назар аз афзоиши дараҷаи истеъмоли маҳсулоти анъанавии суғуртавӣ, солҳои охир ташаккули нисбии доираи онҳо ва рушди шабакаи минтақавию соҳавии ташкилоти суғурта мушоҳида мешаванд, вале ин равандро наметавон раванди устувор номид. Дар мамлакат фазои соҳибкорӣ дар умум, бахусус дар самти соҳибкории суғурта хеле заиф мебошад, ки пеш аз ҳама бо мушкилиҳои низоми андоз, сатҳи баланди монополизатсияи бозор, сатҳи пасти ҳифзи ҳуқуқҳои моликият барои соҳибкорон ва рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Чандин монеаҳо вуҷуд доранд, ки бидуни бартараф намудани онҳо рушди устувори соҳибкории суғуртавӣ имконнопазир мебошад. Масалан, дар кишвар тамоюлҳои беасос тақвият ёфтани низоми назорати давлатӣ ва маҳдудсозии меъёрии фаъолияти иштирокдорони бозори суғуртавӣ мавҷуданд, ки асоснок намудани заминаҳои назариявию амалии механизмҳои дастгирӣ ва танзими давлатии ин навъи соҳибкориро тақозо менамоянд.

Монеаҳои иттилоотӣ низ садди дигари ҷиддӣ дар роҳи рушди бозори суғуртавӣ ба шумор мераванд, ки дар натиҷаи онҳо суғурта ба як сохтори сарбастаи молиявии ҷумҳурӣ табдил ёфта, сармоягузорон аз сабаби набудани маълумоти зарурӣ самти фаъолияти худро дар бахши суғуртаи иқтисодиёт дарёфт нанамуда, ба таъхир меандозанд ва ё ба бахшҳои дигари соҳибкории молиявӣ мегузаранд.

Ҳамзамон, таҳлили вазъи молиявии бозори суғуртаи ҷумҳурӣ баъзе падидаҳои номатлубро нишон медиҳад, ки аз коҳишёбии соҳа шаҳодат медиҳанд: масалан, мавҷуд набудани бозорҳои калон, ба монанди бозорҳои суғуртаи ҳаёт, суғуртаи масъулияти шаҳрвандии воситаи нақлиёти автомобилӣ, суғуртаи масъулияти корфармоён, ҷавобгарии шаҳрвандӣ дар назди шахсони сеюм, коҳиш ёфтани ҷолибияти сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ бо сабаби маҳдуд будани имконоти молиявӣ, алалхусус андозаи захираҳо ва коҳиш ёфтани имкониятҳои сармоягузорони ватанӣ (буҳрони бонкҳо), аз ҷумла суғуртакунандагон.

Моҳият ва эътибори таҳқиқотҳоро дар самти коркарди асосҳои консептуалии механизмҳои рушди минбаъдаи соҳибкории суғурта метавон бо ин далел собит намуд, ки ҳоло бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари ислоҳот ва инкишоф қарор дорад. Дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, бахусус ба бозори суғуртаи мамлакат самтҳои зерини равандҳои ҷаҳонишавӣ ва лаппишҳои бозори молиявии ҷаҳонӣ таъсир расонда истодаанд:

- тағйирот дар муносибатҳои СҶС ва либерализатсияи бозори хизматрасониҳои молиявӣ;

- тақсимбандии нави нақшҳо дар бозори ҷаҳонӣ, азнавташкилдиҳии сохтори тиҷорати ташкилотҳои бузургтарини суғурта;

- ҳамгироии тадриҷӣ ва иттилоотдиҳии бозорҳои молиявӣ, ки самтҳои нави рушди фаъолияти суғуртавиро фароҳам меоранд;

- ташаккули инфрасохтори касбии бозори суғурта (ниҳодҳои коршиносӣ – нозирони мустақил, брокерҳои суғуртавӣ).

Вобаста ба ин тамоюлҳои ҷаҳонӣ ислоҳот дар соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ, андозбандӣ, суғурта, кори бонкӣ, танзими зиддиинҳисорӣ ва дар дигар тадбирҳо, ки қоидаҳои нави пешбурди соҳибкории суғуртавиро муқаррар мекунанд, идома доранд. Аммо ин равандҳо ҳоло ҳам бидуни назаргирии тамоюлҳои муосири рушди бозори суғурта ва коркарди мукаммали асосҳои назариявию консептуалии механизмҳои муосири рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи мамлакат сурат гирифта истодааст.

Тамоюлҳои муосири рушди бозори суғурта ба васеъ кардани соҳибкории суғуртавӣ, муттаҳидсозии суғуртакунандагон, азнавсуғуртакунандагон, брокерҳои суғуртавӣ алоқамананданд. Ҳамзамон, вазифаи асосӣ аз вусъати таблиғоти суғуртавӣ аз унсури муҳимми шуури бозаргонӣ иборат мебошад. Барои ҳалли ин масъала, муттаҳидсозии кӯшишҳои суғуртакунандагон ва сиёсати давлатӣ муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, тағйироти асосие, ки имрӯз аз ҷониби бозори суғурта мавриди бозбинӣ қарор гирифтаанд, бояд чунин бошанд: таҳкими фаъолияти назарраси ширкатҳои суғуртавӣ, баланд шудани сатҳи технологии онҳо ва афзоиши эътимоднокӣ, рушди инфрасохтори бозор дар асоси муқаррарсозии қонунгузорӣ вобаста ба принсипҳои ташкилӣ ва низоми муносиби андозбандӣ, таъмини робитаи байни намудҳои ҳатмӣ ва ихтиёрии суғурта, дигаргунсозии самти танзим ва назорати давлатӣ.

Дар басти вазифаҳои аввалиндараҷаи илмие, ки ҳалли худро талаб мекунанд, ба назари мо вазифаҳои коркарди асосҳои назариявии механизмҳои суръатбахши табдилёбии суғурта ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи рушди суръатноки мамлакат, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025) қарор доранд.

Вобаста ба ин, аҳаммияти мавзӯи таҳқиқотро зарурати таҳқиқи тамоюли рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва асоснок намудани механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва танзими давлатии он дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки соҳибкории суғуртавӣ дар доираи таҳқиқи масъалаҳои илмии соҳибкорӣ сурат гирифтааст. Бинобар ин ҳангоми омода намудани диссертатсия мо пеш аз ҳама ба омӯзиши асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ доир ба назарияи соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намудем**.** Дар рушди назарияи соҳибкорӣ намояндагони мактабҳои гуногуни илмии кишварҳои Ғарб, ба мисли П. Друкер, Р. Коуз, А. Маршалл, Ф. Найт, Ф. Фон Хайек, А. Хоскинг, О. Уилясон, И. Шумпетер ва ғ. саҳми бузург гузоштанд, ки асарҳои онҳо тарҳи методологии пажӯҳиши моро муаяйн намудааст. Таҳқиқотҳои назариявии ҷолиб дар соҳаи ташаккулу рушди бозори суғурта ва суғуртаи тиҷоратӣ дар кишварҳои ИДМ, хусусан дар Россия ба миён омадаанд, аз ҷумла дар корҳои илмии муҳаққиқони рус, ба монанди Ю.С. Бугаев, В.Н.Григорев, Ф.В.Коншин, С.Л. Ефимов, В.В. Шахов баъзе масъалаҳои илмии рушди бозори суғурта инъикос ёфта, ҳаллу фасл шудаанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ мо ҳамчунин аз асарҳои олимони рус – С.А. Белозеров, Б.Б. Коваленко, Е.В. Коломин, Л.А.Мотилев, К.Е. Турбина, И.Г. Сергеева Н.С. Шашина, Р.Т. Юлдашев, С.Ю. Янова, ки ба масъалаҳои бозори муосири суғурта ва ҳолати соҳибкории суғуртавӣ бахшида шуда, дар онҳо номукаммалии муҳити институтсионалии рушди он таъкид шудааст, истифода кардем. Дар раванди кор аз ҷониби мо бештар таҳқиқотҳое мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки дар онҳо истифодаи механизмҳои бозорӣ дар фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ва корбарӣ оид ба ташкили идоракунии ширкати суғуртавӣ баррасӣ шудаанд. Ин масъалаҳо дар осори олимони рус А.Н. Зубетс, А. Браверман, Н. Галагуза мавқеи муҳим доранд.

Ҳарчанд аз тарафи олимону муҳаққиқони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот дар соҳаи соҳибкории суғуртавӣ хеле кам ба назар мерасад, аммо масъалаҳои назария ва амалияи суғурта, таҳлили тамоюлҳои рушди бозори суғурта дар асарҳои олимон, иқтисоддонҳои ватанӣ, аз қабили: Ғ.Д. Ашуров, Ш. Дӯстбоев, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Кошонова, А.Б. Мирсаидов, Н.Ф. Нидоев, Т.Д. Низомова, М. Нурмаҳмадов, Г.Н. Оймаҳмадов, Р.К. Раҷабов, З.А. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, Т.Р. Ризоқулов, А.Т. Рӯзиев, М.Х. Саидова, З.С. Султонов, Ҳ.У. Умаров, Ҳ.Н.

Фақеров, А. Ҷабборов, С. Ҳабибов, Н. Шаропов, Б.М. Шарипов ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар асари олимони тоҷик Ҷабборов А., Алимов К.К., Ҷабборов З.А.[2] «Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон», ки соли 2016 ба нашр расидааст, моҳияти иқтисодии фаъолияти суғурта дар бозори молиявӣ, хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори суғурта ва гуногуншаклии ташкилоти суғурта дар доираи ин бозор, намудҳои суғурта ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкории суғурта, ҳамчунин нақш ва ҷойгоҳи маркетинг дар фаъолияти суғурта мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Асари мазкур барои васеъ намудани донишҳои илмии аҳли ҷомеа, субъектҳои иқтисодии мамлакат дар самти дарки моҳияту муҳиммияти талаботу манфиати суғурта, ки дар зинаи аввали иерархияи талаботи А.Маслоу қарор доранд ва зарурати зуҳури онҳо дар бозори маҳсулоти суғурта ва масъалаи мубрамият бахшидан ба рушди минбаъдаи соҳибкории суғуртавӣ саҳми босазо гузоштааст.

Дар асари олими тоҷик Шаропов Н[3]., ки соли 2017 рӯйи чоп омад, ҷанбаҳои таърихии рушди суғурта дар Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, шакл ва навъҳои суғурта тавсиф шудааст. Муаллиф дар ин асар ба тамоюли ташаккул ва рушди навъҳои муосири суғурта, ки аз талаботи воқеии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва марҳилаи нави рушди мамлакат бармеоянд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст. Ин ҷо, муаллиф пеш аз ҳама зарурати ташаккул ва рушди суғуртаи хавфу хатари инноватсияро, ки ҷумҳурии мо тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бояд аз рӯйи сенарияи индустриалию инноватсионӣ рушд ёбад, асоснок намудааст. Шаропов Н. ҳарҷанд дар китоби худ масъалаҳои соҳибкории суғуртавиро мавриди таҳқиқ қарор надодааст, аммо дар мавриди тавзеҳи навъҳои муосири суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавӣ зарурати густариш додани соҳибкориро дар бахши суғуртаи иқтисодиёт таъкид кардааст.

[2] Ҷабборов А., Алимов К.К., Ҷабборов З.А. Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. - Душанбе, 2016. С. 249.

[3] Шаропов Н. Страховой рынок Республики Таджикистан: состояние и перспективы развития. Душанбе, 2017. 249 с.

Ҷабаров Ғ.Н[4]. дар диссертатсияи худ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҳимоя намудааст, тамоюли муосири рушди бозори суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаяйн намудааст. Дар он вай сатҳи ғунҷоиши бозори суғуртаи мамлакат, нишонаҳои монополии онро муайян кардааст. Ҳарчанд муҳаққиқ доир ба мафҳуми соҳибкории суғуртавӣ ишора накардааст, аммо дар автореферат таъкид мешавад, ки беш аз 70 фоизи бозори суғурта дар ихтиёри ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ қарор дошта, дар бозор муҳити рақобатнок вуҷуд дорад.

Дар корҳои илмии Шарипов Б.М[5]. нақш ва ҷойгоҳи бахши суғуртаи иқтисодиёт, фондҳои суғуртавӣ дар бахши молиявии иқтисодиёт ва бозори молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин олими тоҷик дар таҳқиқи масъалаи роҳҳои такмили механизмҳои рушди фаъолияти сармоягузориҳои ташкилоти суғуртавӣ, тамоюли рушди фаъолияти сармоягузориҳои субъекти бахши суғуртаи бозори молиявӣ саҳми босазо гузоштааст. Вай таъкид кардааст, ки  маҳз рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ метавонад устувории молиявии онҳоро бо роҳи ба даст овардани фоидаи иловагӣ аз сармоягузорӣ таъмин намояд ва ҳамин тариқ яке аз самтҳои фаъолияти соҳибкории субъектҳои бахши суғуртаро фаъолияти самараноки сармоягузорӣ ташкил медиҳад.

Дар асарҳои олимони ватанӣ Мирсаидов А.Б. ва Шамсуллозода Х[6]. роҳҳои такмили методҳои ташкили фаъолияти сармоягузории ширкати суғуртавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ асоснок карда шудааст. Онҳо ба масъалаҳои назария ва методологияи ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар суғурта, методҳои арзёбии иқтидори ташкили сармоягузорӣ ва самаранокии ин

---

[4] Джабаров Ғ.Н Современные тенденции развития страхового рынка в Республике Таджикистан автореф. канд. экон. наук. Душанбе. 2020. 28 с.

[5] Шарипов Б.М. Формирование и развитие небанковскго сегмента финансового рынка Республики Таджикистан как фактор повышения устойчивости экономики к внешним вызовам и шокам// Таджикистан и современный мир. 2016. №5. С. 78 - 90.

[6] Мирсаидов А.Б. Шамсуллозода Х. Инвестиционная функция страхования. Душанбе, 2018. 165 с.; Шамсуллозода Х. Реализация инвестиционного потенциала страховых организаций Республики Таджикистан // Известия Академии наук Таджикистана. 2014. № 4 (42)  С.57 - 61.

фаъолият чун омили устувории вазъи молиявии ширкати суғуртавӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардаанд.

Асарҳои илмии Фақеров Ҳ.Н. ва Ашуров Ғ.Д[7]. ба таҳияи муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки ба вусъат бахшидани рушди самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат мусоидат менамоянд, равона шудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба мазмуну арзёбии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба идоракунии рушд ва баланд бардоштани сатҳу сифати самаранокии ин соҳа дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар корҳои илмии онҳо зарурати танзим ва дастгирии давлатии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ асоснок карда шуда, усулҳо ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳаи суғурта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ муайян карда шудаанд. Махсусан, дар ин таҳқиқотҳо дар бораи механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ (махсусан сокинони деҳот) ва баланд бардоштани қобилияти истеъмолкунандагон барои мустақилона ҳал намудани мушкилоти молиявӣ бо татбиқи харҷи камтарин тавассути истифода аз таҷрибаи хориҷӣ бо роҳи микросуғуртакунонӣ маълумот пешниҳод гардидааст, ки ба моҳияти иҷтимоиву иқтисодии соҳибкории суғуртавӣ рост меояд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз шумораи зиёди таҳқиқотҳо оид ба назарияву амалияи суғурта ва бозори суғурта таҳқиқотҳои бунёдӣ доир ба соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти мамлакат, хусусиятҳои ин навъи соҳибкорӣ, масъалаҳои арзёбии тамоюли ташаккулу рушди он дар ҷумҳурӣ ба чашм намерасад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки бо истифода аз муқаррароти

---

[7] Фақеров Ҳ.Н. Ашуров Ғ.Д. Таснифоти муносибатҳои суғуртавӣ ҳамчун тарзи банизомдарории хизматрасониҳои суғуртавӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе: «Тоҷир», 2020. № 4 (33). С. 7-11.; Фақеров Ҳ.Н. Рушди низоми муносибатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе: «Тоҷир», 2020. № 1 (30). С. 7-11.; Ашуров Ғ.Д. Таҳлили вазъи муосири бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2021. № 2. Қисми II. С. 87 - 93.

назариявию методологии асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ба таҳқиқи бунёдии мазмуни иҷтимоию иқтисодии суғурта ва механизмҳои рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти мамлакат ва муаяйн намудани омилҳои ба он таъсиррасон ва монеи рушд дар роҳи вусъатёбии фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ камар бандем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ ва давлатӣ.** Мавзӯи диссертатсия бо бандҳои дахлдори барномаи давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" мутобиқат дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти Тоҷикистон, омилҳои ба он таъсиррасон ва коркарди асосҳои назариявию амалии механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди ин навъи соҳибкорӣ дар марҳалаи рушди босуръати иқтисодиёти мамлакат мебошад, ки ба ҷалби сармоя ва гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда, ки яке аз мушаххасоти он рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад, асос ёфтааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот** аз инҳо иборатанд:

- тавсифи муносибатҳои назариявии моҳияти иқтисодию иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ ва муайян намудани хусусиятҳои он дар бахши суғуртаи иқтисодиёт;

- омӯзиши моҳияти назарияи функсионалии манфиатҳои суғурта, ки ба ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ мусоидат мекунад;

- омӯзиши шаклҳои институтсионалии амалигардии фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ҳамчун раванди ба тартиб даровардани низоми муносибатҳои истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти суғурта дар самти қонеъгардонӣ ва ҳифзи манфиатҳои воқеан мавҷудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати руй додани ҳодисаи суғуртавӣ;

- омӯзиши фаъолияти суғуртакунонӣ дар иқтисодиёт ҳамчун ниҳоди бозорӣ, ки ба паст намудани навъҳои гуногуни хавфу хатар ва ҳолати номуайянии бозор нигаронида шудааст;

- таснифи равишҳои методологӣ ва методии арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ;

- омӯзиши тамоюл ва қонунҳои рушди бозори суғурта ва соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлил ва арзёбии омӯзиши ҳолати ташаккули талабот ва пешниҳод ба хизматрасонии суғуртавӣ, сатҳи рақобат ва хусусиятҳои нархгузорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ;

- муайян намудани тарафҳои қавӣ ва заифи фаъолияти ташкилотҳои суғурта дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт;

- муқаррар намудани механизмҳо ва роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти самараноки ташкилотҳои сугуртавӣ, инчунин асосноккунии самаранокии иҷтимоию иқтисодии истифодаи усули квазиинтегратсия дар фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ;

- асосноккунии зарурат ва роҳҳои такмил ва таҳкими механизмҳои дахолати давлатӣ ба фаъолияти суғурта дар шароити афзояндаи равандҳои ҷаҳонишавии бозори хизматрасонии суғуртавӣ;

- асосноккунии пешниҳод оид ба такмили механизмҳои танзим ва назорати давлатии бахши суғуртаи иқтисодиёт;

- коркарди тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои идоракунии суғурта, инфрасохтори соҳибкории суғурта ва нерӯи кадрии ташкилотҳои суғурта.

**Объекти таҳқиқотро** бахши суғуртавии иқтисодиёт, ташкилотҳои фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие баромад мекунанд, ки дар раванди рушди фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз исботи фарзияҳои зерин иборат аст: а) мавҷудияти талаботи воқеии ҳамаи субъектҳои низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа (дараҷаи якуми иерархияи талаботи А.Маслоу) ба хизматрасонии суғурта, ки бо таври объективӣ ташаккул ва рушди фаъолияти

соҳибкории суғуртаро, ки ба тариқи андӯхт сафарбар намудани захираҳо ҳадафи қонеъ гардонидани талаботи суғуртавӣ (амалӣ намудани манфиатҳои суғуртавӣ) субъектҳои хоҷагидор ва ба даст овардани натиҷаи мусбати молиявию иқтисодӣ, фоидаро дорад, тақозо менамояд; б) дар асоси фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ на танҳо кафолат додани ҷуброни талафоти арзиш, молу мулк ва ҳаёти мизоҷ, ки дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт рӯй медиҳад, балки дар шароити иттилооти асимметрии низоми иқтисоди бозорӣ фаъолият оид ба безараргардонии дараҷаи таъсири ҳама гуна хатарҳо (ки омили истеҳсолот ба ҳисоб меравад) ба амали субъектҳои иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дорад, ки ин фаъолият барои нигоҳ доштани устувории рушди низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва раванди такрористеҳсоли ҷамъият аҳамияти гиреҳи дорад.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисос**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 10.1, Рушди методология ва назарияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 10.3, Таҳлили қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории муосир; 10.5, Таҳқиқи раванди соҳибкории муосир дар ваҳдати ҷузъҳои асосии он: шахсиятӣ (қобилиятҳои соҳибкорон ба фаъолияти инноватсионӣ, хавфдор), иқтисодӣ (раванди ба даст овардани даромади соҳибкорӣ), ташкилӣ – иқтисодӣ (ташаккул ва рушди услуби соҳибкоронаи идоракунӣ 10.8, Танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, методҳо); самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ; 10.10, Методология, назарияи таъмини рақобатпазирии сохторҳои соҳибкорӣ 10.13, Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ мувофиқат мекунанд.

**Асосҳои назариявию методологии диссертатсия**ро асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи суғурта ва соҳибкории суғуртавӣ,

санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия методҳои таҳлил ва синтез, тавсифӣ – таҳлилӣ бо истифода аз маълумоти оморӣ ва матбуоти даврӣ, мантиқӣ, таърихӣ, иқтисодӣ – оморӣ, муқоиса, гурӯҳбандӣ, арзёбии экспертӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсия**ро маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва нашрияҳои Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил додаанд. Ба сифати манбаъҳои иттилоотӣ, инчунин маводҳои ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ, маводҳои назариявӣ ва воқеӣ, ки дар асарҳои олимон – иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ, адабиёти даврии иқтисодӣ, натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва корҳои сершумори экспертии бештар аз ҷониби муаллиф гузаронидашуда, ақидаҳои посухдиҳандагон дар бораи вазъи рушди соҳибкории суғуртавӣ, ҳисоботи ташкилотҳои асосии суғуртавии кишвар инъикос ёфтаанд, мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ дар шуъбаи тадқиқоти институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** аз гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии заминаҳо ва омилҳое, ки тамоюли муосири рушди соҳибкориро дар соҳаи суғурта муайян менамоянд, инчунин асосноккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизмҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда иборат мебошанд.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо мансубанд:

– дар доираи муносибати институтсионалӣ асоснок карда шудааст, ки:

а) омӯзиши субъектҳои соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт аз шароити баланд бардоштани фоида, балки тавзеҳи падидаи бавуҷудоии ташкилотҳо ва қонуниятҳои рушди минбаъдаи он равона мешавад;

б) дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти пурсамар маҳз бо роҳи муттаҳид сохтани амалҳои муштарак дар самти пешгирии хавфҳо ва хароҷоти трансаксионӣ сурат мегирад, ки ин падида ба нуфуз ва ҷойгоҳи соҳибкории суғуртаро дар иқтисодиёт мустаҳам менамояд;

в) ҳамаи муносибатҳои соҳибони дороиҳо оид ба мубодила ё истифодаи онҳо бо шартномаҳо танзим карда мешаванд, ки ба сифати онҳо созишнома оид ба мубодилаи байни агентҳои иқтисодӣ хизмат мекунад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро мушаххас месозад;

– асоснок карда шудааст, ки маҳз назарияи функсионалии манфиати суғуртавӣ имконияти рушди ҳама гуна шартномаҳои суғуртавиро бе ягон маҳдудиятҳои расмии марбут асосноккунии манфиати суғуртавӣ, ки дар зинаи ибтидоии иреархияи талаботҳои А.Маслоу қарор дорад, боз карда ба таври объективӣ ба рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкорӣ, мусоидат мекунад; муносибати озод ба талабот ва пешниҳоди чунин хизматрасониҳои суғуртавиро, ки ба суғурташавандаи эҳтимолӣ вобаста ба манфиатҳояш заруранд, дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳавасманд месозад;

– таҳқиқи моҳияти талаботу манфиати суғурта ва моҳияти иқтисодии суғурта бо назардошти шаклҳои имконпазири институтсионалии татбиқи он, ба муаллиф имкон дод, ки ба мафҳуми «суғурта» ҳамчун объекти соҳаи соҳибкорӣ равшанӣ андозад. Пешниҳод карда шуд, ки суғурта ҳамчун муносибатҳо доир ба истеҳсолу пешниҳоди хизматҳо барои ҳимояи манфиатҳои қаъран вуҷуддоштаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ таъриф карда шавад, ки асоси моддӣ ва ё иқтисодии онро ташаккул ва истифодаи фонди суғуртавиро ташкил медиҳад; Соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, як навъ соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро

фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо, ҳаёт дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ташкил медиҳад;

– вожаи мафҳуми соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта аниқ карда шуда, муҳимияти «ниҳоди суғурта» ҳамчун ниҳоди бозорӣ, ки ба паст намудани хавфҳои иҷтимоиву иқтисодии дар шароити номуайянии бозор вобаста ба нокифоягии иттилоот доир ба рӯй додани ҳодисоти манфӣ дар асоси бастани шартномаҳои суғуртавӣ равона шудааст, асоснок карда шудааст, ки ин имкон медиҳад омилҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои хоси хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёт ва дар соҳаи суғурта мушаххас карда шаванд;

– ба муносибатҳои методологӣ доир ба арзёбӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ, ки дар интихоби шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ, истифодаи технологияҳои менеҷменти молиявӣ (тақсимоти сохторӣ идоракунӣ, ҷудо кардани марказҳои масъулияти молиявӣ ва ғ.) бо назардошти хусусияти соҳибкории суғурта асос ёфтаанд, мушахассот ворид карда шудааст;

– қонуниятҳои рушд (вобаста ба рӯи кор омадани принсипи ратсионализми иқтисодӣ) ва тамоюлҳои муосири рушди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2021 муайян карда шуданд: муаяйн карда шудааст, ки дар бозори суғуртаи мамлакат  тамоюлҳои муттаҳидшавӣ (кам шудани шумораи умумӣ) ташкилотҳои суғуртавӣ ва сармоягардии маблағҳои суғуртакунандагон сурат гирифтааст; тамоюлгирӣ ба сӯи афзудани намудҳои ихтиёрии суғурта, ки заминаи рушди соҳибкории суғуртаро таъмин менамояд, мушоҳида мешавад;

– вазъи ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ муайян шуда, муносибатҳои меъёри ба дарки афзалиятҳои рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ таҳия карда шуданд, ки имкон медиҳанд таркиб ва сатҳи рақобат дар бозори суғурта пешбинӣ карда шаванд ва вобаста ба он принсипҳо ва роҳҳои такмили банақшагирии ширкати суғуртавӣ муайян карда шуданд;

– ҷанбаҳои қавӣ ва заифи сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар мисоли ширкатҳое, ки ба шаклҳои гуногуни бозори суғурта мансубанд, тавсиф карда шуда, равандҳои асосии соҳибкории суғуртавӣ дақиқ карда шудаанд, ки самтҳои банақшагирии стратегиро муайян мекунанд, дар натиҷа сохтор ва афзалиятҳои стратегияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии иқтисод ташаккул дода шуд;

- дар таскираи муаллиф фаъолияти самаранокии ширкати суғуртавӣ дар заминаи принсипҳои квазинтегратсионӣ  пешниҳод карда шудааст, ки равандҳои интегратсионии (ташкил ва ҳамкории) ҳамаи зертобеи сохториро барои ноил шудан ба ҳадафи умум ва ба даст овардани даромад муттаҳид шудаанд, дар бар мегирад. Амсилаи мазкур имкон медиҳад, ки манфиатҳои давлат, (вобаста ба танзими фаъолияти суғуртавӣ), манфиатҳои суғуртшавандагон (истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ) ва соҳибмулкеро, ки бо мақсади ба даст овардани фоида субъекти фаъолиятро) ташкил мекунад, бештар омезиш дода шаванд;

– муқаррар карда шуд, ки қувва, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ дар шароити тақвият ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, дастгирии давлатии ин намуди соҳибкорӣ, танзими бозори суғуртаро шадидан талаб мекунанд, дар шароити гузариш Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд, зарур аст, ки шароит ва муҳити кофӣ фароҳам оварда шаванд, то ки ширкатҳои ватании суғуртавӣ ва суғурташавандагон дар ҳамкории қавӣ бо ҳамдигар соҳаи эътимоднок ва рушдёфтаи суғуртавиро аз нуқтаи назари молиявӣ, ташкилӣ ва касбӣ таъмин намуда, ба ин васила бахши инфрасохтори фаъолро ташкил кунанд;

– механизмҳои такмили фаъолияти назорати давлатӣ, аз ҷумла назорат ба эҳтиёткорӣ, ҷорӣ кардани принсипҳои назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин муносибати методӣ ба ташаккули ҳудуди хавфҳо ҳамчун асбоби банақшагирӣ ва назорат дар сохтори соҳибкории бахши суғурта пешниҳод карда шуд;

– асоснок карда шуд, ки дар ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт нақши муҳимро ба иҷро мерасонад: омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили кадрҳои соҳибкорон, ки таҷрибаи менеҷменти суғуртаро аз худ менамоянд; ташкили таълими методҳои муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, таълим ва бозомӯзии кадрҳо, таҷрибаомӯзии онҳо дар кишварҳои пешрафта; ташкили шабакаи марказҳои машваратӣ, ки интихоби касбӣ ва самтдиҳии кадрҳои соҳибкориро дар бахши суғуртаи ҷумҳурӣ муайян менамоянд, ташкил медиҳанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ташаккул ва инкишофи фаъолияти суғурта ба мавҷудияти талаботи объективии суғурта дар ҷомеа асос ёфта, ташкили фаъолияти соҳибкориро барои ба қонеъ гардонидани ин талабот тақозо менамояд, ки ин фаъолият ба татбиқи принсипи ратсионализми иқтисодӣ - гирифтани нафъ, фоида нигаронида шудааст;

- манфиати суғуртавӣ категорияи асосии суғурта буда, маҷмуи муносибатхои суғуртавии агентҳои бозори хизматрасониҳои суғуртавиро инъикос намуда, маҳз раванди амалигардонии вазифаҳои манфиати суғуртавӣ тарҳи ташаккул ва рушди фаъолияти суғуртавиро муайян мекунад;

- фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт системаи муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ оид ба ташкил ва пешниҳоди хизматрасонӣ на танҳо барои ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаи ғайричашмдошт, балки фаъолияте мебошад, ки ба безараргардонии таъсири хавфу хатарҳо ва омилҳои номуаяйнӣ бо амали агентҳои иқтисодӣ равона шудааст;

- такмили равишҳои методологии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғурта, ки ба интихоби нишондиҳандаҳои андозагирӣ, арзёбии самаранокӣ ва гурӯҳбандии онҳо ба моделҳои намудҳои кушод ва пӯшида асос ёфтааст;

- қонунияти рушди соҳибкории суғурта дар ҷумҳурӣ дар асоси номутавозунии таносуби қонунҳои бозорӣ ва ҳуқуқӣ, таносуби механизмҳои

танзими давлативу бозорӣ, инчунин тавассути раванди транзитии тағйир ёфтани таносуби шаклҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ ба амал меоянд;

- дар бозори хизматрасонии суғуртавии ҷумҳурӣ дараҷаи заифи ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғурта аз сабаби паст будани шумораи суғуртакунандагони воқеӣ нисбат ба шумораи суғуртакунандагони потенсиалӣ ба назар мерасад, ки ин аз сатҳи пасти даромади аксарияти агентҳои иқтисодиёт ва боварии онҳо ба системаи суғуртаи мамлакат рух медиҳанд;

- муайян намудани муаммоҳо, ки дар роҳи рушди соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ, қарор доранд, роҳҳои ҳалли он, инчунин равандхои асосии фаъолияти соҳибкори, ки самтҳои ояндаи рушди ташкилотхои суғуртавиро муайян мекунанд;

- фаъолияти самараноки ташкилотҳои суғурта метавонад тавассути ба даст овардани самаранокии синергетикии ҳамкории мутақобилаи онҳо, таъсиси алянсҳо дар раванди суғуртаи хавфҳои асосӣ, ки дар соҳаҳо ва субъектҳои хоҷагидори калон ба вуҷуд меоянд, таъмин карда шавад;

- дар шароити ҷаҳонишавӣ ва байналмилалгардии соҳибкории суғуртавӣ, инчунин афзоиши рақобат дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ дар натиҷаи шомил гардидани ширкатҳои суғуртавии хориҷӣ на танҳо унификатсияи механизми танзими давлатии он, балки масъалаҳои дастгирии давлатии ҳифз ва рушди ширкатҳои суғуртавии ватаниро тақозо менамояд;

- рушди минбаъдаи фаъолияти суғурта аз такмили механизмҳои танзим ва назорати давлатии соҳибкории суғурта, ки ба шароити замони муосир мутобиқ бошад, инчунин ҷорӣ намудани принсипҳои бунёдии менеҷменти суғурта дар самти идоракунии захираҳои инсонӣ, ҷорӣ намудани технологияи иттилооти муосир, ташаккули фарҳанги корпоративӣ ва ғ. вобаста мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия барои инкишофи назария ва амалияи соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Ҷанбаҳои методологии арзёбии қонуниятҳо ва тамоюли рушди соҳибкории суғуртавӣ метавонанд барои такмили методикаи таҳлили равандҳои рушд ва самаранокии

иҷтимоию иқтисодии соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия имкон дорад ҳангоми омода намудани курси лексия, барнома ва дастурҳои таълимию методӣ барои омодасозии мутахассисон дар бахшҳои идоракунии давлатӣ, фаъолияти суғурта, хизматрасонӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони соҳаи суғурта истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ истифода шудаанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил ба таври васеъ истифода гардида, хулосаҳову пешниҳодҳо дар заминаи ҷамъоварии мавод, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба даст омадааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**Истифодаи амалии диссертатсия.** Муқаррарот ва бобҳои алоҳидаи диссертатсияро ба сифати маводи методӣ ҳангоми ташкили фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва фаъолияти менеҷменти ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкил ё таҷдиди сохтории фаъолияти ташкилӣ ва молиявии ширкат, таҳияи низом ва чораҳо оид ба таъмини суботи молиявӣ, тақвиятбахшии фаъолияти сармоягузории субъектҳои бахши суғуртавии иқтисоди кишвар метавон истифода бурд. Як қатор пешниҳодҳои амалии муаллифро кормандони самтҳои гуногуни мақомоти ҳокимият метавонанд зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, ташкили дастгирии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, мавриди истифода қарор диҳанд. Муқаррароти методӣ ва назариявии таҳқиқотро дар фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дар курсҳои таълимии «Суғурта», «Асосҳои суғурта», «Асосҳои соҳибкорӣ»,

«Таҳлили молиявии ширкатҳои суғуртавӣ», ташкили курси махсуси «Соҳибкории суғуртавӣ» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаб**. Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевоситаи аз ҷониби муаллиф анҷом ёфтааст. Муаллиф доир ба такмили механизми рушди соҳибкорӣ дар бахши иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алгоритмҳои пайдарпайии таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисодии татбиқи стратегияи рушди ташкилотҳои суғурта мустақилона тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст.

**Тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмии зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат дарёфт кардаанд:

- семинарҳои назариявӣ ва мизҳои мудаввари шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2013 – 2017);

- конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он» - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (25 - 26 ноябри соли 2021);

- конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше» - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (23 – 24 декабри соли 2016);

- конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Формирование финансово – кредитных механизмов обеспечения стабильности и экономического роста с учетом перспектив развития интеграции в ЕАЭС» (ш. Москва, 25 – 26 феврали соли 2016);

- маҳфили илмии амалӣ дар мавзӯи «Пешбурди сиёсати босалоҳият ва устувори молиявӣ – омили асосии субот» – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 ноябри соли 2020);

- конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалии «Нақши ҷавонон дар ҳалли мушкилоти муҳим дар пасманзари ҷаҳонишавӣ» - Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (19 – 21 майи соли 2014).

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқ ва тавсияҳои илмӣ – методиро оид ба такмили механизмҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ ва рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар дар фаъолияти минбаъдаи Бонки миллии Тоҷикистон, доираи васеи ширкатҳои мавҷудаи суғуртавӣ, инчунин дар раванди таълим дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар бисёр конфронсҳои илмӣ ва амалии соҳавии ватанӣ ва байналмилалӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Дар асоси маводи диссертатсия 30 кор бо ҳаҷми умумии зиёда аз 34 ҷ.ч., аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, 4 монографияи муаллифӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боби матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Мазмуни асосии кор дар 344 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардида, 57 ҷадвал ва 24 расмро бо иттилооти оморӣ ва муқоисавӣ дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мавод ва методҳои таҳқиқот.** Диссертатсия вобаста ба ҷанбаҳои методологии худ самтҳои асосии рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад. Таҳқиқоти илмӣ дар асоси методи таҳлили системавӣ ва муқоисавӣ иҷро гардидааст. Дар раванди таҳқиқот методҳои системавӣ, дедуктивӣ, индуктивӣ, анализ ва синтез, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ истифода шудаанд. Асоси кори илмиро принсипҳои роҳбарии мақсаднок дар иқтисодиёт ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳо бо методҳои ояндабинии иқтисодӣ ва барномасозӣ ташкил медиҳанд.

Дар **муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

Дар **боби якум «Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ»** моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, хусусиятҳо ва принсипҳои ташкилии соҳибкории суғуртавӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ, принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар **боби 2 «Асосҳои методологии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ, сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ, усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ, хусусиятҳои нархгузорӣ дар хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ муайян карда шудаанд.

Дар **боби 3 «Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, самараи талаботи хизматрасониҳои суғуртавӣ, хусусиятҳои ташаккули пешниҳод дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва арзёбии афзалиятҳои рақобатнокии субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ, рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дар **боби 4 «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Тоҷикистон»** такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ, такмили муносибати методии назорати давлатии соҳибкории суғуртавӣ чун пояҳои асосии рушди соҳибкории суғуртавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин замина дурнамои рушди соҳибкории суғуртавӣ муайян карда шудааст.

Дар қисмати **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидааст.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ

## 1.1. Моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ

Пеш аз он, ки моҳияту хусусияти соҳибкории суғуртавиро тавсиф кунем, мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки тамоюли рушди соҳибкориро дар мамлакат арзёбӣ намоем. Чунонки маъмул аст, ташаккул ва таъмини рушди низоми иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон ҳамвора ба рушди шакли нави хоҷагидории миллӣ боис гардид, ки ин раванд дар ҳамбастагӣ бо ҳалли бисёр вазифаҳои гуногун сурат гирифт. Дар миёни онҳо ташаккулу рушди субъектҳои сифатан нави сохтори иқтисодӣ бо такя бо шаклҳои гуногуни моликият аҳаммияти махсус пайдо кард. Ин ҷо пеш аз ҳама соҳибкоронеро дар назар дорем, ки заминаи рушди низоми иқтисоди бозориро дар мамлакат таъмин намуданд. Воқеан ҳам, агар ба раванди дигаргуншавии бозори иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз мавқеи шаклҳои ташкилӣ ва ё корхона назар кунем, пас мебинем, ки маънои асосии ислоҳоту дигаргуниҳои баамалояндаро ҳамчун гузариш аз корхонаҳои аз маҷмаи истеҳсолотӣ – техникии (воситаҳои асосӣ ва гардон) одӣ иборат буда, ба корхонае, ки ба сармоя (арзиши худафзоянда) асос ёфтаанд, метавон тавсиф намуд.

Маҳз ҳамин гузариш дар асоси ғайридавлатӣ кардан ва хусусигардонии калонмиқёс, ки дар ҷумҳурӣ аз оғози солҳои 90-ум амалӣ карда мешаванд, сурат гирифт.

Дар раванди ҳаракати сармоя ҳамчун арзиши худафзоянда шаклҳои гуногуни корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои хурду миёна ба миён меоянд. Дар доираи ин корхонаҳо гурӯҳҳои ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ асосёфта инкишоф меёбанд. Байни онҳо муносибат аз рӯйи сармоя вуҷуд дорад. Дар баробари ин, манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии корхона ба куллӣ тағйир ёфта, таносуб ва механизмҳои нави мувофиқасозӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамин

тавр, корхонаҳои навъи нави дорои табиати соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо тағйироти бозории иқтисодиёт ба амал меояд.

Бинобар он, пеш аз ҳама ба моҳият ва дарки мафҳуми «соҳибкорӣ» таваққуф менамоем. Маҳз ҳамин самт яке аз масъалаҳои ташаккули намунаи рушди стратегии иқтисодиёти мамлакат мебошад. Дар назарияи иқтисодӣ қобилияти "соҳибкорӣ" ҳамчун омили хоси такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ (дар баробари сармоя, замин ва меҳнат) дониста шудааст, ки ҷараёни зарурии равандҳои такрористеҳсолкуниро аз тариқи эҷоди омезишҳои нави самараноки захираҳои истеҳсолот таъмин менамояд. Олими демограф ва иқтисоддони англис Ричард Кантилон дар асари худ "Очерки табиати тиҷорат дар маҷмуъ"[8] бори аввал истилоҳи соҳибкориро истифода бурдаст. Вай таъкид мекунад, ки ба даст овардани натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба хавф асос ёфта, бо номуайянӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар он муайянӣ ё шаффофӣ ҳангоми ба даст овардани фоида вуҷуд надорад, гирифтани фоида бидуни хавф имконнопазир аст.[9] Бинобар ин, хавф талаботро ба истифодаи воситаҳо ва технологияҳои инноватсионӣ ба вуҷуд меорад, ки қаблан истифода намешуданд»[10].

Вобаста бо гуфтаҳои боло дар шакли мушаххастар соҳибкориро ҳамчун низоми хоҷагидорие тавсиф кардан мумкин аст, ки ба хатарҳо мувоҷеҳ буда, мақсади он ба даст овардани даромади соҳибкорӣ мебошад. Даромад ва зарари соҳибкор аз пешгирии хавф ва номуайянӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, даромади соҳибкории суғуртавиро ҳамчун пардохт барои пешгирии хавф таъриф кардан мумкин аст, ки аз даромади сармоя ва музди меҳнат сифатан фарқ мекунад. Вобаста ба ин, дар илми иқтисодӣ назарияҳои мухталифи хавфи иқтисодӣ ба миён омадаанд.

---

[8] Кантилон Р. Очерк природы торговли в целом http://ru.knowledgr.com/10215068

[9] Мирсаидов А.Б. Методологические ориентиры исследования социальной природы инновационного предпринимательства //Материалы международной научно – практической конференции на тему Правовые проблемы регулирования инновации в сфере предпринимательства, Душанбе, ТНУ, 10 июня, 3014, С. 34.

[10] Автономов, В. С. Поиск новых решений (модель человека в западной экономической теории 1900 –1920 – х годов) // Истоки: (Вопросы истории народного хозяйства и экономической мысли). Вып. 2. М., 1990. С.193

Яке аз асосгузорони назарияи хавфи соҳибкорӣ ва тавзеҳдиҳандаи моҳияти он, иқтисоддони амрикоӣ Франк Ҳейнеман Найт (1885 – 1974) мебошад. Вай мафҳумҳои хавф ва номуайяниро фарқгузорӣ карда, бавуҷудоии даромади соҳибкориро бо ду гурӯҳи хавф алоқаманд кардааст. *Гурӯҳи якум* хавфи суғурташаванда мебошад, ки дар ҳаёти хоҷагидорӣ – иқтисодӣ маъмул шудааст, онро ҳамчун унсури доимии хароҷот дар шакли суғурта ҳисобидан мумкин аст. Ин гурӯҳ метавонад ҳамчун омили номуайянӣ бошад ва мувофиқан, ҳамчун сабаби фоида ва зиёнҳои он хизмат кунад, ки худи соҳибкорон онро бояд мустақилона ба назар гирифта, амалӣ намоянд. *Гурӯҳи дуюм* ба омилҳое тааллуқ дорад, ки ба таҷрибаи гузашта дар шароити номуайянӣ ва масъулияти ниҳоии соҳибкор созгор нестанд. Дар чунин вазъият, бинобар таҷрибаи маҳдуди соҳибкории ватанӣ, соҳибкорони дар кишвар ба истеҳсолот машғулбуда таҷрибаи баррасӣ ва маҳорати рафъ кардани номуайяниро надоранд. Бале, онҳоро суғурта намудан мушкил аст, зеро ин аз омезиши омилҳои тасодуфии беруна ё дигар зуҳуроти беруна вобаста мебошад. Ин хавфҳоро байни субъектҳои соҳаи соҳибкории истеҳсолотӣ ва давлатӣ тақсим кардан зарур аст.

Бояд қайд кард, ки пешрафтҳои инноватсионӣ ва технологӣ омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошанд. Инро субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна анҷом медиҳанд, аммо он бо стратегияи фаъоли инноватсионии давлат бевосита алоқамандӣ дорад. Зеро «ихтироот ва инноватсияҳо бидуни дахолати давлат дар бозорҳои озод эҷод шуда наметавонанд»[11]. Аз ин рӯ, омӯхтан ва истифода кардани таҷрибаи дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ зарур мебошад. Иқтисоддони амрикоӣ Ҷ. Стиглитс нокомиҳои ИМА-ро дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ, алалхусус дар соҳаи дастгирии навовариҳо, ки бо хатари нокомӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, бо дастовардҳои Чин муқоиса мекунад. Маҳз дастгирии қарорҳои хавфдор, дастгирии инноватсияҳо, соҳибкории саноатӣ, дар навбати аввал

[11] Райнерт Э.С. Как богатые страны стали богатыми, и почему бедные страны остаются бедными. – М.: Изд. Дом Гос. Ун – та Высшей школы экономики. 2011. С.119

сиёсати аз ҷиҳати илмӣ асосноки иқтисодӣ дар соҳаи инноватсияҳо зарарҳои иқтисодии бо навовариҳои алоҳидаи номуваффақ алоқамандро ҷуброн мекунад[12]. Таърихи иқтисод шаҳодат медиҳад, – таъкид мекунад Ҷ.Стиглитс, – «ягон иқтисоди бузургу муваффақе набуд, ки дар он давлат нақши муҳимро набозида бошад». Ин ҳам ба кишварҳое, ки махсусан рушди босуръат доранд, ба монанди Чин, ҳам ба онҳое, ки дорои сатҳи баландтарини некуаҳволӣ мебошанд, пеш аз ҳама ба кишварҳои Скандинавия дахл дорад[13].

Тавре таъкид карда шуд, ҳадафи ниҳоии соҳибкорӣ ин ба даст овардани нафъи мусбат, гирифтани даромад аз соҳибкорӣ мебошад. Аз ин рӯ, соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳолате рушд хоҳад кард, ки агар бузургии даромади соҳибкорӣ аз сатҳи даромади соҳибкории соҳаи хизматрасонӣ баландтар шавад. Дар робита ба ин мафҳуми даромади соҳибкориро, ки аз фоидаи «миёнаоморӣ» фарқ мекунад, равшан кардан зарур аст. Даромади соҳибкорӣ ҳамчун «фоидаи барзиёд» таъриф карда мешавад, ки дар натиҷаи омезиш ба таври истисноӣ самаранок ва оқилонаи омилҳои истеҳсолот ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи ташкили оқилонаи истеҳсолот ва омезиши омилҳои истеҳсолӣ коҳиши хароҷоти инфиродӣ дар муқоиса бо хароҷоти ҷамъиятӣ падид меояд, ки дар асоси онҳо нархи бозорӣ ташаккул ёфта, бо ин фарқият одатан андозаи даромади соҳибкорӣ муайян карда мешавад. Аммо ин андоза воқеан наметавонад баҳои сатҳи даромади соҳибкорон бошад, зеро он танҳо андозаи умумӣ ё маблағи фоида, яъне маблағи фоидаи муҳосибиро муайян мекунад. Барои исботи ин маънӣ ба назарияи хароҷоти иқтисодӣ муроҷиат мекунем. Тибқи ин назария, даромади соҳибкорӣ ба фоидаи муқаррарӣ ва фоидаи иқтисодӣ (фоидаи барзиёд) тақсим карда мешавад. Дар ин ҷо сохтори хароҷоти муҳосибӣ ва иқтисодиро фарқ кардан зарур аст. *Хароҷоти муҳосибӣ* ба таври истисноӣ хароҷоти берунаро фаро мегирад, яъне аз пардохтҳо ва хароҷоти ба ҳисоб гирифташудаи нақдӣ, пардохти захираҳои ҷалбшаванда иборат мебошад.

---

[12] Мирсаидов А.Б. Становление государственного сектора экономики // Материалы республиканской научно – практической конференции на тему «Экономический рост Таджикистана: достижение, проблемы и перспективы», Душанбе, Институт экономики и демографии АН РТ, 10.10.2014. С. 23

[13] Стиглиц Дж. Цена неравенства //http://www.webeconomy.ru/index.php?page=cat&cat=mcat&mcat=

Хароҷоти иқтисодӣ фоидаи беруна ва дохилӣ, аз ҷумла фоидаи муқаррариро дар бар мегирад. Хароҷоти дохилӣ хароҷоти захираҳои худ мебошад, ки онро дар фаъолияти молиявияш соҳибкор ба ҳисоб мегирад. Хароҷоти алтернативии соҳибкор ҳамчун унсури хароҷоти иқтисодӣ аз даромади имконпазири ҳадди аксар аз истифодаи алтернативии захираҳои худӣ, ба монанди амвол, меҳнат, сармоя, ки ҳамчун иҷора амал мекунанд, фоизҳо аз сармоя ва музди меҳнат иборат мебошад. Фоидаи муқаррарӣ бошад, ин подоши ҳадди ақал барои татбиқи қобилиятҳои соҳибкорӣ аст, ки барои нигоҳ доштани соҳибкор дар соҳаи истеҳсолот басанда мебошад. Аз ин рӯ, фоидаи иқтисодиро ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯш ва хароҷоти иқтисодӣ, фоидаи муҳосибиро бошад, ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯш ва хароҷоти дохилӣ таъриф кардан мумкин аст. Аммо ин ҳисобкуниҳо ва таҳлилҳо дар субъектҳои хоҷагидории соҳаи соҳибкорӣ вуҷуд надоранд. Онҳо асосан бо фоидаи муҳосибӣ ва стратегияи замон маҳдуд мебошанд. Масалан, таҳлили интихобии бархе аз корхонаҳои консервабарорӣ ва коргоҳҳои коркарди саноатии ш. Душанбе нишон медиҳад, ки онҳо умуман фоидаи иқтисодӣ ба даст намеоранд. Фонди музди меҳнати кормандони ин корхонаҳо, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, 7-8 % даромадро аз фурӯш ташкил медиҳад. Музди миёнаи моҳонаи меҳнат ба андозаи 1000 - 1200 сомонӣ мебошад, ки аз маоши кормандони бонкҳои тиҷоратӣ ва ё кормандони соҳаи савдо 3–3,5 маротиба, аз даромади моҳонаи муҳоҷири меҳнатӣ дар Федератсияи Россия 4-6 маротиба пасттар аст[14].

Аз ин рӯ, барои кормандони ин корхонаҳо гузариш ба соҳаи хизматрасонӣ ва ё ба бахши хориҷии муҳоҷирати меҳнатӣ фоиданоктар аст. Чунин вазъият дар корхонаҳои соҳаҳои дигари саноат низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар соли 2020 сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ барои истеҳсоли маҳсулоти алоҳида: нахи пахта – 7,6, пойафзол – 30,5, қолинҳо ва маснуоти қолинӣ – 62,2, маҳсулоти гӯштӣ –

[14] Мирсаидов А.Б., Шомадова Н. Рушди инноватсионии системаи саноатии ш. Душанбе. Ирфон, «Бахманрӯд», 2019, 160. С. 78.

100,0, равғани ҳайвонот – 100,0, маҳсулоти ширӣ – 54,1 % – ро ташкил дод[15]. Дар ин ҳолат дар бораи даромади соҳибкорӣ ё фоидаи иқтисодӣ ҳарф задан ҷоиз нест. Бинобар ин, рушди соҳибкории истеҳсолӣ стратегияи воқеиеро талаб мекунад, ки моҳият ё фазои иқтисодии соҳибкориро инъикос намуда, маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Дар ин маҷмуъ на танҳо механизмҳои иқтисодӣ (тавассути низоми андозу гумрук ва дигар фишангҳои иқтисодӣ), доираи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, балки механизмҳои иҷтимоиро низ истифода бурдан зарур аст. Бояд қайд кард, ки дар симои соҳибкор бояд шахси масъулиятшиноси ҷамъиятро бубинем, ки барои дигаргунсозиҳои ҷомеа нақш дорад. Соҳибкор, ҳамчун шахси махсуси иҷтимоӣ, дорои талаботҳои назарраси ботинӣ буда, бо дарки манфиатҳои ҷомеа ангеза ё пешрафтҳои инноватсионӣ – саноатиро дарк мекунад[16]. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ сиёсати ташаббускоронаи саноатикунонӣ таҳия карда шавад, то ки шавқу завқ ва руҳияи эҷодӣ ба зарурати рушди саноати ватанӣ ба манфиати ҳар як субъекти иҷтимоию иқтисодӣ бошад. Махсусан, ташаккул додани як қабати технократии соҳибкорӣ ҳамчун неруи пешбари иқтисодиёти миллӣ хеле муҳим мебошад. Бо ин васила онҳо эътибори таърихӣ ва мавқеи махсуси иҷтимоӣ – сиёсиро бояд муайян кунанд. Ин тадбирҳо, ба назари мо, моҳияти иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ, алалхусус саноатиро мукаммал менамояд.

Вобаста ба ин, се намуди асосии моликияти соҳибкорӣ мавҷуд аст: фаъолият дар асоси моликияти инфиродӣ (бар асоси моликияти хусусӣ), фаъолияти шарикӣ ва давлатӣ. Корхонаи хурд ҳамчун навъи моликияти инфиродӣ ва шарикӣ (рафоқати пурра) фаъолият карда метавонад. Фаъолияти соҳибкории шахсӣ – *ин шакли ташкилие мебошад, ки дар моликияти як шахс қарор дошта, ба фоидаи ба даст овардашуда, ҳуқуқи комил дорад ва барои ҳар гуна зараре, ки ташкилот мебинад, пурра масъул аст.* ***Шарикӣ (рафиқии***

---

[15] Нашрияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 413.

[16] Мирсаидов А.Б. Методологические ориентиры исследования социальной природы инновационного предпринимательства // Материалы международной научно – практической конференции на тему «Правовые проблемы регулирования инновации в сфере предпринимательства», Душанбе, ТНУ, 10 июня, 2014. С. 35.

***пурра)** – ин шакли ташкилии иқтисодиест, ки дар асоси моликияти ҳамҷояи якчанд шахс, ки ҳиссаи худро аз фоида доранд, тааллуқ дорад. Ҳар яке аз соҳибон ё шарикон барои тамоми зараре, ки корхона мебинад, масъулияти муштарак доранд*[17].

Маҳз, дар ин ҷо фазо барои фаъолияти озоди инсон ва нуфузи сиришт, қобилияту эҷодкории ӯ ташаккул меёбад. Тавре маълум аст, инсон табиати дутарафа дорад, яъне ӯ ҳам ҳамчун фард бо манфиатҳои худ ва ҳамчун махлуқи ҷамъиятӣ дар раванди ҷомеа фаъолият менамояд. Аз ин рӯ, ҳадафи соҳибкорӣ аҳаммияти назаррас дорад; қонеъ кардани талаботи худ тавассути қонеъ кардани талаботҳои шахсони дигар, талаботи ҷомеа. Ҳадафи ниҳоии худи соҳибкор – ин қонеъ гардонидани талаботҳои худ тавассути ба даст овардани фоида (дороии зиёд) мебошад. Ин тамоюлро ҳамзамон метавон ҳам ҳадаф, ҳам ангеза номид. Ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ аслан иҷрои дархосту фармоиши дорои аҳаммияти иҷтимоӣ мебошад. Аммо барои он, ки фармоиш иҷро шавад, эътибори онро донистан лозим аст (яъне, бояд ба он муайянӣ дода шавад).

Дар ибтидо таъйини фармоиши иҷтимоӣ дар асоси иттилооте ба амал меомад, ки аз таҷрибаи ҳаёт ба даст омада буд. Аммо, пеш аз ҳама, дар ин марҳила номуайянӣ бо андозаи (ҳаҷми) фармоиши иҷтимоӣ ва сифат, миқдори он, сифати маҳсулоти истеҳсолшуда алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, соҳибкор маҷбур аст, ки дар шароити иқтисодӣ бозорӣ рақобатпазир буда, барои ҳиссаи фармоиши дорои аҳаммияти иҷтимоӣ амал кунад. Дар марҳилаҳои аввали рушди низоми бозаргонӣ эътимоди соҳибкор қавӣ аст – барои ба даст овардани ҳиссаи бозор (яъне пеш гузаштан аз рақибони худ) ва ба даст овардани фоидаи муайян.

Дар маҷмуъ, қонуниятҳои умумии фаъолияти бозорҳои рақобати комил ё нокомил ҷустуҷӯйи механизмҳои ҳолати беҳтаринро аз ҷониби субъектҳо муайян мекунанд, ки дар он онҳо метавонанд фоидаи худро ба ҳадди ниҳоӣ расонанд. Дар робита ба ин, дар назарияи иқтисодӣ муносибатҳои мухталиф вобаста ба баррасии хусусияти соҳибкорӣ мавҷуданд. Дар байни онҳо ду

[17] Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика. М.: «ДЕЛО - ЛТД». 1995. С. 864.

муносибат дархури ин масъала аст. Пеш аз ҳама, ин муносибати технологӣ мебошад. Ин муносибат ба омӯзиши ширкат дар асоси дидгоҳҳои неоклассикӣ ба равандҳои микроиқтисодӣ ташаккул ёфта, аксар вақт ҳамчун муносибатҳои бевосита ба назар мерасад, ки усули таҳлили рафтори корхонаҳоро таъкид мекунад. Дар ин раванд чунин функсия дар назарияи иқтисодӣ, функсияи истеҳсолӣ ном гирифтааст. Функсия ва ё в*азифаи истеҳсолӣ ҳаҷми ҳадди аксари истеҳсоли маҳсулотро зимни ҳар як миқдори додашудаи захираҳо муайян мекунад.* Таносубҳои зербиноии вазифаи истеҳсолиро бо истифода аз мисоли низоми одии ду омил таҳқиқ кардан мумкин аст: 2 намуди захираҳо – 1 намуди маҳсулоти ниҳоӣ. Ин раванди истеҳсолиест, ки дар он миқдори гуногуни меҳнат (L) ва сармоя (K) барои истеҳсоли ягон намуди маҳсулот истифода карда мешавад. Вазифаи истеҳсолӣ барои чунин низом шакли зеринро хоҳад дошт: Q = f (L, K). Ин вазифа ҳамоҳангии байни захираҳои хароҷот ва барориши маҳсулотро тавсиф намуда, имкон медиҳад, ки ҳаҷми имконпазири барориши маҳсулот ҳангоми доштани як миқдори захираҳо барои таъмини ҳаҷми додашудаи он муайян карда шавад. Яъне, бо кӯмаки он мо метавонем муайян кунем, ки тавассути кадом таносуб байни захираҳои алоҳида ҳаҷми мусоидтарини истеҳсолот аз нуқтаи назари таносуби хароҷот ва барориш ба даст оварда мешавад. Дар доираи муносибати технологӣ масъалаи муайян кардани андоза ё ҳудуди мусоидтарин омили асосӣ дар корхонаҳо нақши марказӣ дорад. Дар ин марҳила ба мо лозим аст ба категорияи маъруфи таъсири миқёсии истеҳсолот ва боздеҳии ин омил муроҷиат намоем. Агар корхона ҳамзамон дар бораи тағйирёбӣ ва мутаносибии миқдори ҳамаи омилҳои истифодашаванда қарор қабул кунад, пас тағйирёбии умумии истеҳсолот ба амал меояд. Фарз кардем; корхонае, ки дорои ҳаҷми аввалияи барориши маҳсулоти $Q$ мебошад, дар бораи зиёд кардани миқёси истеҳсолот ба $n$ маротиба қарор қабул мекунад. Дар ин ҳолат вазифаи додашудаи истеҳсолӣ шакли зеринро мегирад: $Q_2$ = f (nL, nK), ки дар он $Q_2$ – ҳаҷми барориши маҳсулот пас аз тағйир ёфтани миқёси истеҳсолот мебошад. *Робитаи байни тағйирёбии умумии истеҳсолот ва тағйирёбии мувофиқи омилҳо дар ҳаҷми*

*истеҳсоли маҳсулот боздеҳии миқёс номида мешавад.* Мувофиқи он андозаи мусоидтарини корхона он андозаеро ҳисобидан мумкин аст, ки пеш аз расидан ба он афзоиши шадиди хароҷоти тағйирёбанда ба амал намеояд. Ба ибораи дигар, самараи мусбати сарфакорӣ дар миқёси истеҳсолот пурра истифода мешавад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ корхона ва ё ширкати неоклассикиро бо «қуттии сиёҳ» муқоиса мекунанд[18] – вай ҳамчун чизи муқаррарӣ дарк мешавад, сипас ба ин «қуттӣ» қисматҳои захираҳоро андохта, бо сарпӯш мепӯшанд ва ниҳоят, пас аз муддате ба таври муъҷиза неъматҳои истеҳсолшуда аз он истихроҷ карда мешавад[19]. Ғайр аз ин, ба муносибати классикии вазъият *«иттилоотнокии пурра – натиҷаи дақиқ»* мувофиқат мекунад. Чунин ҳисобида мешавад, ки корхона, агент дорои иттилооти мукаммал ва амсилаи дахлдору равшан буда, ҳамаи вазифаҳо ва параметрҳои амсила дақиқ ва пазируфта мешаванд. Аммо, далелҳои зиёде мавҷуданд, ки татбиқи аксиомаҳои классикиро ба таҳлили рафтори воқеӣ рад мекунанд[20]. Яъне, номуайянӣ дар қабули қарор аз миқдори нокифоя ё сифати иттилооте вобаста мебошад, ки барои агент ҷиҳати қабули қарор зарур аст. Сохтори иттилооти дастрас ва аз ҷониби агент тафсиршаванда муносибатҳо ва методҳои гуногуни таҳлили номуайяниро возеҳ мекунад[21].

Бинобар он, барои ҳалли ин тазод назарияи дигар ба масъалаҳои рафтори ширкатҳо дар доираи назарияи институтсионалии иқтисодӣ ба майдон омад. Анъанаи институтсионалии омӯзиши масъалаҳои марбут ба равандҳои фаъолияти корхонаҳо аз асари классикии Р.Коуз «Хусусияти ширкат» сарчашма мегирад[22]. «Анъанае, ки ба Р.Коуз баргашта, ташкилотро аз ҷиҳати

---

[18] * Заглянуть внутрь «черного ящика» – значит открыть невидимые ранее внутренние связи отношения, внутреннюю организацию.

[19] Росков Д. Риторика новой институциональной экономической теории //Вопросы экономики, 2010. № 5. С. 84.

[20] Алле М. Поведение рационального человека в условиях риска критика постулатов американской школы // Thesis. 1994. №5. С. 263 – 292.

[21] Давыдов Д. Интервальное восприятие информации в экономическое поведение потребителя: методологические аспекты// Вопросы экономики. 2007. №12. С. 61.

[22] Коуз Р. Нобелевская лекция 1991. Институциональная структура производства // Природа фирмы. М.: Дело, 2001.

манфиатҳо ва хароҷоти муқоисавии бозор ва корхонаҳо баррасӣ мекунад, пешбинӣ менамояд, ки ҳама гуна усулҳои воқеии ташкил аз нуқтаи назари афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои дар онҳо муаррифишуда арзёбӣ карда шаванд»[23]. Ақидаҳои Р.Коуз минбаъд дар асарҳои олимони маъруф, ба монанди А. Алчиян, Х. Демсетс, Д. Норт, Г.Саймон, О.Уилямсон, К. Эрроу ва дигарон такмил ёфтанд. Мувофиқи муносибати институтсионалӣ, *масъалаи марказии омӯзиши корхона, ширкат на дар шароити ба ҳаддии ақал расонидани фоида, балки шарҳи падидаи бавуҷудоии ширкат, қонуниятҳои рушди минбаъда ва дар ниҳоят, аз байн рафтани он мебошад.* Илова бар категорияи ин ниҳод, барои шарҳ додани мавҷудият ва сохтори дохилии корхонаҳо дар ин назария чунин мафҳумҳои калидӣ, ба монанди *хароҷоти трансаксионӣ, рафтори созишкорӣ, нобаробар будани иттилоот, хусусияти захираҳо ва шартнома* истифода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки назарияи муосири неоинститутсионалӣ, ки яке аз намояндагони барҷастаи он иқтисоддони амрикоӣ О. Уилямсон[24] мебошад, ба моҳияти хусусияти иқтисодии корхонаҳо боз ҳам амиқтар фурӯ рафтанро пешниҳод менамояд. Дар назарияи иқтисодии хароҷоти трансаксионӣ он ба эътибор дар рафтор, ба монанди маҳдудияти рафтори оқилона ва созишкорона асос меёбад. Дар ин шароит интихоби асосӣ байни сохторҳои гуногуни идоракунии шартномаҳо: бозор, корхонаҳо (зинанизом) ё шаклҳои омехта (гибридҳо) ба амал меояд. Барои равшанӣ андохтан ба ин хусусият зарур аст, ки ба таҳлил дар баробари гурӯҳҳои маъруф (рафтори созишкорӣ) гурӯҳҳои нав, ба монанди: хусусияти хоси дороиҳо (захираҳо) ва навъҳои шартномаҳо дохил карда шаванд. Принсипи оқилона комил доштани иттилооти пурра ва таҳрифнашуда аз ҷониби ҳамаи субъектҳои бозорро дар назар дорад. Дар ин ҳол субъектҳои иқтисодӣ барои беҳтар кардани некуаҳволии худ аз ҳисоби дигарон ягон гуна ҳавасмандӣ надоранд. Тавре Саймон қайд мекунад, субъектҳои иқтисодӣ майл доранд «дидаю дониста оқилона амал кунанд, аммо

23 Скоробатов А. Теория организации и модели напольных контрактов «Вопросы экономики» //2007, №12 С. 12.
24 Уильямсон О. Экономические институты капитализма СПб.: Лениздат, 1996.

дар асл онҳо як дараҷаи маҳдудияти қобилиятро доранд»[25]. Аммо, вазъияти номуайянӣ ва бархурди доимии манфиатҳои тарафайни субъектҳои бозор, рафтори созишкории онҳоро ба вуҷуд меорад. Ин амсилаи рафтор, ки қаблан дар борааш сухбат карда будем, бо хоҳиши агентҳо ба ҳадди аксар расонидани фоидаро, новобаста аз вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқҳои шарикон ва вайрон кардани принсипҳои ахлоқи соҳибкорӣ тавсиф менамояд. Аз ин рӯ, ҳангоми бастани муносибатҳои шартномавӣ бо дигар субъектҳои бозор механизми муҳофизати ҳуқуқҳои худро аз чунин поймолкуниҳо пешбинӣ намудан зарур аст. Гуфтан мумкин аст, ки *корхонаҳо ҳамчун аксуламал ба рафтори созишкории субъектҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, ки механизми бозаргонӣ аз он озод нест.*

Агентҳои иқтисодӣ захираҳо – дороиҳои мавҷударо дар доираи корхонаҳо муттаҳид менамоянд. Дороӣ – ин объекти моликият аст, ки арзиши пулӣ дорад. Дороиҳо метавонанд моддӣ (мошинҳо, таҷҳизот), молиявӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок), ғайримоддӣ (ҳуқуқҳои муаллифӣ, «сармояи инсонӣ», яъне донишҳои ҷамъшудаи касбӣ) бошанд. Дар асоси муқоисаи корхонаҳо арзиши дороиҳое, ки онҳо дар ихтиёр доранд, се намуди дороиҳо: умумӣ, хос ва хоси бунёдиро (байнинамудро) ҷудо кардан мумкин аст. Барои дороиҳои умумӣ эътибори баробари арзиши онҳо ҳам барои истифода дар ҳудуди ширкат, ҳам барои бозор хос мебошад. Дороиҳои хос барои истифодаи дохилӣ аз ҷониби ширкат нисбат ба бозор баландтар баҳодиҳӣ мешаванд (арзиши интихоби дороии хос дар доираи он назар ба берун аз он баландтар аст). Ҳамчун намунаи чунин дороӣ малакаҳои барномасоз хизмат карда метавонад, ки нармафзореро, ки *барои корхонаи махсус сохта шудааст*, хеле хуб медонад. Дороиҳое, ки танҳо дар доираи ин ё он корхона беназир ва ҳамдигарро пурракунанда мебошанд, дороиҳои хоси бунёдӣ (байнинамуд) номида мешаванд. Онҳо берун аз ширкатҳо, шояд ҳатто арзёбии бозорро пайдо карда натавонанд, зеро ҷузъи ҷудонашавандаи дигар дороиҳои корхонаҳо буда, гӯё «барои ҳамин корхона сохта шудаанд».

[25] Саймон Г. Рациональность как процесс и продукт мышления.THESIS/M.: 1993.T.1 Выпуск 3. С. 32.

Ҳамаи муносибатҳои соҳибони дороиҳо оид ба мубодила ё истифодаи онҳо бо шартнома танзим карда мешаванд. *Шартнома – ин созишнома дар бораи танзими муносибатҳо байни агентҳои иқтисодӣ буда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро мушаххас месозад.* Дар асоси гурӯҳбандии шартномаҳо, асоси онҳоро чор таснифоти муҳим ташкил медиҳад:

- устувории робитаҳои иқтисодии тарафҳо (муомилоти якдафъаина, даврӣ ё доимӣ);
- дараҷаи номуайянӣ (паст ё баланд);
- навъҳои дороиҳо ё захираҳо (умумӣ, хос ё байнихос);
- мавҷудияти (ё мавҷуд набудани) кафолатҳои иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо.

Мувофиқи мушаххасоти дар боло овардашуда, се навъи шартномаҳоро ҷудо мекунанд: классикӣ, неоклассикӣ ва муносибатӣ (имплиситӣ, яъне ниҳонӣ).

Шартномаи классикӣ (*идоракунии бозорӣ*) пешбинӣ мекунад, ки муомилот байни субъектҳои иқтисодӣ хусусияти якдафъаина дорад ва бинобар дараҷаи пасти номуайянӣ тамоми ҷанбаҳои муносибатҳо метавонанд пешакӣ тарҳрезӣ шуда, ба шартнома дохил карда шаванд. Мавзӯи шартномаи классикӣ дороиҳои умумист, он танҳо дар шакли хаттӣ вуҷуд дошта, ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокдорон бо низоми судии давлат амалӣ карда мешавад. Аммо дар иқтисоди воқеии бозорӣ, чун қоида, ба адолати маҳдуди агентҳои иқтисодӣ ва номуайянӣ дучор меоянд. Дар ин ҳолат шартномаи неоклассикӣ (*идоракунии сеҷониба*) ҷой дорад, ки танҳо баъзе вариантҳои имконпазири рушди муносибатҳои тарафҳоро дар рафти иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ба танзим медарорад. Шартномаи неоклассикӣ бо мунтазамии муносибатҳои тарафҳо тавсиф ёфта, мавзӯи он ҳам вобаста ба дороиҳои умумӣ хос мебошад. Азбаски навъи мазкури шартнома дараҷаи камтари ба расмият даровардани муносибатҳои байни агентҳоро пешбинӣ мекунад, он метавонад созишномаҳои шифоҳиро дар бар гирифта, имкон диҳад, ки баҳсҳо на танҳо бо тариқи судӣ, балки бо роҳи мурочиат ба ҷониби мустақил – суди ҳакамӣ ҳал карда шаванд.

Дар шартномаи муносибатӣ ё имплиситӣ (ниҳонӣ) (*идоракунии дуҷониба*) байни субъектҳои иқтисодӣ дар шароити дараҷаи баланди номуайянӣ робитаҳои дарозмуҳлат ва доимӣ вобаста ба замон ҷой доранд. Чунин навъи шартнома бо бартарии созишномаҳои ғайрирасмӣ нисбат ба дороиҳои расмӣ ва байнихосӣ фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, мутобиқи муносибати неоинститутсионалӣ корхонаҳои хурдро *ҳамчун шабакаи шартномаҳои дарозмуҳлати муносибати байни соҳибмулкони дороиҳои асосан байнихосӣ, бо мақсади ба ҳадди ақал расонидани хароҷоти трансаксионӣ дар шароити номуайянӣ ва рафтори созишкории агентҳо* таъриф кардан мумкин аст.

Ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки назарияи институтсионалии корхона масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо бо ҷустуҷӯи андозаи муносибатҳои ширкат, балки бо сабабҳои пайдоиши он, инчунин бо механизмҳои ҳамоҳангсозии дохилии фаъолияти он алоқаманданд. Ин механизмҳо аз бисёр ҷиҳат симои корхонаҳои хурд – шаклҳои ташкилии онҳо, инчунин босуботии фаъолият ва рушди онҳоро муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи ақидаҳои муаллифони дар боло баррасишуда метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ҳадафи ниҳоии соҳибкорӣ ин ба даст овардани фоида аз даромади соҳибкорӣ мебошад. Ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ аслан иҷрои дархосту фармоиш буда, дорои аҳаммияти иҷтимоӣ мебошад.

Аммо барои он ки фармоиш иҷро шавад, эътибори онро донистан лозим меояд.

Бо ибораи дигар, соҳибкор маҷбур аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ рақобатпазир буда, барои ба даст овардани ҳиссаи фармоиши дорои аҳаммияти иҷтимоӣ амал кунад. Дар марҳилаҳои аввали рушди низоми бозаргонӣ эътимоди соҳибкор қавӣ аст – барои ба даст овардани ҳиссаи бозор (яъне пеш гузаштан аз рақибони худ) ва ба даст овардани фоидаи муайян.

Бо баробарии гузариш ба иқтисоди бозорӣ соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, як навъи соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашё

қиматбаҳо, саломатӣ, ҳаёт ва талафҳои дигар ба маблағҳои муайян, ҳангоми бастани шартномаи суғурта ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, моҳияти ҳуқуқии соҳибкории суғуртавӣ, аз барқарор кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои амволии муштарӣ, аз ҳисоби пардохтҳои суғуртавӣ тибқи шартномаи басташуда иборат аст.

Аз ин лиҳоз, ба соҳибкории суғуртавӣ вобаста ба моҳият хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ хос мебошад.

## 1.2. Хусусият ва принсипҳои ташкили соҳибкории суғуртавӣ

Тавре дар фасли қаблӣ қайд карда шуд, ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ба дараҷаи муайян аз сатҳи хавфҳои марбут ба фаъолияти он вобаста мебошад. Дар қатори ниҳодҳое, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ барои таъмини амнияти субъектҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ ва давлат дар маҷмуъ истифода мешаванд, мавқеи махсусро суғурта ишғол мекунад, ки рушди он бо соҳибкорӣ ба таври мустақим алоқаманд аст. Бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат муҳити берунаи зудтағйирёбандаи фаъолияти корхонаҳо зарурати эҷоди парадигмаи нави фаъолияти иқтисодиро, ки бевосита бо хусусияти нави ҳамкории сохторҳо ва шарикони корхонаҳо, бо хавф ва номуайянӣ – дарки хавф ҳамчун захира ва идоракунии дахлдори ин намуди захира бар хилофи канорагирии анъанавӣ алоқаманд аст, ба миён меорад. Ба нишонаҳое, ки хавфро ҳамчун як навъ захира тавсиф мекунанд, инҳоро нисбат додан мумкин аст; маҳдудияти фазоӣ ва замонӣ; мушаххасоти муайяни сифатӣ ва миқдорӣ; имконияти мавриди истифода қарор гирифтан; хусусияти байнисоҳавӣ ва ғайра. Хавф дорои тамоми хусусиятҳои ба омилҳои истеҳсолот хос мебошад, ки дорои соҳибмулк, арзиш (нарх) буда, миқдоран маҳдуд аст ва натиҷаи ниҳоиро меорад[26]. Дар консепсияи идоракунии хавфҳо ҳамчун захира дар марҳилаи таҳлил як намуди махсуси хавфи иқтисодӣ фарқ мекунад, ки ба истилоҳ хавфи ба захира монанд номида

[26] Иода Е.В. Управление рисками региональной инновационной системы: автореф. дис. д - ра экон. наук. Тамбов, 2007. С. 12.

шуда, татбиқи он бо гирифтани фоидаи иловагӣ аз ҷониби корхонаҳо алоқаманд аст: таъсир то ҳудуди муайян, ки пас аз он афзоиши минбаъдаи ин сатҳ боиси пайомадҳои манфӣ мегардад; идоракунии хавфи ба захира монанд аз нигоҳ доштани он дар сатҳи муайян иборат мебошад. Ҳамин тариқ, хусусияти идоракунии ин хавф аз он иборат аст, ки баланд бардоштани он ба сатҳи муайян боиси афзоиши қимати меъёри додашудаи самаранокӣ мегардад. Чунончи, интихоби лоиҳаи хавфдортари сармоягузорӣ метавонад боиси фоиданокии баланд гардад, аммо афзоиши минбаъдаи сатҳи ин хавф метавонад ба татбиқи манфӣ ва дар натиҷа паст шудани арзиши меъёри самаранокӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, идоракунии хавфи ба захираҳо монанд бояд аз амалӣ намудани чораҳо барои дар сатҳи беҳтарин нигоҳ доштан ва ё ба даст овардани сатҳи мусоидатарин иборат бошад. Дарки муносибатҳои мазкур аз ҷониби ҳамаи агентҳои иқтисодиёт талаботҳоро барои фаъолияти суғурта ба вуҷуд оварда, дар натиҷа рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва рушди бозори суғуртаро ҳамчун соҳаи муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ ва яке аз вазифаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян мекунад.

Имрӯз муносибат ба суғурта ҳамчун муносибат ба объекти фаъолияти мутамаддини соҳибкорӣ зарур аст, ки дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ, дар миёни суғурташавандагон ва суғуртакунандагон дастгирӣ шуда, бо роҳи илмӣ дар васоити ахбори омма, таълими кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилот хуб ба роҳ монда шавад. Бидуни татбиқи тадбирҳои самараноки ҳамаҷониба хатаре вуҷуд дорад, ки суғуртаи ватанӣ дар сатҳи аксар вақт дучороояндаи нимсуғуртакунонӣ боқӣ монда, вазифаҳоеро ҳал намояд, ки аз ҷиҳати мазмун ва моҳият аз мазмуни иқтисодии суғурта дур мебошанд. Хусусан, ин дар шароити узвияти ҷумҳурӣ ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) муҳим аст, ки боз кардани дари бозори суғуртаи ватаниро барои суғуртакунандагони хориҷӣ талаб мекунад, ки онҳо дорои таҷрибаи ғанӣ ва афзалиятҳои назарраси рақобатӣ нисбат ба суғуртакунандагони ватанӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, вазифаҳои аввалиндараҷае, ки ҳалли худро талаб мекунанд, инҳоянд: таҳқиқи равандҳои ташаккули суғурта ҳамчун объекти фаъолияти

соҳибкорӣ, асоснокқунӣ ва интихоби технологияҳои самараноктари менеҷмент ва маркетинг дар фаъолияти суғуртакунандагон, муайян кардани тамоюлҳои муосир дар фаъолияти бозорҳои минтақавии суғуртавӣ.

Заминаи воқеию объективии табдилёбии суғурта ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд аст. Дар натиҷаи рушд ва амиқшавии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат на танҳо фаъолияти амалӣ, балки дониши илмӣ дар бораи хавфи суғурта ва арзёбии он (дар асоси донистани қонунҳои табиат ва ҷомеа) ва пойгоҳи илмии категорияи иқтисодии ҳифзи суғурта ташаккул мeёбад. Сарфи назар аз хусусияти тасодуфии сар задани офати табиӣ ё дигар ҳодисаи нохуши харобиовар, пешгӯйии илмии онҳо имконпазир мегардад. Бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ имконияти пешбинии андозаи эҳтимолии зарар дар шакли мол (натуралӣ) ва пулӣ пайдо мешавад. Ба туфайли пешбинии илмӣ суғуртакунанда метавонад тадбирҳои бошууронаро оид ба пешгирии пайомадҳои номатлуби сар задани хавфи суғурта татбиқ намояд.

Маънои аслии суғурта бо калимаи «бим ва ё тарс» алоқаманд аст. Ҳамин аст, ки дар форсии Эрон ба ин маънӣ истилоҳи “бима” истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла, мафҳуми «суғурта» (суғуртакунӣ, суғурта кардан), баъзан ба маънои дастгирӣ дар ягон кор, кафолати барор дар ягон чиз ва ғайра истифода мешавад. Дар айни замон истилоҳи мазкур аксар вақт ба маънои манбаи ҳимояи манфиатҳои амволии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ тафсирҳои гуногуни илмӣ дар бораи моҳияти суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ мавҷуданд. Масалан, В.В.Шахов ва Н.Г. Кабантсев суғуртаро ҳамчун категория шарҳ медиҳанд, ки «аз низоми муносибатҳои иқтисодие иборат мебошад, ки маҷмуи шаклҳо ва методҳои ташаккули маблағҳои мақсадноки пулӣ ва истифодаи онҳоро барои ҷуброни зиён дар ҳолатҳои рух додани ҳодисаҳои (хавфҳои) пешбининашудаи номатлуби гуногун, инчунин расонидани кӯмак ба шаҳрвандон дар ҳолатҳои рух додани ҳодисаҳои муайян, дар зиндагии онҳоро дар бар мегирад»[27]. Воблий

[27] Шахов В.В. Страховое дело. М.: ЮНИТИ, 2000 – 311с. С. 14., Н.Г. Кабанцева. Страховое дело. М.: Форум, 2008. С. 6.

К.Г. зери ифодаи мафҳуми суғурта як навъ фаъолияти иқтисодиеро дар асоси ҳамраъйӣ ва подошнокӣ мефаҳмад, ки мақсади пӯшонидани эҳтиёҷот ё талаботҳои ояндаро дорад, ки бо сар задани ҳодисаи тасодуфӣ ба миён омада, ҳамзамон аз нигоҳи оморӣ назаррас мебошад. Тахмин кардан мумкин аст, ки ба ташаккули ақидаи Воблий К.Г. мавқеи илмии Николский П.А. таъсир расонидааст. Ӯ дар асари «Масъалаҳои асосии суғурта» суғуртаро ҳамчун усули ҷуброни дороиҳои хусусии хоҷагӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои тасодуфӣ хисорот мебинанд, аз тариқи пасандози пешакии маблағҳо таъриф кардааст, ки бо хисороти эҳтимолӣ барои давраи мавриди назар муайян карда мешавад[28].

Айни замон дар назарияи илмӣ дар моҳияти суғурта тағйирот ба миён омада, гузариш аз фаҳмиши абстрактии ниҳоди иқтисодӣ дар дарки он ҳамчун усули ҷуброни зарарҳо, маҷмуи шаклҳо ва усулҳо, низоми муносибатҳои иқтисодии марбут ба таъмини ҳимояи суғуртавӣ дида мешавад. Аммо хусусияти суғурта дар доираи чунин муносибат, ба назари мо, мавқею моҳияти худро пурра ифода накарда, балки танҳо механизми татбиқи муносибатҳои суғуртавиро инъикос мекунад. Масъалаҳои суғурта бояд дар заминаи хавф ҳамчун объекти трансаксияҳои суғуртавӣ ё мубодила, аз мавқеи истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт таҳқиқ карда шаванд. Бинобар он дар ин ҷо ба мафҳумҳои «хавф» ва «номуайянӣ» равшанӣ андохтан зарур аст. *Номуайянӣ* маънои норасоии иттилоотро оид ба рӯйдодҳои эҳтимолии оянда дорад, ки сар задани онҳо натиҷаи қарорҳои дар айни замон қабулшаванда ё амалҳои содиршаванда мебошад. *Хавф*, дар навбати худ, аз хусусияти қароре вобаста мебошад, ки аз ҷониби субъект дар вазъияти номуайянии натиҷаи ниҳоӣ қабул шуда, дар заминаи он эҳтимолияти ба даст овардани ҳар яке аз арзишҳои имконпазирро арзёбӣ кардан (яъне тақсимоти эҳтимолиятҳоро сохтан) мумкин аст[29].

---

[28] Князева Е.Г. Теоретико – методологические основы категориальности страхования // Фундаментальные исследования. 2007. – №12 С.315 – 316.

[29] Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) // Журнал «Кишоварз» (Земледелец) Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 2014. №3 (63). С. 40 – 42.

Бо назардошти чунин тафсири хавф ҳамчун асос, мо метавонем нишон диҳем, ки чӣ гуна ин категория дар равандҳои бахши суғуртаи иқтисодиёт ба амал омада, инъикос ёфта, чӣ гуна ба хусусияти қарорҳои аз ҷониби агентҳои иқтисодӣ – суғуртакунандагон қабулшаванда таъсир мерасонад. Бинобар ин, асосноккунии назариявии мазмуни нави низоми суғуртаи ҷумҳурӣ, вобаста ба тамоюли умумиҷаҳонӣ, таҳия ва татбиқи механизмҳои рушди соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани нақш, аҳаммият ва самаранокии он дар низоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, мувофиқ аст ва яке аз вазифаҳои асосии марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад.

Барои равшан кардани моҳияти соҳибкории суғуртавӣ таҳқиқи моҳияти иҷтимоию иқтисодии манфиати суғуртавӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Категорияи манфиати суғуртавӣ бо кӯшишҳои бисёр олимон, ба як ҷузъи худтаъминкунии муносибати суғуртавӣ табдил ёфтааст. Дар адабиёт манфиати суғуртавӣ, одатан, ҳамчун гурӯҳи асосии суғурта тавсиф карда мешавад. Бештар аз сад сол пеш В.Р. Иделсон таъкид карда буд: «Бидуни манфиат суғурта вуҷуд надорад: зарур аст, ки суғурташаванда (суғурташуда) манфиати амволӣ дошта бошад»[30]. Муҳаққиқи маъруфи шӯравӣ В.И. Серебровский менависад, ки «дар суғуртаи амволӣ манфиати суғуртавӣ ҳанӯз ҳам яке аз шартҳои зарурии шартномаи суғуртакунӣ буда, дар асоси он ҳамчун заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад»[31]. Ба ақидаи ӯ, маҳз манфиати суғуртавӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад: вай ҳудуди ҷуброни суғуртавиро, ки аз ҷониби суғуртакунанда пардохт карда мешавад, муқаррар менамояд; дар асоси қоидаҳои боқӣ мондани як қисми амволи суғурташуда ба хавфи суғурташаванда мансуб аст; ҳамчун асос барои муайян кардани муносибатҳо ба суғуртаи иловагӣ хизмат мекунад; ғояи меҳварӣ дар ин ҳолат танзими суғуртакунии дубора мебошад; вай меъёри асосиест, ки муносибатҳои шахсони гуногунро ба ҳамон як объекти суғурташуда муайян мекунад[32].

---

[30] Идельсон В.Р. Страховое право. М.: 1992. С. 32.

[31] Серебровский В.И. Очерки советского страхового права // Серебровский В.И. Избранные труды по наследственному и страховому праву. М.: 2003. С. 366.

[32] Ҳамон ҷо. С. 367

Э.Н. Гензехадзе қайд кардааст: «Дар ухдадорӣ оид ба суғурта, манфиати суғуртавӣ унсурест, ки имконияти мавҷудияти ниҳоди суғуртаро пешакӣ муайян мекунад...»[33]. Баъдан вай аз пайи В.И. Серебровский ин тезисро инкишоф медиҳад: «Манфиати суғуртавӣ ҳамаи амалҳои муҳимтарини муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ: таркиби субъектии он; объект; ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои субъектҳо; иҷрои он; масъулиятро барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуб муайян мекунад».

Л.Н. Клоченко таваҷҷуҳро ба ин усул ҷалб мекунад: «дар суғурта принсипи асосии амалкунанда чунин аст: «бидуни манфиат суғурта вуҷуд надорад»[34]. С.В. Михайлов дар ин замина изҳори назар кардааст, ки: «манфиати суғуртавӣ дар ухдадорӣ оид ба суғурта унсуре мебошад, ки мавҷудияти ниҳоди суғурта ва бинобар ин, соҳибкориро дар ин бахши иқтисод муайян мекунад. Манфиат дар муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ маънои универсалӣ дошта, эътибори шартномаи суғурта, таркиби субъектӣ, андозаи ҷуброни суғуртавӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои ҷонибҳо, инчунин амалҳои дигарро муайян мекунад»[35]. Муҳаққиқ В.Ю. Абрамов қайд мекунад, ки «манфиати суғуртавӣ воқеан таҳкурсии муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ мебошад»[36]. Идомаи мантиқии назарияи манфиати суғуратвӣ, ки манфиати суғуртавӣ ва объекти суғуртаро ташреҳ медиҳад, талаботест дар бораи зарурати мавҷудияти манфиати суғуртавӣ дар ҳамаи навъҳои суғурта бидуни истисно, аз ҷумла суғуртаи шахсӣ ва на танҳо суғуртаи амвол, балки шаклҳои дигари он. Зарур аст, ки манфиати суғуртавии соҳибмулк ва истифодабаранда ба таври возеҳ фарқ карда шавад: соҳибмулки корхона манфиати худро ҳамчун соҳибмулк, яъне арзиши корхонаро суғурта мекунад; иҷорагири корхона бошад, манфиати худро танҳо ҳамчун истифодабарандаи бино суғурта карда метавонад; ӯ фоидаеро суғурта мекунад, ки ҳангоми барқароркунии бинои сӯхта метавонад аз даст диҳад, аммо

---

[33] Страхование от А до Я // книга для страхователья под ред. Л.И. Корчевской, К.Е. Турбиной. М.: Инфра – М.: 1996. С. 85.

[34] Теория и практика страхования. Учебное пособие. М.: Анкил - 2003. С. - 63.

[35] Михайлов С.В. Страховой интерес как категория страховое право», М.: 1999, № 3. С. 19.

[36] Абрамов В.Ю. Страховой интерес как разновидность категории интереса в гражданском праве // Юридическая и правовая работа в страховании. М.: Изд. Дом Регламент 2006. №1. С. 79.

ӯ ҳақ надорад, ки арзиши корхонаро ба фоидаи худ суғурта кунад[37]. Г.Ф. Шершеневич ба ин масъала чунин назар дорад: «Ҳамон як ашё метавонад ҳамзамон дар моликияти як шахс ва дар истифодаи шахси дигар қарор гирад. Ҳар ду ба ҳамон як чиз манфиат доранд. Аз ин рӯ, онро на танҳо соҳибмулк, балки истифодакунанда низ суғурта карда метавонад. Агар бо талофии ашё аввалӣ бо гум кардани арзише, ки бояд пурра ҳангоми қатъ шудани истифода ба ӯ интиқол ёбад, таваккал кунад, пас дуюмӣ низ бо он таваккал мекунад, ки талофии ашё пеш аз муҳлат ҳуқуқи онро ба истифодаи ашё ва ба даст овардани фоида пеш аз муҳлат қатъ менамоянд. Ҳарду ба нигоҳ доштани арзиши пурра манфиат доранд, зеро манфиати ҳар кадоми онҳо бо пурра нигоҳ доштани ашё алоқаманд аст: ҳар гуна коҳиши арзиш ба манфиатҳои ҳарду таъсир мерасонад... Аз ин рӯ, ҳар кадоми онҳо ҳақ доранд, ки ашёро пурра суғурта кунанд.[38]

Дар шароити муосир, назарияи функсионалии манфиати суғуртавӣ низ маълум аст. Ин назария, ба назари мо, комилан метавонад, ки холигии дар қисми назарияи интихоби манфиати суғуртавӣ мавҷудбударо пур кунад. Ӯ аз мавқеи усулан дигар, ба муайян кардани ҳадафи истифода ва вазифаҳое, ки бо гурӯҳҳои манфиати суғуртавӣ ҳал карда мешаванд, муносибат мекунад. **Аввалан**, ба ақидаи мо, барои баҳодиҳии арзиши манфиати суғуртавӣ ҳамчун асоси бунёдии муносибатҳои суғуртавӣ, ки тамоми ҷанбаҳояш ба он вобастагӣ доранд, сабаби воқеӣ вуҷуд надорад. Саволе ба миён меояд, ки далели мавҷудияти манфиати суғуртавӣ барои кӣ муҳим аст? Суғурташавандае, ки нияти суғуртаи амволи худро дорад, ҳеҷ гоҳ ба худ чунин савол намедиҳад, яъне он ҳолате, ки ӯ манфиати суғуртавӣ дорад ё не, барои ӯ ҳеҷ аҳаммият надорад. Албатта, ин саволро ба тарзи дигар гузоштан мумкин аст: оё суғурташавандае, ки шартномаи суғурта мебандад, агар дар натиҷаи мулоҳизаҳои тулонӣ ба хулосае ояд, ки манфиати суғуртавиро аз нуқтаи назаре, ки ҷонибдорони назарияи мутлақи манфиати суғуртавӣ тафсир мекунанд, доро

[37] Серебровский В.И. О соотношении кептивного и взаимного страхований. Указ. соч. М.: 2001. С. 369.
[38] Шершеневич Г.Ф. Система торговых действий. Критика основных понятий торгового права. Казань. Типография Императорского Университета. 1888. - 349 с.

намебошад? Аммо посухи савол аён аст, зеро ҳамаи он шартномаҳое, ки аз ҷониби судҳо беэътибор дониста шудаанд, ё барои онҳо пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз сабаби набудани манфиати суғуртавӣ дар суғуртакунанда, ё баҳрабардорандаи манфиати суғуртавӣ рад карда шудааст, маҳз аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки суғурташавандагон ба муомилоти суғуртавӣ ҳангоми дар онҳо мавҷуд набудани манфиати суғуртавӣ муроҷиат мекунанд. Оё баҳрабардоранда, ки ба нафъи он шахси дигар суғуртаи амволро амалӣ мекунад, мавҷудияти манфиати суғуртавиро дар худ эҳсос мекунад? Мо бовар дорем, ки посух дар ин ҷо низ возеҳ аст? – албатта не. **Сониян**, ҳатто кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми гузаронидани муомилаи суғуртавӣ на ҳамеша масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Ҳаёт нишон медиҳад, ки одатан шахсе, ки ба манфиати ӯ шартномаи суғурта баста шудааст, манфиати суғуртавӣ надорад ва ин ҳама аз ҷониби суғуртакунанда аллакай дар марҳилаи танзими марҳилан суғуртавӣ ба миён гузошта шуда, ҳамчун асос барои радди пардохти ҷуброни суғуртавӣ истифода мешавад. Барои намуна дар ин маврид мисолҳои сершуморе вуҷуд доранд. Суғуртакунандагон гоҳе шартномаҳои суғуртаи воситаи нақлиётро бо шахсоне мебанданд, ки танҳо барои рондани мошин ваколатнома доранд, то худро аз уҳдадории пардохти ҷуброни суғуртавӣ озод кунанд. Дуруст аст, ки судҳо дар чунин ҳолат қариб ҳамеша даъвоҳои суғурташавандагонро оид ба пардохти суғурта қонеъ гардонида, мавқеи ташкилотҳои суғуртавиро беасос эътироф мекунанд.

Агар чунин унсур ҳамчун манфиат дар нигоҳ доштани амвол мавриди таҳлил қарор дода шавад, пас комилан возеҳ аст, ки он танҳо дар ҳолате вуҷуд дошта метавонад, ки сухан дар бораи суғуртакунандаи бовиҷдон равад ва барои худи ӯ он аҳаммияти ангезаи таҳрикдиҳанда дар анҷом додани муомилаи суғуртавӣ дорад, дар акси ҳол ӯ ҳамин тавр шартномаи суғурта намебандад. Ҳамин чизро дар бораи баҳрабардоранда низ гуфтан мумкин аст. Дар айни замон, чунин унсур ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо суғурташавандаи бевиҷдон вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки унсури мазкури манфиати суғуртавӣ барои ҳадгузории муносибатҳои суғуртавӣ ба муносибатҳо бо иштирокдорони бовиҷдон ва бевиҷдони амали шаҳрвандӣ таъйид шудааст. Ба ибораи дигар, маҳз мавҷудияти манфиати суғуртавӣ амали беҳтарини ҳимояи манфиатҳои суғуртакунанда буда, ба ӯ имкон медиҳад, ки суғурташавандаи бовиҷдонро аз баҳрабардоранда ё аз қаллобии суғуртавӣ фарқгузорӣ кунад. Ғайр аз ин, вақте ки манфиат дар ҳифзи амвол вуҷуд надорад, мавҷудияти манфиат дар ҳифзи амволи суғурташаванда имкон медиҳад суғурта аз бозиҳо ва шартҳо ҷудо карда шавад, зеро бозигар ё иштирокдори шарт маҳз омода ҳаст, ки амволи худро зери хавф гузорад, онро дар гарав бо мақсади бурд кардан гузорад ва хуб медонад, ки метавонад бохт кунад ва ё ин амволро аз даст диҳад. Албатта, дар чунин ҳолат худи категорияи манфиати суғуртавӣ манфиатҳои он суғурташавандагони бовиҷдонро объективона муҳофизат мекунад, ки бо ҳамон суғуртакунанда шартномаҳои суғурта бастаанд ё хоҳанд баст, зеро пардохтҳо ба нафъи қаллобони суғуртавӣ ва дар ниҳоят боиси афзоиши андозаи тарофаи суғуртавӣ ва дар муқоиса бо он мегардад, ки чӣ гуна ин корро метавонист, агар ба суғуртакунанда лозим намеомад, ки маблағҳои захираҳои суғуртавиро барои пардохтҳои суғуртавӣ бинобар ҳодисаҳои тақаллубӣ ё қасдан сохташудаи суғуртавӣ харҷ кунад. Дар робита ба ин, категорияи манфиати суғуртавӣ дар аксари доираҳои ҳуқуқ (юрисдиктсияҳо) тасдиқи қонунгузорӣ гирифт. Дар баъзе ҳолатҳо ба далелҳои мавҷуд набудани манфиати суғуртавӣ дар баҳрабардоранда муроҷиат кардан мумкин аст ва суғурташаванда барои сифати ҳимояи манфиатҳои худ тибқи шартномаи суғуртаи амвол, ки ба фоидаи шахси дигар баста шудааст, агар чунин шуморад, ба нигоҳ доштани объекти суғурта манфиатдор нест, зеро дар худи суғурташаванда чунин манфиат вуҷуд дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, маълум мешавад, ки дар ҳолатҳои шубҳа доштани мақомоти давлатӣ ба мавҷудияти манфиати суғуртавӣ дар ин ё он шахсоне, ки ба манфиати онҳо шартномаи суғуртаи амвол баста шудааст, афзалият бояд ба мавқеи ташкилоти суғуртавӣ дода шавад, зеро зарбаи асосиро

аз қаллобии суғуртавӣ вай ба худ қабул мекунад ва агар суғуртакунанда бастани амалиётеро имконпазир шуморад, дар ин ҳолат масъалаи мавҷудияти манфиати суғуртавӣ бо ин ё он сабабҳо возеҳ нест, пас, ба ақидаи мо, ҳеҷ гуна асос барои дахолати мақомоти давлатӣ ба амалҳои ташкилотҳои суғуртавии марбут ба бастани муомилоти мавриди назар мавҷуд нест.

Аз ин лиҳоз, тавзеҳоти мақомоти давлатӣ дар бораи мавҷуд будан ё мавҷуд набудани манфиати суғуртавӣ дар категорияҳои алоҳидаи шахсоне, ки ба манфиати онҳо шартномаи суғуртаи амвол баста шудааст, бояд комилан беасос эътироф карда шавад. Такрор мекунем, ки категорияи «манфиати суғуртавӣ» барои ҳимояи манфиатҳои ташкилотҳои суғуртавӣ таъйид шудааст ва агар худи суғуртакунанда истифодаи онро ба ин сифат зарур нашуморад, пас ҳеҷ каси дигар ба ҷойи ӯ ин корро карда наметавонад. Аз рӯии талаботҳои илмӣ ва амалӣ саволе ба миён меояд, ки оё категорияи манфиати суғурта метавонад аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади мубориза бо пардохтҳои қасдан амалишаванда, ба шахсони вобаста аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ мавриди истифода қарор дода шавад? Эҳтимолан, не. Суғуртакунандагоне, ки мехоҳанд маблағҳои пулиро ба шахсони алоқаманд интиқол диҳанд, дар ин ҳолат шартномаҳои ғайрибаҳсноки суғуртаи амвол мебанданд, ки дар онҳо категорияи манфиати суғуртавӣ умуман амал намекунад.

Назарияи функсионалии манфиати суғуртавӣ имконияти рушди ҳама гуна шартномаҳои суғуртаро бидуни ягон маҳдудиятҳои расмии марбут ба тафсир ва манфиати суғуртавӣ фароҳам оварда, доираи асосҳои алтернативиро барои даст кашидани суғуртакунандагон аз иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба пардохтҳои суғуртавӣ маҳдуд месозад, яъне ба таври объективӣ ба рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкорӣ монеа эҷод мекунад.

*Соҳибкории суғуртавӣ – ин шакли махсус, як навъ соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо, ҳаёт дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ташкил медиҳад.* Соҳибкор маблағи суғуртавиро интиқол медиҳад, ки онро танҳо дар ҳолатҳои муайян (ҳангоми сар задани ҳодисаи

суғуртавӣ) бармегардонад. Зимни таносуби оптималии андозаи ҳақпулии суғуртавӣ ва маблағи суғуртавӣ бақияҳои ҳақпулиҳо, ки аз даромади соҳибкор иборат мебошанд, объективона ташаккул меёбанд.

Соҳибкории суғуртавӣ аз суғуртаи тиҷоратӣ ва ҳама гуна дастгирии давлат фарқ мекунад. Дар ин ҳолат, суғурта танҳо як намуди фаъолият бо мақсади ба даст овардани фоида буда, фондҳои суғуртавии пардохтҳо дар ҳар як ширкат ба таври алоҳида ташаккул меёбанд. Принсипҳои асосии суғурта, ки дар қонунгузорӣ инъикос ёфтаанд[39], ба тариқи зайл таҳия шудаанд:

- мавҷудияти манфиати амволӣ;
- пешниҳоди иттилооти пурра ва боэътимод оид ба хавф;
- ҷубронпулӣ мутаносибан ба ҳақпулии суғуртавӣ;
- мавҷудияти муносибати сабабӣ – натиҷавӣ байни ҳодиса.

Фаъолияти соҳибкории суғурта бо маблағгузорӣ, бо мақсади ба даст овардани фоида ҳангоми омезиши фоидаи шахсӣ, бо муҳимияти ҷамъиятии ҳифзи суғуртавии манфиатҳои амволии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Соҳибкории суғуртавӣ инҳоро фаро мегирад:

- маҷмуи муносибатҳои марбут ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва ба даст овардани натиҷаи мусбати молиявию иқтисодӣ;
- доштани дониши хуб ва малакаҳои идоракунӣ ва касбӣ, салоҳиятнокӣ дар донистани санадҳои меъёрииии ҳуқуқии марбут ба фаъолияти суғуртавӣ;
- хусусияти молии муносибатҳо бо субъектҳои хоҷагидор дар асоси қонунҳои бозор, амалҳои истеҳсол ва гардиши молӣ;
- муносибатҳо байни суғуртакунандагон бо кормандони бонк, бо мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои бозор;
- ихтироъкорӣ, маҳорати пешбинии хавфҳо ва имконияти ба ҳадди ақал расонидани онҳо.

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта чунинанд:

---

[39] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ш. Душанбе, 23 июни соли 2016. №1349.

- таъсиси ташкилот чун шахси ҳуқуқӣ;

- амалисозии фаъолияти бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ – соҳибкори инфиродӣ – суғуртакунанда;

- иштирок дар фаъолияти суғуртавӣ ба сифати корманд. Намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар расми 1 оварда шудаанд.

Ба ин васила, муваффақияти соҳибкории суғуртавӣ аз ҳолати менеҷменти суғуртавӣ вобаста аст. Мафҳуми «менеҷменти суғуртавӣ» дар якчанд андозагириҳо ифода мешавад: тавсифи ҷанбаҳои асосии идоракунии ташкилоти суғуртавӣ, тавсифи хосиятҳои объектҳои идоракунӣ, низоми нишондиҳандаҳо барои таҳлили ҷанбаҳои идоракунӣ (ҷадвали 1.2.1.).

Ҳамин тавр, аз нигоҳи муаллиф маҷмуи мушаххаси нишондиҳандаҳои мақсадноки аз ҷониби ширкат эълоншуда аз иҷрои вазифаҳои махсуси дар назди он истода вобаста мебошад.

Менеҷменти суғуртавӣ муҳити дохилиро ҳамчун маҷмуаи хосиятҳои гуногун дар назар дорад, ки ҷанбаҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо, таҳдидҳо ва квотаҳои бозории онро муайян мекунанд. Ҳамаи хосиятҳо бо ҳам зич алоқаманд буда, тағйирёбии ҳар кадоми онҳо ногузир ба тағйир ёфтани хусусият ва ҳолати хосиятҳои дигар оварда мерасонад. Ҳамаи ҷанбаҳои идоракунии менеҷменти суғуртавӣ ба самаранокии фаъолияти суғуртавӣ таъсир мерасонанд, зеро онҳо ба дараҷаи муайян иқтидории бозаргонии суғуртакунанда, яъне сохтори портфели суғуртавӣ, вазъи молиявӣ, низоми фурӯш, таҳқиқотҳои маркетингиро инъикос менамоянд. Нишондиҳандаҳои калидии менеҷменти суғуртавӣ инҳоянд:

– вазъи молиявӣ;

– тавсифоти сифатӣ ва миқдории маҳсулоти суғуртавӣ;

– сохтори пойгоҳи муштариён ва динамикаи тағйирёбии он;

– дараҷаи мувофиқати сохтори ташкилоти суғуртавӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда;

– дараҷаи мутобиқати сатҳи касбӣ – тахассусии кадрҳо ба талаботи тарофавии тахассусӣ.

**Ҷадвали 1.2.1.**

**Ҷанбаҳои асосии менеҷменти суғуртавӣ**

| Ҷанбаҳои идоракунӣ | Хосиятҳои объектҳои идоракунӣ | Низоми нишондиҳандаҳо барои таҳлили ҷанбаҳои идоракунӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Пойгоҳи аввалия барои арзёбии ҳолат | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| **Менеҷмент** | Низоми маъмурӣ–идоракунӣ | Принсипҳои истифодашавандаи низоми идоракунӣ, механизми идоракунӣ | Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти низоми маъмурӣ-идоракунӣ |
| **Кормандон** | Захираҳои инсонӣ | Ҳайати касбӣ– тахассусӣ<br>Хислатҳои шахсиятии кормандон<br>Ҳавасмандсозии меҳнат | Самаранокии истифодаи захираҳои инсонӣ<br>Самаранокии ҳамкории кормандон<br>Фароҳам овардани захираи кадрӣ |
| **Маҷмуи маҳсулоти суғуртавӣ** | Портфели суғуртавӣ ва сохтори соҳибкорӣ | Хусусиятҳои маҳсулоти суғуртавӣ аз мавқеи муштариён суғурташавандагон | Мувофиқати хусусияти маҳсулоти суғуртавӣ ба манфиатҳои суғуртавии муштариён |
| **Воситаҳои асосӣ** | Заминаи моддӣ–техникӣ (фондҳои асосӣ, шахсӣ ва ба иҷора гирифташуда) | Сохтор ва хусусиятҳои сифатӣ, фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии фондҳои асосӣ | Самаранокии истифодаи фондҳои асосӣ |
| **Маркетинг** | Низоми ташкилии ҳамкории ташкилоти суғуртавӣ бо бозори суғурта | Мавҷудияти стратегияи маркетингӣ<br>Истифодаи реклама<br>Низоми ташкилӣ-технологии фурӯши полисҳои суғуртавӣ<br>Низоми ташвиқи фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ | Самаранокии чорабиниҳо дар соҳаи маркетинг |
| **Иттилоот** | Низоми иттилоотӣ-технологӣ | Дараҷаи низомҳои иттилоотӣ-технологии пешрафтагӣ<br>Хусусиятҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот | Дараҷаи мутобиқати иттилоот ба қарорҳои қабулшаванда<br>Суръати гузаштани иттилоот |
| **Низоми молиявӣ** | Механизми молиявӣ | Вазъи молияви ташкилоти суғурта<br>Методҳо ва усулҳои таҳлил ва назорати вазъи молиявии суғуртакунанда | Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ |
| **Фалсафа ва фарҳанги суғуртакунанда** | Идеология ва рисолат | Низоми арзишҳо дар гурӯҳ<br>Анъанаҳои корпоративӣ | Фазои равонӣ<br>Симо ва эътибори кории суғуртакунанда<br>Эътироф дар бозори суғурта |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Дар шароити таҳаввулоти бозории ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ асосҳои институтсионалии соҳибкорӣ дар бахши суғуртавӣ ташаккул ва инкишоф ёфтанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» шароит барои амалисозии ҳуқуқи суғуртакунӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ин ҷо, ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун соҳаи соҳибкорӣ, дар тиҷорат ба сармоягузорӣ машғул буда, барои ба даст овардани фоида кӯшиш менамоянд ва бо ин васила дар эҷоди ММД ва рушди иқтисодиёти кишвар фаъолона иштирок мекунанд. Тибқи моддаи 19-и Қонуни мазкур, «суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғурта) ҳуқуқ доранд, захираҳои суғуртавиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кунанд ва ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ бояд дар шароити диверсификатсия, бозгаштӣ, фоиданокӣ ва қобили пардохтӣ амалӣ карда шаванд».[40]

**Ҷадвали 1.2.2**

**Хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкорӣ**

| ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ | |
|---|---|
| **Доштани иҷозатнома** | Ҳангоми додани иҷозатнома ба намудҳои алоҳидаи суғурта мақомоти Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати фаъолияти суғуртавӣ қоидаҳои суғуртаи ин намуд ва тарофаҳои суғуртавиро тасдиқ мекунад |
| **Танзим ва назорати фаъолияти суғуртавӣ** | Фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон танзим ва назорат карда мешавад (моддаи 22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»). |
| **Ҷуброни зарар аз ҳодисаҳои суғуртавӣ** | Зарурати пурракунии доимии фондҳои суғуртавӣ аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ |
| **Баробар тақсим кардани хавфҳо** | Як қисми хавфҳо ба ташкилоти дигари суғурта интиқол дода шуда, дар тамоми низоми иқтисодӣ баробар тақсим карда мешаванд |
| **Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ** | Давлат барои ташкилотҳои суғуртавӣ андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, ҳудудҳои нисбати байни дороиҳо ва ухдадориҳои суғуртавиро муайян менамояд |
| **Танзими иштироки ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ** | Давлат дар доираи қонунгузории амалкунанда метавонад, иштироки ташкилотҳои суғуртавии хориҷиро дар сармояи суғуртакунандагони ватанӣ тавассути квотаи иштироки сармояи хориҷӣ дар сармояҳои оинномавии ташкилотҳои ватании суғурта ва дигар намудҳои фаъолият муқаррар намояд. |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз адабиёти соҳавӣ*

[40] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ш. Душанбе, 23 июни соли 2016. №1349.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун субъектҳои махсусгардонидашудаи бозори суғурта амалӣ карда мешавад. Д.И. Мейер менависад, ки «суғуртаи дар мабдаи тарафайн ташкилшуда барои иштирокдорон фоидаовартар аст, зеро ҳақпулии гузоштаи онҳо ба таври истисноӣ барои ҷуброни зарар истифода мешавад... Дар ҳар сурат, бақия моликияти умумии иштирокдорони шартномаро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ҳангоми суғуртакуние, ки дар асоси мабдаи саноатӣ ташкил карда мешавад, суғуртакунанда саъй мекунад фоидаи имконпазири калонтарро ба даст орад, боқимондаи он мукофот буда, дар ҳама ҳолат моликияти суғуртакунанда, фоидаи онро ташкил медиҳад. Аммо, бо вуҷуди ин усули суғуртакуние, ки дар асоси мабдаи саноатӣ ташкил карда шудааст, бештар маъмул аст»[41].

Вобаста ба ин, афзоиши фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ бо рушди бозори суғурта зич алоқаманд мебошад. Аммо, раванди фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ ҳамчун мол дар бозор аз равандҳои дигар ё шабеҳи соҳибкорӣ фарқ мекунад. Агар субъектҳои одии соҳибкорӣ дар ибтидо ба раванди истеҳсоли молҳо (хизматрасониҳо) маблағгузорӣ карда, пас аз фурӯши мол муштариён маблағро пардохт кунанд, пас дар суғурта раванди баръакс дида мешавад. Дар ин ҷо истеъмолкунанда ба ташкилотҳои суғуртавӣ пешпардохт мекунад, зеро мукофоти суғуртавӣ ҳамчун пардохт барои маҳсулот /хизматрасонӣ/ одатан дар оғози амали шартномаи суғурта пардохта мешавад. Татбиқи воқеии маҳсулоти суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ барои муддати тулонӣ амалӣ карда мешавад, албатта, агар ҳодисаи номатлуб рух дода бошад. Маҳз, дар ҳамин фарқи куллии байни соҳибкорӣ дар бахши суғурта аз дигар намудҳои соҳибкорӣ дида мешавад. Ғайр аз ин, суғурта ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои хоси зерин мебошад:

**Якум**, ба фаъолияти онҳо иҷозатнома дода мешавад: иҷозатнома мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба навъҳои алоҳидаи суғурта дода мешавад (моддаи 23

[41] http://www.pravo.vuzlib.su/book_z1743_page_94.html.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»). Ҳангоми додани иҷозатнома ба намудҳои алоҳидаи суғурта мақомоти Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати фаъолияти суғуртавӣ қоидаҳои суғуртаи ин намуд ва тарофаҳои суғуртавиро тасдиқ мекунад.

**Дувум**, фаъолияти онҳо аз ҷониби мақомоти Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати фаъолияти суғуртавӣ танзим ва назорат карда мешавад, яъне мавриди танзим ва назорати махсус қарор дода мешавад (моддаи 22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»).

**Сеюм**, фаъолияти онҳо ба ҷуброни зарар аз ҳодисаҳои суғуртавӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, онҳоро зарур аст, ки пурракунии доимии фондҳои суғуртавиро аз ҳисоби фурӯши назарраси маҳсулоти гуногуни суғуртавӣ таъмин намоянд. Дар моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мафҳумҳои агенти суғурта ва брокери суғурта муайян карда шудаанд, ки ба сифати миёнаравон ҳангоми фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ амал карда, ба ташкилотҳои суғуртавӣ имкон медиҳанд, ки фондҳои суғуртаро аз ҳисоби чунин фурӯшҳо бетанаффус пурра кунанд.

**Чорум**, фаъолияти онҳо бо қабули хавфҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ алоқаманд аст, бинобар ин, барои баробар тақсим кардани ин хавфҳо ниҳоди азнавсуғуртакунӣ истифода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки онҳо як қисми хавфҳоро ба ташкилоти дигари суғурта интиқол медиҳанд. Дар натиҷаи ин, хавфҳо дар тамоми низоми иқтисодӣ баробар тақсим карда мешаванд. Илова ба гуфтаҳои боло, хусусиятҳои дигари фаъолиятро қайд кардан бамаврид аст, ки ба танзими ҳуқуқии эътибори суғуртавӣ хос мебошанд.

Илова бар хусусиятҳои дар боло номбаршуда, боз як қатор хусусиятҳои муҳимми марбут ба сохтори институтсионалии низоми суғуртавии кишвар вуҷуд дорад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” барои ташкилотҳои суғуртавӣ андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, ҳудудҳои нисбати байни дороиҳо ва уҳдадориҳои суғуртавӣ,

назорати қатъии асоснокии нархи хизматрасониҳои суғуртавиро пешбинӣ карда, қоидаҳои ташаккул ва ҷойгирсозии захираҳои суғуртавӣ, инчунин шаклҳои махсуси баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро муқаррар менамояд. Давлат дар доираи қонунгузории амалкунанда метавонад иштироки ташкилотҳои суғуртавии хориҷиро дар сармояи суғуртакунандагони ватанӣ маҳдуд кунад: вай квотаи иштироки сармояи хориҷиро дар сармояҳои оинномавии ташкилотҳои ватании суғурта ва дигар намудҳои фаъолият муқаррар менамояд.




**Расми 1. Навъҳои соҳибкории суғуртавӣ**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳияи гардидааст.*

Фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ, ки дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, аз трансаксияҳои зерин иборат аст:

- фурӯши хизматрасониҳо, яъне бастани шартномаҳои суғурта;

- ситонидани ҳақпулиҳои суғуртавӣ, ташкил ва ҷойгиркунии захираҳо ва фондҳои суғурта;
- анҷом додани пардохтҳои суғуртавӣ ҳангоми ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;
- қатъ ё бекор кардани шартномаи суғурта.

Ҳамин тариқ, фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори суғурта зуҳур намуда, сатҳи рушди он, тавре ки аллакай қайд карда шуд, ба дараҷаи ташаккули бозори суғурта вобаста аст. Аз тарафи дигар, ба сифати агентҳо ё ҳалқаҳои асосии бозори суғурта ташкилоти суғуртавӣ амал мекунад. Онҳо аз шакли мушаххаси ташкили фонди суғуртавии суғуртакунанда ва бозори суғурта иборат мебошанд, ки дар алоҳидагии пурраи захираҳо ва мустақилияти онҳо дар амалисозии фаъолияти суғуртавӣ ва дигар намудҳои фаъолиятҳо ифода меёбад.

Пас, дар ин робита, самти хизматрасониҳои суғуртавӣ дар фаъолияти соҳибкориро дида мебароем.

## 1.3. Хизматрасониҳои суғуртавӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Соҳибкории суғуртавӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти бозорие мебошад, ки ба таҳия ва фурӯши маҳсулоти суғурта ва хизматрасониҳои суғурта алоқаманд буда, метавонад даромад оварда, мавқеи мусбати ташкилотҳои суғуртавиро дар бозори суғурта баланд созад. Соҳибкор–суғуртакунанда бо фаъолияти тиҷоратӣ ба таври доимӣ аз номи худ ва ё аз номи муассисон зери масъулияти амволӣ, «ба тарсу хавфи худ» машғул мебошад. Барои равшанӣ андохтан ба мафҳуми хизматрасониҳои суғуртавӣ, пеш аз ҳама, мазмуни хизматрасониро дида мебароем.

Хизматрасонӣ падидаи нисбатан мураккаби ҷамъиятист, аз ин рӯ, то ҳол назарияи кифояи хизматрасонӣ вуҷуд надорад. Мавҷудияти назарияи хизматрасониҳо метавонад хароҷот барои таҳияи на танҳо регламент ва стандартҳои хизматрасонӣ, балки технологияҳои истеҳсоли хизматҳоро низ

коҳиш диҳад. Дар робита ба ин, таҳияи назарияи хизматрасониҳои суғуртавӣ таъхирнопазир ва муҳим ба назар мерасад. Масъалаи асосӣ дар назарияи хизматрасониҳо бояд масъалаи моҳияти хизматрасониҳо гардад, яъне маҳсулоте, ки «хизматрасонӣ» ном дорад, аз чӣ иборат аст ва чӣ гуна он аз ҷониби раванди хизматрасонӣ истеъмол мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми хизматрасонӣ мавҷуданд. Масалан, тибқи Энсиклопедияи калони шӯравӣ, хизматрасонӣ – ин як фаъолияти муайяни мақсадноке мебошад, ки дар шакли меҳнати нафънок ва ё муфид вуҷуд дорад, яъне хизматрасонӣ ин муносибате мебошад, ки аз амали муфиди меҳнате, ки ҳамчун фаъолият истеъмол мешавад, ба вуҷуд меояд. В.И.Ширай таърифи зерини хизматрасониро медиҳад: «Хизматрасонӣ – ин фаъолияти меҳнатии мақсадноке мебошад, ки натиҷаҳои он дар таъсири судманде ифода ёфта, талаботи ашхоси алоҳида ё ҷомеаро дар маҷмуъ қонеъ мегардонад»[42]. Тибқи таърифи олими амрикоӣ Т. Ҳилл, «хизматрасонӣ метавонад ҳамчун тағйирёбии ҳолати инсон ё ашёе таъриф карда шавад, ки ба ҳар як иштирокдори муносибатҳои иқтисодӣ тааллуқ дошта, дар натиҷаи амалҳои бошууронаи дигар иштирокдори муносибатҳои мавриди назар ба даст оварда мешавад. Дар ин замина, таъсиррасонӣ дар асоси созишномаи пешакии ихтиёрии онҳо ба амал меояд»[43]. Мо ҷонибдори ақидаҳои муҳаққиқони ватанӣ мебошем, ки раванди хизматрасониро бо тағйирёбии ҳолати сифатии он объекте, ки хизматрасонӣ ба он нигаронида шудааст, пайваст мекунанд[44].

Бархе аз ташкилотҳои байналмилалӣ таърифи каме фарқкунандаи хизматрасониро аз таърифи дар боло баёнгардида пешниҳод кардаанд. Масалан, Созишномаи кулли савдои хизматрасониҳо(СКСХ) ба ин назар аст, ки хизматрасониҳо як намуди мол буда, аз ин рӯ, зери амалиёти мубодилот қарор мегиранд[45]. Дар СКСХ истеъмолкунандаи хизматрасонӣ ҳар як шахсеро дар назар дорад, ки хизматрасониро қабул мекунад ё истифода мебарад, яъне он

---

[42] Ширай В.И. Мировая экономика и международные отношения. – М.: Дашков и Ко. 2003. С. 226.
[43] Hill T. On goods & services // Rev. of income & wealth. – 1977. – Ser.23. – №4. С . 315 – 338.
[44] Мирсаидов А.Б. Генезис и основные этапы развития теории услуг//экономика Таджикистан, 2013. № 2. С. 32 – 43.
[45] Ҳамон ҷо. С. 117.

шахс шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад. Ғайр аз ин, дар СКСХ хизматрасониҳо – хизматрасониҳо дар ҳар гуна бахш, ба истиснои хизматрасониҳое, ки ҳангоми амалисозии вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ расонида мешаванд, ба ҳисоб мераванд, ки дар он ҳар гуна хизматрасониҳое мебошанд, ки дар асоси ғайритиҷоратӣ ва дар шароити ғайрирақобатӣ бо як ё якчанд таъминкунандагони хизматрасониҳо таъмин карда мешаванд. Ба мафҳуми таъминкунандаи хизматҳо: истеҳсол, тақсимот, маркетинг, фурӯш ва расонидани хизматҳо дохил мешаванд. Маркетинги хизматрасониҳо таърихи хеле тулонӣ дорад. Яке аз амсилаҳои барвақтии хизматрасониҳо амсилаи Д. Ратмел (с. 1974) ҳисобида мешавад, ки тавассути он масъалаи омӯзиши ниёзҳои истеъмолкунандагон ва мониторинги раванди истеъмоли хизматрасониҳо нишон дода шудааст. Амсилаҳои охирин амсилаҳои М. Битнер ва Ф. Котлер маҳсуб меёбанд[46]. Дар амсилаи аввал чунин мафҳумҳо, аз қабили: мол, иртиботот, пойгоҳҳои тақсимотӣ, нарх, далели моддӣ, раванд ва одамон истифода мешаванд. Дар амсилаи дуюм консепсияи секунҷа истифода мешавад, ки аз амалҳои зерин: истеъмолкунандагон, кормандон ва роҳбари ширкат иборат аст. Бинобар ин, объект ва предмети назарияи хизматрасониҳои суғуртавӣ муносибатҳое шуда метавонистанд, ки байни суғуртакунанда, суғурташаванда ва мақомоти ҳокимиятии марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳо, муносибатҳои шартномавӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо, қонуниятҳои ҳамкориҳои воқеӣ дар доираи ин муносибатҳо, инчунин меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи қонун ба вуҷуд меоянд.

Мутобиқи назарияи институтсионалӣ, ҳамаи муносибатҳо оид ба мубодилаи хизматрасониҳои суғурта тавассути шартнома танзим карда мешаванд. «Шартнома – ин созишнома оид ба танзими муносибатҳо байни агентҳои иқтисодӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро мушаххас месозад»[47]. Ба сифати ҳадафи чунин таҳқиқот ба таҳлили илмӣ – назариявии

---

[46] Нестеров А.В. О теории услуг. 2006. С. 59 - 61 /hse.ru/data/688/349/1234/О.
[47] Чепурин М.Н. Курс экономической теории. Учебник. г. Киров «АСА» 2006. - 832 с.

шартномаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ, муайян кардани моҳияти онҳо ҳамчун механизми танзими ҷамъиятӣ ва инфиродии ҳуқуқии муносибатҳо ва ҳамкориҳо дар пешниҳоди хизматрасониҳо, таҳияи амсилаи оптималии муносибатҳои ҳуқуқии байни суғуртакунанда ва суғурташаванда ишора кардан мумкин аст, ки дар доираи онҳо бояд ҳамкориҳое амалӣ карда шаванд, ки манфиатҳои мубодилотии иштирокдорон ва ҷомеаро таъмин мекунанд. Дар робита ба ин вазифаҳои зеринро ҳал кардан зарур аст:

- муайян кардан ва омӯхтани хосиятҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ, тасниф намудани онҳо ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ;
- муайян кардани мафҳуми хизматрасониҳои суғуртавӣ ва шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳо, таснифи чунин шартномаҳо ва соҳаҳое, ки дар онҳо истифода мешаванд;
- таҳқиқи маҷмуи талаботҳое, ки нисбат ба суғуртакунандагон, равандҳои пешниҳоди хизматрасониҳо ва муҳите, ки дар он хизматрасониҳо амалӣ мегардад, пешниҳод мешаванд;
- таҳқиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда;
- омӯзиши хусусиятҳои бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- омӯзиши масъалаҳои масъулияти суғуртакунанда барои пешниҳоди хизматрасониҳои номатлуб ё радди беасоси пешниҳоди онҳо.

Бинобар ин, соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта, пеш аз ҳама фаъолиятҳое мебошанд, ки таъйиноти функсионалии онҳо дар соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, дар истеҳсол ва фурӯши хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддии суғуртавӣ барои агентҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ ифода меёбад. Дар маҷмуъ, хизматрасониҳои суғуртавӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд, ки онҳоро аз мол фарқ мекунонанд: ғайримоддӣ (хусусияти ғайримоддӣ), ҷудонашавандагӣ аз ашхосе, ки хизматрасониҳоро истеъмол мекунанд (хусусияти инфиродии истеъмол), ғайриимконии нигаҳдорӣ (ҷамъоварӣ ва интиқол ғайриимкон аст), ҷудонашавандагии истеҳсолот ва истеъмоли хизматрасониҳо ва бесуботии сифат, ки ҳангоми пешниҳод кардани он на танҳо

натиҷа, балки раванди пешниҳоди хизматрасониро ҳам ба назар гирифтан зарур аст. Дар айни замон, истеъмоли хизматрасониҳо, бар хилофи истеъмоли неъматҳои моддӣ, маҳдудият надорад.

Тавре дар боло таъкид шуд, хизматрасониҳо як намуди мол буда, бинобар ин, онҳо зери амалиётҳои мубодилот ва савдо қарор мегиранд. Аз ин рӯ, рушди соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта, пеш аз ҳама, аз дараҷаи огоҳӣ ва талаботи субъектҳо, мафҳуми молҳои бозори суғурта ва маҳсулоти суғуртавӣ вобаста мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки асоси моли суғуртавӣ маҳсулоти суғуртавӣ мебошад. Маҳсулоти суғуртавӣ мафҳуми марказии бозори суғурта мебошад. Маҳсулоти суғуртавӣ назар ба худи хизматрасонии суғуртавӣ мафҳуми мураккабтар буда, маҷмуи фаъолиятҳо ё параметрҳои асосии зеринро дар бар мегирад: *объект ва предмети суғурта, рӯйхати хавфҳо ва истисноҳои суғуртавӣ, франшиза, маблағи суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ (ҳақпулиҳои суғуртавӣ), тарофаҳои суғуртавӣ ва имконияти тасҳеҳи онҳо вобаста ба параметрҳои суғурта ва омилҳои хавфи суғуртавӣ, хизматрасониҳои иловагӣ ва ҳамроҳикунанда, технологияи пешбурди хизматрасониҳо, хизматрасониҳои пас аз фурӯш, ташкили низоми пардохтҳои суғуртавӣ.*

Маҳсулоти суғуртавӣ ҳамчун маҷмуи хизматрасониҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи пайомадҳои гурӯҳи мушаххаси ҳодисаҳои номусоид мебошад, ки дар шартномаи суғурта муайян карда шуда, аз ҷониби ширкат ба муштарӣ пешниҳод карда мешавад[48]. Вай хизматрасониҳои асосӣ ва иловагиро дар бар мегирад. Мазмуни асосии маҳсулот – ҷуброни зарар дар ҳолати ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ буда, дар маҷмуи муайяни хизматрасониҳои асосӣ ифода меёбад. Дар шакли содатарин метавонад пардохти ҷуброни пулӣ бошад, аммо аксар вақт онро бо маҷмуи чораҳое иваз мекунанд, ки ба рафъи пайомадҳои ҳодисаи суғуртавӣ нигаронида шудаанд .

Ғайр аз ин, маҳсулот метавонад як қатор хизматрасониҳои иловагиро дар бар гирад, ки бевосита ба суғурта алоқаманд нестанд. Ба ин, масалан, шомил

---

[48] http://vuzlib.net/beta3/html.

кардани суғурташаванда ба низоми тахфиф, машваратдиҳии ҳуқуқӣ ва андозе, ки марбут ба суғурта намебошад, кӯмак дар баҳрабардорӣ аз амволи суғурташаванда (мисоли маъмулӣ – шомил кардани кӯмаки фаврии техникӣ ба полиси суғуртаи мошинҳо дар мавриди корношоям шудани мошин) мансуб мебошанд.

Бисёре аз ширкатҳо вақте ки моҳияти маҳсулоти худро танҳо бо ҷубронпулӣ ҳангоми ба амал омадани ҳодисаи суғурта маҳдуд месозанд, ба хатоӣ роҳ медиҳанд. Хизматрасонии ниҳоии суғуртакунанда аз рӯйи имконият, бояд пеш аз ҳама, на пардохти нақдӣ, балки рафъи зуд ва коҳиши пайомадҳои ҳодисаи суғурта бошад. Масалан, метавонад барқарор кардани амволи харобшуда – таъмири хона ё мошин бошад. Формулаи маҳсулоти суғуртавии «хизматрасонӣ барои пул» барои истеъмолкунандагон нисбат ба формулаи «пул барои пул», ки онро аксар вақт ширкатҳо истифода мебаранд, фаҳмотар ва мақбултар аст. Дар ҳолати охирин, дар суғурташаванда саволе пайдо мешавад: чаро суғурта кунам, агар пулро барои ҳар гуна ҳолат пасандоз кардан мумкин бошад? Дар ҳоле, ки ҳангоми барқарор кардани амвол бо қувваҳои суғуртакунанда муштарӣ мефаҳмад, ки ӯ барои кафолати зуд раҳоӣ ёфтан аз мушкилот дар ҳолати садама ё офати табиӣ пул медиҳад. Хизматрасонии суғуртакунанда дар ҳолати мазкур – халосии боэътимод аз тарсу ҳарос, мушкилоти ғайричашмдошт, боварӣ ба он мебошад, ки ширкат аз муштарӣ бори масъулиятро барои оянда сабук намуда, умедро бо роҳати равонӣ медиҳад. Дар боло аллакай қайд карда шуд, ки муҳофизат аз тарс дар назди истеъмолкунанда нисбат ба муҳофизати одӣ аз хисороти моддӣ гаронтар аст. Аз ин рӯ, фаъолияти ширкати муассири суғуртавӣ бояд маҳз ба муҳофизат, бо роҳи пешниҳоди хизматрасониҳо нигаронида шуда бошад. Полисҳое, ки муҳофизати пурраро аз ҳодисаи суғуртавӣ таъмин мекунанд, аз ҷониби истеъмолкунандагон мавриди бозхости бештар қарор гирифтаанд. Дар инҷо яке аз гаравҳои рушди суғурта ниҳон мебошад – барои ширкатҳо, пеш аз ҳама, зарур аст ба фурӯши хизмати ниҳоӣ ба суғурташавандагон самтгирӣ намоянд,

ки ҳамаи маҷмуи амалҳои марбут ба зудӣ ва беҳбудӣ барои муштарӣ рафъ кардани пайомадҳои ҳодисаи суғуртавиро дар бар мегирад.

Мисли ҳама гуна хизматрасониҳо, маҳсулоти суғуртавӣ арзиши муайяни истеъмолӣ ё сифатӣ доранд, зеро фоиданокии хизматрасонӣ ва хосиятҳоеро доро мебошанд, ки ба туфайли онҳо метавонанд ин ё он талаботи одамонро қонеъ гардонанд. Талаботҳои одамон дар навбати худ гуногунанд. Назарияи олими амрикоӣ А. Маслоу[49] густариши бештар пайдо кардааст, ки мувофиқи он ҳамаи талаботҳо тибқи принсипи зинанизом бо тартиби болораванда аз «пасттар» ба «баландтар» қарор мегиранд. Ба «пасттар» ё субстантсиалӣ вай: а) талаботи физиологӣ (хӯрокӣ, нӯшокӣ ва ғайра) ва б) талаботи амниятӣ (муҳофизат аз нокомӣ, хашм, тарс ва ғайра)-ро шомил кардааст. Тавре ки мебинем, муҳофизат аз тарсу хавф дар тартиби талаботҳо ҷойгоҳи калидиро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, суғурта ҳамчун соҳаи муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бояд ҷойгоҳи сазоворро ишғол намояд.

Ҳамин тариқ, маҳсулоти хосе, ки дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ фурӯхта мешаванд, «хизматрасонии суғуртавӣ» ба ҳисоб мераванд. Агар хизматрасонӣ барои фурӯш эҷод шуда, дар бозор ба харидорон пешниҳод шуда бошад, пас он мақоми молро касб мекунад. Мураккабӣ ва вижагии фурӯши моли суғуртавӣ дар он аст, ки ба монанди баъзе хизматрасониҳои дигари бо пул фурӯхташаванда он ноаён аст (масалан, сурудхонӣ дар консерт). Аммо хусусиятҳое мавҷуданд, ки моли суғуртавӣ (хизматрасонӣ оид ба муҳофизати суғуртавӣ) - ро аз хизматрасониҳои ғайрисуғуртавӣ ҷудо мекунанд. Фурӯшандаи чиптаҳои консерт бо гирифтани пул ё харидорро фавран ба толори консертӣ, ё дар вақт ва рӯзи дар чипта нишондодашуда ба толор роҳ медиҳад. Агар консерт баргузор нашавад, пул ба харидорони чиптаҳо баргардонида мешавад. Дар мавриди маҳсулоти суғуртавӣ бошад, вай дар бозор ба харидорон ҳамчун *ваъдае* пешниҳод карда мешавад, ки бо шартҳои сершумор пешбинӣ шуда, аз иҷро бо мӯҳлати номуайян дур мебошад. Ваъдаи додашуда метавонад

[49] Общая экономическая теория (политэкономия) Учебник. под. общ. ред. акад. В.И.Видяпина, акад. Г.П. Журавлева М.: ПРОМО – Медия, 1995. 608 с. С. 53.

тамоман иҷро нашавад, агар зимни суғуртаи хавф ҳодисае рух надиҳад, ки харидор аз он бо пардохти пули худ суғурта шудааст.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои зерини молҳои суғуртавиро фарқ кардан мумкин аст. Аввалан, суғуртакунанда дар бозор муомилаеро пешниҳод мекунад, ки дар натиҷаи он харидор пулро бечунучаро пардохт мекунад (чун қоида, ҳангоми имзо кардани шартнома, аммо ба таъхир андохтани пардохт низ имконпазир аст), аммо моддишавии моли суғуртавиро мумкин аст дар оянда ба даст орад. Ҳамин тариқ, аз ҷиҳати мазмун моли суғуртавӣ – ин якпорчагии хизматрасонии ҳанӯз моддинашуда (ваъдаи хизматрасонӣ) ва хизматрасонии аллакай моддишуда (пардохти суғуртавӣ) дар ҳимояи суғуртавии манфиатҳои истеъмолкунанда мебошад. Пеш аз сар задани ҳодисаи суғуртавӣ танҳо *як тараф* – ваъдаи хизматрасонӣ дар ҳимояи суғуртавӣ татбиқ мешавад. Ин ваъда бо шартномаи хаттӣ ва захираҳои суғуртавии суғуртакунанда кафолат дода шудааст. Бояд қайд кард, ки ин кафолатҳо ба суғуртакунанда таъсироти гуногуни судманд: оромӣ, ҳисси эътимод ба худ дар корҳо, эътимоди мусбати шарикии «ҷиддӣ», имконияти гирифтани қарз ва ғайраро таъмин менамоянд. Маҳз ваъдаи хаттӣ ва кафолати ҳимояи суғуртавӣ тарафи (қисми) хизматрасонии суғуртавӣ, ҳамчун мол амал мекунад. *Тарафи дуюми* моли суғуртавӣ ба он рабт дорад, ки ҳангоми сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, ки муштарӣ аз он суғурта шудааст, хизматрасонии ғайримоддӣ (ваъдаи хаттии кафолатнок дар ҳимояи суғуртавӣ) дар шакли пардохти суғуртавӣ моддӣ мешавад: масалан, дар ҷуброни зараре, ки ба манфиатҳои суғурташаванда расонида шудааст.

Пардохти суғуртавӣ – ин тарафи (қисми) дуюми моли суғуртавӣ мебошад, ки дар тарафи (қисми) якуми он – ваъда ва кафолати ҳимояи суғуртавӣ моддӣ мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳоди моли суғуртавӣ дар бозор ба муштарӣ чунин пешниҳод карда мешавад: пулро шумо ҳоло пардохт кунед ва барои ин, шояд рӯзе пардохти суғуртавӣ хоҳед гирифт. Сониян, мураккабии пешниҳоди моли суғуртавӣ бо он амиқтар мешавад, ки пас аз хондани шартномаи суғурта аксари муштариён на ҳамеша чизеро, ки дар он навишта

шудааст, фаҳмида метавонанд, зеро истилоҳ ва мафҳумҳои суғурта (аммо бе истифодаи онҳо бастани шартнома номумкин аст) мураккаб буда, барои муштарии «миёнаоморӣ» ҳамчун «дом» ба назар расида, шубҳа ба вуҷуд меоранд.

Якчанд роҳи рафъи дарки манфии моли пешниҳодшудаи суғуртавӣ вуҷуд дорад: баланд бардоштани фарҳанги суғурта дар ҷомеа (корҳои фаҳмондадиҳӣ, пешбурди иҷтимоӣ ва ғайра); кори босаводона тарҳрезишудаи худи суғуртакунандагон. Сеюм, вижагии мол – «хизматрасонии суғуртавӣ» дар он аст, ки хароҷоти истеҳсолии ин мол, инчунин фоида дар ҳамаи марҳилаҳо танҳо дар асоси мушоҳидаҳои дар гузашта пешбиникардашуда тахмин карда мешаванд. Андозаҳои дақиқи онҳо ба суғуртакунанда танҳо ҳангоми сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, ҳисоб кардани хисорот, муайян кардани ҷуброн ва пардохтҳо аз рӯйи он, яъне танҳо дар сурати моддишавии хизматрасонии инфиродӣ оид ба ҳимояи суғуртавӣ маълум мешаванд. Ва ниҳоят, чорум, яке аз хусусиятҳои асосии фурӯши моли суғуртавӣ оид ба шартномаҳо талаботҳои суғурташавандаи муайян нисбат ба шартномаи муқаррарии суғурта мебошад. Дарёфт кардани ду шартномаи якхелаи суғурта, ки аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ комилан мувофиқат мекунанд, амалан ғайриимкон аст.

Тавре, ки маълум аст яке аз омилҳое, ки аз ҷониби субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ниҳоди суғуртаро ташаккул медиҳад, арзёбии нокифояи нафънокии молиявии амалиётҳои суғуртавӣ мебошад. Арзёбии нафънокии ҳама гуна амалиёти иқтисодиро иштирокдори эҳтимолии он аз ду мавқеъ анҷом медиҳад: яъне аз нуқтаи назари нафънокии объективӣ ва субъективӣ. Дар ҳолати мавҷудияти арзиши мусбати нишондиҳандаи мазкур (арзиши манфии нафънокии зарар аст) субъекти эҳтимолии амалиёти иқтисодӣ иштирок карданро дар он зарур мешуморад. Хатоии аслии субъекти иқтисодӣ дар марҳилаи банақшагирии фаъолияти иқтисодӣ арзёбии самаранокии он на аз он мавқеъҳое мебошад, ки ба шахсе, ки дар бораи иштирок дар амалиёти иқтисодӣ қарор қабул мекунад, мувофиқат карда, нафънокии субъективиро бо нафънокии

объективӣ омехта мекунанд, тавре ки дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад.

Бинобар ин, бо усули объективӣ (номиналӣ) муайян кардани нафънокии амалиёти иқтисодӣ фоидаеро ба таври объективӣ андозагирӣ мекунад, ки субъекти амалиёти иқтисодӣ ба даст оварда, онро барои ҳар як шахс, аз ҷумла барои онҳое, ки дар муносибатҳои имконпазири иқтисодӣ, новобаста аз тағйироти муваққатӣ иштирок намекунанд, баробар муайян мекунад.

Бо усули субъективӣ (воқеӣ) бошад муайян кардани нафънокии амалиёти иқтисодӣ фоидаеро андозагирӣ мекунад, ки иштирокдори он танҳо дар робита бо субъекти мавҷудае ба даст меорад, ки нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ афзалият дошта, аз ин рӯ ҳар як шахс дорои арзёбии субъективии нафънокӣ ё зарарнокии иштироки худ дар амалиёти иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тавр, фоиданокии воқеии хариди автомашина барои шахси вобаста ба мавҷудияти он аз арзиши 100 ҳазор сомонӣ баҳои объективӣ болотар рафта, ба 120 ҳаз. сомонӣ мерасад, дар ҳоле, ки ӯ мушкилоти нақлиётӣ надорад, фоиданокии воқеии автомашина ба объективӣ нарасида, маблағи 50 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Усули субъективии муайян кардани нафънокӣ, ба ақидаи мо, бо эътимоднокии бештар дар арзёбии равандҳои иқтисодӣ дар ҷомеа фарқ мекунад.

Дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа амалан танҳо усули объективии андозагирӣ кардани нафънокии амалиётҳои суғуртавӣ истифода мешавад, ки таъсири воқеии истифодаи воситаҳои суғуртавии ҳимояи манфиатҳои амволии корхонаҳо ва шаҳрвандони кишварро таҳриф мекунад. Арзёбии объективонаи нафънокии амалиётҳои суғуртавӣ барои суғуртакунанда дар асоси муқоисаи хароҷоти хариди маҳсулоти суғуртавӣ бо фоидаи номиналии молиявӣ амалӣ карда мешавад, ки аз ҷониби суғуртакунанда аз гирифтани ҳимояи суғуртавӣ, яъне аз ҳисоби муқоисаи маблағи ҳақпулиҳои суғуртавӣ бо маблағҳои пардохтҳои суғуртавӣ ба суғуртакунандагон ба сифати ҷуброни зарари вобаста ба ҳолатҳои суғуртавӣ ба даст меояд. Субъект хавфҳояшро суғурта карда, тибқи арзёбиҳои объективӣ якуним маротиба камтар назар ба хароҷоти хариди

маҳсулоти суғуртавӣ дар ҷуброни зарари худ маблағ ба даст овард. Вазъияти мазкур ба хусусияти иқтисодии амалиётҳои суғуртавӣ мувофиқ аст, ки аз ибтидо ҷуброни ба суғурташаванда (гурӯҳи суғурташавандагон) маблағи камтар аз маблағи мукофотҳои суғуртавии аз ҷониби онҳо пардохтшударо (дар тамоми низоми суғурта) пешбинӣ мекунад, зеро маблағи умумии ҳақпулиҳои суғуртавӣ, ки меъёри маҷмуии нохолисро ташкил медиҳад, аз маблағи умумии пардохтҳои суғуртавӣ, ки меъёри маҷмуии холисро барои маблағи умумии хароҷоти суғуртакунанда барои таъмини раванди суғурта ташкил медиҳанд, фарқ мекунад. Аммо, маблағҳои пардохтҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ ниҳоят кам мебошанд. Вазъияти мазкур дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ суғуртакунандагони эҳтимолии ватаниро қонеъ намегардонад. Дар воқеъ дар давраи аз соли 2005 то соли 2020 метавон гуфт, ки ба ҳисоби миёна ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ ночиз буд. Муқоисаи субъективии хароҷоти худ барои амалисозии суғурта бо фоидаи молиявии аз гузаронидани амалиётҳои суғуртавӣ бадастовардаи суғурташаванда нишон медиҳад, ки хароҷоти воқеии молиявии вобаста ба пардохти мукофотҳои суғуртавӣ ва фоиданокии воқеии барои суғурташаванда бо ҷуброни мушаххаси зарари суғуртавӣ аз арзиши номиналии (умумии қабулшуда ва дар шартномаи суғурта эълоншудаи) онҳо, ки бо хусусияти иқтисодии пул ҳамчун воситаи асосии амалисозии амалиётҳои суғуртавӣ муайян шудааст, аз ҳамдигар фарқ мекунанд . Ҳамин тавр, масалан, агар дар соли 2010 ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ танҳо тақрибан 14%-и ҳаҷми умумии ҳақпулиҳои суғуртавиро ташкил дода бошад, пас соли 2020 ин рақам 4,7%-ро ташкил додааст, яъне тамоюли пастравӣ мушоҳида мешавад (ниг. ҷадвали 1.3.1.).

Дар воқеъ, истифодаи пул дар раванди ҷуброни зарар то дараҷаи назаррас имкониятҳои гузаронидани амалиётҳои суғуртавиро сода ва васеъ намуда, суғурта ба василаи универсалӣ, самарабахши ҳимояи манфиатҳои амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми сар задани ҳодисаҳои муайяни номатлуб – ҳолатҳои суғуртавӣ табдил ёфт. Ҷуброни зарар аз ҳисоби пардохтҳо, аз

фондҳои пулие амалӣ мегардид, ки аз ҳақпулиҳои суғуртавии аз ҷониби суғурташавандагон пардохтшаванда ташаккул ёфта буданд.

**Ҷадвали 1.3.1.**

**Динамикаи мукофотҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ҳаз. сомонӣ)**

| Солҳо | Ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавӣ, ҳаз. сомонӣ | Пардохтҳои суғуртавӣ | Фарқият (+ –) |
|---|---|---|---|
| **2005** | 32,5 | 6,1 | 17,7 |
| **2006** | 61,9 | 6,3 | 55,6 |
| **2007** | 86,0 | 5,2 | 80,8 |
| **2008** | 71,2 | 8,5 | 63,7 |
| **2009** | 57,8 | 13,2 | 44,6 |
| **2010** | 106,1 | 14,9 | 91,2 |
| **2011** | 89,3 | 13,9 | 75,4 |
| **2012** | 137,4 | 14,0 | 123,4 |
| **2013** | 128,6 | 14,5 | 114,1 |
| **2014** | 118,1 | 25,4 | 93,1 |
| **2015** | 121,3 | 17,6 | 103,7 |
| **2016** | 118,2 | 17,9 | 100,3 |
| **2017** | 162,1 | 10,8 | 151,3 |
| **2018** | 226,1 | 10,7 | 215,4 |
| **2019** | 227,2 | 14,9 | 212,3 |
| **2020** | 235,0 | 18,7 | 216,3 |
| **2021** | 286,9 | 91,8 | 195,1 |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шуд дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, АОНПҶТ 2021, С. 690 – 691. Сайти расмии Бонки милии Тоҷикистон. www.nbt.tj Ҳисоби муаллиф.*

Аммо пул ҳамчун категорияи иқтисодӣ ченаки объективии арзиши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои дар натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ истеҳсолшуда маҳсуб намеёбад. Азбаски маҳз пул шакли махсуси (аксар вақт бозгаштатарини) мол аст, моҳияти онро дар замони худ намояндаи мактаби иқтисодии Австрия Карл Менгер дар «Рисола дар бораи пайдоиши пул», ки ба асари умумии «Асосҳои иқтисоди сиёсӣ» дохил карда шуда буд, ба таври равшан тавзеҳ дода буд. К. Менгер такомули (гузариши марҳилавии молҳои бозгаштатар: аз чорво, ғалладона... то ҳаҷмҳои вазнии филизоти қиматбаҳо)

категорияи пулро мавриди баррасӣ қарор додааст: «таркиби танга маҳз миқдори муайяни воҳидҳои вазне мебошад, ки нисбат ба филизоти қиматбаҳо истифода мешаванд; дар ибтидо филизот ба таври бӯлак, ки ба воҳидҳои вазни дар савдо қабулшуда мувофиқат мекарданд, гардиш меёфтанд»[50] (масалан: асеи румӣ як фунт мис буд; фунти стерлинги англисӣ ба як кило нуқраи санҷиши муайян баробар буд; ливри фаронсавӣ – ба фунти тройи нуқра баробар буд ва ғайра). Ба мисли ҳар гуна мол, пул барои иштирокдорони мубодила, ки онро ҳамчун воситаи муомилот истифода мебаранд, фоиданокии субъективӣ дорад. Дар натиҷаи ин, мутобиқи қонуни фоиданокии коҳишёбандаи неъматҳои моддӣ, фоиданокии субъективии пул дар шахсони камбизоат нисбат ба сарватмандоне, ки метавонанд барои хариди моли мушаххас маблағи калони пулро назар ба онҳое, ки ҳаҷми камтари маблағҳои молиявӣ доранд, сарф намоянд, баландтар аст. Зеро барои одамони сарватманд фоиданокии неъмати моддӣ назар ба муодили баландтари ҳаҷми пул дар муқоиса бо шахси камбизоат дар ҳиссаи барзиёдии маблағҳои пулии як шахс нисбат ба маблағҳои пулии шахси дигар (бо назардошти коэффитсиенти муайяни ислоҳӣ) мувофиқат мекунад. Е. Бем–Баверк дар ин бора чунин гуфта буд: «зимни шароити дигари баробар пул барои одамони сарватманд аз арзиши пасти субъективӣ ва барои мардуми камбизоат бошад, аз арзиши баланди субъективӣ иборат мебошад»[51]. Баҳисобгирии каҷравиҳои инфиродӣ (субъективӣ) ҳангоми арзёбии арзиши пул, ки манзараи объективии равандҳои иқтисодиро дар амалиётҳои суғуртавӣ таҳриф мекунад, дар назари аввал, ғайриимкон менамояд, зеро майли равонии шаҳрвандони алоҳида, ки тамоми фазои иқтисодии кишварро фароҳам меоранд, ба ақидаи умум, ноустувор ва ғайри қобили андозагирӣ мебошад. Аммо дар айни замон кӯшиш бояд кард, ки ба раванди арзёбии муносибатҳои иқтисодӣ коэффитсиенти ислоҳие ҷорӣ карда шавад, ки тавонад омилҳои субъективии муайянкунандаи арзиши пулро ба ҳисоб гирад. Тафовути байни арзиши номиналӣ (ба арзиши номиналии ҳаҷми пул мувофиқаткунанда) ва субъективии

---

[50] Ҳамон ҷо. 240

[51] Бём - Баверк Евгений. Основы теории ценности хозяйственных благ. М.: Издательство: Директ – Медиа. 2007. 189 с.

(фоиданокии воқеӣ, ки соҳибони ҳаҷми пул ба даст меоранд) пул бевосита дар раванди ҳаракат дар доираи низоми молиявии кишвар – дар бозорҳои қарзӣ, суғурта ва дигар, ки дар онҳо баъзе субъектҳои иқтисодӣ (дорои арзёбии пасти арзиши субъективии пул дар лаҳзаи додашуда) сармояҳои худро барои истифодаи муваққатӣ ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ (дорои арзёбии баланди арзиши субъективии пул дар лаҳзаи додашуда) интиқол медиҳанд, зоҳир мешавад. Пардохт барои истифодаи сармоя фарқиятро дар арзиши пул барои субъектҳои мавриди назар, ки дар интиқоли сармоя иштирок мекунанд, ба миён меорад. *Бо боварӣ метавон гуфт, ки меъёри фоизи дар кишвар муқарраршуда худи ҳамон коэффитсиенти ислоҳие мебошад, ки мазмуни объективии пулро ҳамчун ченаки универсалӣ дар соҳаи иқтисодӣ таҳриф мекунад.* Бо назардошти ин, арзиши миёнаи коэффитсиенти ислоҳии арзиши пул, ки тавассути он фоиданокии воситаҳои нақдии мавҷуда фарқ мекунад, ба меъёри миёнаи фоиз дар кишвари мо мувофиқат мекунад, ки ба сифати арзиши шартии он меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистонро пурра қабул кардан мумкин аст. Масалан, бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2020 меъёри бозтамвил дар сатҳи 10%-и солона муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, арзиши коэффитсиенти таҳрифкунандаи мазкур миёна буда, маънои онро дорад, ки дар доираи низоми иқтисодӣ баъзе ашхос дорои чунин арзиши субъективии пул мебошад, ки нисбат ба арзиши номиналӣ 10% пасттар аст (ҳарчанд шахсони алоҳидае ҳастанд, ки дар онҳо арзиши субъективии пул хеле пасттар аст) ва дар дараҷаи муайян субъектҳои иқтисодие мавҷуданд, ки дорои арзиши субъективии пуле мебошанд, ки аз арзиши номиналии он зиёдтар буда, айни замон омилҳои таҳрифкунандаи субъективии арзёбии объективӣ (номиналӣ)-и фоиданокии пулро ҷуброн мекунад. Нишондиҳандаи мазкур 10% фоиданокии субъективии молиявии суғуртаро барои суғурташавандаи мушаххас пурра тавсиф карда метавонад. Бо назардошти ин, фоиданокии субъективии маблағи ҳақпулиҳои суғуртавии аз ҷониби суғурташаванда ба суғуртакунанда пардохтшавандаро баробар ба андозаи 90% -и ҳаҷми номиналии маблағи пулии

мукофоти суғуртавӣ шартан муайян кардан мумкин аст, зеро (боз шартан) ҳақпулиҳои суғуртавиро барои суғурташаванда бо маблағҳои муваққатан озоди пулие муайян кардан мумкин аст, ки дар лаҳзаи мавриди назар барои суғурташаванда ба фоиданокии номиналӣ нарасида, дар фаъолияти ҷории истеҳсолӣ барзиёд мебошанд.

Ҳамин тавр, гузариш ба иқтисоди бозорӣ давраи наверо дар рушди соҳибкории суғуртавӣ бо тавсеаи нуфузи ширкатҳои суғуртавӣ дар соҳаҳои гуногуни хизматрасонӣ, ки ба антернативаи суғуртаи давлатӣ табдил ёфтаанд, ба вуҷуд овард. Бинобар ин, нақши нави бозорҳои суғурта аз он иборат аст, ки онҳо ҳарчи бештар нақши ниҳодҳои махсусгардонидашудаи қарзӣ ва сармоягузориро бозӣ мекунанд.

Новобаста ба ин, ба сифати иштирокдори муҳимми бозори суғурта ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ амал мекунанд.

Илова бар ин, вазифаҳои асосии хоси суғурта - хавф, пешгирикунанада, сарфакунанда ва назораткунанда мебошанд. Хавфи суғуртавӣ ҳамчун эҳтимолияти зарар ва расонидани кӯмаки пулӣ ба хоҷагиҳои зарардида алоқаманд аст. Вазифаи пешгирикунанда ба маблағгузории чораҳои кам кардани хавфи суғуртавӣ аз ҳисоби қисми маблағҳои фонди суғуртавӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, вазифаи назорати суғурта аз ташаккул додан ва истифодаи қатъии мақсадноки маблағҳои фонди суғуртавӣ иборат аст. Мувофиқи вазифаи назоратӣ дар асоси санадҳои қонунгузорӣ ва дастурӣ назорати молиявии суғуртавӣ дуруст гузаронидани амалиётҳои суғуртавиро ба низом медарорад.

Дар баробари ин, як қатор вазифаҳое ҳастанд, ки дар таҷрибаи хориҷӣ бо усулҳои дигар ҳал карда мешаванд, дар ҷумҳурӣ бо низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори рушднакардаи муносибатҳои бозаргонӣ ҳал кардани  онҳо дар асоси амалиётҳои суғуртавӣ имконпазир ва мувофиқи мақсад мебошад.

## 1.4. Механизми фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ

Фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори сармоя яке аз намудҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (аз 23 июли соли 2016, №1349) фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ чунин тавсиф ёфтааст: "ташкилотҳои суғуртавӣ бо мақсади ба даст овардани даромади иловагӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд бо сармоягузорӣ (ҷойгиркунӣ)-и захираҳои муваққатан озоди суғуртавӣ машғул шаванд".

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни мазкур, онҳо инчунин уҳдадоранд маблағҳои захираҳои суғуртавиро дар шароити диверсификатсия, бозгаштӣ, фоиданокӣ ва қобилипардохтӣ бо тартиби тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ сармоягузорӣ кунанд, ё ба тариқи дигар ҷойгир намоянд.

Ташкилотҳои суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд маблағҳои захираҳои суғуртавиро ба векселҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сармоягузорӣ карда, аз ҳисоби маблағҳои захираҳои суғуртавӣ қарз диҳанд[52].

Дар асл, аз як тараф, маблағҳои калони суғурта бо воридоти ҳақпулиҳои сершумори мукофотпулӣ муайян мешаванд, аз тарафи дигар, маблағҳо аз ҷониби суғурташавандагон дар ташкилотҳои суғуртавӣ ҷамъоварӣ шуда, онҳоро ба муассисаҳои пуриқтидори молиявию қарзӣ ҳамчун депозит табдил медиҳанд. Ҷамъшавии маблағҳои барзиёди пулӣ дар соҳибкории суғуртавӣ, имконияти истифодаи онҳо пеш аз ҳама заминаҳои он аст, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ниҳодҳои муҳимтарини сармоягузорӣ дар бозори сармоя ва захираҳои сармоягузорӣ мебошанд. Тавре қайд карда шуд, дар ихтиёри суғуртакунанда маблағҳои азими муваққатан аз уҳдадориҳо озод қарор мегиранд, ки метавонанд ба мақсади ба даст овардани даромад сармоягузорӣ карда шаванд.

[52] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" аз 23 июли 2016. №1349.

Бинобар ин, идоракунии самарабахши захираҳои озоди молиявӣ (дар шакли захираҳои суғуртавӣ) имкон медиҳад, ки ба фоиданокӣ ва устувории молиявии соҳибкорони соҳаи суғуртавӣ кафолат дода шавад. Аз ин рӯ, ширкатҳои суғуртавӣ – сармоягузорон бояд дар бозори сармоя мавқеи хуб пайдо карда, барои таъмини пайвастаи ҳимояи суғуртавӣ ва рушди босуботи фаъолияти суғуртавӣ, на барои фоидаи кӯтоҳмуҳлат кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Вақте,ки ташкилотҳо дар худ захираҳои назарраси молиявиро тамаркуз медиҳанд, суғурта ба бахши стратегии иқтисодӣ табдил меёбад. Андӯхти бахши хусусиро сафарбар намуда, суғуртакунандагон онҳоро ба иқтисоди миллӣ бо роҳи кушодани суратҳисобҳои амонатӣ дар бонкҳо ё хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ, шаҳрдорӣ ва корпоративӣ интиқол медиҳанд. Дар айни замон, онҳо ба рушди бозори дохилии сармоя такон мебахшанд. Бо назардошти он, ки амалиётҳо дар бозори озод яке аз бахшҳои сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравнд, суғурта ба омили пуриқтидори зиддитаваррумӣ мубаддал мегардад.

Маҳз аз ҳамин хотир фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ дар тафовут аз фаъолияти сармоягузории сохторҳои дигари молиявӣ аз ҷониби давлат беҳтар танзим карда мешавад. Ғайр аз ин, масъулияти назарраси суғуртакунандагон дар назди суғурташавандагон бо назардошти бесуботии имконпазири иқтисодӣ ва сиёсӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Зимни амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ суғуртакунандагон қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дастури амал қарор медиҳанд.

Муҳимияти фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои сармоягузорӣ боиси зарурати танзими сармоягузориҳои ширкатҳои суғуртавӣ, ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микроиқтисодӣ мегардад. Ҳадафи танзими макроиқтисодии фаъолияти сармоягузории суғуртакунандагон ин таъмини иҷрои талаботест, ки бо нақши суғурта ҳамчун ниҳоди ҳимояи молиявӣ муайян шудаанд. Ҳадафи танзими микроиқтисодӣ – тамоюле мебошад, ки ҷойгиркунии дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ аз рӯйи ҳаҷми сармоягузориҳо, аз рӯйи вақт, макон ва

фазо бояд бо уҳдадориҳои суғуртакунанда мувофиқа карда шавад. Вале як қисми ҳақпулиҳои ҷамъшудаи суғуртавӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи пардохтҳои суғуртавӣ таъйин шудааст, бояд ба захираҳои суғуртавӣ равона карда шавад, ки ин вазифаи уҳдадориҳои суғуртакунандаро иҷро мекунад.

Ба ин васила, захираҳои суғуртавӣ иҷрои уҳдадориҳои суғуртакунандагонро дар назди суғурташавандагон таъмин менамоянд, аз ин рӯ ба ҷойгиркунонии онҳо диққати махсус дода мешавад. Аммо ҳангоми идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ хавфҳои марбут ба ҷойгиркунонии дороиҳое, ки захираҳои суғуртавиро мепӯшонанд, ба назар гирифта мешаванд. Усулҳои идоракунии хавфҳои сармоягузорие, ки нисбат ба захираҳои суғуртавӣ ба кор бурда мешаванд, ба тамоми сармоягузориҳои ташкилоти суғуртавӣ дастрас мешаванд; ин бо он тавзеҳ меёбад, ки ҳангоми нокифоягии дороиҳое, ки захираҳои суғуртавиро мепӯшонанд, суғуртакунанда метавонад ба ҳамаи дороиҳои худ натиҷагирӣ намояд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло сиёсати сармоягузорӣ бо назардошти хусусияти фаъолияти суғуртакунандаи мушаххас, пеш аз ҳама аз сохтори портфели суғуртавӣ, муҳлатҳои амали шартномаҳои суғурта, эҳтимолияти сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, таҳлили нокомиҳои имконпазири хавф, талаботҳои бозгаштӣ ва амалҳои берунӣ таҳия карда мешавад. Фаъолияти сармоягузории суғуртакунанда ба таъмини кафолатҳои уҳдадориҳои суғуртавӣ дар ҳолате мусоидат менамояд, ки агар он дар риояи принсипҳои зерин: боэътимодӣ (қобили пардохтӣ), фоиданокӣ, бозгаштӣ, диверсификатсия ва тобеият (дуюмдараҷагӣ) асос ёфта бошад. Тавсифи принсипҳо дар ҷадвали 1.4.1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.4.1.**

**Принсипҳои (шартҳои) ташаккули портфели сармоягузории ташкилоти суғуртавӣ**

| | *Принсипҳо* | *Тавсифи мухтасар* |
|---|---|---|
| **1.** | **Боэътимодӣ (қобили пардохтӣ)** | *Таъмини амнияти ҳадди аксари сармоягузориҳо* |
| **2.** | **Фоиданокӣ** | *Гирифтани андозаи муайяни фоида, даромад* |
| **3.** | **Бозгаштӣ** | *Зуд ва безарар барои муштариён, суғуртакунанда табдил додани дороиҳо ба пули нақд* |
| **4.** | **Диверсификатсия** | *Тағйир додани самтҳои суғуртакунӣ бо мақсади коҳиш додани талафоти эҳтимолии сармоя ё фоида аз он* |
| **5.** | **Дуюмдараҷагӣ** | *Таъмини тобеияти фаъолияти сармоягузорӣ нисбат ба фаъолияти суғуртавӣ* |
| **6.** | **Маҳаллисозӣ** | *Сармоягузории дороиҳо асосан дар қаламрави минтақаҳои ҷумҳурӣ* |
| **7.** | **Зери назорат будан** | *Таъмини имконияти воқеӣ барои амалисозии назорат аз болои ҷойгиркунонии маблағҳо* |
| **8.** | **Ошкорой** | *Таъмини маълумоти зарурӣ дар бораи объектҳои эҳтимолии сармоягузорӣ* |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тавр, дар зер ин принсипҳои ташаккули портфели сармоягузории ташкилоти суғуртавиро шарҳ медиҳем.

*Принсипи аввал* – боэътимодӣ (қобили пардохтӣ) – маънои таъмини имконияти амнияти ҳадди аксари сармоягузориҳо, ба ҳадди ақал расонидани талафи дороиро дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ба шумори боэътимод ва эмини он коғазҳои қиматноки давлатӣ, хусусан чиптаҳо ва вомбаргҳои хазинадорӣ мансуб мебошанд. Вомбаргҳои корпоратсияҳои бузург ба таври кифоя боэътимод мебошанд. Саҳмияҳои корхонаҳои навуислоҳталаб дорои хавф мебошанд. Дар баробари дараҷаи баландтари хавфи маблағгузориҳо ва кафолати пасти боэътимодии сармоягузориҳо, сармоягузор ба ҷуброни он дар шакли фоидаи зиёд умед мебандад.

*Принсипи дуюм* – фоиданокӣ – маънои имконияти ба даст овардани фоидаро аз фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ дорад. Меъёри аз ҷониби суғуртакунанда – сармоягузор интизоршавандаи фоиданокӣ аз маблағи ду ҷамъшаванда – меъёри стандартии фоида (аз рӯйи намуди сармоягузориҳо) ва иловагӣ иборат буда, нақши мукофотро барои хавфи баланди боэътимодӣ аз рӯйи намуди мавриди назари сармоягузориҳо мебозад. Аммо ҷубронро барои хавфи баланди суғуртакунанда дар намуди фоидаи иловагӣ метавонад нагирад. Аз рӯйи намудҳои дарозмуҳлати суғурта барои суғурташаванда даромади муайян пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ҳисобкунии меъёри тарофавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, аз ин рӯ тахфифи тарофаи суғуртавӣ талаб мекунад, ки фоидаи воқеии амалиётҳои сармоягузорӣ на камтар аз меъёри даромади дар тарофа муқарраршуда бошад. Ташкилотҳои суғуртавӣ ба коғазҳои қиматноки фоидаовартари дарозмуҳлат таваҷҷуҳи хос доранд.

Бинобар ин, ҳангоми ташаккули портфели сармоягузорӣ соҳибкори суғуртавӣ дар бораи уҳдадориҳо оид ба пардохтҳои суғуртавӣ фикр мекунад, аз ин рӯ, риояи принсипи фоиданокӣ муҳим аст. Ҳамин тавр, ин принсип дорои хусусиятҳои хоси зерин мебошад:

- якум, фоидаи сармоягузорӣ соҳибкори соҳаи суғуртаро мувоҷеҳ месозад, ки аз амалиётҳои суғуртавӣ зарар набинад, вале баланд будани даромади сармоягузорӣ аз андозаи зарар рақобатпазирии суғуртакунандаро нигоҳ медорад;
- дуюм, аз рӯйи намудҳои суғуртаи дарозмуҳлат соҳибкори суғуртавӣ ба суғурташаванда меъёри муайяни даромаднокиро тавассути тахфифи тарофаи суғуртавӣ ваъда медиҳаду худаш ба сармоягузориҳои сердаромаде манфиатдор аст, ки фоидаи воқеии даромадро на камтар аз оне, ки ҳангоми тахфифи тарофаҳои суғуртавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, таъмин менамояд;
- сеюм, як қисми даромади бадастомада метавонад барои рушди фаъолияти худи ӯ истифода шавад.

*Принсипи сеюм* бозгаштӣ мебошад, ки риояи он маънои имконияти табдилёбии зуд ва безарари дороиҳоро барои соҳиби он дорад. Ҳангоми муайян кардани ҳаққи бозгаштӣ, ки дар ин давра асноди молиявиро ба пул табдил додан мумкин аст, аз бозгаштии мутлақ танҳо пули накд бархурдор мебошад. Дар ҳолати бозгашт намудани коғазҳои қиматнок, инчунин пардохти ҳаққи хизмати миёнарав талаб карда мешавад, ки метавонад хисороти иловагии марбут ба паст шудани нархи онҳоро ба вуҷуд биёрад.

Агар соҳибкори суғуртавӣ намудҳои дарозмуҳлати суғуртаро гузаронад, пас бо итминони комил пешбинӣ кардан мумкин аст, ки кай ва чӣ қадар пул барои пардохти маблағҳои суғуртавӣ сарф мешавад. Агар соҳибкори суғуртавӣ бо намудҳои хавфдори суғурта машғул бошад, пас ӯ метавонад аз рӯйи зарурат дар муҳлати хеле кӯтоҳ бо суғурташавандагон ҳисобӣ кунад ва дар ин ҳолат нисбат ба риояи принсипи бозгаштӣ талаботҳои муҳимтар пешниҳод карда мешавад.

Аз нигоҳи муаллиф, вазифаҳои ин се принсипи номбаршуда, яъне сармоягузориҳои қобили пардохтӣ, фоиданокӣ ва бозгаштӣ то андозае бо ҳам зид мебошанд. Созиш бо кумаки *принсипи чорум* – диверсификатсия ба даст меояд.

*Принсипи диверсификатсия* тақсимоти захираҳои сармоягузориро дар байни объектҳои гуногуни сармоягузорӣ бо мақсади кам кардани хавфи талафоти худи сармоя ва даромадҳо аз он пешбинӣ менамояд. Ташаккули портфели мутавозини сармоягузории суғуртакунанда, яъне портфеле, ки на танҳо ба риояи принсипҳои боэътимодӣ (қобили пардохтӣ), фоиданокӣ, бозгаштӣ ва диверсификатсия ҷавобгӯ аст, балки ҳадафҳои сармоягузориро низ ба назар мегирад, зарур мебошад.

Вобаста ба ин, аз нигоҳи муаллиф, фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ нисбат ба фаъолияти суғуртавӣ дорои хусусияти тобеъ мебошад.

*Тобеият (дуюмдараҷагӣ) принсипи панҷуми ташаккули портфели сармоягузорӣ* мебошад. Риояи он ба даст овардани даромади сармоягузориро

дар макон, андоза ва дар лаҳзаҳои замон, ки бо иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ мувофиқа карда шудаанд, пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тавр, портфели мутавозини сармоягузории соҳибкори суғуртавӣ ҳатман бояд ҳадафҳои фаъолияти сармоягузориро, ки хусусияти *дуюмдараҷагии* онро нисбат ба фаъолияти суғуртавӣ инъикос мекунанд, ба ҳисоб гирад. Аз ин рӯ, портфели сармоягузорӣ барои намудҳои кӯтоҳмуҳлати суғурта аз ҳисоби сармоягузориҳои портфелӣ ва портфели сармоягузорӣ барои намудҳои дарозмуҳлати суғурта бошад, аз ҳисоби сармоягузориҳои воқеӣ ташаккул меёбад.

Сармоягузориҳои портфелӣ – сармоягузорӣ ба гурӯҳи лоиҳаҳо мебошад. Масалан, хариди бастаи коғазҳои қиматноки корхонаҳои гуногун. Вазифаи асосии сармоягузор дар мавриди сармоягузориҳои портфелӣ аз ташаккули портфели оптималӣ ва идоракунии он иборат мебошад, зеро сармоягузории портфелӣ асосан бо коғазҳои қиматнок, ташаккули портфели оптималии сармоягузорӣ ва идоракунии он муайян карда мешавад. Сармоягузориҳои портфелӣ асосан барои намудҳои хавфдори суғурта истифода мешаванд.

Сармоягузориҳои воқеӣ (сармоя ташаккулдиҳанда) – сармоягузориҳои молиявӣ ба сармоягузориҳои мушаххас, дарозмуҳлат мебошанд, ки барои намудҳои дарозмуҳлати суғурта, яъне барои шартномаҳои суғуртаи ҳаёт хос мебошанд. Истифодаи ҳам сармоягузориҳои портфелӣ ва ҳам воқеӣ, ба риояи принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ ба ин принсипҳои (шартҳои) иловагии ташаккули портфели сармоягузории суғуртакунанда, яъне маҳаллисозӣ, зери назорат будан ва шаффоф номбар карда мешаванд. Ҷорӣ кардани ин принсипҳо метавонад ҷойгиркунии дороиҳои ташкилоти суғуртавиро дар фондҳои гуногуни сармоягузорӣ, ки сармояаш аллакай диверсификатсия шудааст, таъмин намояд. Аммо, портфели фонди сармоягузорӣ хусусиятҳои суғуртаро ба андозаи пурра ба ҳисоб мегирад.

Аз ин рӯ, ташкилотҳои суғуртавие, ки аз хизматрасонии фонди сармоягузорӣ истифода мебаранд, бояд талаботҳои иловагии худро ба ин фонд бо хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва суғуртавӣ ва пеш аз ҳама бо

татбиқи кафолатҳо оид ба пардохтҳои суғуртавӣ дар ҳаҷм, макон ва муҳлатҳои муайян таҳия кунанд.

Аз рӯйи натиҷаи таҳлили амалияи ҷорӣ истифодаи амалҳои сиёсати сармоягузориро чунин баён менамоем:

- муайян кардани самтҳои ҷойгиркунии дороиҳо;
- муқаррар намудани меъёрҳо барои ҷойгиркунии дороиҳо аз рӯйи самтҳо, минтақаҳои ҷуғрофӣ, бозорҳо (масалан, танҳо коғазҳои қиматнок ва ғайра), бахшҳо, шарикон (масалан, танҳо эмитентҳо, бонкҳо ё азнавсуғуртакунандагон, ки дорои рейтинги байналмилалӣ мебошанд, ё ба талаботҳои ҳадди ақалли сармоя ҷавобгӯ ҳастанд) ва асъор;
- пешбурди сиёсат оид ба интихоби коғазҳои қиматноки мушаххас барои дигар намудҳои сармоягузориҳо, қоидаҳои интихоб ва тасдиқи шарикон ва брокерҳои нав;
- интихоби шакл ва варианти идоракунии сармоягузорӣ нисбат ба сатҳи қабули ҳар як қарор;
- муайян кардани миқёси чандирии сармоягузорӣ;
- муқаррар намудани дараҷаи истисно ё маҳдуд кардан ва соҳиб шудан ба баъзе намуди дороиҳо;
- муайян кардани доираи масъулият барои амалиёт бо дороиҳо, кормандоне, ки барои амалӣ кардани онҳо иҷозат дода мешаванд;
- муқаррар намудани каҷравии ба ҳадди аксар иҷозатдодашуда аз тақсимоти қабулшудаи дороиҳо.

Вобаста ба ин, ҳудудҳои осебпазирӣ аз хавфҳо аз рӯйи таснифоти зерин муқаррар карда мешаванд:

- намуди доροӣ;
- миқдори объектҳои сармоягузорӣ;
- нисбат ба дороиҳои алоҳида ва захираҳои суғуртавӣ;
- шарикони ягона ва шарикони муттаҳидшуда (масалан, бо ҳамдигар дар асоси қонунгузорӣ, иқтисодӣ ё идоракунӣ алоқаманд);
- соҳаҳо ё бахшҳои иқтисодӣ;

- минтақаҳои ҷуғрофӣ.

Дар ин раванд маҳдудиятҳо барои *фаъолияти сармоягузорӣ* бо ин тартиб муқаррар карда мешаванд:

- андозаи ҳадди аксар ё фоизи сармоягузориҳое, ки ба як эмитент, соҳа, минтақаи ҷуғрофӣ ва ё ба баъзе таснифоти дигари хавфҳо рост меоянд;
- андоза ё фоизи маҳдуди сармоягузориҳое, ки дар сатҳҳои муайяни рейтинг рост меоянд.

Ҳамаи ин принсипҳо ва амалҳои дар боло зикршуда ҳангоми тартиб додани нақшаи ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ барои давраи ҳисоботӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Нақша ба буҷети амалиётӣ асос меёбад, ки нишондиҳандаҳои мукофотҳои суғуртавӣ, пардохтҳои суғуртавӣ, захираҳои суғуртавӣ ва хароҷотро барои пешбурди кор дар бар мегирад. Инчунин нақшаҳои коҳишёбӣ таҳия карда мешаванд, ки бо назардошти тағйироти ҷорӣ таҳия ва нав карда мешаванд. Ҳангоми таҳияи чунин нақшаҳо суғуртакунанда муҳлатҳои эътибори шартномаҳо, хавфи таваррум, ҷараёни пулро ба назар гирифта, сипас варианти оптималии дороиҳо ва захираҳои суғуртавиро интихоб мекунад, ки ин имкон медиҳад уҳдадориҳои суғуртавӣ саривақт иҷро карда шуда, талаботҳои мақомоти танзимкунанда риоя, самаранокӣ ва боэътимодии фаъолияти сармоягузорӣ таъмин карда шавад.

*Аз нигоҳи муаллиф принсипҳои (шартҳои) фарққкунандаи* сармоягузорӣ дар ин замина инҳо дониста мешаванд:

1. Намудҳои дарозмуҳлати суғуртаи ҳаёт имкон медиҳанд, ки портфели устувори суғуртавӣ бо хавфҳои ифодаёфта ташаккул дода шавад. Дар натиҷаи ин суғурташавандагон метавонанд бо эътимоди комил андозаҳои пардохтҳои суғуртавиро ба нақша гиранд.

2. Барои намудҳои махсусан хавфдори суғурта – суғуртаи масъулият, суғуртаи ҳавопаймоӣ – ба нақша гирифтани замон ва ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ амалан ғайриимкон аст.

3. Аз рӯйи намудҳои хавфдори суғурта давомнокии эътибори шартномаҳо ва муҳлатҳои мушаххаси сармоягузории маблағҳои дахлдор муайян карда мешаванд.

4. Ба маблағҳои дарозмуҳлат захираи муътадилсозӣ ва захираи лаппишҳои зарароварӣ мансубанд, аммо барои онҳо эҳтимолияти баланди ба вуҷуд омадани талаботи ғайринақшавӣ ба ин маблағҳо хос мебошад.

5. Сармоягузории захираҳои дорои хусусияти муътадилдошта аз рӯйи ҳар як намуди фаъолияти гурӯҳҳои баҳисобгирии шартномаҳо хусусиятҳои муайян доранд.

Ба ин васила, амалҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта бо меъёри даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда мешаванд. Тавре дар боло қайд кардем, маблағҳои муштариён, ки дар ширкати суғуртавӣ ҷамъ оварда шудаанд, ба намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла ба амонат дар бонкҳои тиҷоратӣ гузошта шуда, дар шакли қарз пешниҳод гардида, ба амволи ғайриманқул ва коғазҳои қиматнок ва ғайра сармоягузорӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат ширкати суғуртавӣ метавонад бо бонк рақобат карда, дар раванди он тарофаҳои суғуртавии худро бо меъёрҳои бонки тиҷоратӣ муқоиса намояд ва кӯшиш кунад, ки ба интихоби муштарӣ таъсир расонад.

Ҳамин тавр, фоизи бонкӣ ба таври назаррас ба соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта таъсир мерасонад. **Аввалан**, тамоюлҳои динамикаи фоизҳои бонкӣ дар муқоиса бо тарофаҳои суғуртавӣ қарори муштарӣ (суғурташавандаи эҳтимолӣ)-ро муайян мекунанд, ки чӣ гуна ӯ ба зарари имконпазири тасодуфӣ ба амвол ё саломатӣ муқобилат кунад. Комилан имкон дорад, ки қарзи аз бонк гирифташуда, ё ҷамъ кардани пул дар он барои худмаблағгузорӣ нисбат ба суғурта фоиданоктар бошанд. Аз ин рӯ, ширкатҳои суғуртавӣ маҷбуранд андозаҳои тарофаҳои суғуртавиро бо фоизи бонкӣ муқоиса кунанд. **Сониян**, пулҳои аз ҷониби ширкати суғуртавӣ дар шакли ҳақпулиҳои суғуртавӣ гирифташуда, муваққатан то лаҳзаи пардохти ҷубронҳои суғуртавӣ озод ҳастанд, метавонанд барои мақсадҳои тиҷоратӣ аз ҷониби суғуртакунанда истифода шаванд, яъне ба дороиҳои молиявӣ (масалан, ба коғазҳои қиматнок)

ва дигар дороиҳо (масалан, амволи ғайриманқул) сармоягузорӣ шуда, ба сифати қарз дода шаванд (масалан, қарзҳо ба суғурташавандагони худ), то ки даромади сармоягузорӣ биёранд. Мавҷудияти даромади мазкур на танҳо барои соҳибкори соҳаи суғурта (тавре ки дар назари аввал чунин менамояд), балки барои суғурташаванда низ фоидаовар аст. Тавре ки дар боло қайд кардем, даромади сармоягузорӣ барои соҳибкори суғуртавӣ, *аввалан*, устувории молиявии онро таъмин мекунад, *сониян*, имкон медиҳад, ки нархҳои бевосита (ба сӯйи поён) бо назардошти меъёри фоиданокӣ ислоҳ карда шаванд; ҳамчунин барои суғурташаванда – пастравии нархи хизматрасонии суғуртавӣ омили ташвиққунандаи талаботи ӯ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф, суғуртаи ҳаёт манбаи асосии фаъолияти сармоягузории соҳаи суғурта мебошад. Барои суғуртаи ҳаёт байни воридоти ҳаққпулиҳо ва пардохтҳои маблағҳои суғуртавӣ фарқияти назаррас дида мешавад, яъне пулҳои суғурташавандагон дар муддати муайяни вақт дар ихтиёри суғуртакунанда қарор мегиранд. Онҳо дар ин маврид маблағҳои худи суғуртакунанда намебошанд. Нисбат ба онҳо истилоҳи «маблағҳои ҷалбшуда» ба кор бурда мешавад. Онҳо дар ихтиёри суғуртакунанда ҳамчун маблағҳои муваққатан озод қарор доранд, яъне онҳо беҳаракат нахобида, балки ба сифати захираҳои қарзӣ дар ҳолати манбаъҳои фоиданокӣ ва пулӣ истифода мешаванд. Ин маблағҳо метавонанд даромад оваранд ва даромадҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ хароҷоти ширкати суғуртавиро пӯшонида, ба ташаккули фоида равона гардида, бо ин васила ба суғуртакунандагон имкон медиҳанд, ки нархҳои хизматрасониҳои суғуртавиро паст кунанд.

Аз ҳамин сабаб, хосияти махсуси амалиёти суғуртавӣ аз қобилияти ҷамъоварии пули муваққатан озоди бегона иборат мебошад. Аз ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ танҳо бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ дорои чунин қобилият мебошанд. Корхонаҳои саноатӣ, тиҷоратӣ ва кишоварзӣ бошад ташкилотеро меҷӯянд, ки қарзҳои пулӣ дода тавонад. Бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ бошанд, баръакс, дар ҷустуҷӯи муштарие ҳастанд, ки ба ӯ пул қарз дода тавонад. Ҳамзамон, дар бозори сармояи қарзӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати

иқтисодӣ рушдкарда пулҳои суғуртавӣ нисбат ба пулҳои бонкӣ аз рӯйи сатҳи фоизҳои ба онҳо ҳисобшаванда се маротиба қиматтаранд. Сабабаш дар маблағҳои устувор будани онҳост, зеро шартҳои шартномаи суғуртавӣ он фосилаи замонеро, ки дар он ин пулҳоро ихтиёрдорӣ кардан мумкин аст, ба таври возеҳ муайян мекунанд. Ва дар муҳлатҳои тулонии суғурта, чун дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ба ҳисоби миёна 20-30 сол пулҳои муваққатан озоди суғуртавӣ хизмат намуда, сифати пурарзишро барои манбаи қарзҳои дарозмуҳлат пайдо мекунанд.

Бинобар ин, дар суғуртаи ҳаёт, чун дар ҳама гуна намудҳои суғурта, бояд шарти баланд будани ҳақпулиҳои суғуртавӣ назар ба пардохтҳои суғуртавӣ $P+I \geq B$ риоя карда шавад, ки ин ҷо P – даромади ташкилотҳои суғуртавӣ, I – даромад аз маблағҳои муваққатан озод мебошад. Афзалияти пардохтҳои суғуртавӣ (B) афзалияти тасодуфӣ мебошад ва аз ҳисоби шумораи зиёди суғурташудагон маълумотҳои оморӣ якхела буда, дорои дараҷаи мувофиқи боэътимодӣ мебошанд. Аз ин рӯ, эҳтимолияти каҷравии бузургиҳои воқеӣ аз интизории математикии онҳо хеле ночиз аст. Бинобар ин, дар ҳисобкуниҳои актуарӣ истифодаи арзиши эҳтимолии (пешбинишавандаи) пардохтҳо маъмул аст. Айнан ҳамин ҳолат бо маблағҳои мукофотҳои холис низ ба амал меояд. Афзалияти онҳо аз афзалияти тасодуфии B вобаста аст, бинобар ин афзалияти тасодуфӣ мебошад. Дар лаҳзаи амалисозии пардохтҳо суғуртакунанда бояд дорои маблағе бошад, ки ба арзиши эҳтимолии пардохтҳо баробар аст. Вай барои худ арзиши ояндаи пардохтҳо ва андозаи фонди матлуби суғуртавиро муайян мекунад. Азбаски суғуртакунанда маблағҳои озодро сармоягузорӣ мекунад, онҳо ба ӯ даромаде меоранд, ки вобаста ба меъёри фоиданокӣ r, суръати таваррум (h) ва меъёри андоз (g) тағйир меёбад. Он гоҳ тахфиф аз рӯйи меъёриислоҳкардашуда ба амал меояд $i= r(1–g)+h/100$. Мукофоти суғуртавӣ дар лаҳзаи бастани шартнома, яъне дар айни замон пардохтҳои суғуртавиест, ки пас аз гузаштани вақти муайян пардохт карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои муқоисаи онҳо пардохтҳои суғуртаро тахфиф карда, арзиши онҳоро ба сатҳи имрӯза расонидан зарур аст.

Дар суғуртаи ҳаёт мукофоти холис баъзан на бо як маблағ, балки бо силсилаи пардохтҳо, дар марҳилаҳои гуногуни вақт (бо таъхир) пардохт карда мешаванд. Барои баҳисобгирии онҳо ба суғуртакунанда лозим меояд, ки ҳам мукофоти холис, ҳам пардохтҳои суғуртавиро ба як замони муайян оварда расонад, дар акси ҳол, дар сурати қатъи ғайринақшавии шартнома суғуртакунанда як қисми мукофотҳои ба ӯ мансуббударо гирифта наметавонад. Гуфтаҳои болоро дар шакли нобаробариҳо, ки принсипҳои асосии ҳисобкунии меъёрҳои тарофавиро дар бар мегиранд, чунин, нишон додан мумкин аст:

1. P + I > B Мукофоти холис бо назардошти даромад аз сармоягузориҳо бояд аз пардохти суғуртавӣ баланд бошад. Агар баробарии мазкур риоя нашавад, пас ташкилотҳои суғуртавӣ муфлис мешаванд.

2. Маблағи пардохтҳо – афзалияти тасодуфӣ мебошад, зеро маълум нест, ки тибқи кадом шартнома зарарро ҷуброн кардан лозим меояд. Аз ин рӯ, дар ҳисобкуниҳои актуарӣ арзиши эҳтимолии он (B) истифода мешавад.

3. P > B – I арзиши муосири эҳтимолии пардохтҳо (фарқи байни маблағи пардохтҳо ва даромади ҷамъшуда) набояд аз арзиши мукофоти холис ё холиси яквақта баланд бошад.

4. P – I > B – I муқоисаи арзиши эҳтимолии пардохтҳо на бо маблағҳои воқеии мукофотҳои холис, балки бо арзиши эҳтимолитари онҳо (интизории математикӣ) ба амал меояд. Арзиши муосири эҳтимолии мукофоти холис, ки бо таъхир пардохт карда шудааст, назар ба арзиши муосири пардохтҳо бояд камтар бошад.

Ҳамин тариқ, гардиши даврии маблағҳои ташкилоти суғуртавӣ танҳо бо амалисозии амалиётҳои суғуртавӣ маҳдуд нагардида, бо ҷалби он раванди сармоягузорӣ мураккаб мешавад. Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ташкилотҳои (ширкатҳои) суғуртавӣ аз ҷиҳати иқтидор ва андозаҳои сармоягузориҳо бо бисёр агентҳои бозори молиявӣ (бонкҳо, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайра) рақобат мекунанд, зеро имкониятҳои сармоягузорӣ аз худи моҳияти иқтисодии суғурта бармеоянд.

Тавре дар боло қайд кардем, манбаи муҳимми фаъолияти сармоягузорӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ суғуртаи ҳаёт мебошад. Хусусияти асосии молиявии суғуртаи ҳаёт иштироки суғурташаванда дар даромади сармоягузории аз ҷониби суғуртакунанда бадастоянда аст. Аз ин рӯ, дар ин ҷо бояд сармоягузории даромад ба амал ояд. Вобаста ба ин, корбасти сармоягузорӣ ба туфайли инҳо имконпазир аст:

- истифодаи усулҳои омори математикӣ имкон медиҳад, ки бо дараҷаи ба ҳадди аксар баланди эҳтимолият нишондиҳандаҳои асосии давомнокии интизоршавандаи ҳаёт муайян карда шуда, пардохтҳои дарпешистодаи суғуртавӣ саривақт пешбинӣ карда шаванд;
- дарозмуҳлат будани суғурта, вақте ки ҳодисаи суғуртавӣ ба вақту муҳлати дақиқан муайян ба таъхир гузошта мешавад (на барои ҳар як фард дар алоҳидагӣ, балки барои гурӯҳи калони шахсони суғурташуда);
- ташаккули фондҳои суғуртавӣ дар вақти мусоид, ки онҳоро барои сармоягузорӣ дар асоси доимии дарозмуҳлат истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби омори демографӣ фавт вобаста ба синну соли одамон ошкор ва бо истифодаи формулаҳои математикӣ ифода меёбад. Методикаи махсуси тартиб додани ҷадвали фавт таҳия гардидааст, ки дар он бо рақамҳои мушаххас тағйирёбии пайдарпайи фавт вобаста ба синну сол нишон дода шудааст. Ин ҷадвалҳоро ширкатҳои суғуртавӣ бояд барои ҳисоб кардани тарофаҳо истифода баранд. Ин ҷадвал шумораи шахсонро дар ҳудуди гурӯҳи муайян (мардон, занон, кормандони касбу кори муайян ва ғайра), дар синну соли муайян нишон медиҳад. Ҷадвал барои муайян кардани андозаи мукофоти одии суғуртавӣ барои полиси инфиродии суғуртаи ҳаёт истифода мешавад. Масалан, ашхосе, ки **аннуитет**[53] мехаранд, барои аҳолӣ дар маҷмуъ репрезентативӣ нестанд. Зеро аз рӯйи аннутитет даромад дар давоми ҳаёт пардохт карда мешавад, онро танҳо шахсоне харидорӣ мекунанд, ки саломатии хуб дошта, ба умри дароз умед мебанданд. Бо назардошти ин ҳолатҳо,

[53] *Аннуитет аз шартномаи суғуртавие иборат мебошад, ки аз рӯйи он иҷораи солона дар давоми ягон давраи ҳаёти суғурташуда бар ивази пардохти ҷоизаи якдафъаина ҳангоми бастани шартнома пардохт карда мешавад.

суғуртакунандагоне, ки аннуитетҳоро таъмин менамоянд, барои ҳисоб кардани вақти эҳтимолии марги дорандагони аннуитетҳо ҷадвали фавтро истифода мебаранд, ки дар он чунин тавсифот, ба монанди синну сол ва ҷинс ба ҳисоб гирифта мешавад[54]. Масалан, агар аннуитетро шахсе, ки ба синни 50 расидааст харидорӣ кунад, пас даромади ӯ аз даромади нафари 70–сола камтар хоҳад буд. Ба ин монанд, азбаски занон умри дарозтар мебинанд, даромади ҳармоҳаи онҳо аз даромади марди ҳамон синну сол камтар хоҳад буд. Ҷадвали фавт, ҷадвали оморӣ буда, нишондиҳандаҳои ҳисобкардашудаеро дар бар мегирад, ки фавти аҳолиро дар гурӯҳҳои муайяни синну сол ва зиндагониро ҳангоми гузариш ба гурӯҳи синну соли дигар тавсиф мекунанд. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна насле, ки дар як вақт таваллуд мешаванд (шартан барои 100,000 қабул шудааст) бо баробари болоравии синну сол тадриҷан коҳиш меёбад (ҷадвали 1.4.2.).

**Ҷадвали 1.4.2.**

**Ҷадвали фавт ва дарозумрии миёнаи аҳолӣ**

| **Синну сол** | **Шумораи умрдидагон то синни X – сола** | **Шумораи мирандагон зимни гузариш аз синни X ба синни X+1** | **Эҳтимолияти вафот кардан дар давоми соли оянда зиндагӣ** | **Эҳтимолият и умр дидан то синни дигарӣ** | **Давомнокии миёнаи умри дарпешистода** |
|---|---|---|---|---|---|
| **X** | **Lx** | **dx** | **qx** | **Px** | $\bar{e}_x$ |
| **0** | 100000 | 4060 | 0, 04060 | 0,95940 | 68,59 |
| **1** | 95940 | 860 | 0,00840 | 0,99160 | 70,48 |
| **20** | 92917 | 150 | 0,00161 | 0,99839 | 53,57 |
| **40** | 88565 | 319 | 0,00360 | 0,99640 | 35,65 |
| **41** | 88246 | 336 | 0,00381 | 0,99619 | 34,78 |
| **42** | 87910 | 352 | 0,00400 | 0,99600 | 33,91 |
| **43** | 87558 | 369 | 0,00421 | 0,99579 | 33,05 |
| **44** | 87189 | 384 | 0,00440 | 0,99560 | 32,18 |
| **45** | 86805 | 400 | 0,00461 | 0,99539 | 31,31 |
| **60** | 76693 | 1099 | 0,01433 | 0,98567 | 19,30 |

*Сарчашма: Словарь страховых терминов, под ред. Е.В. Коломина, В.В. Шахова, М.: Финансы и статистика, 1992. С. 301.*

[54] Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б. Особенности ценообразования на рынке страховых услуг. Душанбе, «Ирфон». 2011. С. 87.

Мубтадои ҷадвал *x* – гурӯҳҳои яксолаи синну солии аҳолӣ мебошад. $L_X$– шумораи онҳое, ки то ҳар як синну соли мавриди назар зиндагӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки чанд шахс аз 100 000 нафари ҳамзамон таваллудшуда - чанд нафар то 1 – солагӣ, 2 – солагӣ,..., 20,..., 50 – солагӣ ва ғайра зиндагӣ мекунад. Ҳамин тавр, то 20 – солагӣ 92917 (**d20= 92917**) нафар ҳаёт мебинанд. $d_x$ – шумораи фавтидагон ҳангоми гузариш аз синни *x* ба синни x + 1 нишон медиҳад, ки чӣ қадар аз зиндамондагон то ҳар як синну соли додашуда, то синни оянда умр надида вафот мекунанд.

Ҳамин тавр, то 1 – солагӣ 4060 нафар зиндагӣ намекунанд (**d0= 4060),** то 21 – солагӣ – 150 нафар (**d20= 150)**, то 41 – солагӣ – 319 нафар зиндагӣ намекунанд ва ғайра. Барои осон шудани ҳисобкуниҳо нишондиҳандаҳои нисбӣ ҳисоб карда шуда, ба ҷадвал ворид карда мешаванд: qx = dx / Lx – эҳтимолияти фавт дар синни *x* – сола, норасида то синни навбатии x + 1 – солагӣ (масалан: $q_0$=0,04060, $q_{20}$=0,00161. Ин маънои онро дорад, ки аз 100 000 нафар то 1–солагӣ 4060 нафар зиндагӣ карда, ва аз 100000 нафар 20–солаҳо – то синни 21–солагӣ 161 нафар зиндагӣ нахоҳанд кард; ё: эҳтимолияти марг дар синни 20–солагӣ 0,16% аст). $P_x = Lx + 1/ Lx$ — эҳтимолияти ҳаёт дидан то синни оянда, ё $p_x = 1 - q_x$.

Ҳамин тариқ, ҷамъи эҳтимолияти фавтидан ва умр дидан ба воҳид баробар, яъне эътимоднок аст. Масалан, барои шахси 40–сола эҳтимолияти ҳаёт дидан то 41 – солагӣ ба $P40 = 1 -$ q 40 = 1– 0,00360 = 0,99640 баробар аст.

$\bar{e}_x$— давомнокии миёнаи ҳаёти дарпешистода шумораи солҳоеро нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна як нафар бояд аз шумораи онҳое, ки то синни мавриди назар зиндагӣ кардаанд, ҳаёт бинад. Ин тамоюли боэътимод ба шарте боқӣ мемонад, ки фавти марбут ба синну соли аҳолӣ, ки асоси сохтани ҷадвали фавт қарор гирифтааст, барои тамоми давраи ҳаёти ояндаи насли додашуда бетағйир боқӣ монад. Аз нуқтаи назарияи эҳтимолият $\bar{e}_x$– интизории математикии давомнокии умри дарпешистода, $\bar{e}_x$–давомнокии миёнаи умри дарпешистода мебошанд. Он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$e_x^{-} = \frac{1}{l_x}\sum_{i=x+1}^{w} L_i$ ($e_x^{-}$ = 1/Lx ∑Li), ки дар ин ҷо x – синну соли шахсест, ки давомнокии миёнаи умраш ҳисоб карда мешавад; *w* – синни ниҳоии ҷадвали фавт; L – шумораи шахсоне, ки то синни муайян зиндагӣ кардаанд. Нуктаҳои асосӣ дар ҷадвали фавт нишондиҳандаҳои эҳтимолияти марг мебошанд, ки дар асоси маълумоти барӯйихатгирии аҳолӣ (яъне аз ҷониби муассисаҳои оморӣ пешниҳод карда мешаванд) ё мушоҳидаҳои муассисаҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд. Ҷадвали фавт аз амсилаи ададии раванди муромурӣ аз рӯйи синну соли баъзе маҷмӯи абстрактии одамон иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои суғуртавие, ки суғуртаи ҳаётро амалӣ мекунанд, ба ҳайси сармоягузорони муътамади институтсионалӣ дар баробари бонкҳо ва ширкатҳои сармоягузорӣ амал менамоянд.

Ҳолати суғуртавӣ натиҷаи рухдодхое мебошад, ки дар шартномаи суғурта ё қонун пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми сар задани он уҳдадории суғуртакунанда оид ба анҷом додани пардохти суғуртавӣ ба суғурташаванда ё шахси суғурташуда, баҳрабардоранда ё шахсони дигари сеюм ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми суғуртакунӣ мавҷудияти ду тараф – суғуртакунанда ва суғурташаванда ҳатмӣ мебошад. Суғуртакунандагон ҷамъшавии пардохтҳои суғуртавӣ ва пардохтҳоро ба суғурташавандагон дар сурати зарар дидани амволи суғурташуда таъмин мекунанд. Дар айни замон, ҳақпулиҳои суғуртавӣ наметавонанд ҳамчун фоидаи ширкатҳои суғуртавӣ ҳисобида шаванд, зеро аз ҳисоби ҳақпулиҳо захираҳои суғурта ташаккул меёбанд, ки аз онҳо ҷубронҳои суғуртавӣ пардохта мешаванд. Ба фонди суғуртавӣ бозгардонии маблағҳо хос мебошад, зеро шумораи ҳақпулиҳо барои ҳар як лаҳзаи вақт аз шумораи пардохтҳо бештар аст. Дар амалияи муосири иқтисодии кишварҳои пешрафта фондҳои захиравии ширкатҳои суғуртавӣ аз рӯйи аҳаммиятнокӣ захираи дуюмини қарзии иқтисодиёт пас аз амонатҳои бонкӣ ҳисобида мешаванд. Инчунин, суғурта ҳамчун ангезаи фаъолияти соҳибкорӣ хизмат карда, ба ширкатҳо имкон медиҳад маблағҳоеро дар истеҳсолот маблағгузорӣ кунанд, ки бояд барои ташкили фонди захиравии худ, барои ҷуброн кардани зарарҳои

эҳтимолӣ равона карда шудаанд. Суғурта хавфҳои молиявӣ (аз даст додани миқдори муайяни маблағҳо), инчунин хавфҳои софро, ки ҳангоми имконпазир будани вариантҳои номусоид ва бетарафии ҳодисаҳо ба вуҷуд меоянд, фаро мегирад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ суғурта ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои амволии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳамзамон ҳамчун фаъолияти тиҷоратие, ки фоида меорад, амал мекунад. Аммо аз ҷиҳати мазмуни худ суғурта аз молия ва қарз куллан фарқ дорад.

Суғурта дар ҳолатҳое амалӣ мешавад, ки эҳтимолияти сар задани хавфҳоро арзёбӣ кардан имконпазир буда, бояд кафолатҳои муайяни молиявӣ аз ҷониби суғуртакунандагон барои ҷуброни зарар вуҷуд дошта бошанд. Муносибати байни суғурташаванда ва суғуртакунанда муносибатҳои суғуртавӣ номида мешавад. Муносибатҳои суғуртавӣ метавонанд ҳам дар асоси ҳоҳишу иродаи ихтиёрии тарафҳо, ҳам дар асоси қонун (уҳдадориҳо) ба вуҷуд оянд.

Дар робита ба масъалаҳои ташаккули институти (ниҳоди) суғурта гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, таснифи зерини таҳқиқу арзёбии онро пешниҳод менамоем:

- илмӣ – методии марбут ба муайян кардани асосҳои методологии фаъолияти ниҳоди суғурта, сохтори институтсионалӣ, баррасии ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ дар бораи ҷойгоҳ ва нақши ниҳоди суғурта дар иқтисодиёт;
- молиявию иқтисодӣ, ки дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ, меъёрҳои арзёбии самарабахши фаъолияти суғурта, имкониятҳои истифодаи ташкилотҳои мавҷудаи суғуртавӣ ба сифати замина барои ташкили ниҳоди суғурта, муайян кардани андозаи оптималии фондҳои худӣ, муҳлат ва шартҳои суғуртаро муттаҳид менамояд;
- ташкилию технологӣ, ки бо муайян кардани сохтор, шаклҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, мавҷудияти шуъбаҳо, шабакаи намояндагӣ ва хусусиятҳои технологияҳои истифодашавандаи бонкӣ алоқаманд аст;

- иҷтимоӣ–сиёсӣ, ки пайомадҳои тақвияти дахолати давлат ба иқтисод, дастрасӣ ба маблағҳои имтиёзноки буҷет, ҷонибдории манфиатҳоро дар гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ–сиёсӣ дар бар мегирад;

Суғурта ҳамчун усули идоракунии хавфҳо барои иқтисоди муосири ҷумҳурӣ ниҳоят муҳим буда, мавҷудияти он, тавре ки маълум аст, маҳз бо дараҷаи баланди хавфи қариб ҳамаи намудҳои фаъолият дар муқоиса бо меъёрҳои ҷаҳонӣ тавсиф меёбад. Дар баробари ин як қатор вазифаҳое ҳастанд, ки дар таҷрибаи хориҷӣ бо усулҳои гуногун ҳал карда мешаванд, аммо дар ҷумҳурӣ, ки низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори рушднакардаи муносибатҳои бозаргонӣ чандон мавҷуд нест, ҳал кардани онҳо дар асоси амалиётҳои суғуртавӣ имконпазир ва мувофиқи мақсад мебошад.

Масалан, хисороте, ки ба корхонаҳо ва шаҳрвандон дар натиҷаи напардохтан, иҷрои номукаммали уҳдадориҳо, қарорҳои худсарона қабулкардаи мансабдорони давлатӣ ва ҳолатҳои ба ин монанд ба амал меоянд, дар кишварҳои дорои низомҳои ҳуқуқии рушдкарда бо тартиби судӣ ҷуброн карда мешавад. Аммо соҳибкорон дар ҷумҳурӣ хуб медонанд, ки ба даст овардани ҳатто қарори дахлдори суд дар шароити феълӣ, дар бораи иҷрои амалии он то чӣ андоза душвор аст. Дар ҳамин ҳол, суғуртаи чунин хавфҳо, агар он хусусияти васеъро касб мекард, имкон медод, ки таъсири чунин омилҳо то ҳадди ақал кам карда шавад. Аммо вазни холиси он бошад, дар арзёбии умумии фазои хоҷагидории ҷумҳурӣ, дорои хавфи баландтарин бениҳоят бузург мебошад. Бешубҳа, ҳам дар соҳаҳои амалӣ, ҳам дар соҳаҳои анъанавии кори суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ захираҳои зиёди рушд мавҷуданд, ки метавонанд ҳангоми истифодаи дуруст ба тамоми вазъи иқтисодӣ, фазои соҳибкорӣ дар кишвар таъсири назаррас расонда, беҳбудӣ бахшанд. Аммо дар амал ин кор сурат намегирад. Сабаби он на танҳо арзёбии нокифоя ё дарки нодурусти аҳаммияти кори суғуртавӣ аз ҷониби сиёсатмадорон, балки сохтори институтсионалии соҳа мебошад, ки дар тули даҳсолаи охир ба вуҷуд омадааст, ба масъалаҳое, ки дар назди он қарор дорад, ҷавобгӯ набуда, рушди тамоми соҳаи суғуртаро бозмедорад.

Сохтори институтсионалӣ василаест, ки муттаҳидсозии иштирокдорони муомилоти иқтисодиро аз тариқи мафҳуми ба ҳамдигар фаҳмои афзалиятҳо ва маънои амалҳои иҷрошаванда таъмин мекунад. Сохтори институтсионалӣ ҳалқаи пайвасткунанда байни арзишҳо, ҳадафҳо, имкониятҳо ва захираҳои шахсони алоҳида (яъне қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ) мебошад. Бинобар ин, сохтори институтсионалии хоҷагии бозориро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. Инфрасохтор – дар шакли низоми муассисаҳои бозаргонӣ (бонкҳо, биржаҳо, бозорҳо).

2. Меъёрии ҳуқуқӣ. Рафтори субъектҳои хоҷагидор дар шароити бозаргонӣ аз истифодаи усулҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунҳо, қарорҳо, дастурамалҳо, андозҳо ва ғайра) вобаста мебошад.

3. Равонӣ. Ин гурӯҳи ниҳодҳо бо муҳити табиӣ ва шароити фаъолияти ҳаётӣ (анъанаҳо, урфу одат, арзишҳои фарҳангӣ ва хоҷагидорӣ) муайян мешавад.

Бинобар ин, мавҷудияти ниҳодҳои бозор ба таври худкор боиси ташаккули сохторҳои самарабахши институтсионалӣ намегардад. Барои ин фаъолияти онҳоро ҳавасманд кардан лозим аст. Ниҳодҳо аксар вақт муассиранд, на барои он ки дар табиати онҳо нуқсонҳои бартарафнашаванда мавҷуданд, балки барои он ки дар онҳо ангезаҳои самарабахш шудан вуҷуд надоранд. Масалан, агар сохтори ташкилоти соҳаи суғуртаро бо сохтори бонкӣ муқоиса кунем, фарқи куллӣ ба чашм мерасад. Дар соҳаи бонкӣ давлат бо назорат ва танзими ҷории маъмурӣ маҳдуд намешавад. Аз тарафи Бонки миллӣ ба тариқи яке аз самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ин бахш дар низоми идоракунии давлатии иқтисод бунёд ёфтааст. Ягон чизи ба ҳам монанд дар соҳаи суғурта вуҷуд надорад, гарчанде ки аз ҷиҳати бости вазифаҳо ва нақши имконпазир аҳаммияти он шояд камтар набошад. Дар ҳар сурат, дар Ғарб, масалан, сармояи дар ширкатҳои суғуртавӣ мутамарказшуда аз ҷиҳати микёс бо маблағҳои бахши бонкӣ комилан қобили муқоиса буда, вазни холиси онҳо баланд мебошад.

Инкишофи бозорҳои молиявӣ, муътадилсозии вазъияти иқтисодӣ дар мамлакат, зарурати васеъ гардонидани номгӯйи хизматрасониҳоро, ки имрӯз аз тарафи бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва сармоягузорӣ пешниҳод карда мешаванд, ба вуҷуд меорад. Дар марҳилаи пуршиддат шудани муборизаи рақобатпазирӣ байни ташкилотҳое, ки дар бозори молиявӣ амал мекунанд, муайян намудани стратегияҳои аниқи инкишофи фаъолияти корхона, беҳтар гардонидани сохтори идораи корхона нақши муҳим мебозад. Дар шароити имрӯза, хусусан устуворӣ ва пойдорӣ, доштани пешомад ва нақшаҳои аниқи муайяншудаи инкишофи корхона диққати зарурро талаб менамоянд.

Фаъолият дар шароити номуайянӣ боиси пайдо шудани масъалаи хавф мегардад. Ҷараёни доимии доираи хавфҳо – роҳи ягонаи имконпазири ба даст овардани устуворӣ ва пойдорӣ дар фаъолият мебошад. Барои дастрас шудан ба устувории муштараку баробар, ҳангоми бурдани фаъолият дар баробари моил шудан ба манфиатҳои мутақобила – бо мақсади асосӣ, ки баҳри иштироки он заруранд, муносибатҳои ҳарифона бояд барпо намуд.

Фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуратавӣ (ширкатҳои суғуртавӣ) аз дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо бо ба худ гирифтани хавфи субъектҳои хоҷагидории гуногун, балки бо қобилияти беғаразона баҳо додан ва идора намудани онҳо қатъиян фарқ мекунад. Бонкҳо бошанд, дар ҷараёни фаъолияти худ маҷбуранд хавфҳои зиёдеро, ки асосан хусусияти иқтисодӣ доранд, ба худ қабул намоянд.

Барпо намудани сохтори институтсионалии муфид, ки манфиатҳои мутақобили байни бонкҳои тиҷоратӣ - бахши бонкӣ ва субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ (ширкатҳои суғуртавӣ) - ро таъмин менамояд, имкон медиҳад, як қисми хавфҳои бонкҳо ба ширкатҳои суғуртавӣ гузаранд. Ин кор ҳам барои бонкҳо ва ҳам барои ширкатҳои суғуртавӣ фоида меоварад. Бонк метавонад ҳамаи диққати худро баҳри пешкаш намудани хизматрасониҳои бонкӣ равона сохта, имконияти фаъолият кардан дар шароити боз ҳам фарохтарро бо муайян кардани стратегияи «хавф–фоиданокӣ» ба даст биёрад. Ширкати суғуртавӣ хавфҳоро ба худ қабул карда, устуворӣ ва эътимоднокии бонкро таъмин

месозад, ва дар навбати худ, дар мавқеъбандии маҳсулотҳои бонкӣ нақши муҳимро мебозад.

Яъне «бонк – суғуртакунанда» дар натиҷаи тағйир додани маҳсулотҳои бонкӣ барои фарох кардани роҳ ба сатҳи хавфи қабулшавандаи бонкӣ, намудҳои нави суғурта, суғуртаи хавфҳои табиати иқтисодӣ дошта, ба вуҷуд овардани омилҳои муайянкунандаи талабот ба маҳсулотҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои суғуртавӣ имконият фароҳам меорад. Ҳангоми фаъолияти якҷояи бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ, мизоҷ хизматрасониҳои мусоид, пурра ва нисбатан арзонро ба даст меорад, ки метавонанд хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавиро дар бар бигиранд, ки маҳсулнокии онҳо ба дараҷае зиёд мебошад. Бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ бо бурдани фаъолияти ҷудогона наметавонанд чунин сатҳи хизматрасониҳоро пешкаш кунанд. Дар баробари ин, таъмини пойдорӣ ва эътимоднокии мутақобила ба даст меояд.

Ҳамин тавр, чунон ки дар боло қайд намудем, сохтори институтсионалӣ ва созишномаҳо ҷараёни бисёрзина нисбат ба хавфҳои бонкӣ буда, ба таври назаррас бо таҳвили як қисми хавфҳои дорои фазои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ ба ширкати суғуртавӣ сода карда мешаванд ва аз тарафи мутахассисон барои нисбатан баҳо додани қобилият ва тартиб додани стратегияи дорои хавфҳо муҳим мебошанд. Дар ин ҳолат бонк боэътимодии бештарро таъмин карда, ба таври мусбат таъсиргузор мебошаад. Ширкати суғуртавӣ бо бонк ҳамкорӣ карда, имконияти таъмини устувории молиявӣ ва дар назди бонк фароҳам овардани стратегияи дороиҳои ширкати суғуртавӣ ва ҷойгиркунии дороиҳои молиявии онро соҳиб мегардад. Дар натиҷаи чунин мутаносибатҳо мумкин аст, ки байни бонк ва ширкати суғуртавӣ консалтинги тарафайн амалӣ гардонида шавад.

Ҳамин тариқ, аз соҳибкори суғурта таҳлили муфассали раванди ҷамъшавии захираҳои сармоягузорӣ ва ташкили фаъолияти сармоягузорӣ, ки ҳадафи он ба даст овардани фоида мебошад, талаб карда мешавад. Бояд қайд кард, ки захираҳои молиявии ташкилоти суғуртавӣ мазмуни иқтисодӣ дошта, таъйиноти ҷузъҳо хусусиятҳои сармоягузориро муайян мекунад. Дар асоси

механизми танзими ҷойгиркунии захираҳо, динамикаи тағйирёбии квотаҳо аз рӯйи амалҳои молиявӣ ва тавсеаи минбаъдаи онҳо сурат мегирад. Оптимизатсияи шартҳои амали шартномаи суғуртавӣ ва сармоягузории эҳтимолии сармояи ҷалбшуда, асоси афзалияти молиявии суғуртакунанда ва ба эътидол омадани эътимоди муштариён ба суғурта мебошад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло дар ҷамъбасти боби 1 чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст:

1. Имкониятҳои субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ – ширкати суғуртавӣ барои иштирок дар раванди сармоягузорӣ, бо иқтидори сармоягузории он муайян карда мешавад. Барои сармоягузорӣ ширкати суғуртавӣ метавонад танҳо як қисми маблағҳои мавҷудаи пулиро истифода барад, ки фонди суғуртавӣ ва сармояи бевоситаро дар бар мегирад. Фаъолияти бомуваффақияти сармоягузорӣ ба ташкилоти суғуртавӣ имкон медиҳад, ки як қисми даромади сармоягузории бадастомадаро барои пӯшонидани зарар аз амалиётҳои мустақими суғуртавӣ истифода барад. Агар дар сатҳи макро фаъолияти сармоягузорӣ барои иқтисоди миллӣ зарур ва муфид бошад, пас дар шакл он барои ҳар як суғуртакунандаи алоҳида зарур аст, зеро он устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ ва рақобатпазирии ӯро баланд мебардорад.

2. Тафовути куллии раванди татбиқи хизматрасонии суғуртавӣ аз раванди ба ин монанд дар дигар намудҳои соҳибкорӣ аз он иборат аст, ки як корхонаи одӣ дар аввал барои ташкили истеҳсоли мол (хизматрасонӣ) сармоягузориҳои муайянро амалӣ карда, аз истеъмолкунандагон пас аз он, ки хизматрасонӣ аллакай воқеан расонида шуд, ё мол ба моликияти харидор табдил ёфт, маблағ ба даст меорад, дар ҳоле ки дар суғурта ин ҳолат баръакс аст. Дар ин ҷо, муштарӣ воқеан ба ширкатҳои суғуртавӣ пешпардохт мекунад, зеро ҳақпулии суғуртавӣ, ки барои суғурташаванда пардохти хизматрасонии суғуртавиро ифода мекунад, одатан дар аввали муҳлати амали шартномаи суғурта пардохта мешавад. Татбиқи хизматрасонии суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда метавонад дар муддати тулонӣ амалӣ карда шавад, ин тадбир ба ӯ имкон медиҳад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне фаъолияти сармоягузорӣ машғул

шавад. Хусусияти зикргардидаи татбиқи хизматрасонии суғуртавӣ имкон медиҳад ду хулоса бароварда шавад. Якум: хусусияти ҳаракати захираҳои молиявӣ дар суғурта боис мегардад, ки дар ихтиёри суғуртакунанда дар муҳлати муайяни замон маблағҳои муваққатан озоде қарор бигиранд, ки метавонанд барои ба даст овардани даромади иловагӣ сармоягузорӣ карда шаванд. Дуюм: сармоягузории чунин маблағҳои муваққатан озод аз ҷониби суғуртакунанда ва аз ҷониби давлат ба таври ҷиддӣ танзим карда шавад, зеро суғурташавандагон ба таври объективӣ аз имконияти назорати он, ки то чӣ андоза ширкати суғуртавӣ маблағҳои ба он додашударо моҳирона ихтиёрдорӣ мекунад ва оё он иҷрои уҳдадориҳоро аз рӯйи шартномаҳои суғурта зери хатар намегузорад, маҳрум мебошанд.

3. Тамаркуз додани захираҳои назарраси молиявӣ дар дасти худ аз ҷониби суғуртакунандагон суғуртаро ба омили муҳимтарини ғайридавлатикунонии иқтисод бо роҳи сиёсати фаъоли сармоягузорӣ табдил медиҳад. Ба ибораи дигар, субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ маблағҳои ғайрифаъоли пулиро, ки аз дорандагони гуногуни полисҳо гирифта шудаанд, ба сармояи фаъоле, ки дар бозор амал мекунад, табдил медиҳанд.

4. Ҳуқуқи суғурташавандагон ба сармоягузорӣ кардани захираҳои суғуртавӣ ва дигар маблағҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (аз 23 июли соли 2016, № 1349), инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (аз 12 майи соли 2007) муқаррар карда шудааст. Дар онҳо кафолатҳои ҳуқуқӣ ва афзалиятҳои сармоягузориҳо ба соҳаи иқтисоди ҷумҳурӣ сабт гардидаанд. Аҳаммияти ин қонунҳоро набояд нодида гирифт, зеро дар давраи гузариш ба давраи бозорӣ онҳо соҳаи сармоягузориро дар иқтисоди ҷумҳурӣ ба танзим дароварда, кафолати татбиқи сиёсати дарҳои кушода мебошанд.

Ҳамин тариқ, бо мақсади таҳқиқи ҳамаҷонибаи паҳлуҳои методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ муайян намудани усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ

Суғурта дар доираи муносибатҳои институтсионалӣ, ниҳоди муҳим арзёбӣ мегардад. Дар миёни таърифҳои сершумори ниҳодҳо, ки моҳият ва механизми мураттабии фаъолиятро тавсиф мекунанд, таърифи зерин, ки Хоҷсон Д. додааст, ба воқеият бештар созгор аст. Ниҳод – ин «ташкилоти иҷтимоие мебошад, ки тавассути анъана, одат ё маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ нақшаҳои дарозмуддати рафторро ташаккул медиҳад»[55]. Ҷомеашиноси амрикоӣ, иқтисоддон Т. Парсонс қайд намудааст, ки фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити муайяни институтсионалӣ амалӣ карда мешавад. Ниҳодҳо на танҳо сохторҳои ташкилӣ, балки амсилаҳои меъёрие мебошанд, ки тарзи муносибати мутақобилаи иҷтимоӣ шуморида мешаванд[56]. Ташкили институтсионалии иқтисодиёт фаъолияти иқтисодӣ, самаранокӣ ва рақобатпазирии онро муайян менамояд. Ба ақидаи дорандаи мукофоти Нобел дар соҳаи иқтисод Д. Норт, ниҳодҳо ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси ташкилот ва ниҳоди идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ (сармоя, кормандон ва ғайра) амал мекунанд.

Дар замони муосир чунин масъалаҳо мавриди таҳқиқи институтсионалӣ қарор доранд:

а) «қоидаҳои бозӣ» – умумӣ (ҳам расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ);

б) зинаҳо ва расмиёте, ки риояи (аз ҷумла риояи иҷбории) ин қоидаҳоро таъмин менамоянд.

---

55 Ходжсон Д. Экономическая теория и институты: Манифест современной институциональной экономической теории. - М.: Дело, 2003. С.37.

56 Парсонс Т. Мотивация экономической деятельности: О структуре социального действия. М.: 2000. С. - 334.

Тоҷикистон дар марҳалае қарор дорад, ки «қоидаҳои бозӣ» ҳанӯз ташаккул наёфта, муносибатҳо ва ниҳодҳои ғайрирасмӣ дар кишвар нисбат ба муносибатҳо ва ниҳодҳои расмӣ таъсири бештар доранд. Дар ҳамаи зинаҳои механизми хоҷагидорӣ – дар бозори сармоя ва меҳнат, дар муносибатҳои байни корхонаҳо нисбат ба талаботҳои қонун қоидаҳо ва созишномаҳои нонавишта бартарӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти назарияи институтсионалӣ амалан суст истифода мешавад, ҳарчанд дар кишвар аллакай сохтори ҳуқуқие ташаккул ёфтааст, ки метавонад афзоиши воридоти андозро таъмин намояд.

Унсури заминавии низоми институтсионалӣ трансаксияҳо, шартномаҳо, муомилот мебошанд. Дар ибтидои давраи истиқлолияти ҷумҳурӣ муносибатҳои иқтисодӣ ва шартномаҳои басташуда иҷро намешуданд. Пардохти маҳсулоти таҳвилшуда саривақт амалӣ намегашт, музди меҳнат ба таъхир меафтод, дивидендҳо пардохт ва созишномаҳои қарзӣ иҷро намегардиданд. Рафтори «берун аз шартномавӣ» аслан ба як меъёри муносибатҳои корӣ табдил ёфта буд.

Аслан чунин вазъияти кор барои ҷомеа дар марҳилаи гузариш ногузир аст, зеро дар он чаҳорчӯби куҳнаи институтсионалӣ аллакай шикаста шудааст, аммо чаҳорчӯби нав ҳанӯз сохта нашудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ниҳодҳои шаклгирифтаистода ҳеҷ гоҳ дар доираи низоми сотсиалистӣ вуҷуд надоштанд ва ҳанӯз ҳам номукаммал мебошанд: моликияти хусусӣ, ниҳодҳои сершумори ҳуқуқӣ (кодексҳо, қонунҳо) ва ниҳодҳое, ки масъулиятро барои моликияти шахсони дигар муайян мекунанд (стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, танзими бонкӣ, танзими бозори коғазҳои қиматнок); ниҳодҳое, ки рафтори шариконро дар муносибатҳои бозаргонӣ сохторбандӣ карда, пешгӯишаванда меҳисобанд (ҳуқуқи шартномавӣ) ва ғайра. Барои ташкили онҳо давлат нақши пешбаранда дорад.

Вобаста ба ин, нақши асосии иқтисодии давлат дар иқтисоди бозорӣ таъмини ҳамкории байни иштирокдорони фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

Бинобар ин, назарияи институтсионалӣ вазифаҳои зерини давлатро муайян мекунад:

- хусусият ва ҳимояи ҳуқуқи моликият;
- ташкили манбаъҳои мубодилаи иттилоотӣ;
- таҳияи стандартҳо, ченакҳо, меъёрҳо;
- ташкили манбаъҳо ва механизмҳои мубодилаи ҷисмонии молҳо ва хизматрасониҳо: шабакаи нақлиётӣ, майдонҳо барои савдо ва ғайра;
- эътибори ҳифзи ҳуқуқ ва иҷрои нақши тарафҳои «сеюм» дар муноқишаҳо;
- истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ: мудофиа, тандурустӣ, маориф.

Дар рушди низоми иқтисоди бозорӣ рушду такомули институти соҳибкорӣ нақши калидӣ дорад. Соҳибкории суғуртавӣ аз қонунияту хусусиятҳои умумии соҳибкорӣ бархурдор мебошад. Бинобар ин, мо хусусиятҳои умумии соҳибкориро мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Амалишавии вазифаҳои давлат дар низоми иқтисодӣ, ки дар боло қайд шудааст, ба густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми ҷанбаҳои низоми иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ҷумла, давлат фаъолияти соҳибкории худро дар заминаи бахши давлатии иқтисодиёт пеш мебарад. Дар тафовут аз соҳибкории хусусӣ, давлат на танҳо ба гирифтани фоида, балки ба фаъолияти бомуваффақияти иқтисодиёт дар маҷмуъ самтгирӣ менамояд. Зери мафҳуми соҳибкории давлатӣ фаъолияти корхонаҳое фаҳмида мешавад, ки онҳо истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои барои рушди иқтисоди миллӣ заруриро иҷро менамоянд, ки барои истеҳсоли онҳо сармояи хусусӣ ҳавасманд намебошад.

Дар баъзе асарҳои марбут ба назарияи иқтисодӣ соҳибкорӣ бо қобилияти соҳибкорӣ айният дода шудааст. Ҳамин тавр, иқтисоддонони Иёлоти Муттаҳидаи Америко Кэмпбелл Р.Макконелл, Стэнли Л.Брю дар китоби худ «Иқтисодиёт: принсипҳо, масъалаҳо ва сиёсат» менависанд, ки «Қобилияти соҳибкорӣ – қобилияти инсон бо истифодаи омезиши муайяни захираҳо барои истеҳсоли мол, қабул кардани қарорҳои пайдарпай, эҷод кардани чизҳои нав ва

таваккал кардан мебошад»[57]. Иқтисоддони амрикоитабори австриягӣ И.А.Шумпетер дар китоби худ «Назарияи рушди иқтисодӣ», ки бори аввал соли 1911 ба табъ расид, мафҳуми «соҳибкор» - ро ҳамчун навовар шарҳ медиҳад. Вазифаи соҳибкор, ба ақидаи ӯ, татбиқи навовариҳое мебошад, ки дар рушди иқтисоди олами сармоядорӣ, умуман дар таъмини рушди иқтисодӣ нақши бузург мебозанд: «Мо субъектҳои хоҷагидореро соҳибкорон меномем, ки вазифаи онҳо маҳз татбиқи комбинатсияҳои нав буда, ҳамчун унсури фаъоли он амал мекунанд»[58]. Бо мафҳуми «соҳибкор» мафҳуми «соҳибкорӣ» низ зич алоқаманд аст. Соҳибкор дар фаъолияти худ бояд комбинатсияи зарурӣ ё омезиши манфиати шахсиро бо манфиати ҷамъиятӣ барои ба даст овардани фоида таъмин намояд. «Соҳибкорӣ фаъолиятест, ки бо сармоягузории маблағҳо бо мақсади ба даст овардани фоида дар асоси омезиши манфиати шахсӣ бо манфиати ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад»[59]. Бори дигар хусусиятҳои муҳимми соҳибкориро ба хотир меорем:

- мустақилият ва истиқлолияти субъектҳои соҳибкорӣ. Ҳар як соҳибкор метавонад оид ба ин ё он масъала, дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ озодона қарор қабул кунад;
- манфиати иқтисодӣ. Ҳадафи асосии соҳибкорӣ ба даст овардани фоидаи имконпазир мебошад. Ҳамзамон, дар пайи манфиатҳои сирф шахсии худ ҳадаф ба даст овардани даромади баланд низ мебошад;
- соҳибкор барои дастгирии манфиати ҷамъиятӣ мусоидат мекунад;
- хавфи иқтисодӣ ва масъулият. Дар ҳар гуна фаъолият, ҳатто фаъолияти озмудашуда номуайянӣ ва хавф боқӣ мемонад.

Ба рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва принсипҳои ҳуқуқие, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ заруранд, таъсири калон мерасонанд. Дар низоми иқтисоди бозорӣ озодии фаъолияти соҳибкорӣ, интихоби касбӣ ва истеъмолӣ амал мекунад.

---

[57] Макконнел К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика: В 2 т. - М.: 1992.

[58] Шумпетер Ф. Конкуренция как процедура открытия //Мировая экономика и международные отношения. 1989. № 12. С. 162.

[59] Энциклопедический словарь предпринимателя // Сост. С. М. Синельников, Т. Г. Соломоник, Р. В. Янборисова. – СПб.: Алга – фонд, АЯКС, 1992. С. 137 – 138.

Иқтисоди муосир ҷомеаи одамони мустақилест, ки барои мустақилияти иқтисодӣ саъй намуда, омодаанд некуаҳволии моддии худро аз баракати кӯшишҳои худ таъмин намоянд. Маҳз бо иродаи чунин одамон, гузариш ба иқтисоди самараноки бозорӣ дар ҷомеаи мутамаддин ва демократӣ оғоз меёбад. Аз ин рӯ, гузаштан аз психологияи дастнигарӣ ва вобастагӣ ба фаъолнокии пурсамари иқтисодӣ, ташаббус ва мустақилият шарти муҳимми рушди иқтисодиро ташкил медиҳад. Ин тамоюл дар мамлакати мо ба чашм мерасад. Дар давраи солҳои 2010-2020 дар мамлакат шумораи корхонаҳо аз 15 то 347,6 ҳаз. воҳид ё 89,9% расидааст (ниг. ҷадвали 2.1.1.).

**Ҷадвали 2.1.1.**

**Динамикаи шумораи корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият**

| **Солҳо** | **Ҳамагӣ** | **аз ҷумла:** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Давлатӣ** | **хусусӣ ва коллективӣ** | **%** | **дигар шаклҳои моликият** | **дар %** |
| **2010** | 25083 | 2592 | 21496 | 96,0 | 1015 | 4,0 |
| **2011** | 29068 | 6868 | 21731 | 98,4 | 469 | 1,6 |
| **2012** | 32684 | 7618 | 24463 | 98,2 | 603 | 1,8 |
| **2013** | 39824 | 8856 | 30364 | 98,5 | 604 | 1,5 |
| **2014** | 42206 | 9047 | 32473 | 98,4 | 686 | 1,6 |
| **2015** | 42358 | 9161 | 32507 | 98,4 | 690 | 1,6 |
| **2016** | 42347 | 9356 | 32137 | 98,0 | 854 | 2,0 |
| **2017** | 42031 | 9098 | 32197 | 98,0 | 854 | 2,0 |
| **2018** | 43252 | 8940 | 33361 | 97,8 | 951 | 2,2 |
| **2019** | 46465 | 9838 | 35592 | 97,8 | 1035 | 2,2 |
| **2020** | 47639 | 10150 | 36434 | 97,8 | 1055 | 2,2 |
| **с.2020 нисбат ба с.2010 бо %** | 189,9 | 391,6 | 169,5 | -9,1 б.ф. | 103,9 | -19 б.ф. |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 353.*

Барои мисол шумораи корхонаҳои давлатӣ дар ин давра беш аз 3,9 маротиба  афзуда, соли 2020 ҳиссаи онҳо дар тамоми мамлакат 21,3 % -ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2010 3,9 баробар зиёд мебошад. Умуман дар давраи таҳлилӣ дар мамлакат ба ҳисоби миёна беш аз 76,5%-и корхонаҳо дар асоси моликияти хусусӣ ва коллективӣ фаъолият мебаранд, ки заминаи рушди соҳибкориро ташкил медиҳанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми субъектҳо, корхонаҳо, аз ҷумла ташкилотҳои суғуртавӣ дар пояи принсипҳои бозор ва ратсионализми иқтисодӣ фаъолият мебаранд.

Ба вазъи иқтисодиёт ва фаъолияти босуботи соҳибкорӣ мавҷудияти дастрасӣ ба захираҳои пулӣ, сатҳи даромадҳо аз сармояи гузошташуда, инчунин ҳаҷми маблағҳои қарзие, ки соҳибкорон барои маблағгузории амалиётҳои кории худ омодаанд ба онҳо муроҷиат кунанд ва ташкилотҳои қарзӣ масъуланд ин маблағҳоро пешниҳод намоянд, ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Бо ҳамаи ин ташкилотҳои сершумор, ки инфрасохтори бозорро ташкил медиҳанд, машғул мешаванд, ки бо кӯмаки онҳо соҳибкорон метавонанд муносибатҳои корӣ барқарор карда, трансаксияҳои тиҷоратӣ анҷом диҳанд. Инҳо бонкҳо – расонидани хизматрасониҳои молиявӣ; таъминкунандагон – таъминоти ашёи хом, мавод, маҳсулоти нимтайёр, маснуоти пурракунанда, сӯзишворӣ, энергия, мошинҳо ва таҷҳизот, асбобҳо ва ғайра; яклухтфурӯшон ва чаканафурӯшон – хизматрасониҳои расонидани мол то истеъмолкунанда; ширкатҳо ва муассисаҳои махсусгардонидашуда – пешниҳоди хизматрасониҳои касбии ҳуқуқӣ, муҳосибӣ ва миёнаравӣ; агентиҳо оид ба таъмин бо шуғл – мусоидат дар интихоби қувваи корӣ; муассисаҳои таҳсилот – таълими коргарон ва мутахассисон – хизматчиён; агентиҳои дигар – воситаҳои рекламавӣ, нақлиётӣ, суғуртавӣ ва ғайра, воситаҳои алоқа ва интиқоли иттилоот мебошанд.

Тавре ки маълум аст, муносибатҳои макроиқтисодӣ сифати динамикӣ доранд. Тағйироти онҳо омилҳое мебошанд, ки ба вазъи корхона таъсир мерасонанд, зеро онҳо мавқеи баробарвазнии онро дар низом коҳиш медиҳанд. Омил - ин қувваи пешбаранда, сабабе мебошад, ки динамикаи объекти

идорашавандаро муайян мекунад. Маҷмуи омилҳое, ки вазъи ҷории иқтисодии корхонаро дар давраи мушаххас муайян мекунанд, конъюнктура ё вазъ номида мешавад[60]. Ба фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисоди бозорӣ як қатор омилҳои ҳам беруна ҳам дохилӣ таъсир мерасонанд. Омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, дар ҷадвали 2.1.2. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.1.2.**

**Омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд.**

| Омилҳо | | |
|---|---|---|
| **Берунӣ** | | **Дохилӣ** |
| 1. | Қобилияти харидории аҳолӣ | 1. Моддӣ – техникӣ |
| 2. | Имконияти гирифтани қарз | 2.Иҷтимоӣ – иқтисодӣ (ҳавасмандгардонии меҳнат, андозаи хароҷот, сатҳи тахассус ва таҳсилоти коргарон, муносибат ба меҳнат, интизоми меҳнатӣ, тағйирёбии шаклҳои моликият, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва истеҳсолӣ) |
| 3. | Омӯзиши афзалиятҳои истеъмолӣ | 3. Ташкилӣ (сатҳи менеҷмент, мавқеи соҳибмулк, сатҳи тахассуси кормандон, сифати маркетинг ва ғайра) |
| 4. | Суботи сиёсӣ | |
| 5. | Демография | |
| 6. | Сатҳи фарҳанг | |
| 7. | Сатҳи рушди илм ва техника | |
| 8. | Сиёсати қарзӣ ва андози давлат | |
| 9. | Тамоюлҳои иқтисодӣ (болоравӣ, депрессия, таваррум ва ғайра) | |
| 10. | Рақобати байналмилалӣ | |
| 11. | Омили вақт | |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб додааст.*

Барои ҳамаи корхонаҳо, новобаста аз навъ ва шакли фаъолияти соҳибкорӣ, қонунияти умумии рушд мавҷуд аст. (расми 2.).

[60] Валигурский Д.И. Организация предпринимательской деятельности: Учебник. – М.: ИКЦ «Дашков и К». 2005. С. – 82.




**Расми 2. Траекторияи даври ҳаётии фаъолияти соҳибкорӣ**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб додааст.*

Марҳилаи I – пайдоиш

Марҳилаи II – рушд

Марҳилаи III – афзоиши босуръат

Марҳилаи IV – рушди босубот

Марҳилаи V – пайдоиши тамоюли пастравӣ

Марҳилаи VI – таназзули фаъол

Марҳилаи VII – муфлисшавӣ

Марҳилаи VIII – барҳамдиҳии фаъолият

Барҳамдиҳии корхона на ҳамеша бо барҳамхӯрии худи корхона рост меояд. Онро бо роҳи саривақт тағйир додани самти фаъолияти корхона пешгирӣ кардан мумкин аст, ки маънои зарурати ҷудо кардани маблағ аз фоидаи рушди бомуваффақияти фаъолият дар давраи рушди босуботи корхона бадастояндаро барои таҳқиқоти маркетингӣ бо мақсади саривақт тағйир додани соҳаи фаъолият дар оянда дорад. Дар айни замон, марҳилаи рушди намуди нави фаъолият бояд бо марҳилаи пайдоиши тамоюли пастравии натиҷаҳои фаъолияти амалишаванда аз рӯйи вақт рост ояд. Дар ҳолати мазкур, тамоюли манфии ҳолати корхона бо ҷорӣ намудани тамоюли мусбат дар рушди

фаъолияти нав ҳамроҳ шуда, даври таҳкими фаъолияти корхона метавонад идома ёбад.

Мусаллам аст, ки дар солҳои аввали соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ бо сабабҳои маълум (ҷанги шаҳрвандӣ) заминаи мукаммали институтсионалӣ барои ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ ба вуҷуд омада наметавонист. Бинобар ин, заминаи мукаммалтари ҳуқуқии соҳибкории суғуртавӣ дар кишвар бо Қонуни нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта», ки дар давраи соҳибистиқлолӣ соли 1994 қабул шудааст, гузошта шуд. Минбаъд ин санади қонунгузорӣ зарурати такмил додани шароити нави фаъолияти субъектҳои бахши суғуртавии иқтисодиёти кишварро ба миён овард. Дар робита ба ин, соли 1999 қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар он Боби 51 (моддаи 1019) пурра ба суғуртаи хавфи соҳибкорӣ бахшида шудаааст. Соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» пас аз таҳриру такмил Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» номгузорӣ шуд.

Соли 2015 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (аз 28 ноябри соли 2015, №710) барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Ба лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳодҳои Президенти кишвар дар ҷаласаи 13 - уми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки 30 майи соли 2014 дар ш. Душанбе баргузор гардид, дохил карда шуданд, ки дар он аз ҷониби Президенти кишвар барои суғуртакунандагони кишвар вазифаҳои мушаххас гузошта шуда буданд, яъне: «Бахши суғурта яке аз ҷузъҳои муҳимми таркибии бахши молиявии иқтисоди кишвар ҳисобида мешавад, ки дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ метавонад ба ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозори сармоя нақши муҳим мебозад, зеро бахши мазкур яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ буда, дар ташкили маблағҳои озод ва сармоягузории онҳо ба дигар бахшҳои иқтисод кӯмак мекунад. Яке аз сабабҳои асосии ба

таври нокифоя рушд кардани бахши суғурта дар кишвар, мавҷуд набудани рақобат дар бозори суғурта мебошад, ки имкониятҳои ширкатҳои хусусии суғуртавиро дар баробари ширкатҳои давлатӣ барои расонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои суғуртавии ҳатмӣ маҳдуд мекунад. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон дар ин самт нишон медиҳад, ки татбиқи хизматрасониҳои суғуртавии ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ ба рушди рақобат дар бозори суғурта, пайдоиши хизматрасониҳои нави суғуртавӣ, баланд бардоштани сифати онҳо ва самаранокии ширкатҳои суғуртавӣ мусоидат мекунад”.

Ҳамин тариқ, барои рушди соҳибкории суғуртавӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2014, № 788 қабул карда шуд, ки дар он фаъолиятҳои ба нақша гирифташуда бояд дар соли 2016 анҷом дода мешуданд[61]. Бо ин қарор гузаронидани Хадамоти давлатии назорати суғуртавии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин дар ҷумҳурӣ таъсис додани ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ пешбинӣ шуда буданд.

Дар баробари рушди муносибатҳои бозаргонӣ дахолати давлат ба рушди истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддӣ коҳиш меёбад. Дар кишвар равандҳои хусусигардонӣ ва саҳомигардонии моликият идома дошта, шумораи зиёди субъектҳои мустақили хоҷагидор пайдо мешаванд, ки бо ба зимма гирифтани хавф дар рақобати воқеӣ ва таҳдиди муфлисшавӣ бо натиҷаҳои манфии хоҷагидорӣ амал мекунанд. Дар чунин вазъият барои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии дорои шаклҳои гуногуни моликият роҳи васеъ кушода мешавад. Онҳо бояд интиқолдиҳанда ва паҳнкунандаи фарҳанги суғурта ва талаботи суғурта дар байни омма бошанд. Ҳоло барои фаъолияти самарабахши суғуртакунандагон фазои иқтисодӣ ташаккул ёфта истодааст, ки бояд

[61] Ҷаласаи сездаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ш. Душанбе, 30.05. 2014.
Сарчашма: Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http //president.tj

кафолатҳои заруриро аз омилҳои хавф таъмин намояд, хусусан, тавре ки дар боло зикр шуд, ба ин ғайриинҳисор кардани фаъолияти суғурта дар ҷумҳурии мо мусоидат мекунад.

Дар асл, суғурта аз таъсиси фондҳои мақсадноки маблағҳои пулие иборат мебошад, ки барои ҳимояи манфиатҳои амволии аҳолӣ ва ширкатҳо аз садамаҳои ғайричашмдошт, тасодуфӣ ва бо зарар ҳамроҳикунанда таъйин шудаанд. Фондҳои суғурта ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли моддӣ ташаккул меёбанд. Аммо, шакли пулӣ авлотар ва шакли бештар маъмул мебошад.

Манбаи ташаккули фондҳои суғуртавии ширкат пардохтҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар асоси ҳатмӣ ё ихтиёрӣ ситонида мешаванд.

Фондҳои суғурта дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ таъсис дода шуда, ба мақсадҳои гуногун хизмат мекунанд.

Шаклҳои ташкилии асосии фондҳои суғурта инҳоянд:идавлатӣ (фондҳои суғуртаи махсус); фондҳои худсуғуртакунӣ; фондҳои ширкатҳои суғуртавӣ.

Давлат фондҳои суғуртавиро ҳамчун фондҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Фондҳои худсуғуртакунӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои шахсӣ, дар асоси ихтиёрӣ таъсис дода мешаванд.

Фондҳои суғуртавии ширкатҳо, ки дар асоси ба онҳо интиқол додани вазифаҳои суғурта аз ҷониби муштариёне ташаккул меёбанд, бе машғул шудан бо худсуғуратакунӣ амали иштирок кардан дар фондҳои дастаҷамъии суғуртавиро, ки аз ҷониби соҳибкасбон идора карда мешаванд, афзалтар медонанд.

Дар фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ташкилотҳои суғуртавӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва шартнома ба суғуртакунандагон ҷуброни зарарро дар сурати ба вуҷуд омадани хавфи гум кардани амвол, саломатӣ, ҳаёт ва дигар намудҳои хисорот кафолат медиҳанд. Дар айни замон, ширкатҳои суғуртавӣ ҳангоми бастани шартномаи суғурта оид ба пардохт уҳдадорӣ мегиранд, ки хароҷоти худ, эҳтимолияти хавф ва гирифтани фоидаи соҳибкориро ҷуброн намоянд.

Соҳибкории суғуртавӣ яке аз намудҳои хавфдортарини фаъолият ба ҳисоб меравад.

Суғуртакунии хавфҳои соҳибкорӣ аз муносибат барои ҳимояи манфиатҳои амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми сар задани ҳолати суғуртавӣ иборат мебошад. Суғурта аз ҳисоби фондҳои пулие амалӣ карда мешавад, ки аз ҳақпулиҳои суғуртавӣ ташаккул дода мешаванд. Ширкатҳо захираҳоро аз ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба манбаъҳои дигар зудтар мегиранд. Аммо, намуди мазкури ба ҳадди ақал расонидани хавф дорои ду маҳдудияти муҳим мебошад. Аввалан, ин нарх аст. Баъзан ҳақпулии аз ҷониби ширкати суғуртавӣ дархостшаванда барои ба худ гирифтани хавф аз нархе, ки ширкат барои интиқол (трансферт)-и хавфи додашуда эътимодбахш мешуморад, зиёдтар аст. Дуюм, баъзе намудҳои хавф умуман барои суғуртакунӣ қабул карда намешаванд.

Яке аз ниҳод ва ё шаклҳои суғуртаи манфиатҳои амволӣ ҳеҷкунонӣ мебошад. Ҳеҷкунонӣ – ин як ниҳод ва ё низоми тадбирҳоест, ки имкон медиҳад хавфҳои амалиётҳои молиявӣ дар натиҷаи тағйирёбии номусоиди қурби асъор, нархи мол, меъёрҳои фоизӣ ва ғайра дар оянда истисно ё маҳдуд карда шаванд. Ҳеҷкунонӣ бо кӯмаки шартномаи фючерсӣ ду намуд мешавад. Дар ҳолати аввал шартномаи фючерсӣ барои фурӯши оянда, вақте ки соҳибкор аз пастравии эҳтимолии нарх, ё молҳои аллакай мавҷудбуда, ё ҳанӯз истеҳсолнашуда, аммо барои таҳвилҳои ҳатмӣ пешбинӣ шудаанд, баста мешавад. Дар ҳолати дуюм, шартномаи фючерсӣ бо мақсади суғурта кардан аз болоравии нарх ҳангоми хариди моли зарурӣ дар оянда баста мешавад.

Пешниҳоди ҳимояи суғуртавӣ – ин як намуди хизматрасонӣ мебошад, ки аз ҷониби корхонаҳои суғурта истеҳсол ва фурӯхта мешавад. Ин хизматрасониҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ мансуб мебошанд. Ширкатҳои суғурта, дар ин соҳаи махсус фаъолият карда, бояд ба талаботи муштариён самтгирӣ намуда, фаъолияти худро бо талаботи иқтисодӣ муқоиса кунанд (ниг. ҷадвали 2.1.3.).

**Ҷадвали 2.1.3.**

**Ниҳодҳои ҳеҷкунонӣ дар фаъолияти иқтисодӣ**

| № р/т | Ҳеҷкунонӣ | Мазмуни мухтасар |
|---|---|---|
| **1** | **Бо истифодаи опсияҳо** | *Опсион – шартномаест, ки ҳуқуқи харидан ё фурӯхтани моли мушаххасро бо нархи муайян барои муддати аниқ муайян менамояд. Опсионро бо суғурта қиёс кардан мумкин аст, зеро вай воситаи танзими хавфи нархии ширкатҳо мебошад. Намудҳои опсион: опсион барои харид, ки ҳуқуқи харидро бо нархи мувофиқашуда таъмин мекунад (оптсиони call); опсион барои фурӯш, ки ҳуқуқи фурӯшро бо нархи мувофиқашуда таъмин мекунад (оптсиони put); опсиони дукарата, ки ҳамзамон барои харид ё фурӯши воситаи молиявии дахлдор бо нархи мувофиқашуда ҳуқуқ медиҳад.* |
| **2** | **Шартномаҳои фючерсӣ** | *Муомилоти фаврии дар биржаҳои хариду фурӯши молҳои ашёи хом, тилло, асъор, коғазҳои қиматнок басташуда бо нархҳое, ки дар лаҳзаи бастани муомила амал мекунанд, бо таҳвили маҳсулоти харидшуда ва пардохти он дар оянда мебошад. Механизми суғурта бо истифодаи шартномаҳои фючерсӣ ба он асос ёфтааст, ки агар ширкат дар лаҳзаи таҳвил ҳамчун фурӯшандаи асъор ё коғазҳои қиматнок бо сабаби тағйирёбии нархҳо зарари молиявӣ бинад, пас он ба ҳамон андозае, ки харидори шартномаҳои фючерсӣ барои ҳамин миқдор асъор ё коғазҳои қиматнок фоида ба даст меорад, бурд мекунад ва баръакс.* |
| **3** | **«СВОП»** | *Ин муомилот барои харид ё фурӯши ин ё он дороӣ бо шартҳои гузоштани фаврӣ, бо бастани ҳамзамони муомилаи баръакс барои муҳлати муайян мебошад. Якчанд намуди СВОП – амалиёт мавҷуданд: – своп бо мақсади дароз кардани муҳлати амали коғазҳои қиматнок (ин амалиёт аз фурӯши коғазҳои қиматнок ва хариди ҳамзамони ҳамон навъи коғазҳои қиматнок бо муҳлати дарозтари амал иборат мебошад);– своп – амалиёти асъорӣ (он аз хариди асъори хориҷӣ бо пардохти фаврӣ бо пули миллӣ бо шарти бозхариди минбаъда иборат аст); – своп – амалиёт бо фоизҳо (яъне, қарздиҳанда уҳдадор аст ба ҷониби дигар фоизҳоеро пардохт кунад, ки аз қарзгиранда бо меъёри «либор», яъне меъёр аз рӯйи қарзҳои кӯтоҳмуддат, ки аз ҷониби бонкҳои Лондон ба дигар бонкҳои аввалиндараҷа ба ивази пардохти баръакс бо меъёри дар шартнома муқарраршуда пешниҳод карда мешаванд, ба даст меоянд.* |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ба сифати суғуртакунандагон шартномаҳои суғуртавиро шахсони ҳуқуқие, ки дорои иҷозатномаҳо (литсензияҳо) барои амалисозии суғуртаи намуди дахлдор мебошанд, баста метавонанд. Суғурта яке аз усулҳои асосии ҳимояи манфиатҳои шахсӣ ва амволии муштариён (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дар ҳолати сар задани ҳодисаҳои муайян (ҳодисаҳои суғуртавӣ) аз ҳисоби фондҳои пулие мебошад, ки аз ҳақпулиҳои (мукофотпулиҳо) суғуртавӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамин тариқ, суғуртакунанда маблағҳои ҷалбшударо на танҳо дар мабдаъҳои бозгаштӣ, балки бо мақсади фоиданокӣ низ истифода мебарад. Ва суғурташуда ҳуқуқ дорад ба қисми муайяни даромад аз сармоягузорӣ, ки суғуртакунанда хоҳад гирифт, умед бандад. Ин аз ҳисоби он ба даст оварда мешавад, ки ҳақпулии суғуртавӣ пешакӣ ба маблағи даромади пешбинишавандаи сармоягузорӣ кам карда мешавад. Фоизи даромади гирифташуда аз маблағи аслӣ меъёри фоизӣ номида шуда, бо аломати i ишора карда мешавад. Дар суғурта меъёри фоизиро меъёри фоиданокӣ меноманд. «Меъёри фоиданокӣ (дар суғурта), (меъёри фоизӣ) – ин фоизи ба захираи ҳақпулиҳо барои суғуртаи ҳаёт ва нафақа ва истифодаи он ба сифати захираҳои қарзӣ ҳисобшаванда мебошад»[62]. Маҳз андозаи даромаде, ки дар давоми сол дар шакли маблағи пулӣ ба даст оварда мешавад, меъёри фоиданокӣ мебошад. Вай одатан, чунонки дар боло гуфтем, бо аломати i ишора карда мешавад. Масалан, $i = 0.40$ маънои онро дорад, ки ҳар як сомонии сармояи гузошташуда 40 дирам даромади солона ва тамоми маблағи сармоя бошад, 40% даромад меорад. Дар суғурта даромад нисбат ба як воҳиди пулӣ ҳисоб карда мешавад. Дар асоси меъёри фоиданокӣ ҳақпулиҳои суғурташавандагон ба фонди суғуртавӣ пешакӣ кам карда мешаванд (ба маблағи даромади тахминшаванда). Ҳар қадар ки меъёри фоиданокӣ баландтар буда, муҳлати суғурта, ки дар давоми он захираи ҳақпулиҳои дар гардиш қарордошта тулонитар бошаду маблағи сармоягузориҳо зиёдтар, ба ҳамон андоза маблағи даромади бадастоянда баланд буда, имконият барои паст кардани фоизи нисбии меъёрҳои тарофавӣ бештар мебошад. Маблағи пулии ба андозаи 5000 сомонӣ

[62] Словарь страховых терминов // Под ред. Е.В. Коломина., В.В. Шахова. – М.: Финансы и статистика. 1992. 336 с.

гузошташударо бо гузашти 5 сол бо меъёри даромаднокии 30% солона табдил меёбад.

Илова бар ин, аз натиҷаи таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳои суғуртавӣ фоида аз фаъолияти сармоягузорӣ махсус таъкид карда мешавад. Моҳияти молиявии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда имкониятҳои васеи сармоягузории суғуртакунандаро муайян мекунанд. Барои баъзе намудҳои суғурта фоидаи сармоягузорӣ метавонад ба манбаи пӯшонидани захираҳои нокифояи суғурта барои ҷуброни зарар табдил ёбад. Фоида аз сармоягузорӣ барои суғуртакунанда, ҳамчун манбаи зиёд кардани сармояи худӣ, рушди фаъолияти суғуртавӣ хизмат мекунад. Нишондиҳандаҳои нисбии тавсифкунандаи натиҷаҳои молиявӣ инҳоянд:

1) фоиданокӣ, ки ҳам барои ташкилоти суғуртавӣ дар маҷмуъ ва ҳам барои намудҳои алоҳида ҳисоб карда мешавад:

- даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ дар маҷмуъ ё барои ҳар як намуди суғурта:

$$R_{co} = \frac{\text{Фоида аз амалиётҳои суғуртавӣ}}{\text{Маблағи ҳақпулиҳои суғуртавӣ}} \times 100,$$

- фоиданокӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:

$$R_a = \frac{\text{Фоида аз сармоягузориҳо}}{\text{Маблағи захираҳои суғуртавӣ}} \times 100$$

- даромаднокии дороиҳо:

$$R_o = \frac{\text{Фоидаи соф}}{\text{Арзиши миёнасолонаи дороиҳо}} \times 100$$

2) меъёри пардохт аз рӯйи намудҳои суғурта.

Меъёри пардохтҳои дар тарофа пешбинишуда бо сатҳи воқеӣ, ки нисбат ба пардохтҳои воқеӣ ба мукофотҳои ҷамъоваришудаи суғуртавӣ муайян мегардад, муқоиса карда мешавад. Сатҳи пардохтҳои суғуртавӣ:

$$Y_{cp} = \frac{\text{Маблағи пардохтҳои суғуртавӣ}}{\text{Маблағи ҳақпулиҳои (мукофотҳои) суғуртавӣ}} \times 100$$

3) сатҳи хароҷот – хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ бо ҳаҷми пардохтҳои ҷамъоваришудаи суғуртавӣ муқоиса карда мешавад;

4) сатҳи хароҷоти иловагӣ – нисбат ба ҳақпулиҳои комиссионии пардохтшуда ба маблағи умумии пардохтҳои суғуртавӣ;

5) коэффитсиенти зарароварӣ нисбат ба пардохтҳои суғуртавӣ ва хароҷот барои пешбурди кор, ба маблағи пардохтҳои ҷамъоваришуда муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади таҳқиқоти ҳамаҷонибаи паҳлуҳои методологияи баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории суғуртавӣ муайян намудани усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ зарур мебошад.

## 2.2. Усулҳои таҳлили рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ

Соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ ба шакли нисбатан пурра татбиқ карда мешавад, зеро дар баробари қонеъ кардани талаботи ҳаётан муҳимми инсон ба амният, вай ба манбаи муҳимтарини пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва истифодаи самараноки онҳо табдил меёбад. Бозори суғурта – муҳити махсуси иҷтимоию иқтисодӣ, соҳаи муайяни муносибатҳои пулие мебошад, ки дар он ба сифати объекти хариду фурӯши суғурта амал намуда, талабот ва пешниҳод ба он ташаккул меёбад. Бозори суғуртаро инчунин ҳамчун шакли ташкили муносибатҳои пулӣ барои ташаккул ва тақсимоти фонди суғуртавӣ барои таъмини ҳимояи суғуртавии ҷомеа, ҳамчун маҷмуи ташкилотҳои суғуртавӣ (суғуртакунандагон), ки дар расонидани хизматрасониҳои дахлдори суғуртавӣ иштирок мекунанд, баррасӣ кардан мумкин аст. Хосиятҳои истеъмолии маҳсулоти мазкур хеле муҳим буда, аз дигар маҳсулоти бозори молиявӣ фарқ мекунанд. Хусусияти онҳо аз моҳияти суғурта бармеояд, ки дар боби якуми кор мавриди баррасӣ қарор гирифта буд.

Бо баробари рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корхонаҳо ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ масъалаи таъмини ҳимояи зарурии фаъолияти онҳо ба миён омад. Дар раванди фаъолияти худ корхона ва аҳолӣ ба намудҳои гуногуни хавф дучор меоянд. Инҳо хавфҳои марбут ба офатҳои табиӣ, фаъолияти кормандони ташкилот, фаъолияти ҷонибҳои манфиатдор, муносибатҳо бо асимметрияи бозаргонии иттилоотӣ ва ғайра мебошанд.

**Ҷадвали 2.2.1.**

**Зинаҳои асосӣ ва сохтори бозори суғурта**

| № | Сохтори бозори суғурта | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1. | Пайвандҳои асосии бозори суғурта | Ташкилотҳои суғуртавӣ, суғурташавандагон, маҳсулоти суғуртавӣ, миёнаравҳои суғуртавӣ, арзёбикунандагони касбии хавфҳо ва зарарҳои суғуртавӣ, ҷамъиятҳои суғуртакунандагон, иттиҳодияҳои суғурташавандагон ва низоми танзими давлатии онҳо |
| 2. | Сохтори институтсионалӣ | Ширкатҳои давлатӣ, саҳомӣ, хусусӣ, корпоративӣ, мутақобила ва дигари суғурта. |
| 3. | Сохтори ҳудудӣ | Маҳаллӣ (минтақавӣ), миллӣ (дохилӣ), ҷаҳонӣ (беруна). |
| 4. | Сохтори соҳавӣ | Шахсӣ, амволӣ. Дар навбати худ, ҳар як бозорро ба бахшҳои алоҳида тақсим кардан мумкин аст, масалан, бозори суғуртаи садамаҳо, бозори суғуртаи амволи манзил ва ғайра. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар ҷадвали 2.2.2. динамика ва сохтори нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то соли 2020 нишон дода шудааст. Тавре ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, дар давраи мавриди таҳлил даромади ташкилотҳои суғуртавӣ қариб 3 маротиба зиёд шудааст. Ҳақпулиҳои суғуртавӣ бештар аз 90% воридоти умумии фонди суғуртавиро ташкил медиҳанд. Пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ ва маблағҳои суғуртавӣ дар соли 2020 18,7 миллион сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2010 зиёда аз 25 фоиз афзуда, вазни холиси онҳо дар ҳаҷми умумии хароҷот ба ҳисоби миёна 5,5 фоизро ташкил дод. Дар соли 2020 бештар аз 24% даромадҳои суғуртавӣ ба захираҳои суғуртавӣ равона карда шуд, ки манбаи фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамчунин шароити муфид барои рушди соҳибкорӣ мебошанд. Дар ин давра фоидаи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ аз 3,4 дар соли 2010 то 94,8 миллион сомонӣ зиёд шуд.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон тамоюли афзоиши дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи солҳои 2015 – 2020 он аз 278,1 то 412,4 миллион сомонӣ ба мушоҳида мерасад. Дар сохтори дороиҳои умумӣ ҶСП ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ” ва ҶДММ “ТСА “Спитамен Иншуренс” ҳиссаи бештарро доранд. (расми 3).

**Ҷадвали 2.2.2. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Тағйир 2020/2010, бо %, (+/–) ва банди фоизӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла: | 115,6 | 101,6 | 146,4 | 138,3 | 138,3 | 154,3 | 131,3 | 177,9 | 235,2 | 244,9 | 256,4 | 140,8 |
| Дар ММД, бо % | 0,46 | 0,33 | 0,40 | 0,34 | 0,30 | 0,31 | 0,24 | 0,29 | 0,34 | 0,31 | 0,31 | – 0,15 б.ф. |
| воридоти ҳақпулиҳои суғуртавӣ | 106,1 | 89,2 | 137,4 | 128,6 | 118,0 | 121,3 | 118,2 | 162,1 | 226,1 | 227,2 | 235,0 | 221,5 |
| Дар ММД, бо % | 0,42 | 0,29 | 0,37 | 0,31 | 0,25 | 0,25 | 0,21 | 0,26 | 0,32 | 0,30 | 0,28 | – 0,14 б.ф. |
| Ҳамагӣ хароҷот, аз ҷумла: | 112,2 | 97,9 | 140,8 | 127,4 | 124,8 | 128,9 | 122,4 | 170,6 | 193,3 | 174,7 | 161,6 | 144,0 |
| пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ | 14,9 | 13,9 | 14,1 | 14,4 | 25,4 | 16,7 | 17,9 | 10,8 | 10,7 | 14,9 | 18,7 | 125,5 |
| Дар ММД, бо % | 0,06 | 0,04 | 0,03 | 0,03 | 0,05 | 0,03 | 0,03 | 0,01 | 0,01 | 0,018 | 0,022 | -0,038 б.ф. |
| тарҳҳо ба захираҳои суғуртавӣ | 23,1 | 30,3 | 33,8 | 28,7 | 39,9 | 51,1 | 48,0 | 51,9 | 28,7 | 66,6 | 62,5 | 270,5 |
| Захираҳои суғуртавӣ бо натиҷаи афзоянда дар тули давра | 65,3 | 95,6 | 129,4 | 158,1 | 198,0 | 249,1 | 297,1 | 349 | 377,7 | 344,2 | 347,3 | 531,8 |
| мукуфотҳои суғуртавӣ аз рӯйи азнавсуғуртакунӣ | 47,3 | 24,4 | 58,6 | 47,4 | 13,5 | 4,5 | 10,7 | 65,9 | 61,1 | 62,4 | 64,1 | 135,5 |
| Фоидаи (+), зарари (–) тавозунӣ | 3,4 | 3,7 | 5,6 | 10,8 | 14,4 | 25,4 | 8,9 | 7,4 | 41,9 | 70,2 | 94,8 | 27 маротиба |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шудааст дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 690 – 691*




**Расми 3. Нишондиҳандаҳои асосии дороиҳои бозори суғурта**

Ҳоло дар ҷумҳурӣ танҳо давраи ташаккул ва рушди бозори суғурта ҷараён дорад, ки дар раванди он ҳам заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодии он, ҳам низоми таъмини амнияти ташкилотҳои суғуртавӣ метавонад тағйир ёбад. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон бо суғурта танҳо тақрибан 8% майдони суғуртавӣ бо сатҳи пардохтҳо – 9,2% фаро гирифта шудааст, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои аврупоӣ 60 – 80% – ро ташкил медиҳад. Дар айни замон, бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар бозорҳои ғайрибонкии молиявӣ бештар сармоягардии баландро соҳиб аст.

Таҳлили вазъи соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ тамоюли мусбати рушдро нишон медиҳад. Дар давраи солҳои 2010 – 2020 ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшудаи суғуртавӣ дар кишвар 2,9 маротиба, ё аз 115 миллион сомонии дар соли 2010 то ба 256,4 миллион сомонӣ дар соли 2020 (ё 141,4 миллион сомонӣ) афзоиш ёфт. Ҳамзамон, сарфи назар аз рушди босуръати соҳибкории суғуртавӣ, дар солҳои охир сустшавии суръати рушди он, пеш аз ҳама коҳиш ёфтани ҳиссаи ҳаққулиҳои суғуртавӣ дар ММД ба

мушоҳида мерасад. Агар дар соли 2010 ҳиссаи ҳақпулиҳои суғуртавӣ нисбат ба ММД 0,46% – ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ҳамагӣ 0,31% ММД – ро ташкил дод, ё ба андозаи – 0,15 банди фоизӣ кам шуд.

**Ҷадвали 2.2.3.**

**Динамикаи афзоиши миқдор ва намудҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 - 2020, адад**

| Солҳо | Миқдори умумӣ | Аз рӯйи намуд | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ташкилотҳои давлатии суғуртавӣ | Ташкилотҳои ғаридавлатии суғуртавӣ | Брокери суғуртавӣ | Ҷамъияти суғуртаи мутақобила |
| 2010 | 17 | 2 | 15 | 1 | - |
| 2020 | 20 | 2 | 16 | 1 | 1 |

*Сарчашма: сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj*

Таҳлилҳо нишон дод, ки аз 20 ширкати амалкунандаи суғуртавӣ дар соли 2020 2 - тоаш давлатӣ ва 16 - тои он ташкилотҳои ғайридавлатии суғуртавӣ мебошанд. Дар бахши соҳибкории суғуртавии ҷумҳурӣ як ҷамъияти суғуртаи мутақобила амал мекунад (ниг. ҷадвали 2.2.3.).

Дар байни ширкатҳои ватании суғуртавӣ, ки дар бахши суғуртаи бозори молиявии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, аз лиҳози капитализатсия ҶДММ “ТСА “Спитамен Иншуренс” бо сармояи 90269,2 ҳаз. сомонӣ (7963 ҳаз. доллари ИМА) дар мақоми аввал қарор дорад. Баъдан корхонаи ҶСП “ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ” (71349,4 ҳаз. сомонӣ) ва Ширкати давлатии суғуртавии КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» (15675,0 ҳаз. сомонӣ) қарор гирифтаанд. Андозаи миёнаи сармояи ширкатҳои суғуртавӣ 11,6 миллион сомонӣ (ё 1 миллион доллари ИМА) – ро ташкил медиҳад, ки барои таъмини суғуртаи хавфҳо дар иқтисоди Тоҷикистон нокифоя мебошад.

Ҳамин тавр, масалан, дороиҳои маҷмуии ширкатҳои ватании суғуртавӣ дар ҳаҷми 513,5 миллион сомонӣ дар аввали соли 2021 танҳо 7% ҳаҷми қарзҳои

аз муҳлати пардохт гузаштаи низоми бонкии ватаниро, ки ҳаҷми онҳо дар соли аввали 2021 7367790 ҳаз. сомониро ташкил медод, пӯшонида метавонанд.

**Ҷадвали 2.2.4.**

**Дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртаи Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2021, (ҳаз. сомонӣ)**

| Номгӯйи ташкилотҳои суғуртавӣ | Дороиҳо | Уҳдадориҳо | Сармояи оинномавӣ |
|---|---|---|---|
| КВД «Тоҷиксуғурта» | 51675,2 | 45101,8 | 5200,0 |
| ҶДММ «ТС «Муин» | 16496,4 | 4994,2 | 3218,8 |
| ҶСП «ТС «Кафил» | 2134,0 | 0,0 | 2000,0 |
| КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» | 32783,2 | 12874,1 | 15675,0 |
| ҶДММ «ДС Суғурта» | 10160,6 | 224,4 | 10000,0 |
| ҶДММ «ТС «Меҳнат» | 4340,4 | 1653,0 | 2000,0 |
| ҶДММ ТС «Эсхата – Суғурта» | 3586,2 | 1372,8 | 2000,0 |
| ҶДММ ТСА «Спитамен – Иншуренс» | 101473,7 | 4932,9 | 90269,2 |
| ҶДММ «ТС «Итминон» | 2922,3 | 561,3 | 2000,0 |
| ҶДММ «Суғуртаи Асри 21» | 4469,0 | 125,2 | 4319,8 |
| ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин» | 2375,9 | 375,9 | 2000,0 |
| ҶДММ «ТС Мехрубон» | 2404,2 | 0,0 | 2000,0 |
| ҶДММ «ТС «Бима» | 38683,0 | 32991,6 | 2000,0 |
| ҶДММ «ТС «Бима Ҳаёт» | 5973,5 | 3 953,1 | 2000,0 |
| ҶДММ «Суғуртаи Шарқ» | 2955,0 | 674,0 | 2000,0 |
| ҶСП «ТС Паймон Иншуренс» | 15411,2 | 3348,4 | 12000, |
| ҶСП ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» | 212045,8 | 93316,2 | 71349,4 |
| ҶДММ «Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила» | 1332,8 | 1289,7 | 21,1 |
| ҶДММ «ТС Сипахр» | 1839,9 | 17,1 | 2000,0 |
| ҶДММ «ТС Такаффул» | 508,3 | 9,6 | 500,0 |
| **Ҳамагӣ** | **513570,6** | **207815,3** | **232553,3** |

*Сарчашма: сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj*

Барои арзёбии мавқеи ташкилотҳои суғурта дар бозори суғурта сатҳи тамаркузи (вазъи монополии) ин бозорро дар асоси ҳисоб кардани намояи Ҳерфиндал-Ҳиршман ($I_{HH}$) муайян мекунем (ҷадвали 2.2.5.).

**Ҷадвали 2.2.5.**

**Дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртаи Тоҷикистон (с.2020)**

| № р/т | Номгӯйи ташкилотҳои суғуртавӣ | Дороиҳо ҳаз. сомонӣ | S | $S^2$ | Уҳдадориҳо ҳаз. сомонӣ | S | $S^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД «Тоҷиксуғурта» | 51675,2 | 10, 1 | 102,0 | 45101,8 | 21,7 | 470,9 |
| 2 | ҶДММ «ТС «Муин» | 16496,4 | 3,2 | 10,3 | 4994,2 | 2,4 | 5,76 |
| 3 | ҶСП «ТС «Кафил» | 2134,0 | 0,41 | 0,17 | 0,0 | - | - |
| 4 | КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» | 32783,2 | 6,4 | 40,8 | 12874,1 | 6,19 | 38,3 |
| 5 | ҶДММ «ДС Суғурта» | 10160,6 | 2,0 | 4,0 | 224,4 | 0,10 | 0,01 |
| 6 | ҶДММ «ТС «Меҳнат» | 4340,4 | 0,84 | 0,71 | 1653,0 | 0,8 | 0,63 |
| 7 | ҶДММ «ТС «Эсхата - Суғурта» | 3586,2 | 0,7 | 0,48 | 1372,8 | 0,66 | 0,43 |
| 8 | ҶДММ ТСА «Спитамен-Иншуренс» | 101473,7 | 19,7 | 389,2 | 4932,9 | 2,37 | 5,62 |
| 9 | ҶДММ «ТС «Итминон» | 2922,3 | 0,56 | 0,32 | 561,3 | 0,27 | 0,073 |
| 10 | ҶДММ «Суғуртаи Асри 21» | 4469,0 | 0,87 | 0,75 | 125,2 | 0,06 | 0,004 |
| 11 | ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин» | 2375,9 | 0,46 | 0,21 | 375,9 | 0,18 | 0.032 |
| 12 | ҶДММ «ТС Меҳрубон» | 2404,2 | 0,46 | 0,21 | 0,0 | - | - |
| 13 | ҶДММ «ТС «Бима» | 38683,0 | 7,5 | 56,5 | 32991,6 | 15,8 | 250,8 |
| 14 | ҶДММ «ТС «Бима Ҳаёт» | 5973,5 | 1,16 | 1,35 | 3 953,1 | 1,90 | 3,61 |
| 15 | ҶДММ «Суғуртаи Шарқ» | 2955,0 | 0,57 | 0,33 | 674,0 | 0,32 | 0,10 |
| 16 | ҶСП «ТС «Паймон Иншуренс» | 15411,2 | 3,0 | 9,0 | 3348,4 | 1,61 | 2,59 |
| 17 | ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» | 212045,8 | 41,3 | 1705,2 | 93316,2 | 44,9 | 2016,1 |
| 18 | ҶДММ «Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила» | 1332,8 | 0,25 | 0,06 | 1289,7 | 0,62 | 0,38 |
| 19 | ҶДММ «ТС «Сипаҳр» | 1839,9 | 0,36 | 0,13 | 17,1 | 0,008 | 0,00006 |
| 20 | ҶДММ «ТС Такаффул» | 508,3 | 0,1 | 0,009 | 9,6 | 0,005 | 0,000025 |
| | **Ҳамагӣ** | 513570,6 | 100,0 | 2321,7 | 207815,3 | 100,0 | 2795,4 |

*Сарчашма: сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj*

Ҳангоми ҳисоб кардани ин намоя мо ҳиссаи дорой ва уҳдадориҳои ҳар як ташкилотро дар қиёс ба ҳамаи онҳо ҳисоб мекунем. Тахмин карда мешавад, ки нишондиҳандаи (саҳми) ширкатҳои суғуртавӣ дар маҷмуъ ҳар қадар зиёд бошад, воқеияти пайдоиши монополия хамон кадар зиёд мешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани намоя ҳамаи ширкатҳои суғурта аз рӯйи вазни хос аз калон то хурдтарин мувофиқи формулаи зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

$I_{HH} = S_1^2 + S_2^2 + S_3^2 + \cdots + S_п^2$ дар ин ҷо:

$I_{HH}$ - намояи Ҳерфиндал - Ҳиршман;

S1- саҳми бузургтарин ташкилоти суғурта;

S2 - ҳиссаи ташкилоти калонтарин;

Sn -ҳиссаи хурдтарин ширкат.

Бозоре, ки дар он намояи Ҳерфиндал-Ҳиршман аз 1800 зиёд аст, монополияи баланд ҳисобида мешавад. Чунонки аз ҳисобҳо дида мешавад, намояи Ҳерфиндал-Ҳиршман барои дороиҳои ташкилотҳои суғурта 2321,7 ва уҳдадориҳо 2795,4 мебошад (нигаред ба ҷадвали 2.2.5.). Ҳамин тариқ, бозори суғуртаи ҷумҳурӣ сифати монополӣ дошта, дар он рақобати номукаммал вуҷуд дорад. Дар бозор дороиҳои ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» (41,3%) ҶДММ «ТСА «Спитамен - Иншуренс» (19,7%) ва КВД «Тоҷиксуғурта» (10,1%) нақши ҳалкунанда доранд, яъне бештар аз 71 фоизи тамоми молу мулки ташкилотҳои суғуртаи мамлакат ба ин се ташкилот тааллуқ дорад. Мутаносибан, беш аз 68 фоизи уҳдадориҳои ташкилотҳои суғурта ба ҳамин се ширкати суғуртавӣ рост меояд.

Барои кам кардани зарари эҳтимолӣ аз хатарҳо, ширкат маҷбур аст барои кӯмак ба ширкат ва ташкилотҳои суғуртавӣ мурочиат кунад ва ё фондҳои махсус ташкил кунад.




**Расми 4. Ҳиссаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар дороиҳои умумӣ дар соли 2020**

*Сарчашма: Муаллиф тартиб додааст. Ҳисоби муаллиф*

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар ҳиссаи умумии дороиҳо саҳми назаррас ва асосиро ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» - 39,5 %, ҶДММ «ТСА «Спитамен - Иншуренс» - 24,5 % доранд ва дар маҷмуъ ҳиссаи онҳо 64,0 % - ро ташкил медиҳад ва саҳми 16 ташкилоти суғуртавии дигари ватанӣ ҳамагӣ 36,0 % мебошад.

Бояд қайд кард, ки соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз номукаммал буда, ба самаранокии баланди фаъолият ҳам аз рӯйи фаъолияти асосӣ – суғурта ва ҳам аз рӯйи фаъолияти иловагӣ – сармоягузорӣ ноил нашудааст (ниг. ҷадвали 2.2.6.).

**Ҷадвали 2.2.6.**

**Динамикаи фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағ, бо млн. сомонӣ | Вазни хоис, бо % | Маблағ, бо млн. сомонӣ | Вазни хоис, бо % |
| Пасанадозҳо дар бонкҳо | 11,2 | 91,1 | 49 | 37,5 |
| Сармоягузориҳои дигар | 1,1 | 8,9 | 49 | 62,5 |
| Ҳамагӣ | 12,3 | 100 | 78,4 | 100 |

*Сарчашма: сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj*

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.6. нишон медиҳад, ки ширкатҳои суғуртавӣ захираҳои ҷамъшудаи суғуртавиро ба бахши воқеӣ ба таври нокифоя сармоягузорӣ мекунанд. Ҳамин тавр, дар сурати мавҷуд набудани мушкилот дар бахши бонкӣ, захираҳои суғуртавии ширкатҳои суғуртавӣ асосан ба пасанадозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар соли 2011 11,2 миллион сомонӣ ё 91,1% аз сармоягузориҳои умумӣ маблағгузорӣ карда шуданд. Бо пайдо шудани мушкилот дар бахши бонкӣ, сарфи назар аз афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба пасанадозҳои бонкӣ (дар соли 2020 онҳо 49 миллион сомонӣ ё 38 миллион сомонӣ афзоишро нишон доданд), вазни хулиси ин навъи сармоягузориҳои ғайрифаъол то 37,5% ва ё дар давраи баррасишаванда ба 53,6 банди фоизӣ кам шудааст.

Дар давраи баррасишаванда метавон гуфт, ҳам ҳаҷм ва ҳам ҳиссаи дигар намудҳои сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ афзоиш ёфтанд. Ҳамин тавр, дигар намудҳои сармоягузорӣ аз 1,1 миллион сомонии соли 2011 то 232 миллион сомонӣ дар аввали соли 2021 ва ё 230,9 миллион сомонӣ афзоиш ёфтанд. Аммо сармоягузориҳои ширкатҳои суғуртавӣ асосан ба сохтмони объектҳои амволи ғайриманқул (сохтмони манзил аз ҷониби ташкилоти суғуртавии «Муин»), иштирок дар сармояи дигар ширкатҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, маблағгузории қарздории кредиторӣ, амалиётҳои тиҷоратӣ – миёнаравӣ равона карда шудаанд. Масалан, ширкати суғуртавии ҶДММ «ТСА «Спитамен – Иншуренс» саҳмдори ҶСП «Спитамен – Бонк» бо сармоягузории 60 миллион сомонӣ дар сармояи оинномавии он мебошад.

Яъне, дар шароити муосир қисми бештари ширкатҳои ватании суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ сармоягузории захираҳои озоди суғуртавиро ё ба амалҳои кӯтоҳмуҳлати молиявӣ (амонатҳои пардохтпазир ва муҳлатноки бонкӣ), ё сармоягузориро ба амволи ғайриманқул ва дигар намудҳои муомилоти молиявӣ, аз ҷумла хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ ва саҳмияҳои ширкатҳои молиявӣ, бинобар нокифоягии механизми сармоягузорӣ дар кишвар афзалтар медонанд.

Бояд қайд кард, ки методикаи ташаккули сармояи захиравӣ (эҳтиётӣ) ҳамчун унсури сармояи худии ташкилоти суғуртавӣ хусусияти мушаххаси соҳавӣ надорад, аммо ба принсипҳои умумии ташкили фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо мувофиқат мекунад. Ин сармоя тибқи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои муассисӣ таъсис дода мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» заминаҳои ҳуқуқии ташаккули сармояи захиравӣ ифода ёфтаанд. Дар моддаи 17 қонуни мазкур таъкид шудааст, ки «кафолатҳои таъмини устувории молиявии суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) инҳо мебошанд: тарофаҳои суғуртавии аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок кардашуда; захираҳои суғуртавие, ки барои иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи шартномаҳои суғурта, ҳамсуғуртакунӣ, азнавсуғуртакунӣ, маблағҳои худӣ» кифоя мебошанд[63]. Захираҳои суғуртавие, ки аз ҷониби суғурташавандагон ташаккул меёбанд, аз ҷониби давлат мусодира карда намешаванд. Суғуртакунандагон ҳуқуқ доранд, ки пули озоди худро бо салоҳияти худ, аз ҷумла бо мақсади сармоягузорӣ ҷойгир кунанд. Суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғуртавӣ) ҳуқуқ доранд, ки маблағҳои захираҳои суғуртавиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кунанд. Ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ бояд бо шартҳои диверсификатсия, бозгаштӣ, фоиданокӣ ва қобили пардохтӣ сурат бигирад (моддаи 19 Қонун).

Мувофиқи қонуни мазкур маблағҳои захираҳои ташаккулёфта метавонанд бо амонатҳои бонкӣ, амонатҳо бо асъори хориҷӣ мутобиқи асъори суғурта, амволи ғайриманқул, саҳмияҳо, вомбаргҳо, коғазҳои қиматноки барориши давлатӣ ва ғайра ифода ёбанд. Барои ташаккули захираҳои суғуртавӣ як қисми фоидаи соф то ноил шудани он ба андозаи муайян (масалан, на камтар аз 5% - и сармояи оинномавӣ) истифода мешавад. Сармояи захиравиро барои пӯшонидани зарар аз рӯйи натиҷаҳои фаъолият, инчунин барои пардохт кардани вомбаргҳои ширкат ва бозхариди саҳмияҳои ҷамъият, дар сурати

---

[63] Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон. 2010. №12.Ҷ – 1. С. 840.

набудани маблағҳои дигар истифода бурдан мумкин аст. Ташаккул ва истифодаи захираҳои суғуртавӣ дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Онҳо пеш аз ҳама, барои он пешбинӣ шудаанд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ тавонанд аз рӯйи ӯҳдадориҳои шартномавии худ ҷавобгӯ бошанд. Ҳар як намуди ӯҳдадории суғуртакунанда бо намуди дахлдори захираи суғуртавӣ пӯшонида шуда, дар амалия андозаи захираҳои суғуртавӣ ҳаҷми ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро барои давраи дахлдор нишон медиҳад. Аз ин рӯ, андозаи захираҳои суғуртавӣ мутобиқ ба зиёдшавӣ ё камшавии масъулияти суғуртавӣ, ки ба арзёбии ӯҳдадориҳои иҷронашудаи суғуртакунанда асос ёфтааст, тағйир меёбад. Захираҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба шартномаҳои суғурта пешбинӣ шудаанд, мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суғуртаи ҳаёт ва дигар намудҳои суғурта истифода карда мешаванд.

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои заҳираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.2.7. оварда шудааст.

Тавре дар маълумоти ҷадвали 2.2.7. дида мешавад, бо афзоиши даромади ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ, андозаи пулгузаронӣ барои захираҳои суғуртавӣ низ афзоиш меёбад. Ҳамин тавр, дар соли 2020 андозаи сармояи захиравӣ зиёда аз 62,5 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011 – ум 2,0 маротиба зиёд аст. Ҳаҷми пулгузаронӣ ба захира барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои нохуш, вайрон шудан ё осеб дидани амволи суғурташуда дар давраи мавриди таҳлил қарордошта бештар аз 12,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

Аммо вазни холиси сармояи захиравӣ дар даромади умумии ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2020 27,16% – ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011 коҳиш ёфта, дар хароҷоти умумӣ 6,48% – ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.2.7. Нишондиҳандаҳои захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 101,6 | 146,4 | 138,3 | 138,3 | 154,3 | 131,3 | 177,9 | 235,2 | 244,9 | 256,3 | 177,1 |
| Хароҷот | 97,9 | 140,8 | 127,4 | 124,8 | 128,9 | 122,4 | 170,6 | 193,3 | 174,6 | 161,6 | 137,0 |
| Пулгузаронӣ барои захираи маблағи суғурта | 30,3 | 33,8 | 28,6 | 39,9 | 51,1 | 48,0 | 51,9 | 28,6 | 66,5 | 62,5 | 232,5 |
| Бо % нисбат ба даромадҳо ҳамагӣ | 29,8 | 23,0 | 20,7 | 28,9 | 33,1 | 36,6 | 29,2 | 12,1 | 27,2 | 24,3 | 6,48 бф |
| Пулгузаронӣ ба захира барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои ногаҳонӣ (табиӣ), барои гум ё вайрон кардани амволи суғурташуда | 1,1 | 1,3 | 1,1 | 3,2 | 10,0 | 2,6 | 1,1 | 3,2 | 14,0 | 12,6 | 12,6 мар |
| Бо % нисбат ба даромадҳо ҳамагӣ | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,6 | 0,2 | 0,05 | 0,1 | 0,5 | 0,5 | 0,32 бф |

*Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. С. 442.*

Вазни холиси тарҳҳо ба захираҳо барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои нохуш, вайрон шудан ё осеб дидани амволи суғурташуда ба даромад ва харочоти умумии ташкилотҳои суғуртавӣ тамоюли пастравиро дорад. Умуман, дар баробари афзоиши даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ вазни холиси захираҳо кам мешавад, ки ин аз коҳиш ёфтани ҳаҷми сармояи захиравии ташкилотҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳад.

Тибқи маълумот барои соли 2020, дар ҷумҳурӣ 47,6 ҳаз. корхонаву ташкилот, зиёда аз 32,3 ҳаз. субъекти соҳибкории хурд, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошанд, фаъолият карда, шумораи хоҷагиҳои ба қайд гирифташудаи деҳқонӣ (фермерӣ) ва шумораи шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ машғуланд, зиёда аз 183 ҳаз. ададро ташкил дод.

Аммо дар солҳои 2016 ва нимсолаи аввали 2018 ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ бо субъектҳои соҳибкории бозорӣ ба миқдори 183 ва 921 ҳаз. адад ба маблағи умумии 82,1 ва 168,4 ҳаз. сомонӣ шартномаҳои суғуртавӣ баста буданд. Аз ин метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ширкатҳои ватании суғуртавӣ ҳоло қодир нестанд ба субъектҳои воқеии иқтисод, бахусус соҳибкорони варзида, на танҳо ҳимояи муассири суғуртавӣ пешниҳод намоянд, балки наметавонанд имкониятҳои маблағгузории рушди инноватсионии онҳоро маҳдуд созанд[1]. Аммо, дар бозорҳои пешрафтаи молиявӣ маҳз ширкатҳои суғуртавӣ сармоягузорони асосии институтсионалӣ ба ҳисоб рафта, баробари бонкҳо ва ширкатҳои сармоягузорӣ ҳам дар қисмати ҷалби амонатҳои озод, ҳам маблағгузориҳои онҳо ба иқтисоди воқеӣ, бо муҳлатҳои тулонӣ рақобат мекунанд. Аксарияти захираҳои дарозмуддати молиявӣ дар доираи иқтисоди миллии кишварҳои пешрафта, маҳз аз ҳисоби бахши суғуртавӣ, бахусус таҳия ва фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ ва дарозмуҳлати суғуртавӣ, ба монанди суғуртаи ҳаёт, ба вуҷуд меояд.

Рушди раванди суғурта, ташкил ва сатҳи рушди ташкилотҳои суғуртавӣ бо вазъи иқтисод, сатҳи рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар зич алоқаманд аст. Ҳамин тавр, агар дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2005 афзоиши ММД зиёда аз 11,5 маротиба, даромадҳои пулии аҳолӣ бештар аз

8,2 маротиба, афзоиши саҳмҳо (пасандозҳо) ва коғазҳои қиматнок зиёда аз 17,11 баробарро ташкил дода бошанд, пас мутаносибан ҳаҷми даромадҳои ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ ба 7,5 ва ҳаҷми хароҷот ба 4,8 маротиба зиёд шудааст. Фоидаи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ зиёда аз 316,0 маротиба, пардохтҳо ба буҷет 2,25 маротиба афзоиш ёфтаанд. Дар ин давра ҳарчанд бо баробари афзоиши нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нишондиҳандаҳои асосии мутлақи фаъолияти суғуртавӣ афзоиш меёфтанд, аммо ҳаҷми фонди суғуртавии ҷумҳурӣ, даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2020 ба 0,31% ММД ва 0,39% даромадҳои пулии аҳолӣ баробар шуд. Ин рақамҳо аз номукаммалии системаи суғурта дар ҷумҳурӣ ва сатҳи нокифояи кори механизмҳои бозаргонӣ дар ин соҳа шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2.2.8.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2020 /2005 мар. |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. Сомонӣ | 7206,6 | 24707,1 | 50977,8 | 82543,1 | 11,5 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. Сомонӣ | 3816,0 | 13256,0 | 25569,8 | 65347,0 | 17,1 |
| Фоидаи корхонаҳои ҷумҳурӣ, млн. Сомонӣ | 95,8 | 531,6 | 1736,3 | 3326,4 | 34,7 |
| Даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ҳамагӣ, млн. сомонӣ | 34,30 | 115, 56 | 154,3 | 256,4 | 7,5 |
| Хароҷоти ташкилотҳои суғуртавӣ, ҳамагӣ, млн. сомонӣ | 34,0 | 112,2 | 128,9 | 161,6 | 4,8 |
| Фоидаи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ, млн. сомонӣ | 0,31 | 3,4 | 25,4 | 94,8 | 316,0 |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шудааст дар асоси: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. АОНПҶТ. 2021. – Душанбе, 2021. С. 690 - 691; 694 - 695.*

Рушди бозори суғуртаи миллӣ бо тамоюлҳои хеле зиддиятнок тавсиф мешавад. Дар соҳаи суғурта масъалаҳои зиёде мавҷуд буданд ва мавҷуданд, ки

барои такмил ва баланд бардоштани самаранокии кори ташкилотҳои суғуртавӣ бояд роҳи ҳалли худро биёбанд. Нишондиҳандаҳои умумии бозори суғуртаи миллӣ дар 7 соли охир нишон медиҳанд, ки дар бозори мазкур тамоюли мусбати устуворӣ ҷой дорад.

Бо вуҷуди афзоиши баъзе нишондиҳандаҳои умумӣ, бозори миллии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар иқтисодиёт, бинобар танҳо дар марҳилаи аввали рушд қарор доштанаш, нақши муҳим бозида наметавонад.

**Ҷадвали 2.2.9.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ, адад | 15 | 16 | 17 | 16 | 16 | 15 | 20 |
| Мукофотпулиҳои суғуртавӣ, ҳаз. сомонӣ | 106,2 | 121,3 | 118,2 | 162,11 | 226,13 | 272,23 | 23504 |
| Мукофотпулиҳои суғуртавӣ, ки ба азнавсуғуртакунӣ интиқол дода шудаанд, ҳаз. сомонӣ | 13,7 | 44,8 | 108,0 | 658,8 | 610,7 | 300 | 763,5 |
| Пардохтҳои суғуртавӣ, ҳаз.сомонӣ | 25,4 | 17,62 | 17,93 | 10,85 | 10,7 | 14,9 | 0,2 |
| Дороиҳои ширкатҳои суғурта, ҳаз.сомонӣ | 34,5 | 41,12 | 51,91 | 66,4 | 74,7 | 90,51 | 513 |
| Сармояи шахсӣ, ҳаз.сомонӣ | 11,1 | 16,13 | 18,9 | 25,5 | 37,4 | 62,8 | 232,6 |
| Шумораи шартномаҳои басташуда, адад | 892386 | 901317 | 1042338 | 1307605 | 1406213 | 1501820 | 921972 |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шудааст дар асоси: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. АОНПҶТ. 2021. – Душанбе, 2021. С. 690 - 691; 694 - 695. // www.stat.tj*

Ҳаҷми маҷмуии пардохтҳои суғуртавии (мукофотпулиҳои суғуртавӣ) аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҷамъовардашуда дар соли 2020 ба 0,8 млн сомонӣ баробар буд, ки дар муқоиса бо соли 2015 3,7 млн сомонӣ ва ё 5,6 маротиба кам аст. Агар дар соли 2015 ҳаҷми ҷамъоварии мукофотпулиҳо 121,3

миллион сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 235 миллион сомониро (афзоиш 93,4%) ташкил дод.

Маблағи пардохтҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2020 ба 18,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2015 1,1 миллион сомонӣ ё 6,3% зиёд шудааст.

Суръати воридоти мукофотпулиҳои суғуртавӣ дар ин давра аз суръати афзоиши пардохтҳои суғуртавӣ хеле пеш рафт. Дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2020 513,6 млн. сомониро ташкил доданд, яъне нисбат ба соли 2010 148% зиёд шудаанд. Ин дороиҳо нисбат ба маҷмуи сармоя дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2010 232,6 млн. сомониро ташкил дод.

Вазъи рушди бозори суғурта аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин бозор то кунун мушкилоти халталаби зиёде боқӣ мондааст, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, аз ҷумла:

- сатҳи нокифояи пардохтпазирӣ ва талаботи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- мавҷуд набудани амалҳои боэътимоди молиявии ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ;
- сатҳи пасти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин рушд накардани бозори миллии азнавсуғуртакунӣ, ки боиси хориҷ шудани маблағҳои назарраси мукофотпулиҳои суғуртавӣ ба хориҷа, бо сабаби зарурати объективии ҷалби иштироки ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ ба суғуртакунии хавфҳои калон мегардад.

Аз ин лиҳоз, такмил додани низоми механизмҳое, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта мусоидат мекунанд, талаб карда мешавад. Ба ин мақсад гурӯҳбандии объектҳо ва субъектҳои бозорӣ бо мақсади таҳияи механизмҳои муносиби рушди соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта зарур аст. Чунонки дар боби якуми диссертатсия ба таври муфассал пешниҳод гардид, ба сифати объекти хариду фурӯш дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳсули суғуртавӣ ҳамчун моли махсус, ки дар бозори суғурта пешниҳод карда

мешавад, яъне хизматрасонии суғуртавӣ амал мекунад. Онро ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар асоси шартнома (дар суғуртаи ихтиёрӣ) ё қонун (дар суғуртаи ҳатмӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.2.10.**

**Субъектҳои бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Субъектҳои бозори суғурта | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1 | Фурӯшандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ | Ширкатҳои суғуртавӣ, ки бо суғурташавандагон шартномаҳои суғурта мебанданд, азнавсуғуртакунандагон ташкилотҳое мебошанд, ки объектҳои аллакай суғурташударо аз нав суғурта мекунанд. |
| 2 | Харидорони хизматрасониҳои суғуртавӣ | Шахсони воқеӣ ва дигар ашхоси коршояме, ки дар онҳо талаботи бошуурона (ихтиёрона ё тибқи қонун) ва таъминшудаи ҳимояи суғуртавии ягон чиз мавҷуд аст. |
| 3 | Баҳрабардоранда | Шахсест, ки ҳангоми сар задани ҳолати суғуртавӣ пардохти суғуртавиро дар ҳаҷми ҳисобкардашуда мегирад. |
| 4 | Шахси суғурташуда | Шахсест, ки аслан ба хотири ӯ шартномаи суғурта баста мешавад |
| 5 | Шахси сеюм | Шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки ба молу мулк, манфиатҳои амволӣ, моддии шахсият, манфиатҳои ҷисмонӣ ва маънавии он аз ҷониби субъекте, ки аз масъулияти шаҳрвандӣ (ё намуди дигар) суғурта шудааст, зарар ё зиён расонида мешаванд. |
| | **Миёнаравони бозори суғурта** | |
| 6 | Агенти суғуртавӣ | Шахсоне, ки дар басти ширкати суғуртавӣ қарор дошта, шартномаҳои суғуртавиро танҳо аз номи ширкати мавриди назар мебанданд ва (ба истисноИ подоши комиссионӣ) маоши доимӣ доранд. Чунин агентҳо, чун қоида, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ мебошанд. |
| 7 | Брокер | Дар бозори суғурта ҳамчун миёнарави мустақили байни муштарӣ ва суғуртакунанда амал намуда, талаботи суғурташавандагонро бо пешниҳоди хизматрасониҳо дар бозори суғурта пайваст мекунад. Аз рӯйи мақоми худ брокери суғуртавӣ намоянда ва ҳимоягари манфиатҳои суғуртакунанда ва мушовири он мебошад. |
| 8 | Шабакаҳои алтернативӣ | Бонкҳо, почта, ширкатҳои сайёҳӣ ва дигар ширкатҳо |

*Сарчашма: Аз рӯйи асари илмии зерин тартиб дода шудааст: Мирсаидов А.Б., Шамсуллозда Х. Хусусияти сармоягузории суғурта. – Душанбе: Ирфон, 2015. С. 45.*

Ба андешаи муаллиф, ташкилотҳо масъулияти калон доранд, аз ин рӯ нисбат ба онҳо як қатор талаботҳои қонунгузории суғуртаро дар шароити муосир муайян кардан мумкин аст:

1. Ба ҳайси суғуртакунанда танҳо шахси ҳуқуқӣ буда метавонад (то ки сармояи оинномавӣ мавҷуд бошад, ҳадди ақал ягон хел кафолат диҳад, ки зимни ба миён омадани мушкилот хизмат кунад);

2. Сармояи оинномавии суғуртакунанда бояд ба сатҳи муайян мувофиқат кунад;

3. Суғуртакунандагон метавонанд танҳо ба фаъолияти суғуртавӣ машғул шаванд, на бо намуди дигари фаъолият. Ин бо он мақсад анҷом дода мешавад, ки манфиатҳои муштариёни аксар ташкилотҳои суғуртавӣ ҳимоя карда шаванд. Ширкатҳои суғурта метавонанд коғазҳои қиматнокро хариду фурӯш намоянд, масалан, барои ширкатҳои Ғарб чунин фаъолият бо таваҷҷуҳ ба андозаи фоидаи бадастоянда қариб ба намуди асосии фаъолият табдил ёфтааст.

Аз ҷониби дигар, таназзули амиқи бозори фондӣ дар вақти бuҳрон низ ба бозори суғурта таъсири манфӣ мерасонад.

Бояд қайд кард, ки суғуртакунандагонро ҳам суғурта кардан мумкин аст. Ин дар нигоҳи аввал як шуғли бемаънӣ ба назар мерасад, аммо мантиқи худро дорад. Бинобар ин, ба фаҳмиши классикии суғурта рӯ меоварем: ба ҳадди ақал расонидани хавфҳо бо роҳи зиёд кардани шумораи муштариён. Ширкат аз муштарӣ камтар аз он маблағеро мегирад, ки дар натиҷаи сар задани ҳолати суғуртавӣ ӯҳдадор мешавад, ки онро ба ӯ пардохт намояд. Аммо гап сари он аст, ки мукофотпулӣ аз бисёриҳо ҷамъоварӣ карда мешавад ва нохушӣ бошад, танҳо бо баъзе касон рух медиҳад. Мутаносибан, ҳар қадар шумораи шахсони суғурташаванда зиёдтар бошад, ҳамон қадар барои ширкат беҳтар ва боэътимодтар аст. Аммо ҳолатҳои махсусе низ ҷой доранд, ки шартномаи суғурта ба маблағҳои хеле калон баста мешавад. Дар ин ҳолат ташкили захираҳои суғуртавӣ тибқи шартномаи мушаххас барои ширкат кори осон нест – вай бояд пулҳои ба таври кифоя зиёдеро «бандубаст» кунад, ки беҳаракат хоҳанд хобид. Вогузор кардани як қисми масъулият барои чунин хавф ба

ташкилоти махсусгардонидашуда (азнавсуғуртакунанда) мувофиқи мақсад (ва дар ниҳоят, фоиданоктар) мебошад. Албатта, қисми мутаносиби мукофоти суғуртавӣ низ бояд тақсим карда шавад. Дар ҳар як ширкати бузурги суғуртавӣ як шуъбаи калон мавҷуд аст, ки бо азнавсуғуртакунӣ машғул мебошад. Чунин шуъба, албатта, танҳо бо як азнасуғурташаванда кор намекунанд. Зеро чунон шартномаҳои калоне ҳастанд, ки онҳо бояд байни ду ё се суғуртакунанда, ё ҳатто зиёдтар тақсим карда шаванд. Ҳам азнавсуғурташавандагони «соф» ва ҳам ширкатҳое мавҷуданд, ки дар баробари фаъолияти суғуртакунӣ метавонанд суғуртаи одиро амалӣ кунанд.

Дар баробари ин, дар шароити ташаккул ва рушди бозори суғуртавӣ субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ на танҳо бо фаъолияти суғуртавӣ, балки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ низ машғул буда, барои ин маблағҳои муваққатан озодро аз захираҳои суғуртавӣ ва андӯхтҳои дигар истифода мебаранд. Дар робита ба ин гардиши пулии ширкати суғуртавӣ нисбат ба дигар сохторҳои тиҷоратӣ мураккабтар мебошад.

Ҳамин тавр, ба андешаи муаллиф, гардиши пулии ширкати суғуртавӣ аз ду ҷараёни пулӣ ба вуҷуд меояд, ки аз ҳамдигар нисбатан мустақил мебошанд:

1. Пардохтҳои суғуртавӣ – гардиши маблағҳое, ки ҳимояи суғуртавии суғурташавандагонро таъмин мекунанд. Дар ин давра:

- дар марҳилаи аввал захираҳои суғуртавӣ ва фондҳои суғуртакунандагон ташаккул меёбанд;
- дар марҳилаи дуюм – як қисми маблағҳои озод дар давраи мавриди назар ба лоиҳаҳои ғайрисуғуртавӣ.

*Суғуртакунандагон* ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила мебошанд, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии фаъолият дар соҳаи суғурта, азнавсуғуртакунӣ, суғуртаи мутақобила таъсис дода шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур барои амалӣ намудани намуди дахлдори фаъолияти суғуртавӣ иҷозатнома гирифтаанд. Ташкилотҳои суғуртавие, ки танҳо фаъолияти азнавсуғуртакунӣ анҷом медиҳанд, ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ мебошанд. Суғуртакунандагон

бо назардошти андозаи хавфи суғуртавӣ мукофотҳои суғуртавӣ (ҳақпулиҳои суғуртавӣ) ба даст оварда, захираҳои суғуртавиро ташаккул медиҳанд ва ҳангоми сармоягузорӣ андозаи зарарро муайян карда, пардохтҳои суғуртавӣ анҷом медиҳанд ва дигар амалҳои марбут ба иҷрои ӯҳдадориҳоро аз рӯйи шартномаи суғурта амалӣ менамоянд.

Назорати фаъолияти агентҳои суғуртавиро суғуртакунанда, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани санҷиши фаъолияти онҳо ва ҳисоботҳое, ки онҳо оид ба таъмини бехатарӣ ва истифодаи варақаҳои полисҳои суғуртавӣ оид ба таъмини бехатарии маблағҳои пулии аз суғурташавандагон гирифташуда ва иҷрои ваколатҳои дигар пешниҳод мекунанд, амалӣ менамояд.

Зери мафҳуми фаъолияти агентҳои суғуртавӣ, брокерҳои суғуртавӣ оид ба суғурта ва азнавсуғуртакунӣ фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба манфиати суғуртакунандагон ё дорандагони суғурта амалӣ карда шуда, бо расонидани хизмат ба онҳо оид ба интихоби суғурташаванда ва ё суғуртакунанда (азнавсуғуртакунанда), шартҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), таҳия, бастан ва нигоҳдории шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ворид кардани тағйирот ба он, таҳияи ҳуҷҷатҳои танзими талабот оид ба пардохти суғуртавӣ, ҳамкорӣ бо суғуртакунанда (азнавсуғуртакунанда), пешбурди фаъолияти машваратӣ амалӣ карда мешавад (расми 5).

*Актуарий* шахси воқеиест, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи шаҳрвандӣ – ҳуқуқӣ фаъолияти актуарӣ анҷом дода, узви ташкилоти худтанзимшавандаи актуарийҳо мебошад.

*Ҷамъияти суғуртаи мутақобила* як намуди кооперативи истеъмолӣ буда, барои амалӣ намудани суғуртаи мутақобилаи манфиатҳои амволии аъзои он таъсис дода мешавад.

Вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи танзим ва назорати фаъолияти суғуртакунандагон бо зарурати анҷом додани кор оид ба номутобиқатии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ширкатҳои суғуртавӣ, инчунин бо назорати интизом ва муносибати ҳамаҷониба дар омӯзиши шикоятҳо алоқаманд мебошад.




**Расми 5. Иштирокдорони бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ**

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар шароити имрӯза инфрасохтори васеи бозори суғурта бо фаъолияти касбии актуарҳо, сюрвейерҳо, андеррайтерҳо, адҷастерҳо дар марҳилаи арзёбии хавф, ҳангоми иҷрои шартномаи суғурта ва дар раванди танзими зарар муайян ва муқаррар карда мешавад.

Зарур аст, ки ҷиҳати рушди ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ, барои фаъолияти касбии андеррайтер, адҷастер ва сюрвейерҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Бояд гуфт, ки адҷастерҳо сабабҳои сар задани ҳолати суғуртаро муайян карда, андозаи зарар ва ҷуброни эҳтимолии суғуртавиро муайян менамоянд. Сюрвейер дар навбати худ муоинаи объектҳои барои суғурта қабулшавандаро гузаронида, хавфҳои имконпазирро муайян мекунад. Андеррайтерҳо дар амри арзёбии хавфҳо ва муайян кардани арзиши объект нақши муҳим доранд.

Ғайр аз ин автоматӣ ва иттилоотӣ кардани фаъолияти иштирокдорони касбии бозори суғурта яке аз вазифаҳои муҳимтарини рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Пеш аз ҳама, ҷорӣ

намудани технологияҳои навтарини иттилоотӣ имкон медиҳад, ки эътимоднокии амалиёти суғуртавӣ аз ҷониби иштирокдорони касбии бозори суғурта санҷида шавад, ки ин равандҳои таҳия, коркард ва таҳлили иттилоотро суръат мебахшад.

Бо ин мақсад зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо иштирокдорони касбии бозори суғурта ва иттиҳодияҳои онҳо корҳо оид ба таҳияи талаботҳои стандартӣ барои таъминоти барномавии иштирокдорони бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ тақвият дода шавад.

Шароити муосири рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ эҷоди низоми ягонаи илмиеро тақозо мекунад, ки фаъолияти суғуртавиро бо назардошти талаботи стандартҳои байналмилалии танзими муносибатҳои суғуртавӣ таъмин намояд.

Бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ва механизми танзими давлатии он самти мубрами таҳқиқотҳои илмӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, таҳлили бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ нишон медиҳад, ки асосҳои назариявӣ – методологии он аз рӯйи маҳсулоти муосири суғуртавӣ ва технологияҳои суғуртавӣ ба таври кофӣ аз ҷиҳати илмӣ коркард нашудаанд.

Дар ҳамин ҳол, ба маврид аст, ки оид ба шабакаҳои алтернативии паҳн кардани маҳсулоти суғуртавӣ, бонкҳо, шуъбаҳои почта, ширкатҳои сайёҳӣ ва дигар ширкатҳо, ки дар онҳо барои шумораи зиёди одамон хизмат расонида мешавад, тадбирандешӣ шавад, зеро ин имкон медиҳад хизматрасониҳои суғуртавӣ дар миқёси васеъ пешниҳод карда шаванд. Масалан, дар Фаронса фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ аз тариқи шабакаи бонкӣ васеъ истифода мешавад (тақрибан 40% шартномаҳои суғуртаи ҳаёт бо ин роҳ фурӯхта мешаванд). Шарти ҳатмии истифодаи усули мазкур стандартикунонии полисҳои суғуртавӣ мебошад, то ки ҳаҷми иттилооте, ки ба онҳо ҳангоми ба расмият даровардани шартнома ворид карда мешавад, ҳадди ақал бошад. Асосан чунин усул ҳангоми татбиқи шартнома оид ба намудҳои оммавии суғурта истифода мешавад, ки арзёбии дақиқи инфиродии дараҷаи хавфи суғуртавиро талаб намекунад.

Солҳои охир истифодаи низоми ба истилоҳ шабакаи бисёрсатҳӣ ҳам торафт васеътар мешавад. Ҳангоми истифодаи усули мазкур шахсони воқеӣ ҳамзамон бо гирифтани ҳуқуқи паҳн кардани хизматрасониҳои суғуртавӣ бар ивази ҳаққи комиссионӣ, бояд худашон полиси суғуртавии намуди мазкури суғуртаро харидорӣ кунанд. Дар ин замина агентҳое махсусан ҳавасманд карда мешаванд, ки шахсони навро ба фаъолияти мазкур ҷалб карда, кори муваффақонаи онҳоро таъмин менамоянд. Боз як усули ғайрианъанавии дигари бастани шартнома бо истифодаи шабакаҳои компютерӣ аз тариқи Интернет мебошад. Усули мазкур дар байни суғурташавандагони ИМА, Канада ва Британияи Кабир бештар паҳн шудааст. Ҳоло мувофиқи назарияи суғурта маъмулан бо ин роҳ шартномаҳои суғуртаи шахсӣ, суғуртаи амволи шахсони хусусӣ, нақлиёт ва ғайра баста мешаванд.

Ҳамин тавр, татбиқи амалии тадбирҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодгардида ва таҳлили муқоисавии вазъи бозори соҳибкории суғуртавӣ ба хусусиятҳои нархгузорӣ дар хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ мусоидат менамояд.

## 2.3. Хусусиятҳои нархгузорӣ ба хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ

Субъектҳои соҳибкории бахши суғуртаи иқтисодиёт маъмулан ба сифати субъектҳои микроиқтисодӣ ва агентҳои бозори суғурта баромад менамоянд. Чи тавре маъмул аст, интихоб ва тамоюли фаъолияти субъектҳои микроиқтисодиро равандҳои ташаккули нархи бозории натиҷаҳои фаъолияти онҳо муаяйн менамояд. Бинобар ин микроиқтисодиётро баъзан илм дар бораи омӯзиши нарху нархгузорӣ ҳам ном мебаранд. Аз ин лиҳоз, дар назди ҳамаи субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ яке аз вазифаҳои асосӣ – муайян кардани нархи маҳсулоти суғуртавӣ меистад. Нархи хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун воситаи менеҷменти суғуртавӣ амал мекунад. Хусусияти нархгузорӣ дар менеҷменти суғуртавӣ сиёсати тарофавӣ нисбат ба маҳсулот маҳсуб меёбад. Ҳадафи он аз татбиқи принсипҳои сиёсати тарофавӣ, стратегияи нархҳо ва роҳҳои фурӯш ва усулҳои ҳаракатдиҳандаи он бо назардошти талабот ва

пешниҳод аз маҳсулоти суғуртавӣ иборат мебошанд. Дар баробари ин нархгузории дурусти маҳсулоти суғуртавӣ вазъи иқтисодии соҳибкори суғуртавиро муайян менамояд.

Ба ташаккули нархҳо аз бисёр ҷиҳат муваффақияти фаъолияти суғурта, гирифтани фоида аз фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ, фаъолнокӣ дар бозори суғурта ва қаноатмандии суғурташаванда таъсир мерасонад.

Ҳамчунин, нарх ифодаи пулии арзиши маҳсулоти суғуртавӣ мутобиқи хароҷоти меҳнат, вақт барои таҳия ва фурӯши онҳо мебошад. Нарх –ҳаҷми пуле мебошад, ки суғурташаванда розист барои ҳимояи суғуртавии манфиатҳои амволӣ пардохт кунад. Барои суғуртакунанда ва суғурташаванда нарх на танҳо дар ҳисобгирии (ҳисобкунии) тамоми хароҷот барои таҳия ва фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ асос меёбад, балки сифат, рақобатпазирӣ ва симои суғуртакунандаро низ инъикос мекунад. Бинобар ин, аз нигоҳи муаллиф, нархи маҳсулоти суғуртавӣ дар бозор чунин *вазифаҳоро* иҷро мекунад (расми 2.3.1.).




**Расми 6. Вазифаҳои нарх дар бозори суғурта**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тариқ нарх ҳамчун механизми асосии бозор дорои вазифаҳои иттилоотӣ мебошад, ки барои таҳлили вазъ дар бозори суғурта, хусусияти хароҷот барои таҳия ва фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ имкон медиҳад. Вазифаи тақсимотӣ бошад ба тақсим ва азнавтақсимкунии қисми даромад дар байни шаклҳои моликият, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ – истеъмолкунандагони маҳсулоти суғурта мусоидат менамояд ва бо вазифаи миёнаравии иваз кардани ҳимояи суғуртавӣ ба пардохтҳои суғуртавӣ сурат мегирад. Вазифаи танзими бозори суғурта, бо имконияти таъсиррасонӣ ба рафтори субъектҳои бозори суғурта пайдо мешавад, бо вазифаи ҳавасмандгардонӣ бошад васеъ гаштани портфели суғуртавӣ ҳам дар маҷмуъ, ҳам дар ҷузъҳои алоҳида сурат мегирад.

**Ҷадвали 2.3.1.**

**Намуди нархҳои маҳсулоти суғуртавӣ вобаста ба ҳолати бозори фурӯш**

| Бозори нав | Бозори ташаккулёфта |
|---|---|
| Нархи баланд – аз худи оғози пешбурди маҳсулоти нави суғурташуда ё такмилёфта дар бозор, яъне бо нархи баланд, бо назардошти истеъмолкунандагоне, ки омодаанд ҳимояи суғуртавиро бо чунин нарх харидорӣ кунанд, муқаррар карда мешавад. | Нархи лағжандаи афтанда нисбат ба талабот ва пешниҳод муқарраркардашуда, тадриҷан бо ғанӣ гардидани бозори суғуртавӣ коҳиш меёбад |
| Нарх барои ворид кардани маҳсулот ба бозор нисбат ба нархи маҳсулоти монанди суғуртавӣ хеле пасттар муқаррар карда мешавад. | Нархи дарозмуддат дар давоми давраи дарозмуддат суст тағйир меёбад |
| Нархи равонӣ каме пасттар аз ягон маблағи пурра (масалан, 199 сомонӣ) муқаррар карда шуда, дар ниҳоди суғурташаванда таассуроти равонии нархи пасттарро ба вуҷуд меорад | Нархи бахши истеъмолии бозор барои намудҳои манфиатҳои амволе, ки ба гурӯҳҳои гуногуни суғурташавандагон (вобаста ба рақобати бозор аз ҷониби дорандаи суғурташаванда) фурӯхта мешавад, айнан як хел аст |

*Сарчашма: Бо истифода аз адабиётҳои соҳавӣ муаллиф тартиб додааст.*

Нархи бозори тавозуни талабот ва пешниҳодро танзимгари ҳимояи суғуртавӣ муайян менамояд ва ниҳоят бо воситаи нарх баҳисобгирӣ, яъне ҳисоби қонеъ кардани талаботҳои мушахас ба маҳсулоти суғуртавӣ амалӣ мешавад. Ҳамин тавр, нархҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ зери таъсири талабот ва пешниҳод қарор дошта, дар ҳамаи марҳилаҳои такрористеҳсол низомеро ифода мекунанд, ки асоси онро таснифот аз рӯйи нишонаҳо ташкил медиҳад (ҷадвали 2.3.1.).

Ҳар як субъекти соҳибкории суғуртавӣ сиёсати худии нарх (тарофавӣ) - ро амалӣ менамояд, ки маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар мегирад ва ба ин васила натиҷаҳои беҳтар ба даст меояд. Қисми фаъолтари сиёсати нарх нархгузорӣ мебошад, ки зери таъсири муҳити берунӣ ва дохилӣ ташаккул меёбад. Нархгузорӣ раванди мураккаби бисёрмарҳилавӣ мебошад, метавон онро ба шаш марҳила тақсим намуд (ниг. ба расми 6)

**МАРҲИЛАҲОИ НАРХГУЗОРӢ ДАР СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ**

1. Интихоби мақсад

2. Муайян кардани талабот ба махсулоти суғуртавӣ

3. Таҳлили хароҷот барои таҳия ва пешбурди маҳсулоти суғуртавӣ

4. Таҳлили нархи рақибон

5. Интихоби усулҳои нархгузорӣ

6. Муқаррар намудани нархи ниҳоӣ

Мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи фаъолияти суғуртавӣ, бахусус санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ

**Расми 7. Марҳилаҳои нархгузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Марҳилаҳои нархгузориро метавон чунин тавзеҳ дод:

1. *Интихоби мақсад*. Дар соҳибкории суғуртавӣ чунин ҳадафҳои сиёсати нарх, ба монанди мондагорӣ, ба ҳадди аксар расонидани фоида, нигоҳ доштани мавқеъ дар бозори суғурта мутамарказонида шудаанд. Барои мондагорӣ ширкатҳои суғуртавие, ки дар вазъи душвори молиявӣ қарор мегиранд, ба гузаштҳои нарх рӯ меоранд, яъне маҷбур мешаванд, ки нархҳои нисбатан пастро бо интизории афзоиши фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ муқаррар кунанд. Ба ҳадди аксар расонидани фоида тавассути интихоби нархҳо, истифодаи фоиданоки конъюнктураи бозор, ислоҳсозии коҳиши хароҷоти таҳия ва пешбурди маҳсулоти суғуртавиро таъмин мекунад. Нигоҳ доштани мавқеъ аз нигоҳдории ҳисса дар бозори суғурта, сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшавандаи суғуртавӣ сарчашма мегирад. Масалан, ҳар қадар ҳисса зиёд бошад, ҳамон қадар хоҳиши суғуртакунанда барои нигоҳ доштани он, аз ҷумла аз ҳисоби кам кардани хароҷот, паст кардани нархи маҳсулоти суғуртавӣ зиёдтар мешавад.

2. *Муайян кардани талабот* ба маҳсулоти суғуртавӣ яке аз шартҳои оқилона будани нархи бозорӣ мебошад, зеро ҳар қадар нарх баландтар бошад, ҳамон қадар талабот камтар мешавад. Ҳангоми муайян кардани талабот ба маҳсулоти суғуртавӣ, суғуртакунанда онро барои вариантҳои гуногуни нархҳо арзёбӣ карда, қонунияти онро муайян мекунад, ки чӣ гуна нарх ба талабот таъсир мерасонад. Аммо талабот ба нарх ба таври нобаробар таъсир мерасонад, зеро ҳассосияти талабот ба тағйирёбии нарх вобастагӣ дорад, ки бо коэффитсиенти чандирии талабот муайян карда мешавад (ҳамчун нисбати суръати афзоиши талабот ба суръати афзоиши нарх таъриф карда мешавад). Масалан, агар лаппишхӯрии ночизи нархҳо боиси тағйироти назаррас дар шумораи шартномаҳои басташуда оид ба маҳсулоти суғуртавӣ гардад, пас талабот чандир аст (коэффитсиент аз воҳид зиёд аст), дар акси ҳол, талабот ғайричандир аст (коэффитсиент аз воҳид камтар аст).

3. *Таҳлили хароҷот* барои таҳия ва пешбурди маҳсулоти суғуртавӣ. Суғуртакунанда кӯшиш мекунад барои маҳсулоти суғуртавӣ чунин нархеро

таъйин кунад, ки тамоми хароҷоти марбут ба таҳия ва пешбурдро пӯшонад. Дар ин маврид хароҷотҳои доимӣ (музди меҳнат, иҷораи биноҳо ва ғайра) ва тағйирёбанда (ҳангоми тағйирёбии ҳаҷми таҳия ва фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ тағйир меёбанд) ҳисоб карда мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили хароҷот чорабиниҳо оид ба коҳиш додани хароҷоти марбут ба таҳия ва пешбурди бозори суғурта таҳия карда мешаванд.

4. *Таҳлили нархҳои рақибон – суғуртакунандагон.* Барои чунин таҳлил доштани маълумоти аввалия зарур аст, то ки ҷойгоҳи он дар миёни рақибон дар бозори суғурта муайян карда шавад.

*5. Баррасии усулҳои интихоби нархгузорӣ ва интихоби усули оптималӣ.* Дар бозори суғурта нархи оптималӣ бояд тамоми хароҷоти суғуртакунандаро ҷуброн карда, меъёри муайяни фоидаро таъмин намояд. Дар ин замина, муқаррарсозии нарх аз рӯйи якчанд сатҳ имконпазир аст:

- ҳадди ақал (минималӣ) – аз хароҷот вобаста аст;
- ҳадди аксар (максималӣ) – аз талабот вобаста аст;
- ба таври оптималӣ, имконпазир.

Ҳамин тавр, дар амалияи нархгузорӣ субъекти соҳибкории соҳаи суғурта усулҳои зерини ҳисобкунии нархи маҳсулоти суғуртавиро истифода менамоянд:

- усули «хароҷоти миёна ҷамъи фоида» – нарх аз хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ, фоидаи матлуб дар соҳа ё бозори суғурта ташаккул меёбад;

- усули «фоидаи мақсаднок» – дар асоси ҳисобкунии нархи маҳсулот қарор дорад. Барои ҷуброн кардани хароҷот ҳаҷми муайяни маҳсулотро бо нархи мавриди назар ё бо нархи баландтар фурӯхтан зарур аст; дар айни замон, чандирии нархии талаботро ба ҳисоб гирифтан лозим аст;

- усули «арзиши эҳсосшудаи маҳсулот», вақте ки самтҳои хароҷоти маҳсулот аз ҷониби истеъмолкунандагон – суғурташавандагони эҳтимолӣ гузашт мекунанд.

- соҳибкорони бахши суғуртавӣ тадбирҳои бо нархи мусоид таъсиррасонро истифода мебаранд, масалан, сатҳи хуби хизматрасониро пешниҳод мекунанд;

- усули «озмоиш» – нархҳои маҳсулоти суғуртавӣ дар асоси фурӯши озмоишӣ муқаррар мегарданд ва вариантҳои гуногуни нархҳо истифода шуда, нисбат ба аксуламали суғурташавандагон мушоҳидаҳо гузаронида мешаванд.

*6. Муқаррар кардани нархи ниҳоӣ (тарофаи заминавӣ).* Суғуртакунанда яке аз методика ё вариантҳои омехтаро интихоб намуда, ба ҳисоб кардани нархи ниҳоии маҳсулоти суғуртавӣ шуруъ мекунад.

Ба андешаи муаллиф, вазифаҳои нархгузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ дар замони муосир инҳо мебошанд:

- таҳқиқ ва гурӯҳбандии хавфҳо дар чаҳорчӯби маҷмуи суғуртавӣ;

- ҳисоби математикии эҳтимолияти сар задани ҳолати суғуртавӣ, муайян кардани басомад ва вазнинии пайомадҳои онҳо ҳам дар гурӯҳҳои алоҳидаи суғуртавӣ, ҳам дар маҷмуъ аз рӯйи маҷмуи суғуртавӣ;

- асосноккунии математикии ҳисобкуниҳои зарурӣ барои пешбурди кори суғуртакунанда ва пешбинии тамоюлҳои рушд;

- асосноккунии математикии фондҳои зарурии захиравии суғуртакунанда, пешниҳодҳо оид ба усулҳо ва манбаъҳои мушаххаси ташаккули ин фондҳо.

Аз ин нуқтаи назар, барои нархгузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ иттилоот муҳим мебошад. Истеъмолкунанда на ҳамеша дар бораи сифати хизматрасониҳои суғуртавии ба ӯ пешниҳодшаванда маълумоти кофӣ дорад, аз ин рӯ нарх аз ҷониби ӯ ҳамчун нишондиҳандаи сифат ва ҳушдори муҳимми бозорӣ баррасӣ мешавад.

Аз ҳамин лиҳоз, хусусиятҳои соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ хусусиятҳои нархи хизматрасониро муайян мекунанд, ки аз рӯйи сохтор яклухт буда, ҳам вазифаҳои нархи яклухт, ҳам чаканаро иҷро мекунад. Зимнан, нархҳоро ҳам барои воҳиди хизматрасонии истеъмолшаванда (масалан, барои ҳар 100 сомонӣ), ҳам ҳамчун интеграл (ҷудонашаванда) ҳисоб кардан мумкин аст, ки аз маблағи нархҳо барои объектҳои гуногуни суғурта ё корҳое, ки барои

пешниҳоди хизматрасонӣ заруранд (ҷуброни зарар, ҳолати суғуртавӣ ва ғайра) иборат мебошанд. Инчунин нархҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ метавонанд аз рӯйи таносуби обуна (обунашавии суғурташаванда) ба роҳ монда шаванд, ки ҳуқуқи истифодаи хизматрасонии мазкурро дар давраи муайяни вақт нишон медиҳанд.

Ҳамин тавр, дар соҳаи хизматрасонии суғуртавӣ, ғайр аз истилоҳи «нарх», одатан истилоҳи «тарофа» ҳамчун номи таърихан ташаккулёфтаи гуногунии нарх дар як қатор соҳаҳои хизматрасонӣ истифода мешавад. Дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳам нархҳои озод, ҳам танзимшаванда (марбут ба инҳисори табиӣ), нархҳои маъмул, серҳаракат ва даврагӣ, инчунин тахфифҳои махсуси нархҳо истифода мешаванд. Ҳарчанд нархи хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷиҳати сохтор яклухт бошад ҳам, таркиби он дар намуд ва соҳаҳои гуногун яксон нест. Вай метавонад ҳам хароҷот (арзиши аслӣ) ва даромадҳо, ҳам андозҳоро дар баъзе намудҳои хизматрасониҳо дар бар бигирад. Ба раванди ташаккули нарх дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ, интихоби стратегияи маркетингӣ ва усули нархгузории сохтори бозор, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар он фаъолият мекунанд, таъсири назаррас мерасонад.

Дар шароити рақобати бозор фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ маҳдуд мебошад. Онҳо дар амалҳои худ, дар муқаррар кардани сатҳи нархҳо ва дар айни замон нархҳои хизматрасониҳои худ озод буда, ҳангоми тағйир ёфтани конъюнктураи бозор метавонанд зуд нархро тағйир бидиҳанд. Дар шароити инҳисор, дурусттараш инҳисори табиӣ, нархҳои хизматрасониҳои онҳо, тавре ки аллакай қайд карда шуд, аз ҷониби давлат дар шахси мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи субъектҳо дар ҷумҳурӣ танзим карда мешаванд. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ инҳисори табиӣ бо сабаби маҳдуд будани (маҳаллӣ будани) бозор низ ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр, дар як шаҳрак ё нуқтаи аҳолинишини хурд метавонад як ташкилоти суғуртавӣ вуҷуд дошта бошад, ки метавонад ба сатҳи нархҳо зимни

ғайрисамаранокии иқтисодии ташкили ташкилотҳои иловагӣ таъсир расонад. Дар шароити воқеии рақобати бозор аксари истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ дар бораи сатҳи нархи намудҳои хизматрасониҳои мавриди тавоҷҷуҳ маълумоти пурра надоранд.

Дар натиҷаи ин, барои фурӯшандагон (суғуртакунандагон) ҷиҳати амалисозии сиёсати фаъоли нарх бо истифода аз стратегияи «нуфуз пайдо кардан дар бозор», «нархҳои имтиёзӣ», гуногунии «нархгузории маҷмуӣ» имкон пайдо мешавад.

Азбаски дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ имконияти дубора фурӯхтани хизматрасонӣ ба шахси дигар амалан вуҷуд надорад, дар раванди нархгузорӣ метавонад дар шакли сегментатсияи бозор ва ҷудо шудани гурӯҳҳои истеъмолкунандагон, ки хизматрасониро бо нархи пасттар ё баландтар харидорӣ мекунанд, амалӣ шавад. Ташаккули нархҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ дар асоси ҳамон усулҳое, ки барои молҳо низ хосанд, ба амал меояд.

Аммо дар адабиёти иқтисодӣ якчанд ақидаҳо ё муносибатҳо мавҷуданд, ки чиро «нарх»-и хизматрасонии суғуртавӣ меноманд. Як қатор муаллифон (Шахов В.В., Рейтман Л.И., Гвозденко А.А., Слетухов Ю.А. ва дигарон) чунин мешуморанд, ки зери мафҳуми нархи хизматрасонии суғуртавӣ бояд тарофаи суғуртавӣ (ё меъёри тарофавӣ) фаҳмида шавад. Меъёри суғурта ё аз пардохти пулӣ аз сад сомонии маблағи суғуртавӣ дар як сол, ё аз фоизи муайян аз маблағи маҷмуии суғуртавӣ иборат мебошад. Қисми асосии тарофаҳои суғуртавӣ (нетто-ставка) барои ташкили фондҳо, пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулият, маблағҳои суғуртавӣ дар суғуртаи шахсӣ таъйин шудааст. Ҳадафи қисми дуюми тарофаи суғуртавӣ (сарборӣ) пӯшонидани хароҷоти дигари марбут ба анҷом додани суғурта мебошад. Меъёри пардохт дар маҷмуъ брутто-ставкаи меъёри умум номида мешавад.

Дар асоси меъёри тарофавӣ ҳақпулии суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад, ки аз ҷониби суғурташаванда ба суғуртакунанда пардохт мегардад. Ҳақпулии суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ) аз ҳосил кардани меъёри

суғуртавии бо пул ифодаёфта, маблағи суғуртавӣ, ё меъёри фоизии тарофавӣ аз маблағи маҷмуии суғуртавӣ иборат мебошад. Пардохти суғуртавии ҳар як суғурташаванда ҳиссаи ӯ, иштироки ӯро дар ташаккули фонди суғуртавӣ ифода мекунад, зеро суғурта тақсими пӯшидаи зарар байни суғурташавандагон мебошад.

Муҳаққиқон Гомелля В.Б., Воблий К.Г. ва дигарон[64] чунин мешуморанд, ки тарофаи суғуртавӣ ин танҳо як воҳиди ҳисобкунии арзиши хизматрасонӣ буда, нархи хизматрасонии суғуртавӣ ҳақпулии суғуртавӣ мебошад, балки мавқеи мазкур ба назари зерин такя мекунад. Арзиш дар бозор дар шакли пулӣ, яъне дар шакли нарх ифода меёбад. Суғуртакунанда фурӯши хизматрасонии суғуртавиро бо пул бо ёрии ҳақпулии (мукофоти) суғуртавӣ анҷом медиҳад. Ҳақпулиҳои суғуртавӣ аз талабот, пешниҳод, рақобат ва дигар омилҳои бозорӣ вобастагии зиёд доранд. Каҷравии нархи арзиш (ба ҳар гуна самт) зери таъсири омилҳои мазкур нишонаи муҳимтарини нарх мебошад. Аз ин сабаб, дар бозори суғурта маҳз ҳақпулии суғуртавиро нархи хизматрасонии суғуртавӣ номидан дуруст аст.

Ҳамин тариқ, иқтисодшиносон тарофаи суғуртавиро бо арзиши мол «хизматрасонии суғуртавӣ» ва ҳақпулии суғуртавиро бошад, бо нархи мол «хизматрасонии суғуртавӣ» айният медиҳанд. Аммо бо ҳамон як тарофа барои ҳамон як намуди хизматрасонии суғуртавӣ ва аз тарафи ҳамон як суғуртакунанда ҳангоми ҳисоб кардани ҳақпулии суғуртавӣ вобаста ба мазмуни шартномаи суғурта мо ҳамеша натиҷаҳои гуногунро ба даст меорем. Бинобар ин, ҳақпулии суғуртавиро нархи хизматрасонии суғуртавии суғуртакунандаи мазкур номидан мумкин нест.

Назари муҳаққиқони рус дар соҳаи суғурта (Кирсанов А., Василева Н.)[65] ба муайян кардани нархи хизматрасонии суғуртавӣ ҷолиб ба мушоҳида мерасад. Пешниҳодҳои онҳо бар он асос меёбад, ки ҳақпулии суғуртавӣ, ки дар асоси тарофаи холис (нетто) ҳисоб карда шуда, аз тарофаи холис ва сарборӣ

---

[64] Гомелля В.Б. Основы страхового дела: Учебное пособие. – М.: СОМИНТЭК, 1998. – 384 с.; Воблый К.Г. Основы экономики страхования. – М.: «АНКИЛ», 1995.

[65] Кирсанов А., Васильева Н. По принципу эквивалентности // Страховое дело. – 1993. – №5.– С. 26 – 31.

иборат аст, мутаносибан ба ду қисм тақсим мешавад. Қисми бештари ҳақпулии суғуртавӣ, ки ба тарофаи холис (чун қоида, аз шаст то наваду панҷ фоиз) мувофиқат мекунад, бо тартиби комилан махсус истифода мешавад: аз як тараф, вай ҳатман ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ равона карда мешавад, аз тарафи дигар, пардохти он ба он суғурташавандае, ки онро пардохт кардааст, ҳатмӣ нест. Аз ҳисоби вай қисми ҳақпулии суғуртавӣ, ки ба сарборӣ мувофиқат мекунад, яъне фонди маблағҳои пулӣ ташкил карда мешавад, ки онро суғуртакунанда бо мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- барои пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоти суғуртавӣ;
- хариди таҷҳизот ва асбобу лавозимот ва дигар хароҷоти умумихоҷагӣ ва тиҷоратӣ;
- барои тарҳҳо ба фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ;
- барои тарҳҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ;
- барои ташаккули фоида.

Ҳамин тариқ, маҳз ҳамин қисми ҳақпулии суғуртавӣ аз ҷиҳати таркиб ва сохтор ба он қисми нарх мувофиқат мекунад, ки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ аз арзиши аслӣ ва фоида иборат аст.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси нархи хизматрасонии суғуртавӣ на ҳамаи маблағи ҳақпулиҳо, балки танҳо он қисмаш ҳисобида шавад, ки ба сарборӣ мувофиқ аст. Пешниҳод дар бораи тақсим кардани ҳақпулии суғуртавӣ ба ду қисм ва ба суғурташаванда хабар додани танҳо он қисме, ки ба сарборӣ мувофиқат мекунад, ҳамчун нархи хизматрасонии суғуртавӣ, ба ақидаи мо, беасос ба назар мерасад. Ҳақпулии суғуртавӣ нарх набуда, балки маблағе мебошад, ки суғурташаванда онро вобаста ба маблағи суғуртавӣ дар шартномаи суғурта муайян мекунад. Ғайр аз ин, суғуртакунанда маҷбур мешавад, ки ҳар дафъа нисбат ба қисми ҳақпулии суғуртавӣ, ки ба меъёри холис мувофиқат мекунад, тавзеҳот диҳад ё меъёри мавриди назар барои ҳамаи ширкатҳои суғуртавӣ бояд як хел бошад (масалан, дар қонун муқаррар карда шудааст), ки дар шароити бозор ғайриимкон аст.

**Ҷадвали 2.3.2. Сохтори тарофаи хизматрасониҳои суғуртавӣ (%)**

| Солҳо | Суғурта пулӣ | Сохтор, | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Пардохти подоши суғурта ва маблағи суғурта | Пулгузаронӣ барои захираи маблағи суғурта | Пулгузаронӣ ба захира барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои ногаҳонӣ | Хароҷот барои пешбурди кор | Харочоти дигар | Фоидаи тавозунӣ |
| **2010** | 100,0 | 14,1 | 21,6 | 5,0 | 28,9 | 24,0 | 5,4 |
| **2011** | 100,0 | 15,5 | 33,9 | 1,3 | 29,0 | 12,9 | 4,8 |
| **2012** | 100,0 | 15,1 | 29,5 | 1,2 | 25,8 | 22,8 | 5,6 |
| **2013** | 100,0 | 16,2 | 22,3 | 1,5 | 28,0 | 23,2 | 7,9 |
| **2014** | 100,0 | 17,4 | 23,9 | 2,7 | 28,8 | 15,7 | 11,5 |
| **2015** | 100,0 | 17,6 | 22,4 | 2,9 | 29,1 | 15,4 | 12,6 |
| **2016** | 100,0 | 18,9 | 23,0 | 2,6 | 31,3 | 15,1 | 8,9 |
| **2017** | 100,0 | 17,8 | 21,9 | 2,1 | 32,6 | 17,1 | 8,5 |
| **2018** | 100,0 | 19,7 | 19,4 | 3,2 | 33,5 | 10,1 | 14,1 |
| **2019** | 100,0 | 19,9 | 16,6 | 2,4 | 30,3 | 14,6 | 16,2 |
| **2020** | 100,0 | 21,3 | 13,5 | 2,6 | 29,7 | 13,8 | 19,1 |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шуд дар асоси ҳисоботи КВД Тоҷиксуғурта.*

Чуноне ки аз маълумоти чадвали 2.3.2. бармеояд, дар КВД “Тоҷиксуғурта” дар сохтори тарофа қисми асосии тарофаҳои суғуртавӣ (нето - ставка), ҳиссаи пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулият, умуман пардохти подоши суғурта ва маблағи суғурта дар давраи солҳои 2010-2020 аз 14,1 то 19,7% ва ё 5,6 банди фоиз афзудааст. Мутаносибан, ҳиссаи пулгузаронӣ барои захираи маблағи суғурта аз 21,6 то 13,5% ва ё 8,1 банди фоиз поён рафтааст.

Чунонки ба мушоҳида мерасад, хароҷот барои пешбурди кор қариб, ки бетағйир монда, хароҷоти дигар дар ин давра беш аз 10,2 банди фоиз поён фаромадааст. Дар натиҷаи ин раванд ҳаҷми фоидаи ташкилотҳои суғурта дар сохтори тарофа аз 5,4 то 19,1 фоиз ва ё 13,7 банди фоиз зиёд шудааст.

Дар ин замина, тарофа ва ё нарх ҳамчун нишондиҳандаи синтетикӣ маҷмуи муносибатҳо ва фаъолияти ташкилотҳои суғуртавиро инъикос мекунад, зеро фаъолияти устувор ва фаъолияти мондагории ин ташкилотҳо аз сатҳи нархи муътадил вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, эътирофи тарофаи суғуртавӣ ба ҳайси нархи пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ асоснок мебошад (зеро фаъолияти суғуртавӣ дорои нишонаҳои инҳисор дар минтақа мебошад), ки дар ниҳояти кор аз ҷониби истеъмолкунандагон ислоҳ карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳисобкунии маблағи ҳақпулии суғуртавӣ дар асоси тарофаи суғуртавӣ анҷом дода мешавад. Тарофаи суғуртавӣ аз меъёри ҳақпулии суғуртавӣ аз воҳиди маблағи суғуртавӣ ё объекти суғурта иборат аст. Тарофаҳои суғурта барои намудҳои ҳатмии суғурта дар қонун оид бо суғуртаи ҳатмӣ муқаррар карда мешаванд. Тарофаҳои суғуртавӣ барои намудҳои ихтиёрии суғуртаи шахсӣ, суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулият аз ҷониби суғуртакунандагон метавонанд мустақилона ҳисоб карда шаванд. Андозаи мушаххаси тарофаи суғуртавӣ дар шартномаи суғурта бо мувофиқаи тарафҳо муайян карда мешавад.

Вазифаи асосие, ки ҳангоми муайян кардани меъёрҳои тарофавӣ гузошта мешавад, бо муайян кардани маблағи эҳтимолияти зараре, ки ба ҳар як суғурташаванда ва ё ба воҳиди маблағи суғуртавӣ рост меояд, алоқаманд аст.

Агар меъёри тарофавӣ зарари эҳтимолиро ба таври эътимоднок инъикос кунад, он гоҳ пайомади зарар байни суғурташавандагон баробар тақсим карда мешавад.

Меъёрҳои тарофавӣ бо ҳаҷми масъулияти суғуртавӣ алоқамандии зич доранд. Бо анҷом додани суғурта, суғурташкунанда кӯшиш мекунад вазифаи дуҷонибаро ҳал кунад: бо нархҳои ҳадди ақал, ки барои доираи васеи суғурташавандагон дастрасанд, бояд дар ҳаҷми ба таври назаррасу кифоя масъулияти суғуртавиро таъмин намояд. Бо кӯмаки меъёрҳои дастраси тарофавӣ як қисми камтарини даромадҳои суғурташаванда дар шакли пардохтҳои суғуртавӣ, бо мақсади расонидани кӯмаки зарурӣ аз фонди суғуртавӣ ба даст оварда мешавад. Агар меъёрҳои тарофавӣ дуруст ҳисоб карда шуда бошанд, пас устувории зарурии молиявии амалиётҳои суғуртавӣ, яъне мувозинати устувори даромадҳо ва хароҷоти суғурташкунанда, ё зиёд будани даромад назар ба хароҷот таъмин карда мешавад. Аз асл зиёд нишон додани тарофаҳо боиси аз нав тақсим кардани барзиёдиҳо аз тариқи фонди суғуртавӣ ва кам нишон додани меъёри тарофаҳо бошад, боиси ташаккули касри захираҳои молиявӣ дар фонди суғуртавӣ ва иҷро нашудани уҳдадориҳо аз ҷониби суғурташкунанда дар назди суғурташавандагон мегардад.

Эътирофи тарофаи суғуртавӣ ба ҳайси нархи хизматрасонии суғуртавӣ, аз он ҷиҳат ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ҳисоб кардани ҳақпулии суғуртавӣ худи суғурташаванда иштирок мекунад, зеро интихоби маблағи суғуртавӣ маҳз аз худи ӯ вобаста аст. Дар суғуртаи амвол маблағи суғуртавӣ набояд аз арзиши воқеии объекти суғурташаванда зиёд бошад. Дар суғуртаи шахсӣ асноди маблағи суғуртавӣ умуман вуҷуд надорад ва вай бо созишномаи тарафҳо муқаррар карда мешавад, ки ягона омили маҳдудкунандаи пардохтпазирии суғурташаванда мебошад.

Меъёри тарофавӣ, ки дар асоси ҳақпулии суғуртавӣ қарор дорад, меъёри нохолис номида мешавад. Вай аз меъёри холис ва сарборӣ ба меъёри холис иборат аст. Меъёри холис барои ташаккули фонди суғуртавӣ дар қисми асосии он таъйин шудааст, ки барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ истифода мешавад.

Сарборӣ барои пӯшонидани хароҷоти анҷом додани суғурта (хароҷоти музди меҳнати кормандони бастӣ ва ғайрибастии ташкилоти суғуртавӣ, хароҷоти таҳияи варақаҳо, тарғибот ва ташвиқоти суғурта, хароҷоти маъмурӣ-хоҷагидорӣ, тарҳҳо барои фондҳои эҳтиётӣ, захиравӣ ва дигар, меъёрҳо барои ташаккули фоидаи нақшавӣ аз фаъолияти суғуртавӣ) зарур аст. Сарборӣ қисми камтарини меъёри нохолисро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, амалҳои мукофоти суғуртавӣ ба тариқи зайл ташаккул меёбад: Меъёрҳои холис = хавфи суғурташуда (зарари миёнаоморӣ + иловаи хавфдор). Меъёрҳои холис + илова барои пӯшонидани хароҷоти ширкати суғуртавӣ + илова ба фоида = ҳақпулии нохолис. Меъёри холис ҳамчун эҳтимолияти дидани зарари муайян аз ҷониби суғурташаванда ҳар як намуди масъулияти суғуртавиро, ки суғуртакунанда ба зиммаи худ гирифтааст, инъикос мекунад. Меъёри холиси маҷмуӣ метавонад аз маҷмуи якчанд меъёрҳои холис ва ҷузъӣ ташкил ёбад. Ҳамин тариқ, меъёри тарофавӣ безарар анҷом додани суғуртаро кафолат медиҳад.

Таърифи меъёри тарофавиро пас аз фаҳмидани нақшаи кори бозори суғурта фаҳмидан мумкин аст. Ҳамин тавр, суғуртакунанда ва суғурташаванда байни худ дар бораи он шартнома мебанданд, ки ширкати суғуртавӣ ҳангоми сар задани ҳолати суғуртавие, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, ба муштарии худ хизматрасонии муайянро пешниҳод мекунад. Ҳар гуна хизматрасонӣ арзиши худ ва ё нархи худро дорад, ки дар ҳақпулии суғуртавӣ (тарофа, мукофот), ки суғурташаванда ба суғуртакунанда пардохт мекунад, ифода ёфтааст.

Мукофоти суғуртавӣ ҳангоми имзои шартнома муқаррар карда шуда, дар давоми муҳлати амали он бетағйир боқӣ мемонад. Арзиши воқеии хизматрасонии суғуртавӣ аз он иборат аст, ки агар ҳолати суғуртавӣ фаро расад, пас суғуртакунанда хароҷоти суғурташавандаро пардохт намуда, бо ин васила ба ӯ зарари вобаста ба ҳодиса расонидашударо ҷуброн мекунад.

Бояд муайян кард, ки чӣ гуна суғуртакунанда барои худ нархи мавриди назарро дақиқ мекунад ва дар раванди муқаррар кардани он ӯ ба чӣ қодир мешавад. **Аввалан,** маблағи мукофот бояд кофӣ бошад, то ки:

- мувофиқи шартномаи суғурта ба андозаи даъвоҳои пешниҳодшаванда ҷавоб дода тавонад;
- захираҳои суғуртавӣ ташкил карда шаванд;
- хароҷоти ширкати суғуртавӣ пӯшонида шавад;
- андозаи муайяни фоида таъмин карда шавад.

**Сониян**, нархи хизматрасонии суғуртавӣ, ба мисли ҳар гуна нархи бозорӣ зери таъсири талабот ва пешниҳод лаппиш мехӯрад. Вай дар фосилаи муайян фарқ мекунад, ки ҳудуди поёнии он бо баробарии байни воридоти пардохтҳо аз суғурташавандагон ва пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ (маблағҳои суғуртавӣ) тибқи шартномаҳо ҷамъи хароҷоти ширкати суғуртавӣ муайян карда мешавад. Маълум аст, ки дар чунин сатҳи нарх суғуртакунанда ҳеҷ гуна фоида нахоҳад гирифт. Ҳудуди болоии нархи хизматрасониҳои суғуртавӣ бо андозаи талабот ба он ва арзиши фоизи бонкӣ муайян карда мешавад. Таъсири талабот бо он татбиқ мешавад, ки арзиши хизматрасониҳои суғуртавии мазкур бо талабот ба он муайян мегардад. Агар талабот баланд бошад, пас нархҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ боло рафта, дар натиҷаи он ширкатҳои сершумори суғуртавии рақиб пайдо мешаванд, ки баъдан тарофаҳои суғуртавӣ ба як сатҳи муайян мерасанд (баробар мешаванд).

Ҳамин тавр, субъекти соҳибкории соҳаи суғурта ҳангоми нархгузорӣ сиёсати тарофавиро таҳия мекунад. Сиёсати тарофавӣ дар суғурта – ин кори мунтазами ташкилоти суғуртавӣ дар самти муқаррар намудан, дақиқ кардан ва мураттаб сохтани тарофаҳои суғуртавӣ бо мақсади амалӣ кардани фаъолияти самаранок мебошад.

Суғуртакунанда сиёсати мақсадноки тарофавиро оид ба муқаррар намудан, дақиқ кардан ва мураттаб сохтани тарофаҳои суғуртавӣ пеш мебарад. Вобаста ба ин риояи принсипҳои зерин қобили қабул дониста мешавад (ҷад.2.3.3.).

Ҳамзамон низоми нишондиҳандаҳо, усулҳои ташаккул ва коркарди маълумоти оморӣ дар бораи объектҳои суғурта мавзӯи баррасии омори **актуарӣ** (суғуртавӣ)-ро ташкил медиҳанд, ки дар худ усулҳои назарияи

эҳтимолият ва усулҳои математикиро васеъ истифода мебаранд. Худи номи ҳисобкуниҳои актуарӣ аз калимаи «актуарий» гирифта шудааст. «Актуарий (англисӣ actuary, лотинӣ actuarmus – тезнавис, ҳисобдор) мутахассиси соҳаи математикаи суғуртавӣ мебошад. Вай ба таҳияи методология ва ҳисобкунии тарофаҳои суғуртавӣ, ҳисобкуниҳо вобаста ба ташаккули захираи ҳақпулиҳои суғуртавӣ барои намудҳои дарозмуҳлати суғурта, муайян кардани андозаҳои маблағҳои бозхарид ва коҳишёфтаи суғурта, инчунин қарзҳо барои шартномаҳои суғуртаи ҳаёт ва нафақа машғул мешавад»[66]. Аммо ҳамчун як соҳаи махсуси илм назарияи ҳисобкуниҳои актуарӣ маҳз бо рушди асосҳои техникии суғуртаи ҳаёт ба вуҷуд омадааст. Бо ёрии ҳисобкуниҳои актуарӣ арзиши аслӣ ва арзиши хизматрасоние, ки аз ҷониби суғуртакунанда ба суғурташаванда расонида мешавад, муайян карда мешаванд. Дар шакли ҷамъбасткардашуда ҳисобкуниҳои актуариро ҳамчун низоми қонуниятҳои математикӣ ва оморӣ, ки муносибатҳои мутақобилаи байни суғуртакунанда ва суғурташавандагонро ба танзим медарорад, тасаввур кардан мумкин аст. Муайян кардани хароҷоти зарурӣ барои суғуртаи объекти мавриди назар, дохил кардани таркиби он ба нарх ё тарофа яке аз марҳилаҳои мураккабтарин ва масъулиятнок дар фаъолияти суғуртакунанда мебошад. Шакле, ки дар он хароҷот барои гузаронидани суғурта ҳисоб карда шудааст, ҳисобрасии (калкулятсияи) суғуртавӣ (актуарӣ) номида мешавад. Андозаи пардохтҳои суғуртавие, ки барои додани пардохтҳои суғуртавӣ пешниҳод шудаанд, тағйир додани хавфи аз ҷониби суғуртакунанда қабулшавандаро пешбинӣ мекунад. Ба таркиби ҳисобкунии актуарӣ инчунин ҳисобкунии маблағи хароҷот барои пешбурди кор оид ба хизматрасонии шартномаи суғурта дохил мешавад.

Бинобар ин, аз нигоҳи муаллиф, ҳисобкуниҳои актуарӣ чунинанд:

- омӯзиш ва таснифи хавфҳо аз рӯйи нишонаҳои (гурӯҳҳои) муайян дар чаҳорчӯбаи маҷмуи суғуртавӣ;

---

[66] Словарь страховых терминов // Под ред. Е.В. Коломина, В.В. Шахова. – М.: Финансы и статистика, 1992. С. - 15.

- ҳисоб кардани эҳтимолияти математикии сар задани ҳолати суғуртавӣ, муайян кардани басомад ва дараҷаи вазнинии пайомадҳои расонидани зарар, ҳам дар гурӯҳҳои алоҳидаи хавфдор ва ҳам дар маҷмуъ аз рӯйи маҷмуи суғуртавӣ;

- асосноккунии математикии хароҷоти зарурӣ барои ташкили раванди суғурта;

- асосноккунии математикии фондҳои зарурии захиравии суғуртакунанда ва манбаъҳои ташаккули онҳо.

**Ҷадвали 2.3.3.**

**Принсипҳои асосии сиёсати тарофавӣ**

| № | Принсипҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | Худтаъминӣ ва фоиданокӣ | Аз ҷониби суғуртакунанда амалӣ карда шуда, маънои онро дорад, ки тарофаҳои суғуртавӣ бояд тавре ҳисоб карда шаванд, ки воридоти пардохтҳои суғуртавӣ хароҷоти суғуртакунандаро пурра пӯшонида, ҳамчунин барои ӯ фоидаи муайянро таъмин намояд. |
| 2 | Баробарии муносибатҳои суғуртавии байни суғурташаванда ва суғуртакунанда | Маънои онро дорад, ки андозаи меъёри холис дар таркиби тарофаи суғуртавӣ бояд ба ҳадди аксар ба андозаи зарари эҳтимолӣ мувофиқат кунад, то ки баргардандагии воситаҳои фонди суғуртавӣ дар давоми давраи тарофавии он маҷмуи суғурташавандагон, ки барои он ин тарофаҳои суғуртавӣ ҳисоб карда шуда буданд, таъмин карда шавад. Яъне, дар худи ҳамон миқёс дар муддати давраи муқарраршуда, бояд баргардандагии ҳақпулиҳои суғуртавӣ дар шакли пардохтҳои ҷубронҳои суғуртавӣ ба амал ояд. |
| 3 | Дастрасии тарофаҳои суғурта барои суғурташавандагон | Маънои онро дорад, ки ҳақпулиҳои суғуртавие, ки онҳоро суғурташаванда уҳдадор аст пардохт кунад, бояд ба пардохтпазирии ӯ мувофиқат кунанд, яъне барои ӯ гарон наафтанд. Чунки тарофаҳои хеле баланд барои ҳамаи суғурташавандагони эҳтимолӣ дастрас набуда, рушди суғуртаро бозмедоранд |
| 4 | Суботи андозаҳои тарофаҳои суғуртавӣ | Меъёрҳои тарофавӣ муддати дароз босубот боқӣ монда, дар суғурташавандагон боварӣ ба эътимоднокии суғуртакунандаи додашуда таҳким меёбад. Ба ширкатҳои суғуртавӣ лозим аст, ки бо роҳи васеъ кардани ҳаҷми масъулияти суғуртавӣ зимни меъёрҳои тағйирнаёбандаи тарофавӣ, ҳатто дар ҳолатҳое, ки тамоюл ба бад шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти онҳо ба назар мерасад, пеш раванд. Меъёрҳои тарофавиро танҳо дар сурати афзоиши бемайлони зараровари баланд бардоштан мумкин аст |
| 5 | Васеъ кардани ҳаҷми масъулияти суғуртавии суғуртакунанда | Дар фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ афзалиятнок мебошад. Васеъ кардани ҳаҷми масъулияти суғуртавӣ, пеш аз ҳама, барои суғурташаванда фоидаовар аст, зеро барои ӯ меъёрҳои тарофавӣ бештар қобили қабул, яъне дастрастар мегарданд. Барои суғуртакунанда бошад, васеъ кардани ҳаҷми масъулияти суғуртавӣ коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои зараровари маблағи суғуртавиро таъмин менамояд. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Бояд қайд намуд, ки дар ҳисобкуниҳои актуарӣ нишондиҳандаҳои омори суғурта истифода мешаванд. Омори суғуртавӣ ба омӯзиш ва ба низом овардани падидаҳои маъмултарин ва оммавӣ дар суғурта, инчунин омӯзиши динамикаи онҳо нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, агар зери мафҳуми нархи хизматрасонии суғуртавӣ тарофаи суғуртавӣ фаҳмида шавад, пас ҳудуди поёнии ин нархро дар сатҳи меъёри холис муайян кардан мумкин аст. Аммо дар чунин сатҳи нархҳо ширкати суғуртавӣ фоида ба даст намеорад ва хароҷоти пешбурди корро низ бардошта наметавонад. Дар ин ҳолат ҳудуди болоии нархи хизматрасонии суғуртавӣ, аз як тараф бо талаботҳои суғуртакунанда, аз тарафи дигар, бо омилҳои объективӣ, андозаи талабот ба хизматрасонии додашуда ва андозаи фоизи бонкӣ муайян карда мешавад.

Дар ин замина, басомади ҳолатҳои суғуртавӣ нишон медиҳад, ки чанд ҳолати суғуртавӣ ба як объекти суғурта рост меояд ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: **Чс = t / n** (3.1), ки дар ин ҷо **n** – шумораи объектҳои суғурта, t – шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ мебошанд. Агар **Чс**∠ 1 бошад, ин маънои онро дорад, ки як ҳодисаи суғуртавӣ боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шудааст.

*Коэффитсиенти ҷамъшавии (акумулятсияи) хавф* **(Кк)** шумораи миёнаи объектҳои суғурташударо, ки аз ҳодисаи суғуртавӣ зарар дидаанд, нишон медиҳад ва ҳамчун нисбати шумораи объектҳои зарардида ба шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад: **Кк =** ***m*** **/** ***t.*** *(3.2.)* арзиши ҳадди ақалли нишондиҳандаи мазкур ба воҳид баробар аст, агар Kk> 1 бошад, ин ба фарқи бештари адади байни шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва шумораи ҳолатҳои суғуртавӣ ишора мекунад. Ширкатҳои суғуртавӣ кӯшиш мекунанд, ки аз муомилот бо сатҳи баланди коэффитсиенти акумулятсия канораҷӯӣ намоянд. *Коэффитсиенти зарароварӣ* **(Ку)** аз нисбати маблағи ҷуброни пардохтшудаи суғуртавӣ ба маблағи суғуртавии ҳамаи объектҳои зарардида иборат мебошад: **Ку = В /** ***Sm***. *(3.3.)* арзиши коэффитсиенти зарароварӣ метавонад аз воҳид камтар ё ба он баробар бошад. *Маблағи миёнаи суғурта барои як объект (шартнома)-и суғурта* ***(Sen)*** ҳамчун нисбати маблағи умумии суғуртавии

ҳамаи объектҳои суғурташуда ба шумораи ҳамаи объектҳои суғурта ҳисоб карда мешавад:

**Sen = Sn /п.** (3.4.)

Вобаста ба ин, дар ҳисобкуниҳои актуарӣ барои ҳисоб кардани бузургиҳои миёна усулҳои гуногун истифода мешаванд. Ин аз он сабаб аст, ки объектҳои суғуртаи амвол дорои маблағҳои гуногуни суғуртавӣ мебошанд.

***Маблаги миёнаи суғуртавӣ барои як объекти зарардида (Scm)*** ба маблағи суғуртавии ҳамаи объектҳои зарардидаи маҷмуи суғуртавӣ баробар мебошад:

**Scm = Sm / т.** (3.5.)

Ҳисобкунии ду нишондиҳандаи охирин аҳаммияти калони амалӣ дорад, зеро бо кӯмаки онҳо чунин нишондиҳандаи омори суғуртавӣ, ба монанди вазнинии хавф **(Тр)**-ро ҳисоб мекунанд. *Вазнинии хавф* аз маблағи миёнаи суғуртавӣ ба як объекти зарардида, ба маблағи миёнаи суғуртавӣ барои як объекти суғурта иборат мебошад: ***Тр = (Sm / m) / (Sn /n)*** **= Scm / Sen**. (3.6.)

Бо истифода аз нишондиҳандаи мазкур, ширкатҳои суғуртавӣ арзёбӣ ва азнаварзёбии басомади зуҳури ҳолати суғуртавиро анҷом медиҳанд.

Зараровари маблағи суғуртавӣ **(У)** аз ҷуброни суғуртаи пардохташудаи суғуртавӣ ба маблағи суғуртавии ҳамаи объектҳои суғурта иборат буда, бо формулаи **У = В /** ***Sn***. *(3.7.)* ҳисоб карда мешавад.

Арзиши нишондиҳандаи мазкур ҳамеша камтар аз воҳид буда, арзиши бештар аз воҳид қобили қабул нест, зеро ин бояд маънои суғуртаи холисро медошт.

***Меъёри зараровари ё коэффитсиенти пардохтҳо (N)*** ҳамчун маблағи ҷуброни пардохтшудаи суғуртавӣ нисбат ба маблағи ҳақпулиҳои ҷамъшудаи суғуртавӣ, ки ба 100% зарб карда шудааст, ҳисоб карда мешавад: ***N***= В/Рх **100%** (3.8.).

Дар омори суғуртавӣ меъёри холиси хисорот ва меъёри нохолиси зараровари ҳисоб карда мешаванд. ***Басомади хисорот (Н)*** басомади сар задани ҳолати суғуртавиро нишон медиҳад: **Н = т / п.** (3.9.)

Бинобар ин, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки таркиб ва сохтори нархи хизматрасонии суғуртавӣ бо хусусиятҳои хоси суғурта муайян карда мешавад. Дар ин замина, вай дорои якчанд хусусиятҳои хос буда, инҳоро дарбар мегирад:

1. Тарофаи суғуртавӣ воситаи тақсими зарар мебошад, аз ин рӯ, тавассути он, **аввалан**, ҳиссаи тарофа барои ҷуброни зарар ва **сониян**, ҳиссаи тарофа барои пӯшонидани хароҷот ҷиҳати пешбурди кор тибқи шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

2. Сар задани ҳолати суғуртавӣ (ва мувофиқан расонидани зарар) тасодуфӣ ва эҳтимолист. Бинобар ин, каҷравии воқеӣ аз андозаи миёнаи (тахминии) зарар метавонад ҳам кам, ҳам зиёд бошад. Агар зарари воқеӣ аз зарари миёнаомории тахминӣ зиёдтар бошад, пас дар ин ҳолат маблағҳо барои ҷуброн кофӣ набуда, дар меъёри тарофавӣ **иловаи хавфдор** пешбинӣ карда мешавад.

3. Ҳолати тақсими зарар дар ҳар як ширкати суғуртавӣ пӯшида аст (танҳо бо суғурташавандагони он маҳдуд аст), аз ин рӯ, тарофаи суғуртавӣ танҳо барои маҷмуи пӯшидаи суғуртавии шахсон, объектҳо, зарар ва ғайра, ки танҳо аз ҷониби ин ширкат ҳимоя карда мешаванд, ҳисоб карда мешавад.

4. Ҳаққи зарар аз рӯйи ченаки вақт ва фазо тақсим карда мешавад (яъне номаълум будани ҳолати суғуртавӣ), аз ин рӯ дар тарофаи суғуртавӣ (дар ҳиссаи ҷуброни зарар) бояд як қисми ташкили **захираи махсуси суғуртавӣ** пешбинӣ карда шавад.

5. Суғурта ба принсипи баргардандагии ҳақпулиҳои суғуртавӣ асос ёфтааст (зеро аксари онҳо барои ҷуброни зарар сарф хоҳанд шуд), аз ин рӯ меъёри тарофавӣ аз ду қисм – **меъёри холис ва сарборӣ** иборат аст.

6. Дар доираи маҷмуи додашудаи суғуртавӣ **гурӯҳҳои хавферо** фарқ кардан зарур аст, ки объектҳои суғуртаи дорои нишонаҳои тақрибан якхела (гурӯҳҳои гомогенӣ)-ро дар бар мегиранд.

7. Гузаронидани таҳқиқот оид ба меъёри фоизи қарзӣ (меъёри фоизӣ) ва тамоюлҳои истифодаи он дар фосилаи мушаххаси вақт зарур аст.

Бинобар ин, дар низоми нархгузории хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳисобҳои актуарий аҳаммияти хос дорад. Ҳанӯз даҳ соли пеш ин мафҳум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб истифода намешуд ва ҳатто дар доираҳои молиявӣ, чун қоида, чунин ҳисобида мешавад, ки актуарӣ – ин танҳо мафҳуми математикист, ки ҳисобкуниҳоро анҷом медиҳад.

Дар шароити муосир, вақте ки бештар номуайянӣ дар ҳамаи бахшҳои иқтисод, аз ҷумла соҳибкории суғуртавӣ меафзояд, зарурати таъсиси департаменти актуарӣ ба миён меояд. Аммо таъсиси чунин департамент сармоягузориҳои назаррасро талаб мекунад, зеро раванди тайёркунии актуарийҳое, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, на камтар аз 5 солро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар назди субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ ҳангоми ҷудо кардани маблағ барои пардохти таҳсил, албатта, масъалаи маблағҳои ба таълим сафарбар намудан ба миён меояд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ва андешаи муаллиф, сабабҳои ташаккули чунин икдоми муҳимми актуарӣ дар ширкати суғуртавӣ ҳангоми идоракунии хавфҳои он метавонад инҳо бошанд:

1. Интиқоли хавфҳо ба азнавсуғуртакунӣ;

2. Беэътиноӣ ба хавфҳо ва дар ин замина ташаккул надодани сармояи иловагии саҳомӣ барои нигоҳ доштани устувории молиявӣ;

3. Сармоягузорӣ ба департаментҳои рушди маҳсулоти суғуртавӣ ва департаментҳои актуарӣ барои муайян ва кам кардани таъсири хавфҳо.

Ҳамин тавр, методҳои таҳлил, амсиласозӣ ва баҳодиҳӣ, ки актуарийро дар суғурта ва молия истифода мебаранд, дар соҳаи нархгузорӣ ҳалкунанда буда, ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ (ба монанди ҷобаҷогузории дороиҳо, арзёбии арзиши бизнес) ва қарорҳо дар бораи интиқоли хавфҳо (масалан, дар азнавсуғуртакунӣ) байни иштирокдорони бозор хеле муҳим мебошад. Яъне, актуарий қодир аст стратегияи оптималии менеҷменти молиявиро эҷод кунад, ки дар ин ҳолат даромаднокии муносибро дар якҷоягӣ бо пардохтпазирӣ ва суботи рушд таъмин менамояд. Тавре ки дар боло қайд кардем, ҳисобкуниҳои

актуарӣ, пеш аз ҳама, имкон медиҳанд хавфҳое, ки дар соҳибкории суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд, муайян карда шаванд (расми 8).

Хулоса, таҷриба нишон медиҳад, ки варианти сеюм камхарҷтар аст.

Аз нигоҳи муаллиф вазифаи актуарийро шартан ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст:

- вазифаҳои анъанавӣ (техникӣ) – ҳисобкунии мукофотҳои суғуртавии холис, арзёбии захираҳои ширкат;
- вазифаҳои нав – иштирок дар нархгузорӣ ва идоракунии портфел, идоракунии хавфҳо, танзими сармояи худӣ, таҳияи амсилаҳои дохилии пардохтпазирӣ, мувозинати дороиҳо ва пассивҳои ширкат, арзёбии арзиши ширкат ва портфели он.

Мутаассифона, фаҳмиши салоҳият ва вазифаҳои актуарий ҳам дар фаъолияти роҳбарияти аксарияти ширкатҳои суғуртавӣ ва ҳам дар танзимгар пурра маҳдуд аст.

Бояд қайд намуд, ки ба рушди касби актуарий ҳодисаҳои муайян, ба монанди равандҳои вайроншавии танзими бозор, тақвияти рақобат, коҳиш ёфтани даромаднокии бизнес, қабули қонунгузории зарурӣ мусоидат менамоянд.

Дар ин замина, вобаста ба хусусиятҳои нархгузорӣ хизматрасониҳои соҳибкории суғуртавӣ бо роҳи ҳисоб кардани меъёри тарофавӣ (меъёри нохолис) ва нархи фурӯш бошад, дар ҳолати бастани шартнома муайян карда мешавад. Аз ин хотир арзиши хизматрасонии суғуртавӣ афзалияти объективӣ буда, нархи фурӯш бошад, дар зери таъсири як қатор омилҳо: шароити бозор, сиёсати нархгузории ҳукумат, меъёрҳои фоизӣ дар бонкҳо ташаккул меёбад.

Вобаста ба ин, нархи ҳадди аксар аз рӯйи талаботи суғурташавандагон, нархҳои ҳадди ақал вобаста ба зарурати муносибатҳои байни суғурташавнда ва суғуртакунанда муайян карда мешаванд.




**Расми 8. Хавфҳое, ки дар соҳибкории суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

## 2.4. Арзёбии сатҳи даромаднокии соҳибкории суғуртавӣ

Захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ моҳиятан сармояи ҷалбшудае мебошанд, ки дар тули якчанд вақт маҷмуи маблағҳои муваққатан озоди суғуртакунандаро ташкил медиҳанд. Гардиши даврии маблағҳои ширкати суғуртавӣ бо амалиётҳои суғуртавӣ маҳдуд нашуда, бо ҷалби маблағҳо дар раванди сармоягузорӣ мураккаб мегардад. Яъне, захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ – ин маҷмуи маблағҳои муваққатан озоди суғуртакунанда мебошад, ки дар гардиши иқтисодӣ қарор дошта, барои гузаронидани амалиётҳои суғуртавӣ ва амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ истифода мешаванд.

Аз ҳамин лиҳоз, захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ аз ду қисми асосӣ – сармояи худӣ ва сармояи ҷалбшуда иборат буда, зимнан, қисми ҷалбшудаи сармоя ба дараҷаи назаррас аз сармояи худӣ бартарӣ дорад (ҷадвали 2.4.1.).

**Ҷадвали 2.4.1.**

**Сохтори захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ**

| **Захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ** | |
|---|---|
| **Сармояи худӣ** | **Сармояи ҷалбшуда** |
| - Сармояи оинномавӣ<br>- Сармояи изофӣ<br>- Сармояи захиравӣ<br>- Фоидаи тақсимнашаванда<br>- Воридот ва маблағгузории мақсаднок<br>- Фонди соҳаи иҷтимоӣ | - Захираҳои суғуртавӣ<br>- Қарз<br>- Қарзҳои кредиторӣ<br>- Қарзи азнавсуғуртакунӣ |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тавр, ба андешаи муаллиф, маҳз дар натиҷаи бо ҳам алоқаманд будани сармояи худӣ ва ҷалбшуда захираҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин маблағҳоро ташкилоти суғуртавӣ метавонад муаваққатан барои сармоягузорӣ равона намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, фаъолияти ширкати суғуртавӣ ба ташкили фондҳои пулӣ асос ёфтааст, ки манбаи онҳо маблағҳои суғурташавандагон мебошанд, ки дар

шакли мукофотпулии суғуртавӣ ифода ёфтаанд. Онҳо ба суғуртакунанда тааллуқ надоранд. Ин маблағҳо танҳо муваққатан, дар давраи амали шартномаҳои суғурта дар ихтиёри ширкати суғуртавӣ қарор дошта, пас аз он барои пардохти маблағи суғуртавӣ истифода мешаванд, ё ба заминаи даромад (ба шарти гузаштани безарари шартнома) табдил меёбанд, ё ба суғурташавандагон дар қисми пешбининамудаи шартҳои шартнома баргардонида мешаванд. Ин қисми сармояро сармояи қарзӣ номидан душвор аст, зеро дар ин ҳолат вай бояд минбаъд дар ҳаҷми пурра гирифта шавад. Имконияти табдил додани ин маблағҳо пас аз чанд вақт ба даромади суғуртакунанда дурустии таърифи «маблағҳои ҷалбшуда» ё «сармояи қарзӣ»-ро асоснок мекунад. Онҳоро суғуртакунанда метавонад муваққатан ва танҳо ба сифати манбаи сармоягузорӣ истифода барад.

Хусусияти асосӣ ва муайянкунандаи ташкилоти соҳибкории суғуртавӣ мавҷудияти захираҳои махсуси молиявӣ мебошад, ки таъйиноти қатъии мақсаднок доранд. Ин вазъ хусусияти сирри дохилисоҳавиро инъикос мекунад.

Ширкати суғуртавӣ метавонад барои хароҷоти пешбурди кор тибқи шартномаҳои суғурта танҳо он қисми мукофотпулии ҷамъшавандаро истифода барад, ки аз ҳисоби сарборӣ ташаккул ёфтааст. Қисми асосии мукофотпулӣ, яъне мукофотпулии холис, қатъиян барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ таъйин мешавад. Он иҷрои уҳдадориҳои асосии шартномавии суғуртакунандаро таъмин намуда, танҳо дар ҳолати зарурат ҳангоми сар задани ҳодисаи суғуртавӣ истифода мешавад. То он вақт, мукофоти холис ҷамъоварӣ ва захира карда шуда, фонди суғуртавии ширкатро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати мазмун ин фонд аз пардохтҳои ба таъхир андохташудаи суғуртакунанда иборат мебошад. Вай аз ҳисоби маблағҳои ҷалбшуда ташаккул ёфта, ба уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зарар муқобил меистад. Таркиб ва сохтори амалҳои фонд бо самтнокии соҳавии ширкати суғуртавӣ вобаста мебошад, яъне ширкат ба кадом намудҳои фаъолияти суғуртавӣ машғул мебошад. Захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ доимо дар ҳаракат мебошанд.

Ҷараёни захираҳои молиявӣ – ин фарқияти байни воридот ва хароҷоти захираҳои молиявӣ барои як давраи муайян, сарфи назар аз манбаъҳои ташаккули онҳо мебошад. Механизми ташаккули ҷараёнҳои молиявии ширкати суғуртавиро метавон чунин тасвир кард (расми 9).




**Расми 9. Механизми ташаккули ҷараёни молиявии ширкат**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар вақти ташкили ширкати суғуртавӣ унсури аввал ва зербиноии захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ сармояи худӣ мебошад, ки дар раванди фаъолият аз ҳисоби манбаъҳои гуногуни фоида, натиҷаҳои фаъолияти сармоягузорӣ, даромади эмиссионӣ пурра мешавад. Сармояи худии ширкати суғуртавӣ вазифаи кафолати молиявии иҷрои уҳдадориҳоро оид ба шартномаҳои суғуртавӣ таъмин мекунад.

Гузаронидани амалиётҳои суғуртавӣ ҷамъоварии ҳаққи суғуртаро дар бар гирифта, зимнан, ҷамъоварии ҳақпулиҳо аз ҳамаи иштирокдорони фонди суғуртавӣ бо далелҳои иҷрои уҳдадориҳои суғуртакунанда оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ танҳо ба баъзеи онҳо сурат мегирад. Аз маблағи пардохтҳои ҷамъшуда (ҳақпулиҳои суғуртавӣ) пӯшонидани хароҷоти ширкати суғуртавӣ барои пешбурди кор, ки ба сохтори тарофа дохил карда шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Омили дуюми муҳим дар ташаккули захираҳои молиявии ширкати суғуртавӣ фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 27 банди 4-и Қонунин Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» «Сармоягузории маблағҳои захиравии суғуртавиро ташкилотҳои суғуртавӣ мустақилона ё бо роҳи додани қисми маблағҳо ба идоракунии ба боварӣ

асосёфтаи ташкилоти идоракунанда анҷом медиҳанд»[67]. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ механизми амали он маъруфият пайдо намудааст, зеро сармоягузории маблағҳо даромади муайянро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, гардиши даврии маблағҳои ширкати суғуртавӣ аз амали муштараки якчанд чараёни нисбатан мустақили пулӣ иборат мебошад:

• ҷамъоварии мукофотпулиҳои суғуртавӣ ва тақсимоти минбаъдаи онҳо дар байни шумораи маҳдуди суғурташавандагон, дар шакли пардохтҳои суғуртавӣ;

• сармоягузории маблағҳои муваққатан озоди захираҳои суғуртавӣ ва гирифтани даромад аз онҳо;

• истифодаи сармояи худи ба сифати манбаи сармоягузорӣ ва манбаи маблағгузории зарарҳо ва тақвияти он аз ҳисоби фоида, даромади эмиссионӣ ва дигар воридот;

• азнавсуғуртакунӣ ҳаракати маблағҳоро дар шакли мукофоти суғуртавӣ аз суғуртакунандаи аввалия ба азнавсуғуртакунанда ва аз азнавсуғуртакунанда ба суғуртакунандаи аввалия дар шакли комиссияи азнавсуғуртакунӣ, мукофотпулиҳо (тантемҳо), маблағгузории ҳиссаи зарар аз рӯйи ҳодисаи суғуртавӣ.

Маблағҳои пулӣ ба ширкат аз ҳисоби ҳақпулиҳои ҷамъоваришудаи суғуртавӣ, даромадҳо аз сармоягузориҳо, фурӯши коғазҳои қиматнок ва дигар дороиҳо ба маблағҳои пулӣ, хариди саҳмияҳои муқаррарӣ аз ҷониби саҳмдорон ворид ва аз тариқи онҳо ба суратҳисобҳо барои пӯшонидани хароҷот сарф карда мешаванд.

Ҳаракати маблағҳои пулӣ дар ширкати суғуртавӣ ҳадди ақал дар се самти асосӣ амалӣ карда мешавад:

1. Фаъолиятҳои ҷории суғуртавӣ. Ба он ҳақпулиҳои гуногуни суғуртавӣ, зарарҳо, даромадҳо, хароҷот ва дигар ҷараёнҳои маблағҳои пулӣ, ки бо амалиётҳои суғуртавӣ ва дигар фаъолиятҳо алоқамананд, дохил карда мешаванд.

2. Фаъолияти сармоягузорӣ. Ба он ҳаракати маблағҳои пулии марбут ба хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, гаравҳо барои амволи ғайриманқул, амволи ғайриманқул ва дигар дороиҳои сармоягузорӣ дохил карда мешавад.

---

[67] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 23.07.2016 №1349.

3. Маблағгузории фаъолияти ҷорӣ. Ба он ҷараёни маблағҳои пулие, ки барои барориши саҳмияҳо ва хариди саҳмияҳои қаблан фурӯхташуда, гирифтани қарз ва пардохти қарз, пардохти дивидендҳо ба саҳмдорон лозиманд, дохил карда мешавад.

Манбаи маблағҳои пулӣ ҳама гуна намуди фаъолияте мебошад, ки ба ширкати суғуртавӣ ворид шудани маблағҳои пулиро таъмин менамояд. Ба таркиби манбаъҳои асосии маблағҳои пулӣ барои ширкати суғуртавӣ: фоидаи соф (даромади холис), камкунии дороиҳо, афзоиши захираҳо, зиёдшавӣ дар пассивҳои дигар, фурӯши саҳмияҳо, тасҳеҳи қарзии барзиёдӣ (бақия) тааллуқ доранд.

Ҳаракати маблағҳои пулӣ дар ширкати суғуртавӣ бо роҳи ворид кардани онҳо аз манбаъҳо ба суратҳисобҳои ширкат ва истифодаи маблағҳо аз суратҳисобҳо дар самтҳои гуногун амалӣ карда мешавад (расми 10).




**Расми 10. Нақшаи ҳаракати маблағҳои пулӣ дар ширкати суғурта**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмии Тронин Ю.Н. Основы страхового бизнеса. М.: Издательство «Альфа – Пресс». 2006. С. 226.*

Истифодаи маблағҳои пулӣ ҳама гуна амалҳое мебошанд, ки ширкати суғуртавиро дар давраи муайян барои харҷ намудани пул маҷбур мекунад.

Самтҳои асосии истифодаи маблағҳои пулӣ аз ҷониби ширкати суғуртавӣ инҳоянд: зиёдшавии дороиҳо; кам кардани зарарҳо ва хароҷот барои танзими захираҳо; кам кардани ҳақпулиҳои коркарданашудаи суғуртавӣ дар захираҳо; кам кардани пассивҳои дигар.

Дар маҷмуъ, фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ дар бахши суғурта аз ҳолати суботи молиявии ташкилоти суғурта вобастагӣ дорад. Бинобар он, арзёбии ин ҳолат хеле муҳим буда, нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.4.2. овардашуда бояд андозагирӣ карда шавад.

**Ҷадвали 2.4.2. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилоти суғурта**

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1 | Пардохти суғуртавӣ ва пардохтҳо дар санаи муаяйн, ҳисобот | Динамикаи ин нишондихандаҳо (бо назардошти таваррум) имкон медиҳад, ки тамоюлҳои ширкати суғуртавӣ муайян карда шаванд. |
| 2 | Таносуби мукофотҳои суғуртаи ҳаёт ба ҳаҷми умумии пардохтҳои воридшуда | Таносуби оптималии мукофотҳои суғуртаи ҳаёт ба дигар намудҳои суғуртаи ташкилоти суғуртаи бисёрсоҳа, наздикии ин нишондиҳанда ба ягон арзиши оптималие, ки фаъолияти суғуртаро муътадил мегардонад. |
| 3 | Кифоя будани захираҳои суғурта | Устувории молиявии амалиёти суғуртаро кифоя будани маблағ барои пардохти шартномаҳо вобаста ба ҳодисаҳои суғуртавии рухдода муайян мекунад. |
| 4 | Пардохтпазирӣ | Таносуби дороиҳои пардохтпазир (маблағгузории молиявӣ ва кӯтоҳмуддат, инчунин коғазҳои қиматнок) ба ҳаҷми захираҳои суғурта. Арзиши тавсияшавандаи нишондодро сохтори портфели суғурта муайян мекунад. |
| 5 | Сатҳи пардохтпазирӣ | Таносуби фарқияти байни андозаи воқеӣ ва меъёрии дороиҳои озод ба андозаи меъёрӣ. |
| 6 | Қобилияти пардохт | Таносуби сармояи худӣ ба ухдадориҳои суғуртакунанда имкон медиҳад, ки суръати афзоиши сармояи саҳомӣ ва уҳдадориҳои ширкатро бо сатҳи қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои гуногуни суғурта муқоиса кунем. |
| 7 | Кифоя ва ё муносиб будани арзиши маблағҳои худӣ | Мутаассифона, аксари муаллифон дар методологияи худ меъёри кифоя ё асосеро нишон надодаанд, ки дар муқоиса бо он маблағҳои худӣ бояд кифоя бошанд. |
| 8 | Тавозуни бақияи портфели суғурта | Аз рӯйи ҳиссаи иштироки азнавсуғуртакунандагон муайян карда мешавад. Дар сурати мавҷуд будани як қатор хавфҳои калон дар портфели суғурта аз ҳимояи нокифояи азнавсуғуртакунӣ шаҳодат медиҳад. |
| 9 | Гардиши сармояи дар захираҳои суғуртавӣ ҷамъшуда | Нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ бо таносуби даромад аз сармоягузорӣ ба арзиши миёнаи маблағҳои гузошташуда муайян карда мешавад. Ин таносуб нишон медиҳад, ки дар давоми давра сикли муомилоти пурраи ҳамаи фондҳои захираҳои суғурта чанд маротиба анҷом меёбад. Дар баробари афзудани суръати муомилоти сармоя андозаи фоида зиёд мешавад, ки ин ба кобилияти пардохт таъсири бевосита мерасонад |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмии Белянкин Г.А. Платежеспособность страховой компании // Финансы. 2008. № 5. С. 10.*

Ба ғайр аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.4.2. овардашуда, аз нигоҳи муаллиф, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти суғуртакунанда инҳоянд:

• натиҷаи молиявии амалиётҳои суғуртавӣ ё арзёбии арзишии натиҷаҳои фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ дар давраи муайян;

• сатҳи фоиданокӣ (таносуби маблағи солонаи фоида ба маблағи солонаи пардохтҳо) ё даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ;

• маблағи миёнаи суғуртавӣ (маблағи умумии суғуртавӣ, ки ба шумораи объектҳои суғурташуда тақсим карда шудааст);

• пардохти миёна барои як шартнома (маблағи ҳақпулиҳои воридшуда, ки ба шумораи шартномаҳо тақсим карда шудааст);

• сатҳи пардохти маблағҳо ва ҷубронҳои суғуртавӣ (нисбат ба фоизи маблағи пардохтшуда ва маблағи ҳақпулиҳои воридшудаи суғуртавӣ);

• зараровар будани маблағи суғуртавӣ – андозаи пардохтҳо, ки ба ҳисоби миёна ба 100 воҳиди пулии маблағи суғуртавӣ рост меоянд.

Дар миёни ширкатҳои суғуртавии мамлакат сатҳи устувории молиявии ҶДММ ТСА «Спитамен - Иншуренс» назаррас мебошад. Бинобар ин мо нишондиҳандаҳои мутлақи устувории молиявии ҶДММ ТСА «Спитамен - Иншуренс» - ро мавриди таҳлил қарор додем, ки он дар ҷадвали 2.4.3. оварда шудааст.

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2.4.3. нишон медиҳанд, сармояи оинномавии ин ширкат дар давраи солҳои 2016 - 2020 аз 79,8 то 90,2 млн. сомонӣ афзудааст, андозаи мукофоти суғуртавӣ бошад аз 220342 то 230446 млн. сомонӣ расидааст. Дар ин давра даромади сармоягузорӣ аз 19876 то 22760 млн. сомони афзудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз тамоюли болоравии сатҳи устувории молиявии ширкат шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2.4.3.**

**Нишондиҳандаҳои мутлақи устувории молиявии ҶДММ ТСА «Спитамен - Иншуренс» (ҳаз. сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|
| Мукофоти суғуртавӣ | 220342 | 222504 | 225121 | 228311 | 230 446 |
| Пардохти суғуртавӣ | 79211 | 71342 | 71834 | 720312 | 74 111 |
| «Дороии соф» | 156712 | 160102 | 161 496 | 163123 | 164 329 |
| Сармояи оинномавӣ | 79870 | 80343 | 823121 | 88 511 | 90269,2 |
| Даромади иловагӣ | 19 | 19 | 3456 | 4023 | 4567 |
| Даромади сармоягузорӣ | 19876 | 20540 | 21102 | 21342 | 22 760 |

*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи ҳисоботи ҶДММ ТСА «Спитамен - Иншуренс» www.spitameninsurance.com*

Натиҷаи молиявии амалиётҳои суғуртавӣ – ин арзёбии арзишии натиҷаҳои фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ мебошад, ки барои ҳар як аз фондҳои мустақили суғуртавӣ ва барои ҳар як намуди суғурта муайян карда мешавад. Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти ниҳоди суғуртавӣ, натиҷаи молиявӣ барои як сол ҳангоми арзёбии муодил будани муносибатҳои суғуртакунанда ва суғурташавандагон дар давраи тарофавӣ муайян карда шуда, ду унсур: фоида ё зарари суғуртакунанда ва афзоиш ё хуруҷи захираи ҳақпулиҳоро дар бар мегирад.

Фоида аз амалиётҳои суғуртавӣ аз фарқияти байни нархи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва арзиши аслии онҳо иборат мебошад. Дар суғурта фоида аз ҳисоби markazнавтақсимкунии маблағҳои суғуртакунандагон ташаккул меёбад. Манбаи асосии ташаккули фоида аз амалиётҳои суғуртавӣ, ба истилоҳ фоида дар тарофаҳо мебошад, ки ҳамчун унсури нархи хизматрасонӣ муқаррар карда шуда, метавонад бо фоиз ё маблағи муқарраршуда ифода ёбад. Фоида аз тарофаҳо бояд аз фоидаи воқеие, ки аз амалиётҳои суғуртавӣ ба даст меоянд, фарқ карда шавад.

Ғайр аз фоида аз амалиётҳои суғуртавӣ, суғуртакунанда инчунин метавонад аз сармоягузориҳо, аз коҳиш додани зарари молиявӣ ва аз сарфаи хароҷоти идоракунӣ низ фоида ба даст орад. Фоида аз сармоягузориҳо – ин фоидаест, ки аз ҷониби ҷамъияти суғуртавӣ аз иштирок дар фаъолияти дорои хусусияти ғайрисуғуртавӣ ба даст оварда мешавад.

Фоида аз коҳиш додани зарари молиявӣ фоидаест, ки аз ҳисоби коҳиш додани зарари воқеии маблағи суғуртавие, ки дар тарофа пешбинӣ шудааст, ба даст оварда мешавад. Фоида аз сарфаи хароҷоти идоракунӣ – ин фоида аз кам кардани хароҷот барои пешбурди кор (хазинадорӣ, идоракунӣ ва ғайра) мебошад.

Арзиши аслии амалиётҳои суғуртавӣ аз маҷмуи хароҷоти суғуртакунанда барои таъмини ҳимояи суғуртавӣ, аз ҷумла аз тарҳкунӣ ба маблағҳои захиравӣ иборат мебошад, ки барои таъмини устувории молиявии амалиётҳои суғуртавӣ ва кафолати иҷрои ухдадориҳои суғуртакунанда дар назди суғурташаванда зарур мебошанд.

Ҳангоми муайян кардани натиҷаи молиявӣ дар ҳар як намуди суғурта, хусусиятҳои бахши мазкурро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Масалан, ба меъёрҳои тарофавии суғуртаи ҳатмии кишоварзӣ фоида дохил карда нашудааст, бинобар ин, натиҷаи мусбати молиявӣ тавозун ё зиёд будани даромад нисбат ба хароҷот мебошад, ки як қисми он ба фонди дахлдори захиравӣ равона карда мешавад. Дар сурати зиёд будани хароҷот аз даромад касри маблағҳо ба вуҷуд меояд, ки он аз ҳисоби фондҳои захиравии қаблан ташкилшуда пӯшонида мешавад.

Чунонки дар боло қайд намудем, ба ҳайси манбаи асосии ба даст овардани фоидаи ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолияти сармоягузорӣ хизмат мекунад. Сармоягузорӣ – ин диверсификатсияи кори суғуртавӣ мебошад, ки дар густариши доираи фаъолияти суғуртакунанда берун аз чаҳорчӯбаи анъанавӣ, дар иштироки мустақим ё ғайримустақим дар корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, яъне сармоягузорӣ кардани маблағҳои суғуртакунанда ба соҳаи истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани фоида ифода меёбад.

Захираҳои сармоягузорӣ дар навбати аввал аз фонди оинномавӣ, захираи кафолатнок, захираҳои суғуртавӣ, даромадҳо аз намудҳои фаъолияти суғуртавӣ ва дигар намудҳои фаъолият иборат мебошанд. Хусусияти хоси захираҳои сармоягузории ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар он аст, ки дар ихтиёри ҷамъият ҳамчунин маблағҳои худӣ – фонди оинномавӣ, захираи кафолатнок, захираҳои суғуртавӣ ва даромадҳои ширкат қарор доранд. Захираҳои сармоягузорӣ асосан дар фазои молиявӣ – иқтисодии иштирокдорони суғуртаи мутақобила ҷойгир карда мешаванд.

Ҳангоми таҳияи сиёсати сармоягузорӣ оид ба дигар намудҳои суғурта бояд шартҳои дигар ба назар гирифта шаванд, вақте ки:

• шартномаҳои суғуртавӣ хусусияти кӯтоҳмуддат дошта, чун қоида, ба муҳлати як сол баста мешаванд;

• воридоти мукофотҳои суғуртавӣ бо баробарӣ ва босуботӣ фарқ намекунанд;

• эҳтимолияти баланд шудани хавфҳои фалокатовар бояд аз дороиҳои сармоягузорӣ бозгаштии баланд дошта бошанд.

Ҳангоми сармоягузории сармояи оинномавӣ, захираи кафолатнок ва захираҳои чорабиниҳои пешгирикунанда ташкилотҳои суғуртавӣ бояд инҳоро ба инобат гиранд:

• захираҳои сармоягузорӣ асосан бо уҳдадориҳо оид ба шартномаҳои суғурта алоқаманд нестанд;

• сармоягузории маблағҳои мавриди таҳлил маҳдуд карда намешавад.

Захираи чорабиниҳои пешгирикунанда дар тамоми давраи кор ташаккул ёфта, аз муҳлати эътибори шартномаҳои суғурта вобаста намебошад, ки ин имкон медиҳад маҳдудиятҳо ҳангоми сармоягузории маблағҳои мазкур бо назардошти нақшаи маблағгузории чорабиниҳои пешгирикунанда муайян карда шавад. Чуноне ки маълумоти ҷадвали 2.4.4. нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2005-2020 ҳаҷми хароҷот барои пешбурди кор ва дигар хароҷот аз фаъолияти суғуртавӣ мутаносибан 11,3 ва 11 маротиба зиёд шудааст, ки суръати афзоиши ин нишондиҳанда нисбат ба суръати афзоши хароҷоти умумии ташкилоти

суғуртавӣ баландтар мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хароҷоти ғунҷоиши пешбурди фаъолият зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 2.4.4.**

**Динамикаи хароҷот барои пешбурди кор дар ташкилотҳои суғуртаи ҷумҳурӣ (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | С. 2020 нисбат ба с. 2005 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷот – ҳамагӣ | 34,0 | 112,2 | 128,9 | 161,6 | 4,7 мар. |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| хароҷот барои пешбурди кор | 5,7 | 22,1 | 42,1 | 64,8 | 11,3 мар. |
| дигар хароҷот аз фаъолияти суғуртавӣ | 0,2 | 1,4 | 5,4 | 2,2 | 11 мар |
| Ҳамагӣ хароҷоти фаъолият дар хароҷоти умум,% | 17,3 | 20,9 | 36,8 | 41,4 | 24,1 бф |
| Пулгузаронӣ ба захира барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои ногаҳонӣ (табиӣ), барои гум ё вайрон кардани амволи суғурташуда | 1,2 | 3,4 | 10,0 | 12,6 | 10,5 |

*Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ, Маҷмуаи оморӣ: АОНПҶТ. 2021.*

Дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми пулгузаронӣ ба захира барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои ногаҳонӣ (табиӣ), барои гум ё вайрон кардани амволи суғурташуда аз 1,2 то 10,5 млн. сомонӣ ва ё 10,5 маротиба зиёд шудааст. Захираи чорабиниҳои пешгирикунанда барои намудҳои хавфдори суғурта афзуда истодааст, ки барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои суғуртавӣ истифода мешавад. Ҳангоми амалӣ намудани намудҳои асосии суғуртаи хавф банақшагирии вақт ва андозаи пардохтҳои суғуртавӣ тақрибан номумкин аст.

Барои арзёбии афзоиши хавф доштани маълумоти муътамад махсусан муҳим аст.

Ҳангоми арзёбии хавфҳо намудҳои зерини онҳо фарқ карда мешаванд:

- хавфҳое, ки онҳоро суғурта кардан мумкин аст;

- хавфҳое, ки онҳоро суғурта кардан мумкин нест;
- хавфҳои мусоид ва номусоид, инчунин хавфи техникии суғуртакунанда.

Аломатҳои асосии хавфҳо, ки ба мо имкон медиҳанд донем, ки ин хавфҳо қобили қабули суғуртаанд:

- хавфе, ки ба доираи масъулияти суғуртакунанда дохил карда мешавад, бояд имконпазир бошад;
- хавф бояд хусусияти тасодуфӣ дошта бошад;
- зуҳури хавфи тасодуфӣ бояд бо маълумоти оморӣ қиёс карда шавад;
- маълум набудани далели сар задани ҳолати суғуртавӣ дар вақт ва макон;
- ҳодисаи суғуртавӣ набояд анбӯҳи объектҳоро дар доираи маҷмуи калони суғуртавӣ фаро гирад;
- миқёси пайомадҳои зараровар бояд ба қадри кофӣ калон бошад ва ба манфиатҳои суғурташаванда таъсир расонад.

Хавфҳое, ки дорои нишонаҳои зикршуда нестанд, наметавонанд суғурта ҳисобида шуда, ба доираи амали ташкилотҳои суғуртавӣ дохил карда шаванд.

Хавфи суғуртавӣ – ин ҳодисаи эҳтимолӣ ё маҷмуи ҳодисаҳое мебошад, ки дар сурати сар задани онҳо суғурта анҷом дода мешавад.

Арзёбии хавф дар ширкатҳо бояд аз ҷониби андеррайтерҳо, мутахассисони баландихтисоси соҳаи соҳибкории суғуртавӣ амалӣ ва натиҷаи он аз ҷониби роҳбарияти ширкати суғуртавӣ, ки оид ба қабули хавфҳои пешниҳодшуда барои суғурта, муайян намудани меъёрҳои тарофавӣ ва шартҳои мушаххаси шартномаи суғуртаи ин хавфҳо дар асоси меъёрҳои қонуни суғуртавӣ ва мақсаднокии иқтисодӣ ваколатҳои фармонфармоӣ доранд, қабул карда шавад.

Бо ибораи дигар, андеррайтинг раванди соҳибкории суғуртавӣ мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

1) қабул барои суғурта ё радди объекти эълоншудаи суғурта дар асоси арзёбии хавфҳои инфиродии ба ин объект хос бо мақсади таҳия ё ислоҳ кардани шартҳои шартномаи суғурта ва муайян кардани тарофаи суғуртавӣ;

2) таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳимояи тамоми портфели суғуртавӣ ё як қисми он;

3) таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба коҳиш додани хавфҳои барои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) қабулшуда.

Барои рушди бомуваффақият ва безарари соҳибкории суғуртавӣ фаъолияти мақсадноки суғуртакунанда оид ба муқаррар, дақиқ ва мураттаб сохтани тарофаҳои суғуртавӣ зарур мебошад. Ин шартҳо бояд бо риояи принсипҳои зерин, ки дар ҷадвали 2.4.5. оварда шудаанд, мувофиқ бошанд.

**Ҷадвали 2.4.5.**

**Принсипҳои ташкили фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ**

| № | Принсипҳо | Тавсифи онҳо |
|---|---|---|
| 1 | Мутобиқати андозаи меъёри холиси эҳтимолияти зарар | Дар мавриди эҳтимолияти баргардонидани маблағҳои фонди суғуртави аз ҳисоби тарофавии маҷмуи суғурташавандагон таъмин менамояд, ки дар миқёси он тарофаҳои суғуртавӣ расми ташкил медиҳанд. |
| 2 | Дастрасӣ ва босуботии тарофаҳои суғуртавӣ | Ҳангоми тағйир наёфтани меъёрҳои тарофавӣ дар муддати тулонӣ дар суғурташавандагон эътимоди қавӣ ба устувории фаъолияти суғуртавӣ таҳким меёбад. Дастрасии тарофаҳо бевосита аз шумораи суғурташавандагон ва шумораи объектҳои суғурташуда вобаста аст. Ҳар қадар доираи васеътари шахсон ва объектҳои суғурташуда бо суғурта фаро гирифта шавад, ҳамон қадар ҳиссаи камтар дар тақсим барои ҳар кадоми онҳо рост омада, ҳамон қадар тарофаҳои суғуртавӣ дастрастар мешаванд. Баланд бардоштани меъёрҳои тарофавӣ танҳо дар сурати афзоиши бемайлони зараровариии маблағи суғуртавӣ бо мақсади таъмини безарар анҷом додани суғурта имконпазир аст |
| 3 | Тавсеаи бозори суғурта | Ҳар қадар доираи масъулияти пешниҳодшавандаи суғуртавӣ васеътар бошад, ҳамон қадар суғурта талаботҳои суғурташавандагонро қонеъ мекунад. Васеъ кардани ҳаҷми масъулияти суғуртавӣ бо кам кардани нишондиҳандаҳои зараровариии маблағи суғуртавӣ таъмин карда мешавад |
| 4 | Таъмини фоидаоварӣ ва даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ | Тарофаҳои суғуртавӣ бояд тавре тартиб дода шаванд, ки воруди пардохтҳои суғуртавӣ ба таври доимӣ хароҷоти суғуртакунандаро пӯшонида ва ҳатто каме зиёдшавии даромадҳоро нисбат ба хароҷот (фоидаи суғуртакунанда) таъмин намояд. Он метавонад бо тартиби нақшавӣ ба сарборӣ ба меъёри тарофавӣ ҷойгир карда шавад. |

*Сарчашма: Бо истифода аз адабиёти соҳавӣ муаллиф тартиб додааст.*

Амалҳои асосии меъёри тарофавиро дида мебароем. Қисми асосии тарофаҳои суғуртавӣ меъёри холис мебошад. Вай бо мақсади ташаккули захираҳои ташкилотҳои суғуртавӣ барои пардохти ҷубронҳои суғуртавӣ (маблағҳои суғуртавӣ) таъйин шудааст.

Вобаста ба ин, ба таври умумӣ меъёри холисро ба тариқи зайл ҳисоб мекунанд[68]:

tn = F(x) x kx 100, ки дар ин ҷо

tn – меъёри холис аз 100 ҳаз. сомонӣ;

F (x) – эҳтимолияти ҳолати суғуртавӣ;

k – коэффитсиенти нисбат ба пардохти миёна, ба маблағи миёнаи суғуртавӣ барои як шартнома мебошанд.

Ҳамчунин ҳангоми ҳисоб кардани меъёри холис дар суғурта, нишондиҳандаҳои зарароварӣ аз 100 сомонӣ маблағи суғуртавӣ асос меёбанд, ки нисбат ба шумораи пардохтҳо ва шартномаҳои басташуда ҳолатҳои суғуртавиро муайян мекунад. Нисбат ба пардохти миёна дар шартномаи басташуда дар ин ҳолат қиёси коэффитсиенти пардохти миёна нисбат ба маблағи миёнаи суғуртавӣ муайян карда мешавад.

Субъектҳои соҳибкории суғурта низ ҳуқуқ доранд, ки захираҳои суғуртавиро сармоягузорӣ кунанд ё ба тариқи дигар ҷойгир намоянд. Ташаккули захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ тибқи меъёрҳо бо хориҷ кардани тарҳҳо ба фондҳои суғуртавии захиравии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад[69].

Бинобар ин, фаъолияти ширкати суғуртавӣ дар шароити бозор на танҳо ҷуброни зарарҳои суғуртавӣ ва хароҷоти худ барои пешбурди кор аст, балки ба даст овардани фоидаро низ пешбинӣ менамояд. Дар суғурта истилоҳи «фоида» шартан истифода мешавад, зеро ташкилотҳои суғуртавӣ даромади миллиро ба вуҷуд намеоранд, балки танҳо дар тақсими он иштирок мекунанд.

Зери мафҳуми фоида аз амалиёти суғуртавӣ чунин натиҷаи мусбати молиявии фаъолияти суғуртавӣ фаҳмида мешавад, ки дар он зиёдшавии даромад аз хароҷоти таъмини ҳифзи суғуртавии шахсони суғурташаванда ба даст меояд. Манбаи асосии ба даст овардани фоида барои ширкати суғуртавӣ дар аксар кишварҳои мутамаддин на ҷамъоварии пардохтҳои суғуртавӣ, балки

---

[68] Шахов В.В. «Учебник для студентов и вузов, обучающихся по специальностям: «Финансы и кредит», «Бухгалтерский учет, анализ и аудит». – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2006. С. 120.
[69] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 23.07.2016. №1349.

фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки бо роҳи сармоягузории як қисми маблағҳои муваққатан озоди фонди захиравии суғуртавӣ ба лоиҳаҳои фоидаовари илмӣ – техникӣ, муомилоти тиҷоратӣ, коғазҳои қиматнок, вомбаргҳои давлатии кӯтоҳмуддат, пасанадозҳо ва ғайра сурат мегирад.

Маблағҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ, чун қоида, ба маблағгузории амалиётҳои суғуртавӣ, ба дотатсияи намудҳои зараровари суғурта, таҳияи намудҳои нави суғурта (экология ва ғайра), омодасозии мутахассисон ва ғайра равона карда мешаванд.

Дар қиёс бо гардиши маблағҳо барои таъмини ҳифзи суғуртавӣ, гардиши маблағҳои марбут ба ташкили кори суғуртавӣ ва рушди ташкилоти суғуртавӣ тибқи қонунгузории амалкунанда, оинномаи ширкати суғуртавӣ ва омилҳои дигар танзим карда мешавад.

Ҷобаҷогузории зарари эҳтимолӣ дар суғуртаи хавфдор (чун қоида кӯтоҳмуддат) ва ҷамъшаванда (амонатӣ ё дарозмуддат) ду намуди фондҳои суғуртавиро ба вуҷуд меорад:

1. фондҳои суғуртавии захиравӣ барои намудҳои хавфдори суғурта;

2. фондҳои суғуртавии захиравӣ барои намудҳои ҷамъшавандаи суғурта (суғуртаи ҳаёт, нафақа ва ғайра).

Дар он намудҳои суғуртае, ки метавонад зарар ба андозаҳои фалокатовар расад (офатҳои табиӣ, фалокатҳои кайҳонӣ, садамаҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ, марг ё ҳалокати сайёҳон ва мусофирон), инчунин фондҳои захиравии дорои хусусияти азнавсуғуртакуниро ташаккул додан мумкин аст.

Азбаски ширкатҳои суғуртавӣ субъектҳои хоҷагидор буда, дар ҳисоби хоҷагӣ, худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ қарор доранд, онҳо ба ҷузъи захираҳои мушаххаси суғуртавӣ фондҳои дигареро низ ташаккул медиҳанд, ки ба онҳо барои таъмини фаъолияти хоҷагидорӣ заруранд. Масалан, ташкили захираҳо ва фондҳо барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои нохуш, садамаҳои нақлиётӣ, талаф ё вайрон шудани амволи суғурташуда. Ҳамин тавр, ҷамъиятҳои саҳомии суғуртавӣ (ҶСС), ки моликони сармояи оинномавӣ (амволе, ки аз ҷониби муассисон ба ҷамъият дода шудаанд,

аз ҷумла даромадҳо аз фурӯши саҳмияҳо) мебошанд, ба ғайр аз захираҳои суғуртавӣ фондҳои дигарро низ ба андозаи маблағи на камтар аз 15% аз сармояи оинномавӣ, бо роҳи тарҳҳои солона ба андозаи на камтар аз 5% аз фоидаи соф бояд таъсис медиҳанд.

Захираҳо ва фондҳо бо роҳи тарҳҳои ҳар семоҳа аз пардохтҳои суғуртавӣ, ки тибқи шартномаҳои суғурта ва азнавсуғуртакунӣ дар давоми семоҳаи додашуда ворид шудаанд, ташаккул меёбанд.

Андозаи тарҳҳо бо қарори мақоми иҷроияи субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ – Шӯрои мудирон дар асоси миқдори шартномаҳои басташудаи суғурта ва азнавсуғуртакунӣ, муҳлатҳои амали онҳо, андозаи мукофотҳои воридшудаи суғуртавӣ, ҳаҷми ӯҳдадориҳои суғуртавӣ, хусусияти хавфҳои суғуртавӣ, андозаи пардохтҳо тибқи шартномаҳои қаблан басташуда ва дигар хусусиятҳои вазъияти баамалоянда дар суғурта муайян карда мешавад.

Захираҳо манбаъҳои муваққатан озоди махсуси гардишии суғуртавӣ маҳсуб ёфта, бо даромади суғуртакунанда тасниф карда намешаванд.

Маблағҳои захираҳо ҳамчун захираҳои пардохтҳои оянда аз рӯйи ӯҳдадориҳои суғуртавӣ дар назди муштариён (суғурташавандагон, шахсони суғурташуда) ба ҳисоб гирифта мешаванд. Андозаи мутлақи маблағҳои дар захираҳо ҷамъшуда бояд бо афзудани миқдори шартномаҳои амалкунандаи суғурта мунтазам афзоиш биёбад.

Маблағҳои захираҳои суғуртавӣ бо фонди дохилихоҷагии захиравӣ, ки таъсиси он мутобиқи қонунгузорӣ барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидор (аз даромадҳое, ки пас аз пардохти андозҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ боқӣ мондаанд) пешбинӣ шудааст, омехта карда намешаванд.

Захираҳо дар моликият, истифода ва ихтиёрдории субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ қарор доранд. Онҳо метавонанд аз ҷониби суғуртакунанда ба сифати захираҳои сармоягузорӣ барои ба даст овардани даромади иловагӣ бо мақсади кам кардани хароҷоти пешбурди кори суғуртавӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии суғуртакунанда ва сатҳи бозгаштии ширкати суғуртавӣ истифода шаванд.

Самтҳои сармоягузории маблағҳои захираҳо (маблағгузориҳо ба пасандозҳо, коғазҳои қиматнок, вомбаргҳои давлатӣ ва ғайра) бояд ба самтҳои танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, № 94 тасдиқ шудааст) дақиқан мувофиқат кунанд. Аммо бо мақсади таъмини устувории молиявӣ, ширкатҳои суғуртавӣ захираҳои суғуртавиро, ки аз ҳақпулиҳои суғуртавии аз суғуртакунандагон бадастомада барои пардохтҳои суғуртавӣ дар оянда ташаккул меёбанд, бо риояи ҳатмии таносубҳои зерин сармоягузорӣ мекунанд:

• на камтар аз 10% – маблағҳои захираҳо – ба коғазҳои қиматноки давлатӣ;

• на бештар аз 40% – ба амволи ғайриманқул;

• на бештар аз 50% – ба пасандозҳои бонкӣ (амонатҳо);

• на камтар аз 5% – ба суратҳисоб дар бонк барои амалӣ намудани пардохтҳои ҷории маблағҳои суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои суғурта.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (банди 3-и моддаи 27), ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ бояд аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити диверсификатсия (сармоягузории маҷбурии пулҳои озод ба вомбаргҳои давлатӣ ва дигар коғазҳои қиматнок), бозгаштӣ (баргардонидани ҳақпулиҳои суғуртавӣ ба суғурташаванда дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ кардани амали шартнома), пардохтпазирӣ (қобилияти қонеъ гардонидани даъвоҳое, ки аз ҷониби суғурташавандагон пешниҳод карда мешаванд) ва фоиданокӣ амалӣ карда шавад.

Ба андешаи муаллиф истифодаи маблағҳои захираҳои суғуртавӣ дар ҳолатҳои зерин манъ аст:

• бастани шартномаҳои қарзӣ (шартномаҳои кредитӣ) аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (инчунин додани қарзҳо ба суғуртакунандагон, ки шартномаи суғуртаи шахсиро бастаанд, дар доираи маблағи суғуртавӣ аз рӯйи ин шартномаҳо, банди 3 моддаи 26);

• бастани шартномаҳои хариду фурӯш, ба истиснои ҳолатҳои ба даст овардани саҳмияҳо ва пайҳои биржаҳои молӣ ва фондӣ.

Захираҳои суғуртавие, ки аз ҷониби суғуртакунандагон ташаккул дода мешаванд, барои буҷети ҷумҳуриявӣ мусодира карда намешаванд.

Зери мафҳуми устувории молиявии амалиётҳои суғуртавӣ тавозуни доимӣ ё зиёдшавии даромадҳо аз хароҷоти фонди суғуртавии пулие, ки аз ҳақпулиҳои (мукофотҳои) аз ҷониби суғурташавандагон пардохтшаванда ташаккул меёбад, фаҳмида мешавад.

Асоси устувории молиявии соҳибкории суғуртавӣ дар онҳо мавҷуд будани сармояи пардохтшудаи оинномавӣ, захираҳои суғуртавӣ, инчунин низоми азнавсуғуртакунӣ (моддаи 26 Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ») мебошад, сармояи оинномавии (фонди оинномавии) ташкилотҳои суғуртавӣ дар ибтидо аз ҳисоби буҷет (шакли ҳатмии суғурта) ё аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, чунонки дар боло қайд намудем, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини таъмини устувории молиявии соҳибкории суғуртавӣ ва ба даст овардани қобилияти воқеии пардохтпазирии онро метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Барои таъмини кафолатҳои пардохтпазирӣ соҳибкорони суғуртавӣ уҳдадоранд таносуби меъёрии байни дороиҳо ва уҳдадориҳои суғуртавии аз ҷониби онҳо қабулшударо (банди 1 моддаи 27 Қонун "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ") риоя намоянд.

2. Захираҳои суғуртавӣ бояд дар асоси бозгаштӣ, диверсификатсия, пардохтпазирӣ ва фоиданокӣ ҷойгир карда шаванд (банди 3 моддаи 27 Қонун "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ").

Вобаста ба ин талабот, аз нигоҳи мо, барои рушди устувори соҳибкории суғуртавӣ сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

# БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Арзёбии сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ

Омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии соҳибкории суғуртавӣ ин мавҷудияти талаботи ҷомеа ба маҳсулоти суғуртавӣ ва фаъолияти суғуртакунандагоне мебошад, ки қодиранд ин талаботро қонеъ намоянд. Ташкилоти суғуртавӣ дар қатори ниҳодҳои дигар (бонкҳо, биржаҳо, фондҳои сармоягузорӣ) унсури ҷудонашавандаи низоми молиявии хоҷагии ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Принсипи ҷамъоварӣ ва тақсимоти минбаъдаи ҷараёнҳои пулӣ қисми таркибии сармояи захираҳои молиявии ташкилоти суғуртаро ташкил мекунад. Гардиши даврии маблағҳои ташкилоти суғуртавӣ бо анҷом додани амалиётҳои сармоягузорӣ ва ба даст овардани фоида, дар бештари ҳолатҳо аз вазъи корҳо дар бозорҳои пулӣ ва молиявӣ вобаста буда, мавриди хавфи сармоягузорӣ қарор мегирад. Ин ҳолат ташкилоти суғуртавиро маҷбур мекунад, ки сиёсати сармоягузориро нисбатан эҳтиёткорона пеш барад.

Аз ин рӯ, ба ҳайси суғурташавандагон шахсони ҳуқуқӣ бо ҳама гуна шаклҳои моликият эътироф карда мешаванд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, барои амалисозии фаъолияти суғуртавӣ (ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила) ташкил гардида, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» барои фаъолияти суғуртавӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома доранд.

Барои таъмини иҷрои ухдадориҳои ба зимма гирифтаи суғуртакунандагон аз ҳақпулиҳои суғуртавии гирифташуда захираҳои зарурии суғуртавиро барои пардохтҳои дарпешистодаи суғуртаи шахсӣ, суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулият ташкил медиҳанд. Ба ҳамин тартиб суғуртакунандагон ҳуқуқ доранд, ки барои маблағгузории чорабиниҳо ҷиҳати пешгирии ҳодисаҳои нохуш, талаф шудан ё осеб дидани амволи суғурташуда захира таъсис диҳанд. Вобаста ба

чунин ақидаҳои иброзшуда, сиёсати сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ бояд ба талаботи принсипҳои диверсификатсия, бозгаштпазирӣ, фоиданокӣ, пардохтпазирӣ ҷавобгӯ бошад. Ин талабот ҳам ба дороиҳое, ки захираҳои суғуртавиро мепӯшонанд, ҳам ба дороиҳои озод дахл дорад.

Субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ дар фаъолияти сармоягузории худ ҳангоми идоракунии маблағҳои захираҳои суғуртавӣ бояд даромаднокии баланди сармоягузориро таъмин намоянд ва он имкон медиҳад арзиши воқеии маблағҳои гузошташуда дар давраи сармоягузорӣ нигоҳ дошта шуда, дар ҳолати зарурат имкон дошта бошанд, ки дороиҳоро ба осонӣ фурӯшанд. Пеш аз истифодаи маблағҳои суғуртакунандагон ба сифати захираҳои сармоягузорӣ муҳим аст, ки қабл аз ҳама, сохтори маблағҳои аз ҷониби онҳо барои ин самт ҷудошаванда бо назардошти талаботҳои объектҳои сармоягузорӣ, мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Бояд қайд кард, ки сармояи оинномавии аз ҷониби суғурташавандагон эълоншуда, на ҳамеша ба нишондиҳандаҳои воқеӣ мувофиқат мекунад. Низоми муносибатҳои мутақобилаи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ бо субъектҳои гуногуни иқтисодӣ, гуногунии амалҳои молиявӣ, инчунин амалияи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба сармояи оинномавӣ ба суғурташавандагон имкон медиҳанд, ки андозаҳои онро аз будашон зиёд нишон диҳанд. Аз ин рӯ, эътибори сармояи воқеии оинномавӣ дар низоми танзими давлатии суғурта масъалаи ҷиддӣ мебошад. Амалияи хориҷии таъмини сармояи воқеии оинномавӣ бо роҳи захиракунонии ҳатмии як қисми сармояи оинномавӣ дар бонкҳо ё ҷойгир кардани он ба суратҳисоби ҷории мақомоти назорати суғуртавӣ анҷом мепазирад.

Вобаста ба ин, қоидаҳои нави ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии дар мамлакат амалкунанда тақозо менамояд, ки онҳо бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин талаботҳо ҷавоб диҳанд:

- сармоягузориҳои суғурташавандагон бояд дорои сатҳи қобили қабули хавф ва бозгаштпазирӣ бошанд. Мавҷудияти таносубҳои сохтории дороиҳо ва захираҳо барои риояи ин принсипҳо пешбинӣ шудааст. Аммо тавре таҷрибаи

ватанӣ нишон медиҳад, онҳо ба қадри кофӣ таъмин карда намешаванд, бинобар ин, таҳия ва қабули санади меъёрии иловагии ҷиддиро талаб мекунад;

- портфели сармоягузории суғуртакунанда бояд ба қадри кофӣ диверсификатсия шуда бошад. Талаботи мазкур бо принсипи бозгаштпазирии сармоягузориҳо робитаи мутақобила дорад. Аз ҳисоби тақсимоти сармоягузориҳо ба соҳаҳои гуногун дар ширкат, хавфи бозгаштпазирӣ дар ҳолати бесуботӣ дар бозор коҳиш меёбад. Аммо, тавре амалия нишон медиҳад, маҳдудиятҳои бо мақсади диверсификатсия муқарраршуда на ҳамеша самаранок мебошанд. Аз ин рӯ, диверсификатсияи меъёрҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти суғуртавӣ, ба ақидаи мо, асоснок аст: дороиҳо бояд ба ӯҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон мувофиқат кунанд.

Зиёда аз 20% захираҳои суғуртакунандагон дар пасандозҳои бонкӣ ҷойгир карда шудаанд, ки маъмулан яке аз механизмҳои асосии идоракунии захираҳои молиявии суғуртакунандагон маҳсуб ёфта, аҳаммияти ҳамаҷониба доранд. Дар баробари ин, ташкилотҳои суғуртавӣ дар фаъолияти сармоягузории худ аз имкониятҳои бонкӣ хеле фаъолона истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки сабаби асосии сохтори дороиҳо ва сармоягузориҳои суғуртакунандагон пеш аз ҳама бо динамикаи бесубот тавсиф ёфта, аз дигар ҳиссаи намудҳои алоҳидаи дороиҳои баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ хеле фарқ мекунад. Тавре интизор мерафт, сатҳи бозгаштӣ ҳангоми баррасии сохтори дороиҳо барои давраҳои ғайриҳисоботӣ паст рафта, дар охири давраи ҳисоботӣ боло меравад. Аввалан, ин бо коҳиши қарзҳои дебиторӣ дар охири сол (фаро расидани аксари муҳлати пардохтҳо тибқи шартномаҳои амалкунанда), баъдан, бо амалҳо оид ба «ислоҳоти» таносубҳои сохтории дороиҳо барои мутобиқат ба меъёрҳои Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолияти сармоягузории худро бо назардошти манфиатҳои соҳибмулкон ва муштариёни қавӣ, ки ба касбият, боэътимодӣ ва ростқавлии онҳо эътимод доранд, бунёд мекунанд. Барои онҳо ҳатмӣ нест, ки тамоми механизми сохтори суғуртавӣ, усулҳои интихобшудаи идоракунии

захираҳои боваркардашудаи молиявиро донанд. Ташкилотҳои суғуртавӣ шарикони гуногунро ба фаъолияти сармоягузорӣ ҷалб мекунанд. Тааҷҷубовар он аст, ки аксари ширкатҳои суғуртавӣ сиёсати ҳамаҷониба таҳияшудаи сармоягузорӣ надоранд. Дар навбати худ онҳо одатан ба амалҳои сохторҳои вобасташуда ва ё ба амонатҳои бонкӣ – амалҳои камдаромад, бо ташкили (доштани) амалҳои диверсификатсия таъсири манфӣ расонида, монеаҳо бунёд менамоянд. Таҳлили коҳиши даромаднокии онҳо шаҳодат медиҳад, ки ташкилотҳои суғуртакунандаро лозим аст, то ки муносибатҳои навро барои идоракунии иқтидори сармоягузорӣ мавриди мстифода қарор диҳанд.

Вобаста ба ин, ба андешаи муаллиф, асоси портфел ба ташкилотҳои идоракунандаи суғуртавӣ дорои афзалиятҳои зерин мебошад:

- даромаднокии аксари ташкилотҳои идоракунӣ нисбат ба даромаднокии суғуртакунандагон якчанд маротиба баландтар аст;
- имконияти воқеӣ барои муайян кардани сохтор ва маҳдудиятҳои амали сармоягузорӣ ба амалҳои молиявӣ, бо назардошти уҳдадориҳои ба зиммагирифташуда мавҷуд аст.

Солҳои охир суғуртакунандагон ба ташкилотҳои сармоягузорӣ ба сифати сохторҳое таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки метавонанд фаъолияти сармоягузории худро самараноктар ба роҳ монанд. Чунин хизматрасонии идоракунии дороиҳо инҳоро дар бар мегирад:

- барои мутахассисони ғайрикасбие, ки бо ёрии идоракунандаи боваринок метавонанд технологияҳои мураккаби молиявиро истифода бурда, бо маблағҳои худ даромади нисбат ба бонк хеле баландтар ба даст оранд;
- барои мутахассисоне, ки бо ягон сабаб имкони мустақилона кор кардан дар бозори фондиро надоранд, аммо дар ҳолатҳои кор кардан эътибор пайдо карда метавонанд.

Ҳамкории мустақим бо ташкилоти идоракунанда имкон медиҳад, ки бе вайрон кардани маҳдудиятҳои мақомоти назоратӣ, бидуни шуъбаи сармоягузорӣ кор карда, ҳамзамон дар бозори фондӣ фаъол бошад. Ҳангоми сармоягузорӣ ба бозори коғазҳои қиматнок (фондӣ) тавассути интиқоли

дороиҳо ба идоракунии боэътимод як қатор имкониятҳои пинҳонӣ ошкор мешаванд:

- ташаккули портфели сармоягузорӣ вобаста ба хоҳиши муштарӣ;
- ба даст овардани даромади сармоягузориҳо вобаста ба сатҳи интихобшудаи хавф, ки онро амонати бонкӣ таъмин карда наметавонад;
- банақшагирии сармоягузориҳое, ки истифодаи самараноки захираҳои молиявии муштариро таъмин менамоянд.

Низоми таҳияшудаи идоракунии хавфҳо дар бисёр ҳолатҳо ба менеҷерони портфел барои пешгирии хисорот кӯмак мерасонад. Хавфҳо тавассути диверсификатсияи сармоягузориҳо ва истифодаи стратегияи сармоягузории интихобкардаи ташкилоти суғуртавӣ маҳдуд карда мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо суғуртакунандагон ба ҳолдингҳои молиявӣ, ки дар онҳо ташкилотҳои идоракунӣ мавҷуданд, дохил мешаванд. Доштани ташкилоти мустақили идоракунӣ афзалтар аст: дар ин ҳолат хароҷоти мониторинг камтар мешавад, аммо ин маънои ғайриимкон будани ҳамкорӣ бо дигаронро надорад. Ташкилоти суғуртавӣ метавонад портфели худро ба якчанд ташкилот бовар кунад: дар ҳолати мазкур шарти диверсификатсияи хавф амалӣ карда мешавад.

Барои ба ҳадди ақал расонидани хавф дар интихоби ташкилоти идоракунанда аз рӯйи таҷрибаи корӣ, нишондиҳандаҳои ҷории молиявӣ, натиҷаҳои кор дар бозор дар солҳои қаблӣ ва рейтинг ба назар гирифта мешавад. Баррасии масъалаҳои идоракунии иқтидори сармоягузории ташкилоти суғуртавӣ имкон медиҳад, ки интихоби усули қобили қабул бояд бо назардошти имкониятҳои сармоягузорӣ, захираҳои молиявӣ ва натиҷаи арзёбии вазъи сиёсати сармоягузорӣ амалӣ карда шавад.

Фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди устувори соҳибкории суғуртавӣ мусоидат мекунад. Барои тақвият додани ин намуди фаъолият сармоягузории минбаъдаи ҳамаи намудҳои даромаде, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ба даст оварда мешавад, зарур аст. Ташкилотҳои суғуртавӣ ба ғайр аз даромадҳо аз фаъолияти сармоягузорӣ, аз амалисозии фаъолияти суғуртавӣ даромадҳои гуногунро ба даст меоваранд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- мукофотҳои суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои суғурта, ҳамсуғуртакунӣ ва азнавсуғуртакунӣ;

- маблағҳои коҳиши (баргардонидани) захираҳои суғуртавӣ, ки дар давраҳои қаблии ҳисоботӣ бо назардошти тағйирёбии ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

- ҳақпулӣ ва мукофотпулиҳо (тантемҳо) аз рӯйи шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ;

- ҳақпулиҳо аз суғуртакунандагон тибқи шартномаҳои ҳамсуғуртакунӣ;

- маблағҳои ҷуброни ҳиссаи пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯйи хавфҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ равона шудаанд;

- даромадҳо аз фурӯши амволи ба суғуртакунанда гузашта мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҳуқуқи талаби суғурташаванда аз ашхоси масъул барои зарари расонидашуда;

- маблағҳое, ки дар намуди таҳрим барои иҷро накардани шартҳои суғурта ба даст омадаанд;

- мукофотҳо барои хизматрасонии агенти суғурта, брокер;

- мукофотҳое, ки аз ҷониби суғуртакунанда барои пешниҳоди хизматрасониҳои сюрвейер ва комиссари ҳолатҳои фавқулода гирифта шудаанд;

- дигар даромадҳое, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти суғуртавӣ ба даст омадаанд.

Илова бар ин, ӯ даромадҳои дигар низ ба даст меорад:

- аз фурӯши фондҳои асосӣ, арзишҳои моддӣ ва дигар дороиҳо;

- аз иҷора додани амвол;

- аз дигар намудҳои фаъолияти аз ҷониби қонун манъношуда, ки мустақиман бо амалисозии фаъолияти суғуртавӣ алоқаманд нест (пардохти хизматрасониҳои машваратӣ, таълимӣ) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, натиҷаи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҷамъбасти тамоми фаъолияти молиявию хоҷагии корхона дар ифодаи пулӣ марбут мебошад. Дар суғурта натиҷаи молиявӣ (фоида, зарар) аз рӯйи анъана дар асоси

муқоисаи даромадҳо ва хароҷот дар давраи мушаххас муайян карда мешавад. Фоидаи меъёрӣ ҳангоми ҳисоб кардани тарофа ба нархи хизматрасонии суғуртавӣ дохил карда мешавад. Вай аз унсури сарборӣ ба меъёри холиси тарофа иборат аст. Ин фоидаи ҳисобкардашудаи суғуртакунанда мебошад, ки барои намуди мушаххаси суғурта ба нақша гирифта мешавад. Аммо дар амалияи гузаронидани амалиётҳои суғуртавӣ на ҳамеша натиҷаи интизоршавандаро таъмин кардан имконпазир аст. Хусусияти эҳтимолии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ натиҷаи камбудии молиявиро аз андозаи ҳисобкардашуда муайян мекунад.

Дар ҷумҳурӣ ташкилоти суғуртавии ҶДММ «ТСА «Спитамен – Иншуренс», ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» ва ҶСП «ТС «Паймон Иншуренс» нисбат ба дигар ташкилотҳои суғурта (шумораи умумиашон 20 адад) иқтидори иқтисодиву молиявии беҳтар доранд (нигаред ҷадвали 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1.**

**Иқтидори иқтисодии ташкилотҳои бонуфузи мамлакат дар соли 2020**

| Ташкилот | Дороиҳо | | Уҳдадориҳо | | Сармояи оинномавӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳаз. сомонӣ | бо % ҳамагӣ дар мамлакат | ҳаз. сомонӣ | бо % ҳамагӣ дар мамлакат | ҳаз. сомонӣ | бо % ҳамагӣ дар мамлакат |
| ҶДММ «ТСА «Спитамен Иншуренс» | 101473,7 | 19,7 | 4932,9 | 2,3 | 90269,2 | 38,8 |
| ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» | 212045,8 | 41,3 | 93316,2 | 44,9 | 71349,4 | 30,6 |
| ҶСП «ТС Паймон Иншуренс» | 15411,2 | 3,0 | 3348,4 | 1,6 | 12000,0 | 5,16 |

*Сарчашма: сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj*

Масалан: дороиҳои ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» дар ҳаҷми умумии ҳамаи дороиҳои ташкилоти суғуртаи мамлакат 41,3%, уҳдадориҳо бошад 44,9% ва сармояи оинномавӣ 30,6% – ро ташкил медиҳад. Дувумин спташкилоти суғурта ҶДММ «ТСА «Спитамен – Иншуренс» мебошад, ки ба он 19,7% дороиҳо ва 38,8%  сармояи оинномавӣ рост меояд. Мутаносибан дар

ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолият - даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ дар маҷмуъ, фоиданокӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ ва даромаднокии дороиҳо нисбат ба дигар ташкилотҳо (ҶДММ «ТСА «Спитамен - Иншуренс» ва ҶСП «ТС Паймон Иншуренс) баландтар аст, ки дар ҷадвали 3.1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.2.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои даромаднокии ташкилотҳои бонуфузи мамлакат**

| **Нишондиҳандаҳо** | **ҶДММ «ТСА «Спитамен Иншуренс»** | **ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ»** | **ҶСП «ТС Паймон Иншуренс»** |
|---|---|---|---|
| Даромаднокии амалиётҳои суғуртавӣ дар маҷмуъ, Rco, % | 34,3 | 40 | 37,3 |
| Фоиданокӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ, Ra, % | 37,3 | 35,0 | 32,4 |
| Даромаднокии дороиҳо, Ro, % | 11,1 | 12,0 | 10,2 |

*Сарчашма: Муаллиф дар асоси ҳисоботҳои ширкатҳо барои соли 2020 ҳисоб карда шуд. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. www.nbt.tj*

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ имкон медиҳад, ки барои бартараф кардани тамоюлҳои манфии дар кори суғуртавӣ ошкоркардашуда чораҳои саривақтӣ татбиқ карда шаванд.

Ба ин васила, ҳисобот оид ба фоида ва зарари ташкилоти суғуртавӣ аз шакли ҳисоботдиҳӣ иборат буда, ба тавозуни суғуртакунанда замима мегардад ва бояд ҳар сол нашр карда шавад. Иттилооте, ки дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ инъикос ёфтааст, барои ҳамаи шахсони манфиатдор дастрас аст. Дастрасии ин маълумот аз хусусияти иҷтимоии ҳимояи суғуртавӣ вобаста буда, ба муштариён имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи молиявии ширкати суғуртавӣ маълумоти зарурӣ ба даст оранд. Баъзе суғуртакунандагон (махсусан суғуртакунандагони фаъол) интишори нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявию хоҷагидориро бо мақсадҳои реклама истифода мебаранд.

Таҳлили фаъолияти муқоисавӣ натиҷаҳои воқеии дар як давраи муайян бадастомадаро дар сатҳи банақшагирифташуда пешбинӣ мекунад. Вобаста ба

ин, диққати махсус ба масъалаҳои банақшагирии молиявӣ, банақшагирии фоида дода мешавад. Амалияи суғуртаи ватанӣ банақшагирии фоидаро танҳо дар сатҳи меъёри ҳисобкардашуда барои хизматрасонии суғуртавӣ ва хароҷоти тахминии пешбурди маҳсулоти нави суғуртавӣ пешбинӣ мекунад.

Ташкилотҳои суғуртавии Аврупо буҷетеро тавре тартиб медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои асосии пешбиникунанда барои намудҳои суғурта (суғуртаи дарозмуҳлати ҳаёт ва суғуртаи хисорот)-ро дар бар мегирад. Арзиши нишондиҳандаҳо дар рафти фаъолият мутобиқи тамоюлҳои пайдошуда тасҳеҳ карда мешавад. Аз рӯйи мазмуни худ буҷет аз лоиҳаи ҳисоботи солонаи фаъолияти суғуртакунанда (тавозун) иборат мебошад. Иҷро накардани моддаҳои буҷет (пешбинӣ) ва каҷравиҳои натиҷаҳои воқеии молиявӣ аз натиҷаҳои интизоршаванда мавриди таҳлили ҳамаҷониба бо ошкор кардани сабабҳои ин каҷравиҳо қарор дода мешаванд. Иҷрои чунин уҳдадориҳо ба зиммаи шуъбаҳои аудити дохилии ташкилотҳои суғуртавӣ гузошта шудааст. Таҳлили натиҷаҳои молиявии фаъолияти суғуртакунанда бевосита ба таҳқиқ ва омӯзиши низоми баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳои суғуртавӣ алоқаманд аст. Иқтидори молиявии ташкилоти суғуртавӣ аз сармояи худӣ ва ҷалбшуда иборат мебошад. Василаҳои асосии сармояи ҷалбшуда: захираҳои суғуртавӣ, қарзҳо, вомбаргҳо ва қарзҳои кредиторӣ мебошанд.

Ба андешаи муаллиф, нишондиҳандаи асосии устувории соҳибкории суғуртавӣ кафолати пардохтпазирии он мебошад, ки аз чораҳои зерин иборат аст:

- риояи муносибатҳои меъёрии байни дороиҳо ва уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи суғуртавӣ;
- ҷойгир кардани захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандагон дар шароити диверсификатсия, қобилипардохтӣ, фоиданокӣ ва бозгаштӣ;
- мавҷудияти сармояи кофии худӣ.

Риояи таносубҳои меъёрӣ байни дороиҳо ва уҳдадориҳои ба зимма гирифташудаи суғуртавӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ҳамчун объекти асосии назорат хизмат мекунад.

Мутобиқи санадҳои қонунии мамлакат субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ уҳдадоранд, ки таносуби меъёрии дороиҳо ва уҳдадориҳои ба зимма гирифташударо риоя кунанд. Андозаи воқеии дороиҳои озоди ташкилоти суғуртавӣ (маржаи воқеии пардохтпазирӣ) набояд аз маржаи меъёрӣ камтар бошад. Маржаи воқеии пардохтпазирии ташкилоти суғуртавӣ – ин андозаи воқеии маблағҳои озоди худи он мебошад.

Интихоби шакли иштироки суғуртакунандагон дар фоидаи иловагии суғуртакунанда, дар навбати аввал, аз меъёрҳои қонунгузорӣ ва андоз вобаста аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ба ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозат медиҳад, ки ҳангоми анҷом додани суғуртаи ҳаёт илова ба маблағи суғуртавӣ як қисми даромади сармоягузориро пардохт кунанд. Дар айни замон ҳеҷ гуна имтиёз барои суғуртакунандагон, ки фоидаи худро барои амалисозии пардохтҳо ба нафъи суғуртакунандагон истифода мебаранд, тибқи қонунгузории ватанӣ муқаррар карда нашудааст. Агар ташкилоти суғуртавӣ хоҳад як қисми фоидаи худро ба нафъи суғурташавандагон пардохт кунад, вай онро танҳо аз ҳисоби фоидаи соф пас аз андозбандӣ амалӣ мекунад. Агар вай шартномаи классикии «тахфиф» - ро бо меъёри баландтари фоиданокӣ ба имзо расонад, дар ин ҳолат захираҳои суғуртавии худро, ки фоидаи андозбандишавандаро коҳиш медиҳанд, афзоиш медиҳад.

Иштирок дар фоида метавонад бо якчанд усул амалӣ карда шавад, чунонки дар ҷадвали 3.1.3. оварда шудааст.

Бояд қайд кард, ки шакли маъмултарини иштирок дар фоида ҳисобкунии ба истилоҳ бонусҳо ба фоида мебошад. Дар ин ҳолат суғуртакунанда фоидаи ба таври иловагӣ бадастовардашударо ё барои пардохти шартии мукофоти иловагии суғуртавӣ тибқи шартномаи аллакай амалкунанда, ё барои ташаккули захираи иловагии инфиродӣ истифода мебарад, ки дар он бонусҳои ҳисобшуда ҷамъ ва бо тамом шудани муҳлати шартнома пардохт мешаванд.

**Ҷадвали 3.1.3.**

**Шаклҳои иштирок дар фоидаи иловагӣ**

| **Даврияти ҳисобкуниҳои даромади иловагӣ** | **Уҳдадориҳои суғуртакунанда оид ба ҳисобкунии даромади иловагӣ** | **Усулҳои ҳисобкунии даромади иловагӣ** | **Шаклҳои ҳисобкунии даромади иловагӣ** |
|---|---|---|---|
| 1. Ҷорӣ<br>дар охири сол;<br>дар охири фосила;<br>дар охири семоҳа | 1. Андозаи кафолатноки даромад, ки ҳангоми бастани шартнома бо ибораи «на камтар аз n %» муайян шудааст | 1. Фоизи оддӣ | 1. Афзоиши маблағи суғуртавӣ, дар шартнома имзошуда (ҳисобкунии бонусҳо) |
| | | 2. Фоизи мураккаб (бо назардошти азнавсармоягузорӣ) | 2. Кам кардани андозаи мукофотҳои суғуртавӣ (ҳангоми пардохт бо таъхир) ба маблағи даромади ҳисобшуда (масалан, барои суғуртаи ипотекӣ) |
| 2. Ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) | 2. Маблағи бидуни кафолати даромаде, ки аз ҷониби суғуртакунанда аз рӯйи натиҷаҳои анҷомёбии давраи молиявӣ эълон шудааст (сол, тамоми муҳлати шартнома, дар лаҳзаи пардохт) | 3. Фоизи омехта (масалан, ҳангоми сода ҳисоб кардани даромади солона ва мураккаб ҳисоб кардани даромади ҷамъбастӣ) | 3. Пардохтҳои даврии (масалан, солонаи) даромади иловагӣ (дар шакли иҷора) |
| | | | 4. Сармоягузории холис, яъне ташаккули захираи инфиродӣ (суратҳисоб) барои шахси суғурташуда ба маблағи даромади бадастомадаи иловагӣ (бонус) |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар баробари ин, механизми ҳисобкунии бонусҳо ба маблағи суғуртавӣ аз сармоягузории холис фарқ мекунад. Ҳангоми ҳисоб кардани бонусҳо азнавҳисобкунии маблағи суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки мутаносибан мукофотҳои нави афзоиши маблағи суғуртавӣ ҳангоми сармоягузорӣ мебошад ва ташаккули захираи иловагии сармоягузоришударо ба захираи суғуртавии шартнома таъмин менамояд.

Ҳарчанд дар ҳарду ҳолат андозаи ҳиссаи фоидаи суғуртакунандаи ба ҳар як суғурташуда ҳисобшуда бо ифодаи мутлақ одатан мутаносибан ба захираи ҳисобшудаи математикӣ тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад.

Зиёд кардани маблағи суғуртавӣ ҳангоми суғурта дар ҳолати марг оқилонатар аст, зеро дар давраи аввали амали шартнома вай ба таври фаврӣ афзоиши маблағи суғуртавиро таъмин менамояд ва сармоягузорӣ бошад, суғуртаи дарозмуҳлати ҳаётро таъмин менамояд.

Дар миёнаи асри гузашта суғуртакунандагон хизматрасонии комилан нави суғуртаи ҳаёт, полисҳои суғурташаванда («investment–linked policies»)-ро таҳия карданд, ки имкон медиҳад андозаҳои пардохтҳои суғуртавӣ ба даромаднокии сармоягузорие, ки воқеан аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ таъмин карда мешавад, мустақиман ба ҳам пайваст карда шаванд.

Дар полисҳои сармоягузорӣ андозаи маблағи суғуртавӣ на бо пул, балки бо воҳидҳои шартӣ – ҳиссаҳо (units) ифода карда мешавад.

Таҳлили бозори суғуртаи сармоягузории ҳаёт нишон медиҳад, ки сатҳи фурӯш дар он бо афзоиши намояҳои биржагӣ мустақиман мутаносиб аст. Ҳиссаи мукофотҳое, ки дар ҷаҳон аз рӯйи суғуртаи сармоягузории ҳаёт ҷамъоварӣ мешаванд, дар доираи 35 – 45% лаппиш мехӯрад.

Тафовути усулии полисҳои сармоягузорӣ ва полисҳо бо иштироки фоида дар он аст, ки даромаднокии онҳо бевосита бо самти мушаххаси сармоягузорӣ алоқаманд мебошад. Тибқи шартномаҳои иштирок дар фоида бошад, фоиз ё бонуси ҳисобшаванда аз ҳисоби даромаднокии миёнаи тамоми фаъолияти ширкати суғуртавӣ: ҳам суғуртавӣ, сармоягузорӣ, ҳам маъмурӣ – хоҷагидорӣ муайян карда мешавад. Дар ин замина, даромади сармоягузорӣ бо иштироки фоида ба ҳисоби миёна на аз рӯйи ҳамаи фонди суғуртавӣ, балки аз рӯйи самтҳои мушаххаси сармоягузориҳо ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 3.1.4.).

**Ҷадвали 3.1.4.**

**Тафовутҳои байни шартномаҳои сармоягузорӣ ва анъанавии суғуртаи ҳаёт**

| Меъёрҳо | Шартномаҳои анъанавии ҷамъоварӣ | Полисҳои сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Хавфи сармоягузорӣ | Пурра аз ҷониби суғуртакунанда пардохт карда мешавад. | Пурра аз ҷониби суғурташаванда пардохт карда мешавад. |
| Ҷойгир кардани захираҳо | Самтҳои сармоягузориро суғуртакунанда интихоб мекунад. | Самтҳои сармоягузориро суғуртакунанда интихоб мекунад. |
| Андозаи пардохти суғуртавӣ | Маблағи суғуртавӣ бо шартнома кафолат дода мешавад (бонусҳо имконпазиранд). | Арзиши ҷамъшудаи ҳиссаҳо. Дар ҳолати марг имкон дорад маблағи кафолатноки суғуртавӣ муқаррар гардида, маблағи калон: кафолатнок ё ҷамъшуда пардохт карда шавад. |
| Шаффофияти муайян кардани даромаднокии шартнома | Суғурташаванда намедонад, ки суғуртакунанда бо ӯ кадом ҳиссаи фоидаро тақсим мекунад. | Суғурташаванда пешакӣ медонад, ки даромаднокии шартнома танҳо бо нархи ҳиссаҳои харидоришуда муайян карда хоҳад шуд. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар айни замон полисҳои сармоягузорӣ дар кишварҳои хориҷӣ аз рӯйи се самти афзалиятнок тасниф карда мешаванд (расми 11).




**Расми 11. Таснифи полисҳои сармоягузорӣ аз рӯйи самтҳо**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Дар бозорҳои хориҷӣ фондҳои саҳмияҳо бартарӣ доранд. Бо назардошти бесуботии бозорҳои фондӣ, суғуртакунандагон ду амсилаи нави полисҳои сармоягузориро таҳия кардаанд:

- полисҳое, ки мукофотҳо аз рӯйи онҳо ба идоракунии ваколатдор ба менеҷерҳои ширкати суғуртавӣ мегузаранд; ахиран дар ҳар як давраи мушаххаси вақт сармоягузориҳои дорои даромаднокии баландтаринро интихоб мекунанд;
- полисҳо бо ҳимояи сармоя, вақте ки ба суғурташаванда кафолати баргардонидани маблағи мукофотҳои пардохтшуда ба сифати пардохти ҳадди ақалли суғуртавӣ барои ҳаёт дода мешавад.

Дар айни замон ҳиссаи баландтарини захираҳои сармоягузоришуда дар байни ҳамаи захираҳои аз рӯйи суғуртаи ҳаёт ҷамъшуда, дар Ирландия ва Люксембург – тақрибан 70% ба мушоҳида мерасад. Дар ин кишварҳо барои танзими суғуртаи сармоягузории ҳаёт шароити мусоидтар фароҳам омадааст. Аммо қисми аз ҷиҳати ҳаҷм зиёдтари сармояҳое, ки аз рӯйи полисҳои сармоягузорӣ ташаккул ёфтаанд, дар Британияи Кабир ва Нидерланд мутамарказ мебошад.

Суғуртакунандагони ватанӣ ҳанӯз полисҳои сармоягузориро истифода намебаранд, ҳарчанд баъзе ширкатҳо дар бораи истифодаи чунин имконият дарояндаи наздик аз худ дарак хоҳанд дод.

Яке аз амсилаҳои сохтани полиси сармоягузориро бо мукофотҳои даврӣ, ки пардохтро дар ҳолати ҳаёт ва маблағи кафолатнокро дар ҳолати марг пешбинӣ мекунад, намуна меорем (расми 12).

Пардохти суғуртавӣ ба ду қисм ҷудо мешавад: нахуст барои хариди ҳиссаҳо ба фонди махсуси сармоягузорӣ ворид шуда, ҷубронро дар сурати «ҳаёт» ташаккул медиҳад, дувум – ба фонди «хавфдор» ҷиҳати таъмини пардохт дар ҳолати марг ворид мешавад. Вобаста ба ин, низоми нархгузории дукарата истифода мешавад.

***Нархи пешниҳод*** – нархест, ки ширкат барои хариди ҳиссаҳо ҳангоми пардохти ҳавасмандӣ истифода мебарад. ***Нархи харид*** – нархест, ки ширкат

барои ҳисса медиҳад, вақте ки замони пардохти маблағи суғуртавӣ фаро мерасад, ё суғурташаванда тасмим мегирад, ки полисро бозхарид кунад. Ин нарх ҳамеша аз нархи пешниҳодшуда пасттар аст. Одатан, фарқият тақрибан 5% – ро ташкил дода, ба сифати маржа, ки барои ширкати суғуртавӣ пӯшонидани хароҷоти изофии онро таъмин менамояд, пешбинӣ шудааст.




**Расми 12. Амсилаи полиси сармоягузорӣ**

*Сарчашма: Дар асоси адабиётҳои соҳави муаллиф тартиб додааст.*

Инчунин фоизи ками ҳармоҳа низ мавҷуд аст, ки барои идоракунии полисҳо (0,08 то 0,33%) ситонида мешавад ва то лаҳзаи ҳисоб кардани нархи дукаратаи ҳисса аз фонд гирифта мешавад. Нархи ҳисса арзиши дороиҳои

чунин фондро мустақиман инъикос мекунад. Маблағи суғуртавӣ барои ҳаёт бо арзиши умумии ҳиссаҳои харидоришуда ифода меёбад.

Аз рӯйи натиҷаи таҳлили омилҳо шартномаи суғуртаи ҳаёт асосан дарозмуҳлат ва як навъи шакли сармоягузорӣ буда, дар ҳар як лаҳзаи вақт эътибори мушаххаси пулӣ дорад. Вай аз андозаи захираи суғуртавӣ иборат буда, тибқи шартномаи мавриди назар ташаккул меёбад. Бинобар ин, суғурташаванда ба ин сармоя ҳуқуқ дорад ва онро дар амал метавонад тавассути имкониятҳои зерин татбиқ намояд.

1. Бозхариди шартномаи суғурта. *Маблағи бозхарид* – ин маблағе мебошад, ки суғуртакунанда бояд ба суғурташаванда, ки мехоҳад бо ягон сабаб шартномаи суғуртаи ҳаётро бекор кунад, пардохт намояд. Вай арзиши захираи ҷамъшудаи мукофотпулиҳоро тибқи шартномаи дарозмуҳлати суғуртаи ҳаёт дар рӯзи пеш аз мухлати қатъи шартнома дар бар мегирад. Тибқи қонунгузорӣ, бозхариди шартномаи суғурта танҳо барои суғуртаи хавфи ҳаёт пешбинӣ шудааст. Арзиши бозхарид дар шартҳои шартнома пешбинӣ шуда, аз муҳлате, ки дар давоми он мукофотҳо пардохт шудаанд, андозаи мукофот ва бонусҳои ҳарсола вобаста мебошад.

2. Сессия**.** Суғуртакунанда метавонад шартномаро барои моликият ба шахси дигар бо роҳи тухфа ё фурӯш интиқол диҳад. Дар ҳолати мазкур арзиши аслии захираи ҷамъшудаи математикӣ метавонад ба шахси дигари суғурташуда гузарад ва шартномаи суғурта дар ин ҳолат амали худро қатъ намекунад.

3. Пешпардохт ё қарз тибқи шартномаи суғурта. Суғурташаванда метавонад аз суғуртакунанда бидуни қатъ кардани шартнома ба шарти идома додани пардохти мукофотпулӣ маблағеро қарз гирад, ки аз арзиши бозхарид зиёдтар набошад. Агар суғурташаванда маблағи пешпардохтро бо фоизи мувофиқашуда баргардонад, пас маблағи суғуртавӣ барқарор карда шуда, баъди ба охир расидани муҳлати шартнома, ё дар сурати даъво пардохт карда мешавад. Агар маблағи пешпардохт бо фоизҳо баргардонида нашавад, пас маблағи суғуртавӣ ба ҳамон андоза кам карда мешавад ва ё шартномаи суғурта метавонад аз ҷониби ширкати суғуртавӣ қатъ карда шавад. Дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба суғурташавандагон – шахсони воқеӣ, ки шартномаи суғуртаи ҳаёт бастаанд, қарз додан мумкин аст. Андозаи қарзи додашаванда аз андозаи захираи инфиродии математикии дар доираи шартномаи суғурта ташаккулёфта зиёдтар буда наметавонад. Фоизҳои муқарраршаванда барои истифодаи қарз метавонанд аз меъёри даромаднокие, ки ба ҳисоби маблағи суғуртавӣ тибқи шартномаи додашудаи суғурта дохил карда шудааст, зиёдтар бошанд. Мухлати додани қарз бо мухлати шартномаи суғурта маҳдуд карда мешавад. Маблағи умумии қарзҳои аз ҷониби ширкати суғуртавӣ додашуда набояд аз 10% маблағи умумии захираҳои суғуртавие, ки аз ҷониби суғуртакунанда тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт ташаккул ёфтаанд, зиёдтар бошад.

4. Ба гарав мондани полис. Полисҳои суғуртавӣ метавонанд ба шахси воқеӣ ва ташкилоти қарзӣ, ки ба суғурташаванда қарз медиҳанд, ба гарав монда шаванд.

Мувофиқи мақсад דониста мешавад, ки талаботи хизматрасониҳои суғуртавиро ҳамчун кафолати фаъолияти соҳибкорӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

## 3.2. Хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун кафолати фаъолияти самараноки соҳибкорӣ

Фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорон дар соҳаи суғурта аз ҳолати талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ дар бозори суғурта вобаста аст. Дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳимояи суғуртавӣ бо шарти талабот ва самараноки манфиатҳои шахсию амволӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баромад мекунад. Талабот ҳамчун омили бозор барои муайян кардани пардохтпазирии воқеии харидор истифода бурда мешавад. Аз ин хотир талабот, аз бисёр ҷиҳат ба ҳавасмандии интиқолдиҳандаи воқеӣ – харидор вобаста аст. Суғурташавандаи воқеӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба соҳибкори суғурта мурочиат карда, бо шароити суғурта (аз ҷиҳати мазмун ва шакли пешниҳод), хусусан классикӣ (хавфдор) шинос мешавад ва барои хариди моли суғуртавӣ сафарбар мегардад.

Дар ҳар сурат суғурташавандаи воқеӣ принсипҳои умумии суғуртаро омӯхта, аввалан, ҷузъи ғайримоддии арзиши истеъмолӣ (хизматрасонии суғуртавӣ ҳамчун ҷузъи моли суғуртавӣ)-ро мефаҳмад; сониян, дар бораи захираҳои суғуртавие, ки аз ҷониби суғуртакунанда ташаккул ёфта, воқеан заминаи молиявиро барои истеъмоли қисми ғайримоддии арзиши истеъмолӣ-хизматрасонии суғуртавӣ таъмин менамояд, хабардор мебошад.

Дар ин замина, ҳатто суғурташавандаи воқеии дорои дониши иқтисодӣ дар суғуртаи хавфҳо ба ҷойи субот ва эътимод фавран ё пас аз чанд вақт ташвиш, нобоварӣ, нороҳатиро аз муомилаи басташуда эҳсос мекунад.

Дар айни замон, онҳое ҳам ҳастанд, ки қатъиян намехоҳанд бо суғурта сарукор дошта бошанд. Дар натиҷаи пурсиши мо (посухдиҳандагон 500 нафар, ш. Душанбе) чунин шахсон сабабҳои зеринро номбар карданд (расми 13).

Дар диаграммаи мавриди назар дида мешавад, ки аксари посухдиҳандагон ба ширкатҳои суғуртавӣ (67%) эътимод надоранд, зеро суғуртакунандагон кафолат намедиҳанд, ки шумо новобаста аз ҳолати суғуртавӣ воқеан маблағи суғуртаи ҳуқуқии худро мегиред. Боқимонда изҳор карданд, ки маблағҳоии пулии озод надоранд (33%). Ҳеҷ яке аз посухдиҳандагон барои зарурат надоштани суғурта ишора накард, яъне хоҳиши суғурта кардани худ ва амволи худ вуҷуд дорад.




***Расми 13.*** *Сарчашма: Дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои пурсишнома муаллифи диссертатсия таҳия намудааст.*

Чунонки дар расми 13 дида мешавад, дар натиҷаи пурсишнома аксари посухдиҳандагон ба ташкилотҳои суғуртавӣ аз сабаби набудани кафолати пардохти ҷуброни суғуртавӣ эътимод надоранд.

Пас собит мешавад, ки натиҷаҳои пурсиш пешбинии мутахассисонро дар бораи он қисман тасдиқ мекунанд, зеро дар ҷумҳурӣ шумораи хеле ками суғурташавандагони воқеӣ мавҷуданд.

Ҳамин тавр, дар суғурташавандагони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба ҷои ҳавасмандии мусбат метавонад ҳавасмандии манфӣ дар бозори суғурта бартарӣ дошта бошад, зеро, аввалан, худи талабот ба суғурта аз ҷониби онҳо ҳамчун амали таъхирнопазир, зарурӣ (аз рӯйи даркшавӣ он дар шумори талаботҳои таъхирнопазири инсонӣ қарор дорад) дарк карда намешавад; сониян, ҳатто ба чунин воситаи ба душворӣ даркшавандаи воситаи қонеъгардонии он (моли суғуртавӣ) дучор меояд, ки на ҳамеша боиси эътимоди соҳибони ин талабот мегардад. Ва ин зимни татбиқи талаботи суғуртавӣ, ба даст овардани ҳимояи суғуртавӣ аз ҳолатҳои тасодуфи хатарнок душвориҳои зиёдро дар низоми суғуртавӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, талаботи бозорӣ бар хилофи талаботи ғайрибозорӣ, тавре қайд карда шуд, пардохтпазирии харидор мебошад, яъне талабот бе иштироки пул барои бозори фурӯшандагон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, пул дар бозор *интиқолдиҳандаи моддӣ, амволӣ* мебошад. Суғурташаванда ҳамчун харидори моли суғуртавӣ интиқолдиҳандаи зиндаи талабот, яъне иштирокдори бозор мебошад, ки дар он талабот ба ҳимояи манфиатҳои амволӣ, дар асл иқтисодӣ ва пул барои хариди воситаҳои ин ҳимоя – молҳои суғуртавӣ мавҷуданд.

Дар бозор барои суғурташаванда бар ивази пулҳояш бевосита арзиши истеъмолии моли суғуртавӣ лозим аст. Танҳо он манфиати қонунии амволии ӯро қонеъ гардонида, дар ҳимояи тахассусӣ аз хатарҳои тасодуфӣ ноил шудан ба ҳадафи умумии суғуртаро таъмин менамояд. Аммо, дар айни замон, суғурташаванда ҷанбаи пулии арзиш (нарх – ҳақпулии суғуртавӣ)-и ин молро назорат менамояд. Агар он аз ҷониби соҳибкори суғуртавӣ аз меъёр зиёд баланд карда шуда бошад, пас ин ҳавасмандии манфиро дар суғурташаванда

зиёд мекунад. Бо нархи муқаррарӣ ё паст, ҳавасмандии манфӣ метавонад қисман аз байн бурда шуда, талабот тамоюли афзоиш пайдо кунад, аммо нархи пасткардашуда барои ҳарду ҷониби муомила хатарнок аст, бинобар ин он бояд беҳтар, яъне барои харидор дастрас ва барои фурӯшанда кофӣ бошад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо ва андешаи муаллиф, сабабҳои асосӣ метавонанд инҳо бошанд:

1) мавҷуд набудани миқдори кофии пул дар субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

2) нархи аз меъёр баландкардашудаи моли суғуртавӣ;

3) ҳавасмандии манфӣ дар субъектҳо;

4) хусусиятҳои истеъмоли моли суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда.

Илова бар ин, мавҷуд будан ё набудани пул дар харидорони эҳтимолӣ омили маъруфи классикӣ мебошад, аз ин рӯ, мо онро махсус баррасӣ намекунем. Ин муқаррарот ҳамеша одилона хоҳад буд, зеро талабот ба суғурта, тавре ки дар боло қайд кардем, ҳамчун василаи аввалиндараҷа дарк карда намешавад. Баъзе вариантҳои муносибати бепарвоёна ё манфиро нисбат ба суғурта дида мебароем. *Баъзе* субъектҳо пул доранд, аммо намедонанд, ки манфиатҳои қонунии амволии худро аз хатарҳои тасодуфӣ самараноктар бо суғурта муҳофизат кардан мумкин аст. *Дигарон* пул доранд, дар бораи суғурта медонанд, аммо ба таври маҷозӣ зарурати онро шахсан барои худ дарк намекунанд, зеро ҳанӯз дар таҷрибаи шахсӣ ба хатарҳои тасодуфӣ рӯ ба рӯ нашудаанд. Одамон дар ин маврид, тавре ки маълум аст, беназиранд: онҳо на аз таҷрибаи каси дигар, балки асосан танҳо аз таҷрибаи худ меомӯзанд ва он ҳам гоҳ-гоҳ сурат мегирад, на ҳамеша. Гузашта аз ин, одамон бовар доранд, ки зарурати суғурта бо хатарҳои *объективии* тасодуфии табиӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд набуда, бо иродаи *маккорона ё бадхоҳонаи* суғуртакунанда ба вуҷуд меояд, ки бо пешниҳодҳои додани пул (ҳақпулиҳо) барои суғурта, ё давлат, ки суғуртаи ҳатмии қонуниро (ва ба ин васила гирифтани пулро бидуни фоида барои одамон, корхонаҳо) ҷорӣ намуда, онро ҳамчун ниҳоди андозӣ истифода мебарад, дунболагирӣ мекунанд.

*Субъектҳои сеюм* дар бораи суғурта медонанд, фоиданокии онро дарк мекунанд, дорои таҷрибаи муносибат бо хатарҳои тасодуфӣ буда, мехоҳанд худро аз онҳо муҳофизат кунанд, аммо барои ин маблағи кофӣ надоранд (пардохтпазир нестанд).

*Субъектҳои чорум* дар бораи суғурта медонанд, фоиданокии онро дарк мекунанд, дорои таҷрибаи муносибат ба хатарҳои тасодуфӣ буда, барои муҳофизат аз онҳо пул доранд; аммо онҳо ғайрифаъоланд (ҳуввият, тапиши раги хунгарди соҳибкорӣ дар бадани онҳо вуҷуд надорад) ва мехоҳанд бидуни ташвишҳои иловагии иқтисодии марбут ба суғурта зиндагӣ кунанд. Ин субъектҳо, мутаассифона, бо умед зиндагӣ карда, ба ҳисоб намегиранд, ки умедҳо ва воқеият аксар вақт ба ҳам мувофиқат намекунанд.

*Субъектҳои панҷум* ҳама чизро медонанд, аммо аз суғурта таҷрибаи манфӣ гирифтаанд – онҳоро фиреб додаанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷанбаҳои амалӣ барои татбиқи ҳадафи умумии соҳибкории суғуртавӣ ва ҳадафи асосии иқтисодии он, илова бар хусусиятҳои (мушаххасоти) худи моли пешниҳодшавандаи суғуртавӣ, донистану ба назар гирифтани хусусиятҳои он аз тарафи талабот ва пешниҳод низ муҳим мебошад. Яъне, ҳам ба харидорон, ҳам ба фурӯшандагони моли суғуртавӣ лозим аст он хусусиятҳоеро ба назар гиранд, ки ҳангоми ташаккул ва татбиқи талабот ва пешниҳод дар бозори суғурта ба миён меоянд.

Ба ин васила, талабот ва пешниҳод дар суғурта, аз ҷумла, чунин хусусияти моли суғуртавӣ, ба монанди тул кашидани муҳлати истеъмоли фоиданокии моддии он дар вақт ҳассос ва таъсирпазиранд. Истеъмоли фоиданокии ғайримоддӣ (равонӣ) фавран аз харидороне ибтидо мегирад, ки ба дасти худ полиси суғуртавиро гирифта, онро фаҳмида, ба амнияти объектҳои суғурташуда воқеан боварӣ доранд.

Барои суғуртакунанда, ҳамчун дебитор дар назди соҳибкори суғуртавӣ ва истеҳсолкунандаи фоиданокии воқеии моли суғуртавӣ амалҳои фурӯш ва истеъмоли ин фоиданокӣ аз ҷониби суғурташаванда ба таври объективӣ зарур ва фоиданок мебошад. Бидуни фосила, дар ҳолати фурӯш ва истеъмоли

фоиданокии воқеии моли суғуртавӣ ӯ истеҳсоли онро ба роҳ монда наметавонад. Барои соҳибкори суғурта, барои аз пули суғурташаванда ташкил кардани фондҳои махсуси пулӣ (захираҳои суғуртавӣ), ки манбаи асосии пардохтҳои доимии ҷуброн ба мизоҷони он мебошанд, вақт талаб карда мешавад. Дар баробари ин, ӯ фоида ба даст меорад. Яъне, ба туфайли фарқияти вақт дар байни фурӯш ва истеъмоли фоиданокии воқеӣ суғурта дорои имконияти ноил шудан ба ду ҳадаф мебошад:

- умумӣ, ки дар оинннома навишта шудааст – таъмини ҳимояи суғуртавии манфиатҳои муштариён;
- ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ – ба даст овардани фоида ва тақсимоти он дар байни муассисон.

Дар айни замон, барои суғурташаванда ва истеъмолкунандаи фоиданокии воқеии моли суғуртавӣ, аҳаммияти истеъмоли он ҳар вақт метавонад ба талаботи ӯ ва мувофиқан ба пешниҳоди суғуртакунанда таъсири манфӣ расонад. Дар робита ба ин ҳолатҳо омилҳои талабот ва пешниҳод ба мушаххасоти худи моли суғуртавӣ хусусиятҳои навро зам мекунанд, ки метавонанд татбиқи онро душвортар гардонанд. Ва ин дар навбати худ, дар назди суғурта вазифаҳои дахлдорро мегузорад.

Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ ду манбаи талаботро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аввалан – ин дар бахши хоҷагиҳои ғайридавлатӣ, ки имконияти суғуртакуниро надоранд ва ба дастгирии молиявии давлатӣ ниёз доранд. Аммо вазъи ғайриқаноатбахшии молиявии бисёр корхонаҳо дар шароити давраи гузариш ба афзоиши бештари талабот ба суғурта мусоидат намекунад.

Аксар вақт гуфта мешавад, ки истеъмоли бошуурона вуҷуд дорад, аммо маблағҳои озоди пулие, ки онҳоро ба суғурта равона кардан мумкин аст, нестанд. Аммо маълумоти ҷадвали 3.2.1. нишон медиҳад, ки дар давраи аз соли 2010 то соли 2020 даромадҳои пулии аҳолии ҷумҳурӣ қариб 4,9 маротиба зиёд шуда, афзоиши солона ба ҳисоби миёна зиёда аз 49,3%-ро ташкил дод. Мувофиқан, дар ин давра даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ зиёда аз 2,2

маротиба зиёд шуда, афзоиши солона ба ҳисоби миёна зиёда аз 22,2% - ро ташкил дод. Тавре ки мебинем, афзоиши ҳаҷми даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ хеле паст аст, алоқамандии чандирии баландро доро намебошад. Дар воқеъ, зиёдшавии ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ афзоиши воқеии даромадҳои соҳибкорони соҳаи суғуртаро таъмин накардааст.

**Ҷадвали 3.2.1.**

**Динамикаи даромадҳои пулии аҳолӣ ва даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, миллион сомонӣ | 13256,0 | 25569,8 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 |
| Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта, % | 121,3 | 105,3 | 122,7 | 118,8 | 110,2 | 116,8 | 136,3 |
| Даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, миллион сомонӣ | 115,6 | 154,3 | 131,3 | 177,9 | 235,2 | 244,9 | 256,4 |
| Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта,% | 163,7 | 111,5 | 85,1 | 135,5 | 132,2 | 104,1 | 104,6 |
| Даромадҳои суғуртавии ташкилот бо % нисбат ба даромадҳои пулии аҳолӣ | 0,87 | 0,6 | 0,44 | 0,36 | 0,57 | 0,51 | 0,39 |
| Даромади ташкилотҳои суғуртавӣ барои ҳар як сомонии афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ, сомонӣ | 0,008 | 0,006 | 0,004 | 0,005 | 0,006 | 0,005 | 0,004 |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шудааст дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2021. ҳисоб карда шудааст.*

Азбаски вазни холиси даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар таркиби маблағи даромадҳои пулии аҳолӣ бо вуҷуди қариб тағйир наёфтани меъёрҳои суғурта дар ин солҳо ба ҳисоби миёна 0,52% - ро ташкил дод, ки агар афзоиши даромадҳои суғуртавӣ барои ҳар як сомонии афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ баррасӣ шавад, пас маълум мешавад, ки майли аҳолӣ ба суғурта хеле паст буда, ин нишондиҳанда аз 0,004 то 0,008 сомониро барои як сомонии афзоиши даромад ташкил додасту халос. Ҳамин тариқ, дар бозори суғурта талаботи муассир ба хизматрасониҳои суғуртавӣ вуҷуд надорад, ки мувофиқан сатҳи пасти фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртавиро муайян мекунад.

Барои тасдиқи ин гузориш нишондиҳандаҳои ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД ва ба ҳар сари аҳолиро дида мебароем. Тавре аз маълумотҳои омории ҷадвали 3.2.2. бармеояд, воридоти ҳаққи суғуртавии ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар давраи солҳои 2010 – 2020 аз 106,2 то 235 млн. сомонӣ ва ё беш аз 2,2 маротиба афзудааст. Дар ин давра ММД аз 24,7 млрд. сомонӣ то 82,5 млрд. сомонӣ ва ё беш аз 3,3  маротиба афзудааст. Аммо сатҳи афзоиши воридоти ҳаққи суғуртавии ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ нисбат ба сатҳи афзоиши ММД паст аст. Дар ин давра ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД дар сатҳи 0,5 банди фоиз паст шуда бошад ҳам, аммо ҳаққи суғуртавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи солҳои 2010 – 2020 аз 13,97 то 24,7 сомонӣ ва 1,77 маротиба афзудааст.

Чуноне ки мебинем, тамоюли афзоиши ҳаққи суғуртавии пардохтшуда ба ҳар сари аҳолӣ баъд аз соли 2010 мушоҳида мегардад ва баъд аз ташкили Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон ин нишондиҳанда тақрибан як маротиба афзоиш ёфтааст[70]. Аммо ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз нисбат ба давлатҳои ИДМ кам мебошанд, ки аз сатҳи нисбатан пасти талаботи субъектҳои иқтисодӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳанд.

Маълум аст, ки дар мамлакатҳои калони пуриқтидор афзоиши ҳаҷми талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳатман вуҷуд дорад.

[70]Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия – дис.доктори, 2021. С. 123.

**Ҷадвали 3.2.2.**

**Ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД ва ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми солҳои 2010 – 2020**

| Солҳо | Ҳаққи суғуртавӣ (млн. сом) | ММД (млн. сом) | Ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД бо % | Шумораи аҳолии доимӣ (ҳаз.нафар) | Ҳаққи суғуртавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 106,2 | 24707,1 | 0,43 | 7621,2 | 13,97 |
| **2011** | 89,3 | 30071,1 | 0,29 | 7807,2 | 16,67 |
| **2012** | 137,4 | 36163,1 | 0,37 | 7987,4 | 16,86 |
| **2013** | 128,6 | 40525,5 | 0,33 | 8161,1 | 16,56 |
| **2014** | 118,1 | 45606,6 | 0,26 | 8352,0 | 14,24 |
| **2015** | 121,3 | 50977,8 | 0,25 | 8551,2 | 14,25 |
| **2016** | 118,2 | 54790,3 | 0,23 | 8742,8 | 14,18 |
| **2017** | 162,1 | 64434,3 | 0,39 | 8931,2 | 26,41 |
| **2018** | 226,1 | 71059,2 | 0,31 | 9126,6 | 25,68 |
| **2019** | 227,2 | 79109,8 | 0,28 | 9313,8 | 24,4 |
| **2020** | 235,0 | 82543,17 | 0,28 | 9506,3 | 24,7 |
| **С.2020 нисбат ба с.2010,%** | **221,2** | **334,0** | **- 0,15 бф** | **124,7** | **176,8** |

*Сарчашма: Ҳисоб карда шуд дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: АОНПҶТ, 2021. С. 11-13, 691-696.*

Бинобар он, соҳибкорони соҳаи суғуртаро зарур аст, ки пеш аз пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ симои иҷтимоӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва баъзан равонии суғуртакунандаи эҳтимолии худро ба хубӣ дарк кунанд. Тибқи пурсиши гузаронидаи мо (1000 нафарро фаро мегирифт) дар соли 2021, маълум шуд, ки зимни мавҷудияти хоҳиш ва имконият танҳо 14% аҳолии ҷумҳурӣ, дар навбати аввал, суғуртаи иморат ва танҳо 7,2% суғуртаи амволро истифода мебуранд. Қариб 51% - и ҳамаи пурсидашудагон воқеан ният надоранд, ки дар ҳама ҳолат аз хизматрасониҳои суғуртавӣ истифода баранд. Дар ин ҷо як симои иҷтимоию демографии шаҳрвандон, ки бо сабабҳои гуногун суғуртаро қабул намекунад, муаррифӣ шудааст.

Дар баробари ин, барои ҳисоби микдорӣ нишондиҳандаи баръакс ба индекси ҷолибият мавриди истифода қарор мегирад. *Яъне, ин индекси одист (онро индекси «радди суғурта», ки беъэтиноии фоизии ягон хусусияти*

*посухдиҳандагонро аз сатҳи миёна барои ҳамаи посухдиҳандагон нишон медиҳад, номидан мумкин аст).* Аз ҷумла, дар байни ҳамаи посухдиҳандагон ҳиссаи шахсоне, ки нияти истифодаи хизматрасониҳои суғуртавиро надоранд, ба ҳисоби миёна 31% - ро ташкил медиҳад. Дар миёни посухдиҳандагони дорои таҳсилоти нопурраи миёна ҳиссаи дахлдор аллакай 39%-ро ташкил медиҳад. Тақсим кардани як ҳисса ба бузургиҳои миёнаи ҳамаи посухдиҳандагон ба мо индекси «радди суғурта»-ро медиҳад, ки барои одамони дорои таҳсилоти нопурраи миёна 125,8%-ро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, ҳар қадаре индекс аз 100% зиёд бошад, муносибати манфии одамони дорои тафаккури мазкур ба суғурта ба ҳамон андоза қавитар мешавад.

Тавре дар боло қайд кардем, дар раванди ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ омӯзиши рафтори суғурташавандаҳо аҳамияти калон дорад. Омӯзиши ин равандҳо ба назарияи рафтори истеъмолӣ такя мекунад. Принсипи муҳимтарини рафтори истеъмолӣ ва талаботи фард ба назар гирифтани афзалиятҳои шахсии ӯ мебошад, ки фароҳам овардан ва истифодаи миқёси фоиданокии хизматрасониҳои гуногуни суғуртавиро, ки аз ҷониби фард истеъмол мешаванд, пешбинӣ мекунад. Фард нақшаи истеъмоли худро ҳамчунин бо назардошти қобилияти харидории худ ва даромаду сатҳҳои нархҳои бозории хизматрасониҳои суғуртавӣ ташкил мекунад. Ҳар як хизматрасонии суғуртавӣ, ки аз ҷониби фард харидорӣ карда мешавад, бояд ба ӯ фоиданокии муайянеро биёрад, ки андозаи онро ӯ ба таври субъективӣ арзёбӣ мекунад. Ин аз сатҳи шуурнокии иқтисодии субъектҳои иқтисод, муқоисаи алтернативии андозаи арзиши хизматрасониҳои суғуртавии харидоршаванда ва хисороти эҳтимолӣ дар натиҷаи амалҳои хавфҳои гуногун вобаста аст.

Дар бештари адабиёти иқтисодӣ ақида ва муҳокимаронихо дар бораи он меравад, ки дар ҷумҳурӣ сатҳи фарҳанги иқтисодӣ ва суғуртавии аҳолӣ ниҳоят паст буда, аз ин рӯ, сатҳи пасти талабот ба ин хизматрасониҳо мавҷуд аст. Аммо тавре мушоҳидаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ҳатто дар бозорҳои пешрафтатарини суғуртавӣ қишри муайяни одамоне мавҷуд аст, ки полисҳои суғуртавӣ намехаранд.

Мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи суғуртакунандагони Британия, солҳои 1997–1998 дар 27% хонаводаҳои британиягӣ суғуртаи биноҳо ва иншоотҳои ба онҳо мутааллиқ вуҷуд надошт. Ҳангоми муайян кардани сабабҳои он, ки барои чӣ онҳо манзил ва амволи хонагиро суғурта намекунанд, маълум шуд, ки тақрибан нисфи онҳо (49%) саҳмгузорӣ ба соҳаи суғуртаро ҷонибдорӣ карда, хайрхоҳона ба он муносибат менамоянд, пештар полиси дахлдорро доштанд, аммо ҳоло дар вазъи душвори молиявӣ қарор доранд. 20%-и дигар бошанд дар бораи аҳамияти суғурта хуб огоҳанду мушкилоти молиявӣ надоранд, эътирозҳои ҷиддӣ ҳам дар мавриди суғурта надоранд, аммо қабули қарори харидро ба таъхир меандозанд. Тақрибан 16%: ба суғурта муносибати манфӣ ва 4%-и дигар муносибати бениҳоят нохуб, бо назардошти таҷрибаи қаблии суғуртавӣ доранд. Қайд кардан муҳим аст, ки 90% британиягиҳо, ки хонаҳои худро суғурта накардаанд, бо ин намуди суғурта хуб шинос буда, дар бораи бартарӣ ва нуқсонҳои он огоҳӣ доранд. Танҳо 10% - и боқимонда, мавҷуд набудани донишҳои суғуртавиро ба сифати сабаби асосии рад кардани суғуртаи хона нишон додаанд. Сарфи назар аз он, ки муносибати сокинон ба суғурта аз маълумоти дар боло зикршуда фарқ мекунад, онҳо кунҷковӣ мекунанд. Дар ҷумҳурӣ шахсоне, ки суғуртаро қабул намекунанд, бештар ба чунин қишри аҳолӣ алоқаманданд: аз 50 сола боло, дорои таҳсилоти нопурраи миёна, сатҳи миёнаи даромадҳояшон барои як аъзои оила, ки дар шаҳри калон зиндагӣ мекунад, намерасад. Намуди фаъолият (мансубияти касбӣ) низ ба муносибат ба суғурта ҳамчун воситаи боэътимоди ҳимоя таъсир мерасонад.

Тавре аллакай қайд карда шуд, одамон, ҳатто зимни беҳтар шудани вазъи молиявии худ қабули қарорро дар бораи хариди хизматрасониҳои суғуртавӣ ба таъхир меандозанд. Аз ин рӯ, дар бозори суғурта сатҳи аз ҳад пасти чандирии талабот ба даромад мушоҳида мешавад. Афзоиши ҳар як воҳиди даромадҳои пулии аҳолӣ афзоиши даромадҳои ташкилотҳои суғуртавиро ҳамагӣ ба 0,011 сомонӣ зиёд кардааст. Дар асл, ба андозаи талабот ба хизматрасониҳои мазкури суғуртавӣ на танҳо тағйирёбии нархи онҳо ва нархи молҳои дигар, балки тағйирёбии даромади истеъмолкунандагон низ таъсир мерасонад. Дар ин ҳолат,

коэффитсиенти чандирии даромадро метавон ҳисоб кард, ки тағйироти нисбии талаботро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳангоми тағйир ёфтани даромади истеъмолкунанда тавсиф мекунад. Ҳангоми муайян кардани сохтори истеъмоли шахсони дорои фарқияти гуногун коэффитсиенти чандирии даромад талаб карда мешавад

Коэффитсиенти чандирии талабот аз рӯйи даромад ҳангоми муайян кардани сохтори истеъмоли шахсони дорои даромадҳои гуногун, ҳисоб кардани дараҷаи тағйирёбии истеъмоли ин ё он хизматрасонӣ ҳангоми тағйир ёфтани сатҳи даромад ва ғайра зарур мебошад. Маълумоти бадастомадаро дар бораи тағйирёбии ҳаҷми талабот барои ҳалли масъалаҳои таъмини рушди соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта ва дурнамои соҳаи суғуртаи иқтисод дар маҷмуъ истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки ҳамон як хизматрасонии суғуртавӣ бо баробари тағйир ёфтани даромадҳои истеъмолкунандагон метавонад дар гурӯҳҳои гуногун қарор гирад.

Ҳамин тавр, бо сатҳи баланди даромад хизматрасониҳои суғуртавӣ эҳтимолан хизматрасониҳои пурарзиш ва бо сатҳи пасти даромад бошад, беэътибор шуда метавонанд.

Мутаассифона, хизматрасониҳои суғуртавӣ ба хизматрасониҳои «зарурати дуюм» дохил мешаванд. Субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ бояд кӯшиш кунанд, ки дар бораи сатҳи коэффитсиенти чандирии даромад аз рӯйи талабот ба хизматрасониҳое, ки бо онҳо савдо мекунанд, дошта бошанд. Агар онҳо ин маълумотро дошта бошанд, метавонанд фармоишҳои худро танзим карда, барои ҳама гуна тағйирот дар конъюнктураи бозор омода бошанд. Гузашта аз ин, дар аксари ҳолатҳо чандирии талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дар давраи дарозмуддат бояд нисбат ба кӯтоҳмуддат хеле зиёдтар бошад. Ин аз он сабаб аст, ки хизматрасониҳои мазкур хизматрасониҳои

дарозмуддат буда, истеъмолкунанда на ҳамеша онҳоро ҳангоми афзоиши даромад тағйир медиҳад[71].

Тавре ки қайд намуда будем, суғуртакунӣ чун намуди фаъолияти иқтисодӣ ба ҳифзи некуаҳволии аҳолӣ ва тиҷорат равона шудааст, аз тарафи дигар, он як намуди фаъолияти соҳибкорӣ барои гирифтани фоида равонааст. Дилхоҳ ташкилоти суғуртавӣ даромадро бо хароҷот қиёс карда, натиҷаи фаъолияти молиявии худро муайян менамояд ва мекӯшад, ки бақия (салдо)-и мусбат гирад. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки натиҷаи молиявӣ ва натиҷа аз фаъолияти молиявӣ ду категорияи мустақили иқтисодӣ мебошанд. Агар натиҷаи молиявӣ арзёбии арзиши натиҷаи фаъолияти ташкилоти суғуртавиро аз рӯйи тамоми навъҳои фаъолияти он тавсиф намояд, пас натиҷа аз фаъолияти молиявӣ арзёбии арзиши танҳо як навъи фаъолиятро инъикос мекунад. Дар воқеъ, зимни ташаккул ва рушди талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ набудани боварӣ ва маданияти пасти суғуртавии суғуртакунандагони имконпазир – корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият ва аҳолӣ мушкилоти муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар рафти фаъолияти худ бештар ба объектҳои зерини суғуртавӣ диққати асосиро равона намудаанд:

Яъне, ҳиссаи 13% – суғурта аз ҳодисаҳои нохуш ва бемориҳо, 13% – суғуртаи молу мулк, 11,6% – суғуртаи тиббӣ, 11,6% – суғуртаи хавфҳои молиявӣ, 10,1% – суғуртаи хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба молу мулки шахсони хуқуқӣ, 8,7% – суғуртаи хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба ҳаёт, 8,7% – суғуртаи хавфи сар задани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ, 8,7% – суғуртаи хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба молу мулки шаҳрвандон, 7,2% – суғуртаи хавфи соҳибкорӣ, 2,9% – суғуртаи хавфи сар задани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба молу мулки ташкилотҳои дигар, 2,9% – суғуртаи хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба молу мулки мақомоти

[71] Хайман Д.Н. Современная микроэкономика: анализ и применение. М.: Финансы и статистика, 1992. Т. 1. С.159.

ҳокимияти давлатӣ ва 1,4% – суғуртаи хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои риоя накардани шартнома ташкил медиҳанд. (Натиҷаҳои пурсиши соли 2021 гузаронидашуда, ки 1000 нафар пурсида шуда буд, дар расми 14 оварда шудааст).




**Расми 14. Сохтори объектҳои суғурта дар ташкилотҳои суғуртавӣ (натиҷаҳои соли 2021)**

*Сарчашма: Дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои пурсишнома муаллифи диссертатсия таҳия намудааст.*

Ҳамин тавр, барои субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ ҳифзи манфиатҳои амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар намудҳои суғурта, ки ба суғурташаванда лозиманд, муҳим мебошад. Дар ин ҷо суғурташаванда бояд интихоби озод дошта бошад. Аз ин рӯ, суғуртаи ихтиёрӣ нишондиҳандаи муҳими ташаккули талабот ва рушди бозори суғурта мебошад.

**Ҷадвали 3.2.3**

**Динамикаи суғуртапулӣ ва сохтори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020 (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Маблағи умумии мукофоти суғуртавӣ | Суғуртаи ҳатмӣ | | Суғуртаи ихтиёрӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Ҳисса, бо % | Ҳамагӣ | Ҳисса, бо % |
| **2010** | 106,2 | 37,8 | 35,6 | 68,4 | 64,4 |
| **2011** | 89,3 | 36,8 | 41,2 | 52,7 | 52,5 |
| **2012** | 137,4 | 46,9 | 34,2 | 90,4 | 65, 6 |
| **2013** | 128,6 | 48,8 | 38,0 | 77.9 | 62,0 |
| **2014** | 118,1 | 35,6 | 30,2 | 82,4 | 69,8 |
| **2015** | 121,3 | 21,2 | 17,4 | 100,1 | 82,6 |
| **2016** | 118,2 | 21,1 | 17,9 | 97,0 | 82,1 |
| **2017** | 162,1 | 57,4 | 35,4 | 104,74 | 64,6 |
| **2018** | 226,1 | 110,8 | 49,0 | 115,3 | 51,0 |
| **2019** | 227,2 | 72,4 | 31,9 | 154,7 | 68,1 |
| **2020** | 235,0 | 74,6 | 31,7 | 160,4 | 68,3 |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2021. С. 14. www.nbt.tj*

Таҳлили динамикаи суғуртапулӣ ва сохтори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 3.2.3.) нишон дод, ки дар соли 2020 ҳиссаи пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои ихтиёрии суғурта дар ҷумҳурӣ 68,3% – ро ташкил дод. Дар солҳои 2015 – 2016, яъне дар солҳои рушди босуботи иқтисоди миллӣ, он зиёда аз 82% - ро ташкил дода, вазни устувори холис дошт. Аммо, дар давраи солҳои 2019-2020 вобаста ба КОВИД коҳиш ба мушоҳида мерасад: он мутаносибан 51,0 ва 68,1 % - ро ташкил дод.

Қайд кардан зарур, ки танзими возеҳи таркиб ва андозаи хароҷоти суғурта аз ҷониби давлат, гарчанде ки аз як тараф ба талаботи соҳибкорон ба хизматрасониҳои суғуртавӣ як навъ таъсири муайяни боздоранда расонад ҳам, аз тарафи дигар, ба суғуртакунандагони касбӣ имкон медиҳад, ки ба ин талабот таъсир расонанд. Зеро, бо донистани рӯйхати дақиқи намудҳои суғурта, ки метавонанд барои корхонаҳо ҷолиб бошанд, ташкилотҳои суғуртавӣ имкон

доранд доираи хизматрасониҳои суғуртавии ба бозор пешниҳодшавандаро ба таври дахлдор васеъ намоянд.

Манбаи дуюми талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ оммаи мардум мебошад. Дар шароите, ки кафолатҳои низомҳои суғуртаи давлатии иҷтимоиро танҳо ба таври шартӣ кафолатҳо номидан мумкин аст, талабот ба шаклҳои гуногуни суғуртаи шахсӣ ва амвол ба миён меояд. Дар шароити бозор, вақте ки талабот омили асосӣ буда, чӣ гуна мол бояд истеҳсол карда шавад, ба истеҳсолкунанда пешкаш намудани иттилооти муфассал оид ба истеъмолкунандагон ва талаботҳои онҳо зарур аст. Ва ҳар қадар мол ё хизматрасонӣ мураккаб бошад, фурӯшанда бояд ҳамон қадар бештар харидорони эҳтимолии худро донад. Дар амали суғуртакунандагон, ба монанди дигар истеҳсолкунандагони молҳо, корҳо, хизматрасониҳо, якчанд усули муайян кардани талаботи харидорони эҳтимолӣ мавҷуданд:

- пурсиши истеъмолкунандагон барои муайян кардани ҳаҷми намуди додашудаи хизматрасонӣ, ки онро бо нархи мушаххас харидан мумкин аст;
- гузаронидани озмоиши мустақими бозорӣ ва ошкор кардани тағйирот дар ҳаҷми талабот ҳангоми тағйирёбии нарх;
- истифодаи маводи омории таҳқиқотҳои гуногун.

Ду усули аввал дар аксар ҳолатҳо ғайри қобили қабул мешаванд, зеро онҳо гаронарзиш буда, мавҷудияти кормандони махсуси таълимгирифтаро талаб мекунанд. Истифодаи ин усулҳоро низ дар доираи вақт хеле кашол додан мумкин аст. Қобили қабул бештар усули сеюм барои ошкор кардани талаботи бозорӣ мебошад (хусусан, вақте ки сухан дар бораи харидорони полисҳои суғуртавӣ – шахсони воқеӣ меравад).

Аз нигоҳи муаллиф, омилҳои талаботро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мувофиқи мақсад аст:

Гурӯҳи якум. Омилҳое, ки ба ташаккули талаботи суғурташаванда таъсир мерасонанд. Инҳо омилҳое ҳастанд, ки ба қабули қарори принсипиалӣ таъсир мерасонанд: суғурта карда шавад ё не. Омилҳое, ки бештар ба нигоҳдории сатҳи зарурии талаботҳои аллакай ташаккулёфта (ки дар бастани шартномаи

суғурта ифода ёфтааст), ё ба интихоби хизматрасониҳои суғуртавии ширкати мушаххаси суғуртавӣ аз ҷониби харидор таъсир мерасонанд.

Гурӯҳи дуюм аллакай ба суғурташавандаи воқеӣ, на ба суғурташавандаи эҳтимолӣ таъсир мерасонад (ниг. ҷадвали 3.2.4.)

Ҷадвали 3.2.4.

Омилҳое, ки ба ташаккули талабот таъсир мерасонанд

| **Гурӯҳи I** | **Гурӯҳи II** |
|---|---|
| Даромади суғурташавандаи эҳтимолӣ | Нархи хизматрасонии суғуртавӣ |
| Синну сол | Мавҷудияти намуди мазкури суғурта дар бозор (яъне ассортименти маҳсулоти суғуртавӣ) |
| Ҷои зист | Сифати маҳсулоти суғурта (дар навбати аввали шароити суғуртакунӣ) |
| Таҳсилот | Сатҳи хизматрасонӣ аз ҷониби кормандони ташкилоти суғуртавӣ |
| Намуди фаъолияти касбӣ | Имконияти татбиқи шакли мушаххаси манфиати суғуртавӣ |
| Дастрасии иттилоот оид ба суғурта ва фаҳмиши он | Иттилоот оид ба мавҷудият ё мавҷуд набудани назорати дахлдори давлатӣ ба фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ |
| Доштан ё надоштани таҷрибаи қаблии суғурта | Боварӣ (шубҳа) ба иҷрои уҳдадориҳои ба зиммагирифташуда аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (хусусиятҳои вазъи молиявӣ) |
| Дастрасии иттилоот оид ба ҷалби самтҳои гуногуни маблағгузориҳо дар бозор | Мавҷудияти хизматрасониҳои иловагӣ |
| Иттилоот оид ба суғурташавандагон | Нуфузи ширкати суғуртавӣ дар байни рақибон (суғуртакунандагон) |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Ғайр аз ин омилҳое ҳастанд, ки ба ташаккули талабот дар бозори суғурта ва татбиқи талабот ба ҳимояи суғуртавӣ таъсири боздоранда мерасонанд (ниг. ҷадвали 3.2.5).

**Ҷадвали 3.2.5.**

**Омилҳое, ки ташаккули талаботро дар бозори суғурта бозмедоранд**

| **Омилҳо** | **Рутбабандӣ аз рӯйи сатҳи муҳиммӣ** | |
|---|---|---|
| | **Шахсони воқеӣ** | **Шахсони ҳуқуқӣ** |
| Дарки хатарҳо ва паёмадҳои онҳо | 2 | 3 |
| Усулҳои идоракунии хавфҳо | 4 | 6 |
| Имкониятҳои молиявӣ вуҷуд надоранд | 7 | 5 |
| Сарфи пулро раво намедонам | 5 | 4 |
| Нобоварӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ | 3 | 2 |
| Нархҳои баланди суғурта | 6 | 1 |
| Барои суғуртаи тиҷоратӣ алтернатива | 1 | 7 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Ҳамин тавр, барои шахсони ҳуқуқӣ яке аз омилҳои муҳимме, ки ташаккули муносибатҳои суғуртавиро бозмедорад, мавҷуд набудани алтернатива ба суғуртаи тиҷоратӣ мебошад, ки интихоби роҳҳои дигари идоракунии хавфҳоро муайян мекунад. Аз ин рӯ, як қадами муҳим дар ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шахсони ҳуқуқӣ ташкили суғуртаи мутақобила хоҳад буд.

Ҳамчунин, барои шахсони воқеӣ ба ҳайси маҳдудиятҳои асосӣ мавҷуд набудани имкониятҳои молиявӣ ва нархҳои баланди хизматрасониҳои суғуртавӣ (дар муқоиса бо даромадҳои бадастоянда) боқӣ мемонанд. Бояд гуфт, ки рушди ҷамъияти суғуртаи мутақобила (ҶСМ) низ метавонад барои шахсони воқеӣ фоиданок бошад, зеро ҶСМ дар кишварҳои хориҷӣ суғуртаро аз рӯйи нархҳо ба 50 – 60% камтар назар ба суғуртаи тиҷоратӣ пешниҳод мекунад, зеро мақсади онҳо ба даст овардани фоида намебошад.

Бинобар ин, барои фаъолияти суғуртавӣ тафовутҳои зиёд дар суръат ва самтҳои рушд дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва намудҳои фаъолият, фарқиятҳои назарраси намудҳои амалиётҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби

суғуртакунандагон анҷом дода мешаванд, хос мебошанд. Ин аз бисёр ҷиҳат натиҷаи фаъолияти онҳоро ғайри қобили муқоиса мегардонад.

Масъалаи ҷудогонаи таъмини устувории молиявии суғуртакунандаро таваррум ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи он афзоиши нархҳо дар бозор на ҳамеша метавонад ҳангоми муқаррар намудани нархи маҳсули суғуртавӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Ба назари мо, шиддатёбии суръати таваррум ба мавқеи умумии ширкатҳои суғуртавӣ ва ташаккули талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ таъсири ногувор расонида, инчунин метавонад суғуртаро барои суғурташаванда ноком гардонад.

Бинобар ин, барои васеъ кардани ҳаҷми талабот ба субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ зарур аст технологияҳои пешқадам, масалан, полиси электрониро ҷорӣ кунанд, ки ба эҷоди талабот ва пешбурди фаъолтари намудҳои оммавии суғурта мусоидат хоҳад кард. Полиси электронӣ як хизматрасонии муосирест, ки бояд ҳатман дар бозори суғурта ҳузур дошта бошад. Он хароҷоти трансаксиониро коҳиш дода, хароҷоти зиёди агентӣ ба баланд бардоштани капитализатсияи ширкатҳо равона карда мешавад. Ин имкон медиҳад, бозор минбаъд низ рушд дода шуда, сифати хизматрасонӣ баланд бардошта шавад, зеро ҳар гуна капитализатсия маънои навсозии низомҳои иттилоотӣ ва технологияро дорад.

Аз ҳамин лиҳоз, сиёсати электронӣ ширкатҳои суғуртавиро барои такмил додани низоми кори мустақилона ҳавасманд хоҳад кард. Ин, албатта, таъсиси пойгоҳи ягонаи суғуртавии маълумотиро талаб мекунад ва манфиатро мақомоти назорат ба даст меорад, хос мебошанд.

Дар хулоса, сухан бештар дар бораи он меравад, ки идоракунии бозорҳои соҳавӣ бояд ба сатҳи худтанзимӣ гузарад. Тавре қайд карда шуд, дар суғурта намудҳои ихтиёрӣ ва ҳатмӣ мавҷуданд. Намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ба бахши оммавии истеъмолкунандагон дахлдор буда, бояд аз ҷониби давлат танзим карда шаванд. Дар мавриди намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ бошад, ҳаминро бояд гуфт, ки онҳо ба қарори худи истеъмолкунанда дар бораи гирифтани хизматрасонии суғуртавӣ асос ёфта, метавонанд тариқи механизми

ташкилотҳои худтанзимшаванда, вақте иштирокдорони бозор ба як навъ ассотсиатсия муттаҳид мешаванд ва он масъалаҳои стратегияи рушд, фаъолияти амалиётро мустақилона ҳал менамояд, танзим карда шаванд.

Ҳамин тавр, чунонки дар боло қайд намудем, худтанзимӣ дар назди давлат аз тариқи мақоми назораткунанда вазифаҳои худро оид ба танзими бозор иҷро намуда, баъзе масъалаҳои амалиётиро ба таври одӣ дида бароянд. Аз ин лиҳоз фаъолияти мутахассисоне, ки дар бозор кор мекунанд, ҳамеша нисбат ба фаъолияти мутахассисоне, ки ба сифати танзимгар кор мекунанд, самараноктар хоҳад буд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар фасли баъдӣ хусусиятҳои ташаккули пешниҳод дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва арзёбии афзалиятҳои рақобатии субъектҳои соҳибкории суғуртавиро мавриди омӯзиш қарор дода, барои такмили онҳо дар ояндаи наздик тавсияҳои судманд пешниҳод менамоем.

## 3.3. Хусусиятҳои ташаккули пешниҳод дар фаъолияти суғуртавӣ ва афзалиятҳои рақобатии субъектҳои он

Соҳибкори суғуртавӣ дар асл кафолати иҷрои уҳдадориҳои худро дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ мефурӯшад. Ин маънои онро дорад, ки барои суғурташаванда арзёбии имконияти суғуртакунанда дар иҷрои уҳдадориҳои суғуртавии ба зимма гирифтааш хеле муҳим мебошад. Ба ибораи дигар, пардохтпазирии суғуртакунандае, ки маҳсулоти суғуртавии босифат ва нархи муайянро пешниҳод мекунад, бевосита аз кифоягии захираҳои суғуртакунанда вобаста аст.

Дигар омили калидии нишондиҳандаи соҳаи суғуртавӣ ҳаҷми ҳақпулиҳои ҷамъоваришудаи суғуртавӣ мебошад. Тибқи маълумоти охирин, дар соли 2020 пардохтҳои воридшуда аз рӯйи ҳамаи намудҳои суғурта дар ҷумҳурӣ 235

миллион сомониро ташкил доданд, ки аз онҳо 74,6 миллион сомонӣ навъи ҳатмии суғурта ва 160,4 миллион сомонӣ навъи ихтиёрии суғурта мебошанд[72].

Тамоюли солҳои охир мусбат аст ва зиёдшавии вазни холиси намудҳои ихтиёрии суғурта дар маблағи умумии воридот ба мушоҳида мерасад. Эҳтимол, ин таҳлили динамикаи мукофотҳои маҷмуи суғуртавӣ аз заифии суръати афзоиши солонаи онҳо нисбат ба даромади ҷомеа дар солҳои охир шаҳодат медиҳад. Вазъияти мазкур бо тағйирот дар қонунгузории андоз ва суғурта ба вуҷуд омадааст, ки дар натиҷаи он ширкатҳои суғуртавӣ ҷамъоварии мукофотҳои суғуртавиро аз рӯйи нақшаҳои андозҳифзкунандаи суғуртаи ҳаёт кам карданд ва ин танҳо қисман бо ворид шудани мукофотҳои суғуртавӣ аз рӯйи суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт ҷуброн карда шуд. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани чунин принсипҳои суғуртаи ҳатмӣ, ба монанди кафолати ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи ҷабрдидагон расонида шудааст, умумӣ ва ҳатмӣ будани суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ аз ҷониби соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ҳавасмандии иқтисодии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳ, қадами муҳим дар роҳи ҳамгирошавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад[73]. Дар Тоҷикистон КВД «Тоҷиксуғурта» ва КВД ШДС "Тоҷиксармоягузор" хизматрасониҳои зерини суғуртаро амалӣ месозанд (ҷадвали 3.3.1.).

Аз нигоҳи муаллиф, асоси як қатор сабабҳо барои фаъолияти суғуртавӣ истифодаи расмиёти идоракунии беруна ё муфлисшавӣ ва тақсимоти моликият намебошад. Ин ҷо чунин фоидаҳои калон, ба монанди, соҳаи металлургия вуҷуд надоранд ва аз ин рӯ суғурта диққати махсусро ба худ ҷалб намекунад.

Дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ рақобат ҳанӯз суст аст. Ҳанӯз ҳам танҳо амалиётҳои суғуртавӣ (нимасуғуртавӣ) паҳн шудаанд, ки ҳам ба рушди рақобат, ҳам ба зиёдшавии ғунҷоиши бозор мусоидат намекунанд.

---

[72] http://www.tojiksugurta.tj/index.php

[73] Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои иқтисоди. 2020. С.12.

**Ҷадвали 3.3.1.**

**Сохтори пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Суғуртаи ҳатмӣ | Суғуртаи ихтиёрӣ |
|---|---|
| - суғурта аз ҳодисаҳои нохуши меҳнаткашони машғул дар корҳои дорои хатарнокии баланд барои ҳаёт ва саломатӣ;<br>- суғуртаи хизматчиёни ҳарбӣ ва уҳдадорони ҳарбӣ-қаторӣ ва сардории шуъбаҳои корҳои дохилӣ;<br>- кумитаҳои амнияти миллӣ;<br>- қаторӣ ва сардории шуъбаҳои корҳои дохилӣ;<br>- кумитаҳои амнияти миллӣ;<br>- суғуртаи молу мулки корхонаҳои кишоварзӣ новобаста аз шаклҳои моликият;<br>- суғуртаи шахсони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- суғуртаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- суғуртаи мусофирони нақлиёти ҳавоӣ, обӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан;<br>- суғуртаи хизматчиёни давлатӣ;<br>- суғуртаи Раиси Маҷлиси Олӣ ва вакилони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- суғуртаи прокурорҳо ва муфаттишон;<br>- суғуртаи судяҳо;<br>- дар бораи тақвияти бехатарии сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- суғуртаи мусофирон дар ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ;<br>- борҳо. | - суғуртаи иншооти шахсии шаҳрвандон;<br>- суғуртаи амволи хона;<br>- суғуртаи тиббӣ;<br>- суғуртаи воситаҳои нақлиёт;<br>- суғуртаи амволи шахсони ҳуқуқӣ;<br>- суғуртаи авиатсионӣ;<br>- суғуртаи борҳои авиатсионӣ;<br>- суғуртаи мусофирон;<br>- суғурта аз ҳодисаҳои нохуш;<br>- суғуртаи маҷмуии ҳаёт;<br>- суғуртаи кӯдакон;<br>- суғуртаи хавфҳои молиявӣ;<br>- суғуртаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҳодисаҳои нохуш;<br>- суғуртаи маҷмуӣ аз ҳисоби маблағҳои корхонаҳо;<br>- суғурта аз ҳодисаҳои нохуши шахсоне, ки ба берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меравaнд;<br>- суғуртаи варзишгарон аз ҳодисаҳои нохуш;<br>- суғурта аз ҳодисаҳои нохуши сайёҳон дар вақти сафарҳо;<br>- суғуртаи хавфи соҳибкорӣ ва ғайра. |

*Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои КВД "Тоҷиксуғурта" ва КВД ШДС "Тоҷиксармоягузор" муаллиф тартиб додааст.*

Ҳузури суғуртакунандагони хориҷӣ ночиз аст. Суғуртакунандагон одатан аз ду манбаъ даромад ба даст меоранд. **Аввалан** – фарқи байни ҳаҷмҳои воридот (ҳақпулиҳо ё мукофотҳои суғуртавии аз ҷониби суғурташавандагон пардохтшуда) ва ҷубронҳои пардохтшуда ҳангоми ба амал омадани ҳолати суғуртавӣ (албатта, бо тарҳи хароҷот барои пешбурди корҳо). **Дуюм** – воридот

аз фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Зери мафҳуми сармоягузориҳои суғуртакунандагон, пеш аз ҳама, ҷойгиркунии захираҳои барои таъмини пардохтҳои дар пеш истодаро аз ҷониби онҳо фаҳмидан зарур аст. Ҳамзамон, қонунгузорӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ доштани тиҷорати мустақили ғайрисоҳавиро манъ мекунад.

**Ҷадвали 3.3.2.**

**Ҳиссаи шумораи намудҳои суғуртакунони дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Ташкилотҳои суғуртавӣ | Шумораи намудхои суғурта тибқи иҷозатнома, адад | Шумораи намудҳои суғуртакунонӣ, ки самти асосии фаъолият равона карда шудааст, адад | Ҳиссаи шумораи намудҳои суғуртакунонӣ аз ҷамъи умумии шумораи намудхои суғурта тибқи иҷозатнома бо % дар |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП “ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ” | 21 | 6 | 28,6 |
| 2 | ҶДММ “ТС “Бима” | 21 | 6 | 28,6 |
| 3 | ҶДММ ТС “Меҳнат” | 18 | 7 | 38,9 |
| 4 | ҶДММ “ТС Эсхата Суғурта” | 18 | 5 | 27,8 |
| 5 | ҶДММ “ТС “Муин” | 15 | 10 | 66,7 |
| 6 | ҶДММ “ТС “Такаффул” | 14 | 3 | 21,4 |
| 7 | ҶДММ “ТСА “Спитамен Иншуренс” | 13 | 4 | 30,8 |
| 8 | ЧДММ “Суғуртаи Точик ва Чин” | 12 | 4 | 33,3 |
| 9 | ҶСП “ТС Кафил” | 11 | 11 | 100,0 |
| 10 | ҶДММ “ТС Итминон” | 11 | 11 | 100,0 |
| 11 | ҶДММ “Суғуртаи асри 21” | 10 | 3 | 30,0 |
| 12 | ҶДММ “ТС Сипахр” | 7 | 2 | 28,6 |

*Сарчашма: Муаллиф дар асоси ҳисоботи ташкилотҳои суғуртавӣ таҳия намудааст. Сайти Бонки миллии Точикистон www.nbt.tj*

Тавре маълумоти ҷадвали 3.3.2. нишон медиҳад, на ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар фаъолияти худ намудҳои суғуртаеро, ки тибқи иҷозатномаи аз мақоми ваколатдори назорати суғуртавӣ гирифтаанд, ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд. Аз шумораи умумии ташкилотҳои суғуртавӣ, ки варақаи

назарсанҷиро пур кардаанд, танҳо 2 адад ё 16,7% ҳамаи намудҳои суғуртаи дар иҷозатнома овардашударо ба муштариёни худ пешниҳод намудаанд.

Ба ҳисоби миёна ҳиссаи намудҳои суғуртакунонӣ, ки ба самти асосии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ равона шудаанд, ҳамагӣ 44,5% намудҳои суғуртаеро, ки дар иҷозатнома нишон дода шудааст, дар бар мегирад. Ҳол он ки 55% намудҳои суғуртаи дар иҷозатнома нишондодашуда дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ба таври фаъол амалӣ карда нашудаанд. Ҳамзамон, таснифи самтҳои асосии намудҳои суғуртакунонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии кишвар намудҳои суғуртакунонӣ қариб ки самтҳои ба ҳам монанд ва якхелаи ҳалталабро доранд. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бояд минбаъд доираи намудҳои суғуртакунониро дар бозори суғурта боз ҳам васеъ намоянд.

Вобаста ба ин, аз нигоҳи муаллиф, барои муайян намудани монеаҳое, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар фаъолияти худ ба инҳо дучор мешаванд, ҳангоми коркарди пурсишномаҳо онҳоро ба самтҳои зерин ҷудо намудан лозим аст:

- дар самти иҷозатномагирӣ ва назорат;
- дар самти андозбандӣ ва самти талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳо.

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастӣ муайян карда шуд, ки дар самти иҷозатномагирӣ ва назорат ташкилотҳои суғуртавӣ бо чунин монеаҳо дучор гаштаанд: ҳиссаи 44,4% ба бюрократия ва шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо, 22,2% ба истифодаи номукаммали механизмҳои суғуртавӣ, 11,1% ба монеаҳои маъмурӣ /санҷишҳои беасос/ назорати чандтарафа ва 22,2% ба дигар монеаҳо (11,1% бо кам будани мухлати эътиборномаҳо ва 11,1% бо набудани таваҷҷуҳи самимӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокдорони бозори суғуртавӣ).

Илова бар ин, дар самти андозбандӣ низ ташкилотҳои суғуртавӣ ба монеаҳо дучор шудаанд. Ҳиссаи 26,3% меъёри баланди андозбандӣ буда, меъёри мазкур аз 23% то 63% – ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи 21,1% оид ба набудани низоми ягонаи андозбандӣ, 10,5% – санҷишҳои пайдарпай, 21,1% – ҷой надоштани дастгириҳои давлатӣ ва 21% – дигар монеаҳо мебошанд (нигаред: расми 15).




**Расми 15. Монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти андозбандӣ ба онҳо дучор шудаанд**

*Сарчашма: Дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои пурсишнома муаллиф таҳия намудааст.*

Инчунин, дар самти талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳо ташкилотҳои суғуртавӣ ба монеаҳо дучор шудаанд.

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастӣ муайян карда шуд, ки ҳиссаи 25,6% нобоварии суғурташавандагон, 27,9% – нокифоятии фарҳанги суғурта ва дониши суғуртавӣ дар ҷомеа, 7,0% – паст будани сатҳи сармоякунонӣ, 11,6% – мавҷудияти рақобати носолим дар бозори суғурта, 4,7% – мавҷудияти маҳдудиятҳои маъмурӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо, 18,6% – норасоии мутахассисони сохибкасб ва 4,6% – дигар ҳолатҳоро (таҳти назорат гирифтан ва тақвият додани омодасозии кадрҳои тахассусӣ дар донишгоҳҳо ва нокифоягии корҳои ташвиқотӣ) сабаб нишон диҳанд (ниг. расми 16).




**Расми 16. Монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ба онҳо дар самти талабот ва пешниҳод дучор шудаанд**

*Сарчашма: Дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои пурсишнома муаллиф таҳия намудааст.*

Ташкилотҳои суғуртавӣ бо мақсади бартараф намудани монеаҳои асосие, ки дар самти иҷозатномагирӣ ва назорат, инчунин низоми андозбандӣ ба онҳо дучор шудаанд, пешниҳодҳои мушаххас манзур намуданд.

Натиҷаи таҳлил моро водор намуд, ки барои мукаммалгардонии низоми иҷозатномагирӣ ва назорат роҳҳои зеринро, ки дар расми 17 оварда шудаанд, пешниҳод намоем.

РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ НИЗОМИ ИҶОЗАТНОМАГИРӢ ВА НАЗОРАТ

⇓

Иҷозатномадиҳи дар шакли сода ҷорӣ карда шавад

Кам намудани ҳуҷҷатҳои талабшаванда

Риоя намудани меъёрҳои ҳиссаҷудокуни ба фондҳои захиравӣ

Барқарор намудани системаи рейтингӣ

Таҳлил ва роҳ надодани коидаҳои ҳамаи намудҳои суғуртаи якхела дар ташкилотҳои суғуртавӣ

Баррасии ҳуҷҷатҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин

Мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи фаъолияти суғуртавӣ, бахусус санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ

**Расми 17. Роҳҳои мукаммалгардонии низоми иҷозатномагирӣ ва назорат ба ташкилотҳои суғуртавӣ**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Дар мавриди омӯзиш муаяйн карда шуд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ мушкилоти рушд наёфтани фаъолияти худро аз сабабҳои зерин мебинанд: ҳиссаи 11,9% – набудани рақобати озод миёни ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, 2,4% – сатҳи пасти пардохтпазирӣ ва талабот ба хизматрасониҳои суғурта дар байни шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ, 16,7% – набудани актуарийҳои литсензияшуда, 9,5% – имкониятҳои сусти молиявии бозори миллӣ барои ҷойгир кардани хавфҳои калон, 9,5% – таҷрибаи кам ва нокифояи ширкатҳои суғурта дар соҳаи арзёбии комплексии хавфҳо, идоракунӣ ва иҷрои талаботҳои суғуртавӣ, 11,9% – шаффоф набудани бозори суғурта, 14,3% – набудани механизми муосири таъсиррасонӣ барои риоя накардан ё

ичрои нопурраи қонунгузории суғурта, 23,8% – номуайян будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рафтори ғайрикасбии намояндагони мақоми назорати суғуртавӣ (расми 18).




**Расми 18. Мушкилоти рушди сатҳу сифати пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Сарчашма: Дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ ва натиҷаҳои пурсишнома муаллиф таҳия намудааст.*

Бинобар он зарур аст, ки мукаммалсозии низоми андозбандӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ дар самтҳое, ки дар расми 19 нишон дода шудаанд, сурат гирад.

**РОҲҲОИ МУКАММАЛСОЗИИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ**

Сода намудани низоми андозбандӣ

Кам кардани меъёри андози иҷтимоӣ

Ба тарҳи хароҷотҳо дохил кардани хизматрасониҳои соҳибкорони инфиродӣ (патент)

Ҷорӣ намудани низоми андозбандии ягона ва аз байн бурдани дигар андозҳо

Иҷрои Амри Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2015 таҳти №10 оид ба хароҷоти таблиғотӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ. Фоизи маблағ барои чорабиниҳои таблиғотӣ зиёд карда шавад

Маблағи дивидентҳои муассисон, ки ба фонди оинномавӣ гузаронида мешавад, аз андоз озод карда шавад

Меъёри андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ кам карда шавад

**Расми 19. Мукаммалсозии низоми андозбандӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Арзёбии рушд наёфтани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҳамзамон муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи онҳо аз мушкилоти ҷойдошта дар рушди бозори суғуртаи кишвар шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба ин, дар асоси ҷамъбасти таҳлили назарсанҷӣ оид ба рушди фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ чунин пешниҳодҳо ба маврид мебошад:

1. Ташкилотҳои суғуртавиро лозим аст, ки бо мақсади таъмини рақобати солим, пешниҳоди маҳсулоти муосири суғуртавӣ ва фаро гирифтани аҳолӣ бо хизматрасониҳои суғуртавӣ фаъолияти худро дар бозорҳои гуногуни суғуртавӣ, аз ҷумла бозори суғуртаи ҳаёт ва ғайра ба роҳ монанд.

2. Бо мақсади рафъи монеаҳо дар самти иҷозатномагирӣ ба Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон зарур аст, ки ҳарчӣ зудтар механизмҳои сода намудани раванди иҷозатномадиҳиро коркард намуда, шаффофияти баррасии ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои суғуртавиро таъмин намояд. Ҳамзамон, бо дигар мақомоти давлатии тафтишотӣ ҳамкории судмандро ба роҳ монда, садди роҳи санҷишҳои беасос шавад. Масъалаи андозбандии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар Кодекси нави андоз ба назар гирифта шавад.

3. Идораи назорати суғуртавӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки ҳамкориро дар самти баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми суғуртавӣ ва фарҳанги суғуртавии иштирокдорони бозори суғуртавӣ ва аҳолӣ бо шарикони рушд ба роҳ монанд.

4. Бо мақсади аз байн бурдани рақобати носолим, мақомоти назорати суғуртаро зарур аст, ки дар низоми суғурта “қоидаи бозори суғурта”-ро барои ҳамаи иштирокдорони бозори суғурта якхела муайян намояд.

5. Идораи назорати суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми таҳия ва мукаммал намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми суғурта бояд ташкилотҳои суғуртавиро ҷалб намоянд.

6. Бо мақсади рушди бозори суғурта ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки таҷрибаи пешқадамро дар самти ҳавасмандгардонии талабот ба маҳсулоти суғурта, истифодаи технологияи нави пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва ташкил намудани инфрасохтори муосири хизматрасонӣ ҷорӣ намоянд.

Илова бар ин, бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори суғуртавӣ ба вуҷуд омадани ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила барои иқтисодиёт ва сармоягузорони нави эҳтимолӣ эътимодро зиёд менамояд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» озодии комили онҳо барои сармоягузории захираҳои худ (дар қиёс бо ширкатҳои анъанавии

суғуртавӣ) ба даст омада; баромадани ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила (ҶСМ) ба бозор, ки дар он ҷо метавонанд пеш аз ҳама дар соҳаи бизнеси хурд ва миёна кор кунанд, осон мегардад. Дар Ғарб ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила (ҶСМ-ҳо) (ба истилоҳ mutuals), ки барояшон сармояи калони ибтидоии оинномавӣ талаб карда намешавад) дар сурати васеъ шудани доираи фаъолияташон метавонанд ба ҷамъиятҳои саҳомӣ табдил дода шаванд. Дар шароити ҷумҳурӣ таъсиси ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила (ҶСМ), ки доираи пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавиро васеъ мекунанд, дар бахши кишоварзии иқтисод хеле фоидаовар аст. Зеро, яке аз бахшҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити кунунӣ амалан рушд накардааст, суғуртаи кишоварзӣ мебошад. Рушди бахши кишоварзии иқтисод ба марҳилаи нав ворид мешавад, ки асоси онро бояд баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, гузариши соҳа ба роҳи инноватсионии рушд (муосиркунонӣ ва навсозии техникӣ ва технологӣ, ғайримарказикунонии идоракунӣ, такмил додани муносибатҳои бозаргонӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳа ва даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ) ташкил диҳанд.

Суғуртаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як намуди ихтиёрии суғурта мебошад. Аммо рушди хеле сусти суғуртаи ихтиёрӣ бо мавҷуд набудани маблағҳои озод дар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои пардохти ҳақпулиҳои суғуртавӣ, инчунин бо нафаҳмидани моҳияти суғурта аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ ҳамчун механизми ҳифзи некӯаҳволии молиявӣ алоқаманд аст. Дар чунин шароит пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ин бахши иқтисод хеле маҳдуд аст.

Дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ зарур аст, ки Қонун “Дар бораи суғуртаи хавфҳои кишоварзӣ” таҳия карда шавад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои суғуртаи хавфҳоро дар истеҳсолоти кишоварзӣ муайян карда, ба амволи кишоварзӣ паҳн гардида, инчунин қонунгузориро дар бораи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг созад. Қонун бояд ба фароҳам овардани шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҳуқуқӣ барои фаъолияти судманди корхонаҳои кишоварзӣ, зиёд кардани даромаднокии хоҷагиҳои

деҳқонӣ (фермерӣ), рушди муносибатҳои бозаргонӣ, амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣ ва таҳкими минбаъдаи бахши кишоварзии иқтисоди кишвар равона карда шавад. Ин ба пайдо шудани намудҳои нави суғурта ва ба ин васила ба афзоиши ҳаҷми пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ мусоидат мекунад.

Дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила метавонанд дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намоянд, ки ин дар асл яке аз шаклҳои ҳамкории деҳот ба ҳисоб рафта, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Низоми суғуртаи мутақобила ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) наздик аст, зеро он ба ғояҳои умумият ва кӯмаки мутақобила, ки барои мафкураи мардуми тоҷик анъанавӣ аст, асос ёфтааст. Ин тадбир метавонад ба ҷалби деҳқонон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба соҳаи суғурта мусоидат намояд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, аксари хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ метавонанд танҳо бо роҳи суғуртаи мутақобила пурра ва боэътимод ҳифз карда шаванд. Як қисми маблағҳои худро хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷамъияти суғуртаи мутақобила муттаҳид сохта, ба ҳар ҳол ба касе пул намедиҳанд.

То кунун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи хеле ками хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба суғурта фаро гирифта шудаанд. Ва ин хусусан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар солҳои камҳосилӣ таъсири манфӣ мерасонад ва устувории истеҳсолоти кишоварзиро коҳиш медиҳад.

Илова ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки воридот аз суғуртаи ҳосили зироатҳои кишоварзӣ даҳҳо маротиба кам шудааст. Чунин падидаи манфиро бо роҳи таъсиси ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобилаи кишоварзӣ бартараф кардан мумкин аст. Давлат бояд ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) – аъзои ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар пардохти ҳадди ақал як қисми ҳақпулиҳои суғуртавӣ дастгирии молиявӣ расонад. Дастгирии буҷетӣ метавонад дар ташаккули ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобилаи кишоварзӣ, ки мушкилии асосии рушди онҳо аз маҳдудияти хеле калони маблағҳо иборат аст, нақши ҳалкунанда бозад.

Аз нигоҳи муаллиф, хусусияти ҷамъияти суғуртаи мутақобилаи кишоварзӣ талаботи объективӣ ба бунёди босуръати амудии ҷомеа дар сатҳи

минтақаҳо ва ҳатто дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мебошад. Бинобар ин, таъсиси низоми ҷумҳуриявии ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобилаи истеҳсол- кунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки хавфҳо дар қаламрави муайян аз нав тақсим карда шуда, ба ин васила устувории молиявии ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила, ки метавонанд чунин ҳолатҳои суғуртавиро, ба монанди хушксолӣ, обхезӣ, камҳосилӣ ҷуброн кунанд, баланд бардошта шавад.

Дар бозори миллии суғурта ҳоло ҳиссаи фарогирии суғуртавӣ дар ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавӣ паст мебошад. Чунин камбудӣ дар ҳолати амалӣ намудани суғурта аз ҷониби ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила бартараф карда мешавад. Таҷрибаи кишварҳои ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопон нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур ҳадди ақал 80%–и мукофоти маҷмуии суғуртавиро ташкил хоҳад дод, ки ин бартарии асосии суғуртаи мутақобила дар муқоиса бо суғуртаи тиҷоратӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин хотир, дар шароити фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва хизматрасониҳои гуногуни суғуртавии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда рақобат байни субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ вусъат меёбад. Аз ин лиҳоз, дар масъалаҳои рақобатпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун субъектҳои соҳибкорӣ муфассал сухан меронем. Рақобатпазирии суғуртакунанда аз имконияти фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ дар бозори мавҷуда бо назардошти манфиатҳои мавҷудаи суғуртавӣ иборат мебошад.

Параметрҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки рақобатпазирии суғуртакунандаро тавсиф мекунанд, аз ҳам фарқ доранд. Параметрҳои ташкилӣ низоми тахфифҳо ва имтиёзҳоро барои суғурташавандагон аз рӯйи муҳлат ва шартҳои шартномаҳои басташавандаи суғурта дар бар мегиранд. Ба параметрҳои иқтисодӣ хароҷоти таълими кормандон, подоши комиссионии агентҳои суғуртавӣ, андозбандии даромадҳо аз фаъолияти суғуртавӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба таври идеалӣ параметрҳои иқтисодӣ ва ташкилии рақобатпазирии суғуртакунанда бояд ба баҳисобгирии талаботҳои ҳамаи муштариёни эҳтимолии суғуртакунанда нигаронида шаванд.

Ба андешаи муаллиф, арзёбии рақобатпазирии ҳама гуна ташкилотҳои суғуртавӣ аз рӯйи таҳлили омилҳо инҳо мебошанд:

- андозаи сармоя ва андозаи маблағҳои худӣ;
- сатҳи пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ;
- сифати ҳимояи азнавсуғуртакунӣ;
- маҷмуи намудҳои суғурта, ки ба иҷозатномаи ҳуқуқи фаъолияти суғуртавӣ дохил карда шудаанд;
- сифати маҳсулоти суғуртавӣ;
- андозаи тарофаҳои суғуртавӣ;
- ташкили низоми пешбурди маҳсулоти суғуртавӣ дар бозор;
- саривақтӣ будан ва пуррагии пардохтҳои суғуртавӣ;
- мавҷудияти хизматрасонии иловагӣ (дастгирии ҳуқуқӣ, барқарорсозии амволи харобшуда ё гумшуда, назорати табобат, кӯмак дар ташкили табобат ва ғайра);
- афзалияти ширкат дар бозор ва сифати дастгирии рекламавии фаъолияти суғуртавӣ.

Бояд қайд кард, ки бозори суғурта вазифаи танзимкунандаро дар ҳолати мавҷуд будани рақобати иқтисодӣ иҷро мекунад. Худ ба худ рақобат муваффақиятҳоро дар бозори суғурта таъмин намекунад. Ин муваффақиятҳо ба дараҷаи назаррас аз қобилияти соҳибкории суғуртакунанда вобаста аст, ки кормандони ҷомеаи суғуртавиро водор месозад, ки муштариёни нави эҳтимолиро пайваста ҷустуҷӯ намуда, шаклҳо ва усулҳои хизматрасонии суғуртавиро такмил диҳанд. Ширкати суғуртавӣ бояд стратегияи баланд бардоштани рақобатпазириро бо назардошти омилҳое, ки ба сатҳи рақобатпазирӣ таъсир мерасонанд, таҳия кунад. Ҳамин тавр, ба рақобат тавассути омилҳои зерин таъсир расонида метавонанд:

- хизматрасонии техникӣ: сатҳи хизматрасонӣ ба суғурташавандагон ва шартномаҳои суғурта;
- сатҳи фарҳанг, сифати кор бо муштариёни ширкати суғуртавӣ.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки омилҳои аз ҷониби ширкати суғуртавӣ идоранашавандаи шароити муҳити беруна ба инобат гирифта шаванд, ки инҳоянд:

- пешрафти илмӣ – техникӣ;
- муҳити давлатӣ – сиёсӣ (босуботии сиёсати давлатӣ ва иҷтимоӣ, ки ба дастгирии фаъолияти суғуртавӣ нигаронида шудааст);
- вазъи иқтисодиёт (шумораи аҳолӣ, низоми пулӣ, мавқеи асъор, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайра);
- муҳити иҷтимоӣ – ахлоқии бозори суғурта (сатҳи фарҳанги суғуртавӣ, анъанаҳои миллӣ, таркиби қавмӣ ва ғайра);
- конъюнктураи бозори ҷаҳонии суғурта.

Бинобар ин, рақобатпазирии ширкати суғуртавиро ҳамчун нигоҳ доштани арзишҳои нишондиҳандаҳои стратегии фаъолияти он дар ҳолати устуворӣ таъриф кардан мумкин аст, ки самаранокии иқтисодии бизнесро дар сатҳи барои соҳибмулкон қобили қабул таъмин мекунад. Чунин нишондиҳандаҳои стратегӣ дар ин ҳолат метавонанд инҳо бошанд: суботи молиявӣ ва пардохтпазирӣ, ҳаҷми шабакаи амалкунандаи шуъбаҳо, шабакаи амалкунандаи агентиҳо, суръати афзоиши ҷамъоварии мукофотҳои суғуртавӣ, зарароварии амалиётҳои суғуртавӣ, ҳиссаи бозор ва ғайра. Ҳамин тавр, маҷмуи мушаххаси нишондиҳандаҳои мақсаднок аз ҷониби ширкат эълон шуда, ба вазифаҳои стратегии дар назди он истода вобаста мебошад.

Дар баробари ин, хизматрасонии суғуртавӣ аз ҷониби мо ҳамчун раванди дастгирии ин уҳдадорӣ таъриф мешавад, пас сатҳи рақобатпазирии он дар ҳар як марҳилаи он муайян карда мешавад; аз ҷумла:

- аквизатсия (ба даст овардан);
- андеррайтинг;
- машваратҳо;

- хизматрасонӣ ба аризаҳо;
- раванди танзими даъвоҳо;
- хизматрасонии иловагӣ (ки воқеан иҷрои уҳдадориҳо дар шакли билмол (натуралӣ) мебошад);
- пешбурди таърихи суғурта;
- амалияи ҳисоб кардани бонусҳо ва ғайра.

Мусаллам аст, ки таъмини раванди бастан ва иҷрои шартномаи суғурта, яъне хизматрасонии суғуртавӣ, бо инҳо муайян карда мешавад:

- сатҳи фарҳанги корпоративии ташкилот;
- омодагӣ ва ҷалби кормандони он;
- мувофиқати тарофаҳо ба шароити пешниҳодшуда;
- ҳаҷм ва мутавозинии портфели суғуртавӣ;
- ҳиссаи бозори аз ҷониби ташкилот фарогирифташуда.

Пас ҳамаи ин нишондиҳандаҳо рақобатпазирии худи ширкати суғуртавиро тавсиф мекунанд. Рақобатпазирии хизматрасонии суғуртавӣ дар шароити муайян метавонад ба чунин категорияи иқтисодӣ, ба монанди сифат айният дода шавад ва рақобатпазирии ширкати суғуртавиро бошад дар ин замина, ҳамчун самаранокии он баррасӣ кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, рақобатпазирии хизматрасониҳои суғуртавӣ бо сатҳи рақобатпазирии ширкати суғуртавӣ муайян карда шуда, барои таъмини рақобатпазирии ширкати суғуртавӣ бошад, рақобатпазирии хизматрасониҳои суғуртавии он зарур мебошад.

Хусусияти хоси аксарияти суғурташавандагони ватанӣ, ки асоси рафтори бозаргонии онҳоро муайян мекунад, аз вобастагии онҳо на танҳо аз пардохтпазирии суғурташавандагон, балки аз ҳолати пардохтпазирӣ ва садоқати як ё якчанд муштариёни асосӣ иборат мебошад. Ин табиист, ки масъалаи устуворӣ ва динамикаи рушди суғуртакунандагон аз ҳисоби даромади муштариён, хусусан дар шароити буҳрон боз ҳам шиддатнок мегардад.

Ҳоло ба ҳайси усули муваффақтари ҳавасмандгардонии рақобат, таъминоти кластерии рақобатпазирии истеҳсолкунандагон эътироф шудааст.

Ҳамзамон, таҳқиқи имкониятҳои муносибати кластерӣ барои рушди рақобатпазирии бизнеси суғуртавӣ ҷолиб ба назар мерасад. Имкониятҳои онро барои баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ ва хизматрасонии онҳо аз ду ҷиҳат баррасӣ кардан мумкин аст:

- ворид кардани ташкилотҳои суғуртавӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ ба кластерҳои саноатӣ ба сифати амалҳои таъмини менеҷменти хавфҳо ва манбаи захираҳои сармоягузорӣ;
- имконият барои ташкили кластерҳои молиявие, ки хоҷагии халқро бо хизматрасониҳои рақобатпазири суғуртавӣ таъмин мекунанд.

Аз ин лиҳоз, ворид кардани ташкилотҳои суғуртавӣ ба кластерҳои саноатӣ барои суғурташавандагон маънои мавҷудияти бозори пардохтпазирро дорад, ки ба ҷалби суғурта, ба сифати манбаи ҳимоя аз хавфҳои соҳибкорӣ манфиатдор аст.

Зимни истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва таъсири равандҳо дар миёни субъектҳои бозори ширкатҳои суғуртавӣ рақобатнокӣ дар се раванд дида мешавад. Инҳо: дастгирикунанда ва истиқболгиранда, манфӣ, муҳофизакор ва бетараф мебошанд. Бинобар ин, дар баррасии бизнес – дурнамои ҷаҳонишавӣ барои бозори суғуртаи ИДМ, ба назари мо ду муносибат: маркетингӣ ва молиявӣ мавҷуд аст.

Муносибати маркетингӣ ба арзёбии дурнамоҳо ба дараҷаи нисбатан пасти фарогирӣ бо хизматрасониҳои суғуртавӣ ва интизории идомаи тамоюли афзоиши ҷамъоварии мукофотҳои суғуртавӣ асос ёфтааст ва аз ин рӯ, дар маркетологҳои суғуртавӣ ҳиссаи муайяни хушбиниро ба миён меорад.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, кормандони соҳаи молия, директорони молиявии ширкатҳои классикии суғуртавии кишварҳои ИДМ дар вазъи мушкили омезиш додани муносибати муҳофизакори молиявӣ дар арзёбии самаранокии ин ё он қарорҳои идоракунӣ бо зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои нави идоракунӣ, аз қабили буҷетгузорӣ, назорат, низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ, низомҳои нишондодҳои тавозунӣ ва ғайра қарор доранд. Ғайр аз ин, онҳо маҷбуранд мафкураи моро бо низоми идоракунии

хавфҳо, ки дар соҳаи функсионалӣ, дар муҳити дохилӣ ва берунӣ тавлид меёбанд, омезиш диҳанд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ бо тамаркузи минбаъдаи сармоя дар гурӯҳҳои суғуртавӣ ва муттаҳидшавии онҳо бо сармояи бонкӣ ва молиявӣ–саноатӣ сурат мегиранд. Ҷаҳонишавии бозори суғурта аз раванди аз байн бурдани монеаҳои қонунгузорӣ ва иқтисодӣ, байни ширкатҳои миллии суғуртавӣ иборат мебошад, ки зери таъсири тағйирот дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал омада, ҳадафи ниҳоии он ташаккули фазои ҷаҳонии суғуртавӣ мебошад.

Вобаста ба гуфтаи боло ва бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори суғуртавӣ таъсис додани ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобиларо барои иқтисодиёт тавсия менамоем:

1. Дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ зарур аст, ки Қонун “Дар бораи суғуртаи хавфҳои кишоварзӣ” таҳия карда шавад. Қонун бояд бо фароҳам овардан ва таъмин намудани шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ экологӣ ва ҳуқуқӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани даромаднокии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) равона гардад.

2. Таъсис додани ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро дорад. Давлат бояд ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), аъзои ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила дар пардохти ҳадди ақал як қисми ҳақпулиҳои суғуртавӣ дастгирии молиявӣ намояд. Яъне дастгирии буҷетӣ метавонад дар ташаккули ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобилаи кишоварзӣ, ки мушкилоти асосии рушди онҳо аз маҳдудияти хеле калони маблағҳо иборат аст, нақши ҳалкунанда бозад.

### 3.4. Рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳибкории суғуртавӣ

Соҳибкори суғуртавӣ дар низоми суғуртавӣ ҳамчун воситаи муҳимми markdownазнавташаккулдиҳандаи муносибатҳои суғуртавӣ иштирок менамояд ва давлат ҳамчун институти асосӣ, ки шароити мусоидро барои рушди он таъмин менамояд, мавқеи худро устувор мегардонад. Аз ин рӯ, низоми суғуртавӣ ё бозори суғурта, як қисми бозори молиявӣ мебошад. Тавре дар фасли қаблӣ қайд карда шуд, ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун ниҳоди махсусгардонидашудаи молиявӣ буда, пасандозҳои аҳолиро бо роҳи пешниҳоди хизматрасониҳои аз хизматрасониҳои бонкӣ фарққунанда сафарбар мекунанд. Бо ҷалби маблағҳои субъектҳои иқтисод имкон фароҳам меояд, ки лоиҳаҳои дарозмуҳлати сармояталаб ба муҳлати дароз маблағгузорӣ карда шаванд[74]. Бинобар ин, барои маблағгузории сармоягузориҳои дарозмуҳлат аҳамияти ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳои молиявии ғайрибонкӣ эътибори зиёд дорад.

**Ҷадвали 3.4.1**

**Шумораи ҳолатҳои фавқулодаи бақайдгирифташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳамагӣ | аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | хусусияти табиӣ дошта | хусусияти техногенӣ дошта |
| **2010** | 3098 | 236 | 2862 |
| **2011** | 2684 | 121 | 2563 |
| **2012** | 2952 | 308 | 2644 |
| **2013** | 3003 | 83 | 2920 |
| **2014** | 2916 | 67 | 2849 |
| **2015** | 2978 | 90 | 2888 |
| **2016** | 2837 | 55 | 2782 |
| **2017** | 537 | 18 | 519 |
| **2018** | 2747 | 23 | 2724 |
| **2019** | 2601 | 46 | 2555 |
| **2020** | 2824 | 25 | 2799 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ – Душанбе, 2021. С. 329.*

[74] *Дар айни замон аксари аҳолӣ дар низоми бонкӣ ба муҳлати кӯтоҳ амонат мегузоранд, ки ин барои маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуддат аз тарафи бонкҳо монеъа эҷод мекунад.

Новобаста ба ин, дар шароити муосир, вақте ки хавфҳои техногенӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мураккаб мешаванд, аҳамият ва нақши суғурта ҳамчун тасбитгари муҳимми раванди такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ меафзояд. Дар (ҷадв. 3.4.1) шумораи ҳолатҳои фавқулодаи бақайдгирифташуда дар кишвар дар солҳои 2010 - 2020 оварда шудааст.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3.4.1 дида мешавад, дар давраи солҳои 2010 – 2020 ҳарчанд шумораи умумии ҳолатҳои фавқулода дар ҷумҳурӣ то андозае коҳиш ёфта бошад ҳам, вале ҳолатҳои хусусияти техногенӣ дошта нисбат ба соли 2010 аз соли 2020 тамоюли нобаробар дорад. Масалан, дар соли 2020 дар ҷумҳурӣ  2824 ҳолати фавқулода ба қайд гирифта шуд, ки 25 ҳолати хусусияти табиӣ ва 2799 хусусияти техногениро дарбар мегирад. Бояд қайд кард, ки дар шароити шиддатёбии раванди гармшавии табиат, дар дурнамо зиёдшавии чунин ҳолатҳоро интизор шудан мумкин аст. Мутобиқан, нақш ва аҳамияти суғурта дар ҷуброни ин ҳолатҳо меафзояд. Бинобар ин, эҳсоси таҳдид ба ҳифз ва афзун кардани боигарии табиӣ ва андӯхташавандаи ҷамъиятӣ боиси зарурати эҷоди низоми муассир ва миқёсан калони фондҳои суғуртавӣ мегардад, ки барои ҷуброни саривақтии зарари пешбининашудаи моддӣ таъйин шудаанд.

Тавре борҳо қайд карда шуд, аҳамияти иқтисодии суғурта танҳо бо вазифаҳои кафолатӣ ва ҷубронии зарур маҳдуд намешавад. Маблағҳои пулие, ки дар фондҳои суғуртавӣ ҷамъ мешаванд, манбаи муҳимми сармоягузорӣ ба иқтисод мебошанд. Захираҳои молиявии ташкилоти суғуртавӣ (онҳо аз сармояи худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ иборатанд) доимо дар ҳаракат буда, дар фосилаи вақт ҷараёнҳои молиявиро ифода мекунанд. Механизми ташаккули ҷараёнҳои молиявӣ ва сармоягузории ташкилоти суғуртавиро чунин муайян менамоем (расми 3.4.1.).

Ташкилотҳои суғуртавӣ ба ғайр аз ташаккул ва истифодаи маблағҳои фонди суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари суғурташуда ва маблағгузории хароҷоти худ ҷиҳати пешбурди кор ба фаъолияти сармоягузорӣ низ машғул

мешаванд. Дар ин замина онҳо як қисми фонди суғуртавӣ ва маблағҳои худро истифода мебаранд.




**Расми 20. Механизми ташаккули ҷараёни молиявии ташкилоти суғуртавӣ**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Гардиши пулии ташкилотҳои суғуртавиро шартан ба ду раванди нисбатан мустақил тақсим кардан мумкин аст: аввалан фонди суғуртавӣ ташаккул ва тақсим карда шуда, дуюм қисми маблағҳои фонди суғуртавӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ба сармоягузорӣ равона карда мешавад. Аммо бояд қайд кард, ки ташкилоти суғуртавӣ набояд барои ба даст овардани фоидаи калон аз амалиётҳои суғуртавӣ кӯшиш намояд (ин принсипи баробарии муносибатҳои суғуртакунанда ва суғурташавандаро вайрон мекунад). Зери мафҳуми фоида аз амалиётҳои суғуртавӣ натиҷаи мусбати молиявие фаҳмида мешавад, ки дар он зиёдшавии даромадҳо назар ба хароҷоти таъмини ҳимояи суғуртавӣ ба даст меояд. Амалиётҳои суғуртавӣ метавонанд баъзан фоидаи хеле назаррасро биёранд, аммо гирифтани он ҳамчун зиёдшавии даромадҳо назар ба хароҷот набояд барои ташкилоти суғуртавӣ меъёр шавад, зеро самаранокии ҷамъиятии фаъолияти суғуртакунандаро ҳам ҳангоми фоидаи ночиз аз амалиётҳои

суғуртавӣ ва дар ҳолатҳои муайян бошад, ҳам ҳангоми мавҷуд набудани он хеле баланд арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, ба андешаи муаллиф, маҳз бо таваҷҷуҳ ба суғуртаи ҳаёт фоидаи интизоршаванда аз истифодаи маблағҳои захираҳои ҳақпулиҳо дар фаъолияти сармоягузорӣ ҳангоми муайян кардани тарофа пешакӣ ба инобат гирифта шуда, ҳамзамон ба коҳиш ёфтани он бо таъсиррасонӣ ба андозаи фонди суғуртавӣ мусоидат мекунад.

Ташкилотҳои суғуртавӣ бо доштани маблағҳои азими пулӣ аз ҳисоби ҳақпулиҳои суғуртавӣ, ки дар фондҳои суғуртавӣ ҷамъ оварда шудаанд, пардохтҳоро танҳо ҳангоми воқеан сар задани ҳолати суғуртавӣ анҷом медиҳанд. Бинобар ин, дар ин ҷо фосилаи замонӣ вуҷуд дорад, ки дар давоми он ширкати суғуртавӣ имкон дорад, маблағҳои муайяни пулиро ба соҳаи сармоягузорӣ гузошта, даромад ба даст орад. Сатҳ ва сифати иштироки онҳо дар раванди сармоягузорӣ аз рӯйи иқтидори сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ муайян карда мешавад. Иқтидори сармоягузорӣ аз маҷмуи маблағҳои пулие (муваққатан ё нисбатан озод аз ӯҳдадориҳои суғурта), ки барои сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани даромади сармоягузорӣ истифода мешаванд, иборат мебошад. Сохтори ҷамъбастии иқтидори молиявии ташкилоти суғуртавӣ дар ҷадвали 3.4.2. нишон дода шудааст.

Азбаски дар ташкилоти нави суғуртавӣ ҳанӯз фонди мувофиқи суғуртавӣ, ки қодир бошад ба зарарҳои калон тоб оварад, ташаккул наёфтааст, аз ин рӯ, дар марҳилаи аввали фаъолияташ андозаи сармояи худӣ ҳам ҳангоми гирифтани иҷозатнома барои ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти суғуртавӣ, ҳам дар фаъолияти минбаъда аҳаммияти калон дорад.

**Ҷадвали 3.4.2.**

**Сармояи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ**

| р/т | Иқтидори молиявӣ | Сохтор |
|---|---|---|
| 1 | Сармояи худӣ | – сармояи оинномавӣ<br>– сармояи иловагӣ ва захиравӣ<br>– фоидаи тақсимнашуда<br>– фонди соҳаи иҷтимоӣ |
| 2 | Сармояи ҷалбшуда ва қарзгирифта | – захираҳои суғуртавӣ<br>– қарзҳо ва вомбаргҳо<br>– қарздории кредиторӣ |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тавр, сармояи худӣ аз сармояи оинномавӣ, иловагӣ, захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда иборат аст. Ин сармоя бо роҳи ворид кардани ҳақпулиҳо аз муассисон ташаккул ёфта, минбаъд аз ҳисоби фоида аз фаъолияти суғуртавӣ, даромадҳои сармоягузориҳо, инчунин бо роҳи эмиссияи иловагии саҳмияҳо пур карда мешавад. Сармояи оинномавии ташкилоти суғуртавӣ аз саҳмҳои пулии муассисони он аз ҳисоби ҳақпулии инфиродӣ (ташкилоти хусусӣ) ё аз ҳисоби сармоягузории гурӯҳии аъзоён – саҳмдорони ширкат ташаккул меёбад. Барои оқилона будани муқаррароти дар боло овардашуда вазъи молиявии ду ташкилоти калони суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида мебароем (ниг. ҷадвали 3.4.3.).

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3.4.3. дида мешавад, дар давраи аз соли 2010 то соли 2015 маблағи суғуртавии КВД «Тоҷиксуғурта» ҳамагӣ ба 40,9%, пардохтҳои маблағи суғуртавӣ – 19,8% ва ҳаҷми захираҳо ба 11,9% афзоиш ёфтааст. Сармояи оинномавӣ дар давраи мавриди таҳлил 16% зиёд шудааст. Маблағи амонатҳо дар бонк 12,5% зиёд шуд. Аммо вазни холиси захираҳо дар ҳаҷми умумии маблағи суғуртавӣ аз 4,14 то 3,28%, сармояи оинномавӣ аз 18,1% то 15,% ва ҳаҷми амонатҳо дар бонк аз 25,2 то 20,1% коҳиш ёфтанд. Ин аз коҳиш ёфтани иқтидори сармоягузории ширкати номбаршуда шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3.4.3.**

**Сармояи ширкатҳои пешбари суғуртавии ташкилотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | | 2015 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тоҷик суғурта | Тоҷик сармоягузор | Тоҷик суғурта | Тоҷик сармоягузор | Тоҷик суғурта | Тоҷик сармоягузор |
| **Ҳамагӣ, маблағи суғуртавӣ** | 52100,0 | 4800,0 | 62300,0 | 5800,0 | 26600,0 | 4700,0 |
| **Пардохти маблағи суғуртавӣ** | 10900,0 | 0,2 | 14000,0 | 0,3 | 4910,0 | 0,7 |
| **Захираҳо** | 1798,2 | 7689,2 | 1900,1 | 8825,9 | 2012,1 | 9123,5 |
| **Бо % нисбат ба маблағи суғуртавӣ** | 4,14 | 2,5 мар. | 3,29 | 2,5 мар. | 3,28 | 2,29 мар. |
| **Маблағи амонатҳо дар бонк** | 10980,4 | 16989,3 | 12000 | 18987,2 | 12354,1 | 19567,3 |
| **Бо % нисбат ба маблағи суғуртавӣ** | 25,2 | 5,6 мар. | 20,7 | 5,3 мар. | 20,1 | 4,91 |
| **Сармояи оинномаӣ** | 7894,2 | 2567,2 | 8235,1 | 2700,0 | 9231,3 | 2878,1 |
| **Бо % нисбат ба маблағи суғуртавӣ** | 18,1 | 86,0 | 14,2 | 76,2 | 15,0 | 72,3 |

*Сарчашма: Дар асоси ҳисоботи ширкатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД «Тоҷиксуғурта» ва КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» барои соли 2021 ҳисоб карда шудааст.*

Дар КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» вазъи молиявӣ нисбат ба КВД «Тоҷиксуғурта» хеле беҳтар аст. Маблағи умумии суғуртавӣ дар давраи мавриди таҳлил 33,3%, пардохти маблағи суғуртавӣ 9,8%, захираҳо 18,6%, маблағи амонатҳо дар бонк 78,2%, сармояи оинномавӣ 12,1% зиёд шудааст.

Барои татбиқи масъалаи гузошташуда тафсили динамикаи нишондиҳандаҳои алоҳидаи фаъолияти КВД "Тоҷиксуғурта" таҳия гардиданд (ҷадвали 3.4.4.).

**Ҷадвали 3.4.4.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилоти суғуртавии КВД “Тоҷиксуғурта” (млн. сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мукофоти суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 52,0 | 58,8 | 66,4 | 60,5 | 32,8 | 26,6 |
| 1.1. | Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | 32,3 | 35,5 | 36,6 | 34,5 | 8,6 | 4,19 |
| 1.2. | Суғуртаи ҳатмӣ | 5,8 | 7,2 | 7,5 | 2,6 | 2,2 | 2,09 |
| 1.3. | Суғуртаи ихтиёрӣ | 13,9 | 16,1 | 21,3 | 23,4 | 22,0 | 20,3 |
| 2. | Мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ додашуда | - | - | - | - | - | - |
| 3. | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 10,9 | 3,0 | 13,9 | 15,2 | 5,93 | 4,91 |
| 3.1. | Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | 5,6 | 1,3 | 6,4 | 5,9 | 1,34 | 1,13 |
| 3.2. | Суғуртаи ҳатмӣ | 0,8 | 0,3 | 0,8 | 1,03 | 0,11 | 0,11 |
| 3.3. | Суғуртаи ихтиёрӣ | 4,5 | 1,4 | 6,7 | 8,27 | 4,48 | 3,67 |
| 4. | Талофи хароҷотҳо аз хавфҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ дода шудааст | - | - | - | - | - | - |
| 5. | Миқдори шартномаҳои басташуда, ҳамагӣ: | 1,0 | 1,3 | 1,4 | 1,4 | 0,75 | 0,54 |
| 6. | Сармоягузориҳо, ҳамагӣ: | 15,0 | 15,2 | 13,2 | 8,4 | 7,82 | 8,2 |
| 6.1. | Коғазҳои қиматнок | 4,1 | 4,0 | 3,97 | 4,1 | 3,97 | 4,1 |
| 6.2. | Пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ | 1,9 | 11,2 | 8,7 | 4,3 | 3,47 | 3,7 |
| 6.3. | Дигар сармоягузориҳо | | | | | | |
| 7. | Андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет | 5,36 | 5,64 | 6,75 | 5,62 | 4,10 | 3,59 |
| 8. | Пардохти маблағҳо ба буҷет дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.с.2010. №650 | 29,8 | 18,5 | 19,0 | 13,2 | 1,67 | 0,61 |
| 9. | Шумораи кормандон, ҳамагӣ: | 987 | 977 | 1066 | 1070 | 752 | 656 |
| 10. | Музди меҳнати кормандон, ҳамагӣ: | 11,7 | 14,3 | 19,1 | 18,4 | 13,3 | 12,4 |

*Сарчашма: Дар асоси ҳисоботи КВД «Тоҷиксуғурта» барои соли 2021 ҳисоб карда шудааст.*

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3.4.4. дида мешавад, дар соли 2020 ҳиссаи мукофотҳои суғуртавӣ насбат ба соли 2010 қариб як баробар кам шудааст, ки аз ҳисоби намудҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ ба амал омадааст.

Маблағи пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар соли 2020, ба 4 млн. 910 ҳаз. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010, маблағи 10 млн. 900 ҳаз. сомониро дар бар мегирад, ки қариб як баробар ҷуброни суғуртавӣ кам дида мешавад.

Ҳамин тариқ, маҷмуи сармоя дар соли 2020 маблағи 8200 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2010, 15 млн. сомонӣ мебошад, яъне сармояи маҷмуии саҳомӣ як баробар кам шудааст.

Ҳамзамон ба ақидаи муаллиф дар КВД ШС “Тоҷиксармоягузор” яке аз сабабҳои рушд наёфтани соҳаи мазкур ба таври пурра ташаккул наёфтани инфрасохтори бозор маҳсуб меёбад (3.4.5.).

Ҳамин тавр, таҳлили маълумоти ҷадвали 3.4.5. нишон медиҳад, ки маҷмуи пардохтҳои суғуртавӣ (мукофотпулиҳои суғуртавӣ) аз ҷониби ташкилоти суғуртавии КВД ШС “Тоҷиксармоягузор” дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2010 дар бозори суғурта тамоюли устувори манфӣ доранд. Агар дар соли 2010 ҳаҷми ҷамъоварии мукофотпулиҳо 4800 ҳаз. сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 маблағи 4700 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад, яъне 100 ҳаз. сомонӣ кам ворид шудааст. Ҳаҷми онҳо нисбат ба маҷмуи сармоя дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2010 ба андозаи 700 ҳаз.сомонӣ мебошад, ки бетағйир буда, фақат сармоя дар коғазҳои қиматнок дида мешавад. Дар нишондиҳандаҳои ташкилоти суғуртавии КВД ШС “Тоҷиксармоягузор” дар давоми даҳ соли охир (2010-2020) дар бозори суғурта тамоюли устувори молиявӣ дида намешавад.

**Ҷадвали 3.4.5.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилоти суғуртавии КВД ШС "Тоҷиксармоягузор" (млн. сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мукофоти суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 4,8 | 4,9 | 2,8 | 3,7 | 2,9 | 4,7 |
| 1.1. | Суғуртаи ҳатмӣ | - | - | - | - | - | - |
| 1.2. | Суғуртаи ихтиёрӣ | 4,8 | 4,9 | 2,8 | 3,7 | 2,9 | 4,7 |
| 2. | Мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ додашуда | 0,8 | 1,0 | 1,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 |
| 3. | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 0,2 | 0,1 | 0,3 | 0,6 | 0,4 | 0,7 |
| 3.1. | Суғуртаи ҳатмӣ | - | - | - | - | - | - |
| 3.2. | Суғуртаи ихтиёрӣ | 0,2 | 0,1 | 0,3 | 0,6 | 0,4 | 0,7 |
| 3.3. | Талофи харочотҳо аз хавфҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ дода шудааст | | | | | | |
| 4. | Миқдори шартномаҳои басташуда, ҳамагӣ (адад): | 16763 | 9917 | 8101 | 8306 | 6123 | 3200 |
| 5. | Сармоягузориҳо, ҳамагӣ: | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 |
| 5.1. | Коғазҳои қиматнок | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 |
| 5.2. | Пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ | | | | | | |
| 5.3. | Дигар сармоягузориҳо | - | - | - | - | - | - |
| 6. | Андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет | 1,1 | 1,0 | 2,0 | 1,5 | 1,8 | 2,4 |
| 7. | Шумораи кормандон, ҳамагӣ: | 58 | 62 | 65 | 53 | 58 | 64 |
| 8. | Музди меҳнати кормандон, ҳамагӣ: | 0,8 | 1,1 | 1,5 | 1,4 | 1,3 | 2,0 |

*Сарчашма: Дар асоси ҳисоботи КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» барои соли 2021 ҳисоб карда шудааст.*

Аз таҳлилҳои ҷадвали 3.4.6 бармеояд, ки ҳиссаи мукофотҳои суғуртавӣ дар соли 2020 маблағи 3400 ҳаз. сомониро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2010 ба андозаи 1 млн. 600 ҳаз. сомонӣ барзиёд иҷро шудааст. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар соли 2020 ба маблағи 800 ҳаз. сомонӣ буда, дар соли

2010 маблағи 100 ҳаз. сомониро дар бар мегирад, ки 700 ҳаз. сомонӣ зиёд шудааст. Нисбат ба маҷмуи сармоя бошад, аз тарафи ҶДММ ТС "Меҳнат" ягон маблағ сармоя дида намешавад.

**Ҷадвали 3.4.6.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилоти суғуртавии ҶДММ «ТС «Меҳнат» (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мукофоти суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 1,8 | 2,1 | 2,5 | 4,1 | 3,6 | 3,4 |
| Суғуртаи ҳатмӣ | | | | | | |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 1,8 | 2,1 | 2,5 | 4,1 | 3,6 | 3,4 |
| Мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ додашуда | 0,5 | 0,8 | 0,3 | 2,3 | 1,8 | 0,7 |
| Пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ҳамагӣ: | 0,1 | 0,1 | 0,4 | 0,06 | 0,05 | 0,8 |
| Суғуртаи ҳатмӣ | | | | | | |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 0,1 | 0,1 | 0,4 | 0,06 | 0,05 | 0,8 |
| Талофи хароҷотҳо аз хавфҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ дода шудааст | | | | | | |
| Миқдори шартномаҳои басташуда, ҳамагӣ (адад): | 181 | 153 | 91 | 92 | 50 | 48 |
| Сармоягузориҳо, ҳамагӣ: | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| Қоғазҳои қиматнок | | | | | | |
| Пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ | | | | | | |
| Дигар сармоягузориҳо | | | | | | |
| Андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет | 0,69 | 0,7 | 0,86 | 0,57 | 2,11 | 0,72 |
| Шумораи кормандон, ҳамагӣ: | 10 | 12 | 11 | 11 | 8 | 8 |
| Музди меҳнати кормандон, ҳамагӣ: | 0,2 | 0,3 | 0,6 | 1,1 | 0,8 | 0,2 |

*Сарчашма: Дар асоси ҳисоботи ширкати ҶДММ «ТС «Меҳнат» барои соли 2021 ҳисоб карда шудааст.*

Дар баробари ин, ташкилотҳои суғуртавӣ дар фурӯши дороиҳои худ ҳамчун манбаъҳои бовариноки сармоявӣ ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии даромад ғайрифаъол мебошанд.

Ҳамин тавр, сармоя бо роҳи ворид кардани ҳақпулиҳо аз муассисон ташаккул ёфта, минбаъд аз ҳисоби фоида аз фаъолияти суғуртавӣ, даромадҳо, инчунин бо роҳи эмиссияи иловагии саҳмияҳо пур карда мешавад (ниг ба расми 21).




**Расми 21. Динамикаи мукофоти суғуртавӣ ва пардохти ҷуброни суғуртавӣ**

*Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj*

Барои тасдиқи гуфтаҳои дар боло овардашуда вазъи молиявии ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки фаъолияташон нисбатан устувор аст, дида мебароем (ниг. ҷадвали 3.4.7.).

**Ҷадвали 3.4.7. Динамикаи воридоти мукофотҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ дар панҷгонаи ташкилотҳои суғуртавӣ (млн. сомонӣ)**

| № | Номи ташкилоти суғуртавӣ | Мукофоти суғуртавӣ | | 2020 нисбат ба 2010,% | Ҷуброни суғуртавӣ | | 2020 нисбат ба 2010,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2020 | | 2010 | 2020 | |
| 1 | КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» | 4,8 | 4,7 | 97,9 | 0,2 | 0,7 | 350,0 |
| 2 | КВД «Тоҷиксуғурта» | 52,0 | 26,6 | 51,1 | 10,9 | 4,9 | 44,9 |
| 3 | ҶДММ ТС «Муин» | 3,2 | 3,6 | 112,5 | 0,3 | 0,6 | 200,0 |
| 4 | ҶДММ ТС «Меҳнат» | 1,8 | 3,4 | 188,8 | 0,1 | 0,8 | 800,0 |
| 5 | ҶДММ ТС «Итминон» | 0,6 | 1,3 | 216,6 | 0,03 | 0,06 | 200,0 |

*Сарчашма: Ҳисоботи ширкатҳои таҳлилшаванда барои соли 2021 ҳисоб карда шудааст.*

Чи тавре ки рақамҳои ҷадвали 3.4.7. нишон медиҳанд, дар давраи солҳои 2010 - 2020 ҳаҷми мукофоти суғурта дар ҶДММ ТС «Муин», ҶДММ ТС «Меҳнат» ва ҶДММ ТС «Итминон» мутобиқан 112,5%, 188,8% ва 216,6% зиёд шудааст. Аммо пардохти ҷуброни суғуртавӣ, масалан дар ҶДММ ТС «Муин» ба 16,6% воридоти мукофоти суғурта рост меояд, ки ин нишондиханда дар ҶДММ ТС «Меҳнат» 23,5% ва дар ҶДММ ТС «Итминон» бошад ҳамагӣ 4,6% -ро ташкил додааст. Чи тавре ки мебинем, дар ин ташкилотҳои суғуртавӣ имконияти фарохи сармоягузорӣ вуҷуд дорад.

Гарчанде ки имкониятҳои молиявӣ ва сармоягузории ширкатҳо босубот бошанд ҳам, аммо вазни холиси захираҳо, амонатҳо дар бонк ва сармояи оинномавӣ дар маблағи умумии суғуртавӣ тамоюли пастравӣ доранд. Тавре рақамҳои ҷадвали 3.4.8. нишон медиҳанд, миёни ташкилотҳои суғуртави дар самти сармоягузорӣ ва гирифтани даромад аз ин фаъолият ҶДММ ТС «Муин» нисбатан фаъол аст. Дар давраи солҳои 2010 - 2020 ҳаҷми сармоягузории он барои ба даст овардани коғазҳои киматнок аз 0,8 то 1,5 млн. сомонӣ маротиба ва ҳаҷми амонатҳои он бошад аз 5,9 то 7,7 млн. сомонӣ афзудааст.

**Ҷадвали 3.4.8.**

**Фаъолияти сармоягузорӣ дар панҷгонаи ташкилотҳои суғуртавӣ (млн. сомонӣ)**

| № | Номгӯи ташкилотҳои суғуртавӣ | Коғазҳои қиматнок | | | Амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2020 | 2010 | 2015 | 2020 |
| 1 | КВД «Тоҷиксуғурта» | 4,1 | 4,1 | 0,0 | 10,9 | 3,7 | 0,0 |
| 2 | КВД ШС «Тоҷиксармоягузор» | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| 3 | ҶДММ ТС «Муин» | 0,8 | 1,5 | 1,5 | 5,9 | 7,2 | 7,7 |
| 4 | ҶДММ ТС «Меҳнат» | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| 5 | ҶДММ ТС «Итминон» | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,95 | 1,3 | 1,5 |

*Сарчашма: Ҳисоботи ширкатҳои номбурда дар солҳои муқарраргардида. www.tojiksugurta.tj www.sarmoya.tj www.muin.tj. www.trud.tj www.itminon.tj*

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки имкониятҳои молиявӣ ва сармоягузории ширкати КВД «Тоҷиксуғурта» босуботтар мебошад, аммо вазни холиси захираҳо, амонатҳо дар бонк ва сармояи оинномавӣ дар маблағи умумии суғуртавӣ тамоюли пастравӣ доранд. Дар асл собит мешавад, ки фаъолияти ин ширкатҳо барои суғурташавандагон ҷолибтар аст, зеро онҳо имкон доранд қисми меъёри даромаднокии ин ширкатҳои сармоягузорро аз ҳисоби мукофотҳои аз ҷониби онҳо гузошташудаи суғуртавӣ ба даст биёранд.

Бояд қайд кард, ки сармояи захиравӣ барои нигоҳ доштани сармояи (арзишҳои) субъектҳои иқтисод ва ҷуброни андозаи хисороти ин арзишҳо, безарар кардани таъсири хавфҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Дар робита ба ин, тақсимоти ҳақпулиҳои суғуртавӣ ба фонди ҷуброн, фонди захиравӣ, фонди чорабиниҳои пешгирикунанда ва фонди ташкили фаъолияти суғуртавӣ (сарборӣ) дар асоси хусусиятҳои соҳа ва дараҷаи хавфи объектҳои суғурта амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми суғуртаи мусофирон маблағи ҳақпулиҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми 20 – 25 фоиз ба ташкилотҳои суғуртавӣ, 3 – 6 фоиз ба фонди чорабиниҳои пешгирикунанда ва 5 фоиз ба фонди захиравӣ фиристода мешавад, чунки эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ин объектҳо имконпазир аст. Худи ҳамин ҳолат дар объектҳои суғуртавии масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳодисаҳои нохуш ҳам ба мушоҳида мерасад. Дар дигар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ зиёдтар аз 92 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ҷадвали 3.4.9.).

Тарофаҳои суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои ихтиёрии суғуртаи шахсӣ, суғуртаи амвол ва суғуртаи масъулиятро суғурташавандагон метавонанд мустақилона ҳисоб кунанд. Андозаи мушаххаси тарофаи суғуртавӣ дар шартномаи суғурта бо мувофиқаи тарафҳо муайян карда мешавад.

Барои сармоягузорӣ ширкати суғуртавӣ асосан танҳо он қисми маблағҳои пулии мавҷударо истифода мебарад, ки фонди суғуртавӣ ва сармояи мустақилро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 3.4.9.**

**Сохтори хароҷотҳои суғуртаи ҳатмӣ, ҳатми давлатӣ дар КВД “Тоҷиксуғурта” (бо %)**

| № | Намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Фонди ҷуброни суғуртавӣ | Фонди захиравӣ | Фонди чорабиниҳои пешгирикунанда | Хароҷот барои ташкили фаъолияти суғуртавӣ |
| 1 | Корхонаҳои кишоварзӣ | 100,0 | 89,0 | 2,0 | 3,0 | 6,0 |
| 2 | Мусофирон | 100,0 | 70,0 | 5,0 | – | 25,0 |
| 3 | Ҳодисаҳои нохуш | 100,0 | 70,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 |
| 4 | Масъулияти шаҳрвандӣ | 100,0 | 50,0 | 20,0 | 12,0 | 18,0 |
| 5 | Вакилони халқ | 100,0 | 92,0 | 5,0 | – | 3,0 |
| 6 | Хизматчиёни давлатӣ | 100,0 | 92,0 | 5,0 | – | 3,0 |
| 7 | Президент | 100,0 | 92,0 | 5,0 | – | 3,0 |
| 8 | Мусофирон дар нақлиёти байналмилалии автомобилӣ | 100,0 | 70,0 | 5,0 | 6,0 | 19,0 |
| 9 | Сӯхтор | 100,0 | 70,0 | 4,0 | 6,0 | 20,0 |

*Сарчашма: Дар асоси ҳисоботи КВД «Тоҷиксуғурта» дар соли 2020.*

Ба ибораи дигар, ташкилотҳои суғуртавӣ портфели сармоягузориро ташкил медиҳанд, ки ба татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Портфели сармоягузории суғуртакунанда аз маҷмуи асноди молиявие иборат аст, ки аз ҷониби ширкати суғуртавӣ дар раванди сармоягузорӣ ба даст оварда шуда, барои гирифтани даромади сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст. Ин портфели сармоягузорӣ бояд тавре мутавозин карда шавад, ки сатҳи даромаднокиро ҳангоми нигоҳ доштани боэътимодии истисноии ширкат таъмин намояд.

Сатҳ ва сифати портфели сармоягузорӣ аз сатҳи иқтидори сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, бори дигар ба тавсифоти иқтидори сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ, ки қисми таркибии иқтидори молиявии ширкати суғуртавӣ мебошад ва барои сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст, бармегардем.

Андозаи иқтидори сармоягузорӣ он қисми иқтидори молиявиеро ташкил медиҳад, ки пас аз тарҳ кардани хароҷоти пешбурди кор, маблағҳои қарзӣ ва ҳақпулии суғуртавӣ боқӣ мемонад. Агар ҳаҷми ин унсурҳо бо суръати пешраванда, яъне дар муқоиса бо суръати афзоиши ҳаҷми фонди суғуртавӣ ва сармояи худӣ афзоиш ёбад, пас вазъияте ба вуҷуд меояд, ки ҳангоми афзоиши иқтидори молиявии ширкати суғуртавӣ иқтидори сармоягузории он кам мешавад. Дар амалия ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки ширкатҳои суғуртавӣ дорои иқтидори бузурги молиявӣ мебошанд, аммо иқтидори сармоягузорӣ вуҷуд надорад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо ва ба андешаи муаллиф, сабабҳои ташаккули иқтидори сармоягузориҳои ширкатҳои суғуртавӣ метавонанд инҳо бошанд (расми 22).




**Расми 22. Нақшаи ташаккули иқтидори сармоягузории ширкати суғуртавӣ**

*Сарчашма: Аз рӯйи асари Янов В.Э. Инвестиционная деятельность страховых компаний: принципы организации, регулирование и оптимизация /http://symixins.narod.ru/afi07.htm тартиб дода шудааст.*

Ба иқтидори сармоягузорӣ асосан омилҳои зерин таъсир мерасонанд: *ҳаҷми мукофотҳои суғуртавии ҷамъоваришаванда; сохтори портфели суғуртавӣ, зарароварӣ ё фоидаоварии амалиётҳои суғуртавӣ, шароити танзими давлатии ташаккули фондҳои суғуртавӣ, муҳлати* шартномаҳои суғуртавӣ, ҳаҷми маблағҳои худӣ ва ғайра.

Нишондиҳандаи сатҳи кифоятии пӯшонидани захираҳои суғуртавӣ дараҷаи ҷойгиркунии маблағҳоро, ки аз ҳисоби онҳо ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавӣ дар дороиҳои сармоягузорӣ ва маблағҳои пулӣ пӯшонида мешаванд, инъикос мекунад. Тавре дар боло қайд кардем, дороиҳои сармоягузорӣ ва маблағҳои пулӣ бояд бо андозаи захираҳои суғуртавӣ мувофиқат кунанд ва ё аз онҳо зиёд бошанд.

Барои арзёбии иқтидори сармоягузории ташкилоти суғуртавӣ низоми нишондиҳандаҳое истифода мешавад, ки дар ҷадвали 3.4.10. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.4.10.**

**Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии фаъолияти сармоягузории суғуртавӣ**

| № | **Нишондиҳандаҳо** | **Формулаи ҳисобкунӣ** |
|---|---|---|
| 1 | Кифоятии пӯшонидани захираҳои суғуртавӣ, ДПср | ДПср = ИА +ДС/СР<br>ИА – дороиҳои сармоягузорӣ, сомонӣ;<br>ДС – маблағҳои пулӣ, сомонӣ;<br>СР – захираҳои суғуртавӣ,сомонӣ. |
| 2 | Даромаднокии сармоягузориҳо, Рид | Рид = П/О<br>П – фоида аз сармоягузориҳо, сомонӣ;<br>О – ҳаҷми сармоягузориҳо, сомонӣ. |
| 3 | Ҳиссаи сармоягузориҳо дар сармояи худӣ, Дид | Дид = И/Кс х100%<br>И – ҳаҷми сармоягузориҳо, сомонӣ;<br>Кс – сармояи худӣ, сомонӣ. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар акси ҳол, он маънои ҷойгиркунии маблағҳоро дар дороиҳои бозгаштӣ ё дар дороиҳои бо дараҷаи баланди хавф (масалан, қарздории дебиторӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, таҷҳизот ва мавод) мегирад. Даромаднокии сармоягузориҳо самаранокии фаъолияти сармоягузориро нишон медиҳад ва

ҳиссаи сармоягузориҳоро дар сармояи худӣ инъикос мекунад, ки чанд сомонӣ даромад ба ҳар як сомонии маблағҳои сармоягузоришудаи худӣ рост меояд.

Бояд қайд кард, ки иқтисоди ташкилоти суғуртавӣ, ба монанди ҳар гуна сохторҳои дигари соҳибкорӣ, ба принсипҳои муқоиса дар шакли пулии даромадҳо аз фаъолияти суғурта ва хароҷоти марбут ба амалисозии он асос меёбад. Муқоисаи даромадҳо ва хароҷот имкон медиҳад, ки самаранокии ташкилоти суғуртавӣ тавсиф карда шавад. Фарқияти мусбати байни даромадҳо ва хароҷот фоидаро нишон медиҳад, ки ҳамчун асос барои иҷрои кафолатноки уҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон ва дигар контрагентҳо ва барои рушди устувори ташкилоти суғуртавӣ хизмат мекунад. Аз ҷиҳати назариявӣ, мафҳуми даромад аз мавқеъҳои зерин баррасӣ карда мешавад.

Ба маънои васеъ даромади суғуртакунанда маблағи маҷмуии воридоти пулӣ ба суратҳисобҳои он дар натиҷаи амалисозии фаъолияти суғуртавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити рушди соҳибкории суғуртавӣ намуди муҳимтарин ин фаъолияти сармоягузорӣ ва мутаносибан ба даст овардани фоида аз ин фаъолият мебошад. Тибқи Низомнома оид ба баҳисобгирии муҳосибии «Даромадҳои ташкилот», ба ҳайси даромадҳои ташкилот афзоиши фоидаи иқтисодӣ дар натиҷаи воридшавии дороиҳо (маблағҳои пулӣ, амволи дигар) ва (ё) пардохти уҳдадориҳо эътироф мешавад, ки боиси афзоиши сармояи ин ташкилот, ба истисноӣ саҳми иштирокчиён (моликони амвол), мегардад. Лаҳзаи усулан муҳими таърифи мазкур рабт додан ба афзоиши маблағи сармояи худӣ мебошад. Захираҳои суғуртавӣ дар давоми муддати муайян дар ихтиёри суғуртакунанда қарор гирифта, мутобиқи қоидаҳои муқарраршуда ба дороиҳои даромаднок самоягузорӣ карда шуда, ба ширкати суғуртавӣ даромади сармоягузорӣ меоранд.

Даромад аз сармоягузориҳо аз фоизҳо аз рӯйи коғазҳои қиматнок, воридот аз иштирок дар сармояҳои оинномавии дигар ташкилотҳо, фоизҳо аз рӯйи амонатҳои бонкӣ, фоизҳо аз рӯйи мукофотҳои анборӣ (депо) дар азнавсуғуртакунандагон, фоизҳо аз рӯйи сармоягузориҳо ба амволи

ғайриманқул ва дигар воридот иборат аст. Даромади сармоягузорӣ манбаи муҳими даромад барои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад.

Ба ғайр аз ин, ҳоло дастрасии суғуртакунандагони хориҷӣ дар робита бо таъсиси ширкатҳои фаръӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар самти азнавсуғуртакунӣ васеъ мегардад, ки дар натиҷаи он захираҳои молиявию сармоявии мамлакат берун меравад. Бинобар ин, ташаккулу таҳкими азнавсуғуртакунӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии ҷумҳурӣ ба рушди соҳибкории суғуртавӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Азнавсуғуртакунӣ ин системаи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди он ташкилоти суғуртавӣ хавфро (таваккал)-ро ба суғурта кабул намуда, як қисм ё аксарияти масъулияти онро бо назардошти имкониятҳои молиявиаш аз рӯйи шартҳои мувофиқашуда, бо мақсади мувозинаи портфели суғуртавӣ, таъмини устувории молиявӣ ва даромаднокии амалиёти суғуртавӣ ба ташкилотҳои (азнавсуғуртакунӣ) месупорад. Барои ин асосҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд. Масалан, дар банди 12-и моддаи 22-и Қонуни ҶТ *«Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»* аз 23 июли соли 2016, №1349 ба назар гирифта шудааст, ки *«Ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар ҳолати мавҷуд будани ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд на камтар аз 5 фоизи хавфҳои аз рӯйи шартномаҳои асосии суғурта дар ташкилотҳои азнасуғуртакунии хориҷӣ қабулшударо, ки рейтинги баланди байналмилалӣ доранд, аз нав суғурта кунанд». Ин талабот дар қонунҳои суғуртавии пештара, масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғурта» аз соли 1994 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз соли 2010 низ вуҷуд дошт.*

Дар ин асос, ба ақидаи муаллиф, вазъияте, ки оид ба истифода бурдани системаи азнавсуғуртакунӣ аз ҷониби баъзе ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ ба миён омадааст, ба иқтисодиёти давлат зарар расонида, барои пуриқтидор шудани захираҳои худи ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ, аз ҷумла рушд ёфтани бозори суғуртавии ватанӣ монеаи таъсирбахш ба вуҷуд овардааст. Аммо, дар давоми солҳои 2008 - 2020 ҳиссаи ташкилотҳои азнавсуғуртакунии давлатҳои хориҷӣ дар ҷуброн намудани оқибати ҳодисаҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон фақат 0,13 фоизро ташкил додаасту халос, ки ин дар ҷадвали 3.4.11. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.4.11.**

**Нишондиҳандаҳои амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Ба азнавсуғуртакунӣ интиқол шудани ҳаққи азнавсуғуртакунӣ | Маблағи пардохти гирифташуда | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз ҳаққи азнавсуғуртакунӣ |
|---|---|---|---|
| **2008** | 32,6 | 0,0 | 0 |
| **2010** | 47,3 | 0,0 | 0 |
| **2011** | 25,4 | 0,0 | 0 |
| **2012** | 58,5 | 0,284 | 0,8 |
| **2013** | 47,4 | 0,0 | 0,8 |
| **2014** | 13,5 | 0,31 | 0,2 |
| **2015** | 4,5 | 0,46 | 0,2 |
| **2016** | 10,8 | 0,361 | 0 |
| **2017** | 65,9 | 0,0 | 0 |
| **2018** | 61,0 | 0,0 | 0 |
| **2019** | 3,0 | 0,0 | 0 |
| **2020** | 0,8 | 0,0 | 0 |

*Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ. Молияи Тоҷикистон. 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. - С.441 - 444.*

Дар асоси ин нишондиҳандаҳо метавон гуфт, ки 0,13% аз маблағи азнавсуғуртакунӣ набуда, аз мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ иборат мебошад, яъне он тамоман ночиз аст. Агар дар дохили Ҷумҳурии Точикистон ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ таъсис дода мешуданд ва ин ташкилотҳои азнавсуғуртакунии пассиврo роҳ намедоданд, он гоҳ нишондоди ҷадвали дар боло зикршуда тамоман ранги дигар мегирифт, яъне зиёда аз 99 фоизи азнавсуғуртакунӣ дар ҳисоби ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ (баъди ба охир расидани муҳлати шартномаи азнавсуғуртакунӣ) боқӣ мемонд.

Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ (новобаста аз шакли моликияташон) боз нишон дод, ки ягонтои онҳо эҳтиёҷи истифода бурдани системаи азнавсуғуртакуниро чун механизми таъмин кардани пардохтпазирии худ надоранд. Чунки хароҷотҳои мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ (фоидаовар набудани мукофотҳои суғуртавӣ) дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ ҳеҷ гоҳ аз 11-16 фоиз зиёд нашудааст, ки он дар ҷадвали 3.4.12 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.4.12.**

**Арзёбии мукофотҳои суғуртавӣ (таносуби фоиз байни мукофотҳои воридшуда ва пардохтҳои суғуртавӣ) дар солҳои 2010 - 2020**

| **Нишондодҳо** | **2010 - 2020** |
|---|---|
| Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ | 11-20 |
| Ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ ва сармояи онҳо (ҳаз. сомонӣ) | 34,300-256,300 |
| Воридоди ҳаққи (мукофоти) суғуртавӣ (ҳаз. сомонӣ) | 24578,8 -110800.4 |
| Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ | 6148-18662 |
| Фоизи таносуб байни ҳаққи (мукофотҳои) суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавӣ | 11.5-16,1% |

*Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ. Молияи Тоҷикистон. 30-соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. - С.441 - 444.*

Дар асоси гуфтаҳои боло, бори дигар таъкид менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани ташкилоти азнавсуғуртакунии миллӣ вазифаи аввалиндараҷа, саривақтӣ ва зарур мебошад.

Акнун мушаххас дар бораи таъсис додани ташкилоти азнавсуғуртакунии миллӣ сухан меронем. Мувофиқи карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи муқаррар намудани ҳадди ақали сармояи оинномавии пардохтшавандаи ташкилотҳои суғуртавӣ»* аз 31 марти соли 2020, №211, ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ на камтар аз 50 млн. сомонӣ қабул шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар айни замон барои ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ ҳадди акалли сармояи оинномавии

пардохтшаванда, дар ҳаҷми 50 млн. сомонӣ хеле зиёд буда, барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ монеа ба миён овардааст.

Бояд қайд кард, ки дар раванди фаъолияти ташкилоти азнавсуғуртакунии миллӣ, ҳадди ақалли сармояи оинномавии он аз ҳисоби даромадҳо ва фаъолияти сармоягузории «маблағҳои муваққатан озод» зиёд карда мешавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти суғуртавии ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ", ки фонди оинномавияш 71349,4 ҳаз. сомониро дар бар мегирад, имконияти таъсис додани ташкилоти азнавсуғуртакунии миллиро дорад. Ҳадди сармояи оинномавии пардохтшавандаи ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" қобили мулоҳиза буда, он метавонад дар асоси сармояи оинномавиаш ташкилоти азнавсуғуртакунии миллиро дар зертобеи худаш таъсис диҳад.

Ҳамзамон талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақшаи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31.12.2014, №788 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2020, №211 "ҳадди акали сармояи оинномавии ташкилоти азнавсуғуртакунӣ на камтар аз 50 млн. сомониро дар бар мегирад ва ҳалли худро ёфта, бамаврид мебошад.

Вобаста ба ин талабот ва аз нигоҳи мо, арзёбии сатҳи сармоягузории даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мавриди омӯзиш қарор гирад ва таъсиси ташкилоти азнавсуғуртакунии миллӣ дар назди ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" метавонад рушди босуботи соҳаи мазкурро таъмин намояд.

# БОБИ 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ СУҒУРТАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Такмили механизми танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртавӣ

Дар шароити муосири вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, марҳилаи кунунии истилоҳоти иқтисоди миллӣ ба тезонидани рушди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, барои ноил шудан ба ин ҳадаф фаъолияти сармоягузорӣ, ин истифодаи самараноки ҳамаи захираҳои иқтисодии кишвар, инчунин таъмини таҷдиди техникӣ, технологӣ, ташкилӣ, иқтисодии истеҳсолот маҳсуб меёбад. Умуман, маблағгузориҳои дарозмуҳлат, маблағҳои моддӣ ва молиявӣ ба намудҳои гуногуни фаъолият ва арзишҳои гуногун бо мақсади ба даст овардани афзалиятҳо дар оянда мазмуни сармоягузориро инъикос менамоянд. Раванди сармоягузорӣ бо раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, табдили даромад ба сармоя зич алоқаманд мебошад. Дар низоми захираҳои сармоягузории ҷомеа, раванди гардиши маҳсулот ва даромадҳо ҳаракати доиравиро иҷро карда, ба ин васила фаъолияти сармоягузории субъектҳои иқтисодро беҳтар менамояд. Яке аз иштирокдорони фаъоли ин раванд ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд. Аз ин рӯ, механизми идоракунии иқтисодиёт дар маҷмуъ ва сиёсати сармоягузории ҷумҳурӣ принсип ва механизмҳои умумии идоракунии захираҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти ширкатҳои суғуртавиро муайян мекунад. Бояд қайд кард, ки захираи сармоягузорӣ ва фаъолият на танҳо идора карда мешавад, балки худи сармоягузорӣ яке аз механизмҳои бозорӣ ва мувофиқи мақсад маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, самараи зарбкунанда мусбат мешавад, вақте ки ба қадри афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо самаранокии иқтисодиёт низ баланд шуда, истифодаи сармоягузориҳо беҳтар мегардад. Дар ҳолати баръакс таъсири манфӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин қабули маҷмуи тадбирҳо ва қарорҳои идоракуниро оид ба беҳтар намудани фаъолияти сармоягузорӣ тақозо мекунад.

Принсипҳои умумии идоракунии захираҳои сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар доираи сиёсати сармоягузории давлат амалӣ карда мешаванд.

Сиёсати сармоягузорӣ – ин фаъолияти гуногунҷабҳаи давлат мебошад, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва шароит барои афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Дар ин замина, сиёсати сармоягузории давлат дорои сохтори зерини мураккаб мебошад:

- вобаста ба хусусияти масъалаҳо ва ҳалли ҳамаҷонибаи онҳо стратегия ва тактика таҳия карда мешаванд;
- давлат самтҳои гуногуни фаъолият: пешбинӣ, барномасозӣ, қонунгузорӣ, фармоишҳои давлатӣ ва хариди молҳои сармоягузорӣ, таъминоти молиявии маҷмааи сармоягузорӣ дорад;
- аз рӯйи хусусияти ваколатҳои ҳокимият: миллӣ (марказӣ) ва минтақавӣ, маҳаллӣ;
- аз рӯйи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод, масалан, дар саноат, кишоварзӣ, дар суғурта ва ғайра;
- аз рӯйи методҳои танзим: мустақим ва ғайримустақим, маъмурӣ ва бозорӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ: меъёрӣ, буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва ғайра.

Дар баробари ин, танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути иҷрои як қатор вазифаҳое, ки дар ҷадвали 4.1.1. оварда шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф, дар сиёсати сармоягузории давлат ду намуди тадбирҳо ё фаъолият мавҷуданд: **Нахуст,** ин стратегияе мебошад, ки масири дарозмуҳлати давлатро дар ҳалли вазифаҳои калонмиқёси макроиқтисодӣ инъикос мекунад. Ба амалҳои стратегия инҳоро нисбат додан мумкин аст:

- муқаррар намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуҳлат ва мутобиқи ин асосноккунии принсипҳо ва афзалиятҳои танзими сармоягузорӣ;
- ошкор кардани манбаъҳо ва захираҳои сармоягузориҳои дарозмуддат;
- асосноккунии самт ва усулҳои истифодаи сармоягузорӣ.

**Баъдан,** ин тактикае мебошад, ки маҷмуи методҳо, усулҳо ва шаклҳои фаъолияти идоракунии ба ҳалли вазифаҳои стратегӣ нигаронидашударо ифода мекунад. Тактика бар хилофи стратегия, пеш аз ҳама, ноил шудани ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои амалиётиро дар давраи кӯтоҳмуҳлат, ҳалли мушаххас ва самарабахштари ҳар як вазифаи ба таври алоҳида гирифташудаи стратегиро пешбинӣ намуда, инчунин воситаҳои амалиётӣ ва шаклҳои таъсиррасониро ба амали сармоягузорон истифода мекунад.

**Ҷадвали 4.1.1.**

**Вазифаҳои асосии танзими давлатии сармоягузорӣ**

| № | Вазифаҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | Муқарраркунӣ | Моҳияти ин вазифа муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳо дар татбиқи ҳадафҳои сиёсати сармоягузорӣ дар давраи муайян мебошад. Барои муайян кардани сохтори ҳадафҳо ва афзалиятҳо, инчунин тадбирҳои фаъолтари давлат барои ҳалли онҳо натиҷаҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ муайян карда мешаванд. |
| 2 | Сафарбаркунӣ | Моҳияти ин вазифа аз дарёфти манбаъҳои сармоягузорӣ ҷиҳати ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби онҳо барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда иборат мебошад. Ин вазифа бо кумаки танзими ҳаракати манбаъҳои сармоягузорӣ, тақсимот ва азнавтақсимкунӣ дар шароити иқтисодиёти кишвар татбиқ карда мешавад. Дар ин ҷо амалҳои сиёсати монетарӣ, сиёсати андозӣ, буҷетӣ, инчунин танзими фондҳои берун аз буҷет, аз ҷумла фондҳои суғуртавӣ истифода мешаванд. |
| 3 | Ҳавасмандсозӣ | Ин вазифаи давлат ба тезонидани ҳалли вазифаҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ равона шудааст. Он тавассути муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ ва молиявӣ: субсидияҳо, субвенсияҳо, дотатсияҳо, сиёсати қарзӣ ва тахфифӣ (фоизӣ) ва ғайра татбиқ карда мешавад. |
| 4 | Назоратӣ | Вазифаи назорати давлатӣ риояи меъёрҳои муқарраршудаи ҳуқуқиро аз ҷониби субъектҳои иқтисод дар раванди фаъолияти хоҷагидории онҳо пешбинӣ менамояд. Назоратро мақомоти махсуси давлатии назоратӣ амалӣ мекунанд. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тариқ, тактикаи давлат дар соҳаи танзими сармоягузорӣ барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ пешбинӣ шуда, анҷоми мантиқии он мебошад.

Ҳамин тавр, ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун соҳиби фондҳои суғуртавии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва ҳамчун агенти бозори молиявию бозори захираҳои

сармоягузорӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи сармоягузорӣ фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 13 – уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъкид шудааст; ки «Соҳаи суғурта яке аз амалҳои муҳимтарин бахши молиявии иқтисоди кишвар ҳисобида мешавад, ки дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ метавонад ба ҳалли масъалаҳои шадиди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунад. Ғайр аз он, бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозорҳои сармоя нақши муҳим мебозад, зеро ин бахш яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ буда, дар эҷоди маблағҳои озод ва сармоягузории онҳо ба бахшҳои дигари иқтисод кӯмак мерасонад»[75].

Тавре ки маълум аст, захираҳои суғуртавӣ ва маблағҳои мустақили ташкилотҳои суғуртавӣ манбаи муҳимми захираҳои сармоягузорӣ дар иқтисоди кишвар маҳсуб меёбанд. Ташкилотҳои суғуртавӣ, ба мисли дигар сармоягузорони институтсионалӣ, равандҳои ҳаракати сармояҳои қарзӣ мебошанд. Зеро дар онҳо дар муҳлати муваққатӣ байни воридшавии мукофоти суғуртавӣ ва пардохти суғуртавӣ вуҷуд доранд, ки метавонад ҳатто солҳо тул кашад. Ғайр аз ин, хусусияти қарзии ташкилотҳои ташаккулёбандаи суғуртавӣ захираҳои суғуртавии дар натиҷаи сиёсати оқилона сармоягузоришаванда ва баҳисобгирии хавфро ҳангоми интихоби самтҳои сармоягузорӣ талаб мекунанд. Фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

Аммо вазни холиси бахши суғуртавӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар солҳои охир аз 0,3% зиёд набуда, маҳз ҳамин сабаби хароҷоти аз ҳад зиёди буҷети давлат барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ва ҷуброни зарари шаҳрвандон, ки аз рӯйдодҳои номатлуб ба амал меоянд, маҳсуб меёбад. Дар соли 2020 дар ҷумҳурӣ 20 ширкати суғуртавӣ фаъолият мекард, ки 2–тои онҳо давлатӣ буда, боқимонда ташкилотҳои хусусӣ мебошанд.

---

[75] *Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сездаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ш. Душанбе, 30 майи соли 2014. Сарчашма: http.//www.president.tj

Бинобар ин, ба андешаи муаллиф, дар бахши суғуртавии иқтисоди ҷумҳурӣ ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ бартарӣ доранд. Онҳо 97% шартномаҳои суғуртавӣ ва 51% маблағҳои ҷалбшудаи ҳақпулиҳои суғуртавиро дар ихтиёр доранд. Чунин ҳолат аз сатҳи баланди мутамарказии бозори суғурта шаҳодат медиҳад, ки рақобатро дар бозор бозмедорад. Аз ин ҷост, ки яке аз сабабҳои асосии рушд накардани бахши суғурта мавҷуд набудани рақобат дар бозори суғурта мебошад. Дар чунин шароит имкониятҳои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ барои хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд мешаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амалисозии суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ба рушди рақобат дар бозори суғурта, пайдо шудани маҳсулоти нави суғуртавӣ, инчунин баланд бардоштани сифати онҳо ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавии ҳатмӣ бояд дорои миқдори кофии сармояи асосӣ ва пардохтпазирӣ барои қонеъ гардонидани дархостҳои даъвогӣ оид ба ҷуброни зиёни баамаломада бошанд. Маъмулан, ин омили муайянкунандаи рақобатпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад. Илова бар ин, имрӯзҳо мушкилоти асосии рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ нокифоягии рушди намудҳои суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи шахсӣ мебошад. Маҳз ҳамин ниҳодҳои суғуртавӣ метавонанд манбаи асосии фаъолсозии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ бошанд.

Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавӣ дар солҳои охир бо маром зиёд гардида истодааст, ки захираҳои сармоягузории суғуртакунандагон маҳсуб меёбад. Ин захираҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо суботи молиявии худи ташкилотҳои суғуртавӣ, балки рушди босуботи иқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардад. Онҳо василаи ҳавасмандгардонии муносиб дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ҳисобида мешаванд.

Азбаски соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии ҷумҳурӣ фоидаовар нест, сабаби чунин вазъият рақобати ноодилона (комиссияҳои баланд ва тарофаҳои паст) дар бозор мебошад.

Бинобар ин, дар шароити имрӯза низоми танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ хусусияти бонизом надорад. Аз ин рӯ, низоми танзими фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ бояд ба таҳлили аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи бахши суғуртавии иқтисоди ҷумҳурӣ асос ёбад. Бояд қайд кард, ки рушди бахши суғуртавии иқтисоди ҷумҳурӣ ҳам аз ҳисоби мушкилоти ба бозори суғурта хос, ҳам аз ҳисоби онҳое, ки берун аз он қарор доранд, боздошта мешавад, ки ин дар ҷадвали 4.1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.1.2.**

**Мушкилоти беруна ва дохилии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| **Берунӣ** | **Дохилӣ** |
|---|---|
| Сатҳи пасти раванди тағйирёбии бозори иқтисод ва тағйироти сохторӣ дар бахши воқеии иқтисоди ҷумҳурӣ | Сатҳи пасти капитализатсияи ташкилотҳои суғуртавӣ |
| Мавҷуд набудани шаффофият дар вазъи молиявӣ ва ҳисоботдиҳии молиявии қисми назарраси субъектҳои хоҷагидори иқтисоди ҷумҳурӣ | Мавҷуд набудани механизмҳои муассири идоракунии хавфҳо,банақшагирӣ ва стратегияи рушд |
| Андозаи аз ҳад зиёди таъсири маъмурӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ | Сатҳи пасти даромаднокии ташкилотҳои суғуртавӣ, сифати пасти дороиҳо, вазни холиси баланди дороиҳои ғайри- даромаднок дар дороиҳои умумӣ |
| Номукаммалии низоми андозӣ дар соҳаи суғурта | Мавҷуд набудан ё сатҳи пасти менеҷменти суғуртавӣ ва идоракунии корпоративӣ |
| Рушди сусти инфрасохтори бозор, алахусус дар бозори амволи ғайриманқул, маҳдудиятҳои қонунгузории амалиётҳо дар ин бозорҳо | Самаранокии нокифояи назорати суғуртавӣ, алалхусус дар қисми назорат дар асоси арзёбии хавфҳои фаъолияти суғуртавӣ |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Тавре дар боло қайд кардем, таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки рушди самараноки бозори суғурта яке аз амалҳои асосии иқтисоди бозорӣ, кафолати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди субъектҳои бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Таъсири суғурта ба рушди иқтисодӣ дар доираи сиёсати дахлдори суғуртавӣ, ки аз маҷмуи тадбирҳои сохторҳои давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба истифодаи усулҳои суғурта ва захираҳои молиявии суғуртакунандагон барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар иборат мебошад, сурат мегирад.

Аз ин рӯ, сиёсати суғуртавӣ бояд ҳадафи стратегии давлатро инъикос намояд, зеро мақсади он ноил шудан ба болоравии сатҳи некуаҳволии ҷамъиятӣ мебошад. Ин вазифаҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки бахши суғурта ба афзоиши самаранокии истеҳсолот бо роҳи зоҳир кардани моҳияти сармоягузории худ мусоидат намояд. Вазифаҳои асосии сиёсати суғуртавӣ дар шароити муосир сафарбарӣ ва истифодаи захираҳои молиявӣ барои рушди истеҳсолот, нигоҳ доштани фаъолнокии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, инчунин мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, манъи истифодаи технологияҳои ба саломатии инсон зараровар мебошанд.

Ба андешаи муаллиф, дар низоми танзими давлатии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ се категорияи асосии танзимро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар ҷадвали 4.1.3. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.1.3.**

**Категорияҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ**

| № | Категорияҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | Танзими иқтисодӣ | Назорати мустақими нархҳо, муқаррар кардани талабот ба ҳадди ақалли сармоя, фаъолияти сармоягузорӣ ва таркиби дороиҳои суғуртакунандагон, танзими фоида (тасдиқи хароҷот барои пешбурди кор), муқаррар намудани шартҳои махсуси иҷозатдиҳии суғуртаи ҳатмӣ, муқаррар намудани андозаи маблағҳои суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои ҳатмии суғурта, муқаррар намудани талабот ба азнавсуғуртакунӣ ва ғайра. |
| 2 | Танзими иҷтимоӣ | Сифати хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда вобаста ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, ҳифзи саломатӣ, эътимоднокӣ, бехатарӣ ва дигар мақсадҳои ҷамъиятӣ, фароҳам овардани шароити имтиёзнок барои маъюбон ва нафақахӯрон оид ба суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандӣ – ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, риояи стандартҳои масъулияти иҷтимоии соҳибкории суғуртавӣ. |
| 3 | Танзими иттилоотӣ | Талабот оид ба пешниҳоди иттилоот дар бораи суғуртакунанда ва хизматрасониҳои суғуртавии ӯ (нашри ҳатмии ҳисоботи солонаи молиявӣ, шиносоии ҳатмии суғурташавандагон бо қоидаҳо ва шартҳои суғурта, ҷорӣ кардани шартномаҳои маъмул, интишори иттилоот оид ба соҳибони ширкатҳои суғуртавӣ). |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Вобаста ба ин, таъсири танзимкунандаи давлат ба рушди бозори суғурта ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди пайвастаи маҳсулоти суғуртааӣ нигаронида шудааст, ки қодир аст бахши воқеии иқтисодиро бо захираҳои зарурии молиявӣ таъмин намояд. Дар доираи татбиқи ин ҳадаф зарур аст, ки ба такмили фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба суғуртаи ҳаёт, ҳамчун сармоягузорони муҳими институтсионалӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ диққат дода шавад. Инро тавассути васеъ кардани номгӯй ва баланд бардоштани сифати усулҳои суғуртавӣ, фароҳам овардани шароит барои иштироки суғуртакунандагон дар низоми таъминоти ғайридавлатии нафақавӣ, ки замина барои ташаккул ва ҷалби захираи дарозмуҳлати сармоягузорӣ ба иқтисод мебошад, ба даст овардан мумкин аст. Ғайр аз ин, такмил додани муносибати байни бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ, бо роҳи ҳалли масъалаҳои суғуртаи бонкӣ ва таъмин намудани кафолатҳои иловагӣ оид ба амонатҳо зарур мебошад.

Бинобар ин, дар низоми тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ танзими давлатии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Бояд қайд намоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки механизми универсалии ҷойгиркунии дороиҳои ташкилотҳои суғуртавиро дарёфт карда, талаботҳоеро, ки ба суботи молиявӣ, пардохтпазирии ташкилотҳо ва соҳибкорони бахши суғурта нигаронида шудаанд, ҷорӣ намояд. Тавре борҳо қайд карда шуд, нақши ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун сармоягузорони эҳтимолӣ дар рушди бозорҳои молиявии ҷумҳурӣ хеле ночиз аст. Аз ин рӯ, ислоҳот дар соҳаи зиёд намудани фаъолнокии сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ идома дорад, ки ин аз мубрамияти масъалаи сармоягузории маблағҳои бозори суғурта шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ қоидаҳои нави ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавӣ амал мекунанд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №211 аз 31.03.2020 тасдиқ гардида, эътибор пайдо кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар ин қоидаҳо талаботҳои зерин барои сармоягузории дороиҳо аз ҷониби суғуртакунандагон муқаррар карда шудаанд:

- амалисозии диверсификатсия;
- ташкили портфели сармоягузории ташкилоти суғуртавӣ бояд аз рӯи принсипи тамаркуз додани сармоягузории маблағҳо ба усулҳои гуногуни молиявӣ анҷом дода шавад;
- амалисозии сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида:
- равона кардани маблағҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба чунин аснодҳое, ки даромад меоранд;
- эътимоднокӣ (баргардонӣ) ва пардохтпазирӣ:
- фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ бояд сатҳи мақбули хавф дошта бошад, то ки дар муҳлатҳои хеле кӯтоҳ тағйирёбиҳои ҷойгиркуниҳои ишорашуда ба маблағҳои пулӣ ба амал ояд.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ ба даст овардани даромад аз ҷойгиркунии дороиҳояшон мебошанд, ки барои рушди онҳо зарур аст.

Ҳамин тавр, портфели сармоягузории ширкати суғуртавӣ нисбати дороиҳои марбут ба иҷрои уҳдадориҳо дар назди муштариён аз уҳдадориҳои суғуртавӣ озод мебошад. Тақсимоти мазкур ҳамчун механизми танзими давлатӣ амал мекунад.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар танзими гурӯҳҳои ишорашудаи дороиҳо, ки ҳатмӣ будани иҷрои баъзе талаботҳои ба зимма гузошташавандаро пешбинӣ мекунад, дар айни замон маънои танзими фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавиро дорад, албатта, дар он қисми портфели сармоягузорӣ, ки ба ин гурӯҳи дороиҳо ҷавобгӯ мебошад. Блоки дороиҳои портфели сармоягузории ташкилоти суғуртавӣ чор принсипи фаъолияти сармоягузорӣ: фоиданокӣ, диверсификатсия, бозгаштӣ ва эътимоднокиро таъмин менамояд. Агар ин принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ риоя карда шаванд, пас ташкилотҳои суғуртавӣ дар портфели сармоягузорӣ тавозунро ба даст оварда, дар айни замон пардохтпазирӣ ва суботи молиявиро таъмин менамоянд.

Бояд қайд кард, ки баҳисобгирии иловагӣ ҳангоми ташаккули портфели сармоягузории он намудҳои дороиҳое, ки ба хусусиятҳои амалиётҳои суғуртавӣ алоқаманд буда, арзишашон ба портфели воқеии суғуртавӣ мувофиқат мекунад, маънои онро дорад, ки портфели сармоягузорӣ, ки ба уҳдадориҳои суғуртавӣ ҷавобгӯ мебошад, дуюмдараҷагии ин қисми фаъолияти сармоягузории суғуртакунандаро нисбат ба фаъолияти суғуртавӣ таъмин менамояд, яъне риояи принсипи сеюми фаъолияти сармоягузорӣ – принсипи тобеияти фаъолияти сармоягузории суғуртакунанда ба фаъолияти суғуртавии он (амалиётҳои суғуртавӣ) – ро, ки танҳо барои фаъолияти суғуртавӣ хос аст, таъмин менамояд»[76]. Аз ин рӯ, портфели сармоягузории суғуртакунандагонро ҳамчун маҷмуи ду ҷузъи таркибӣ донистан мумкин аст:

а) портфели сармоягузорӣ, ки ба уҳдадориҳои суғуртакунанда ҷавобгӯ аст;

б) портфели сармоягузорӣ, ки аз уҳдадориҳо озод аст. Баъзе муаллифон ба ғайр аз захираҳои суғуртавӣ пешниҳод мекунанд, ки ба портфели сармоягузорӣ дороиҳои бо захираҳои суғуртавӣ алоқаманднабуда, вале пардохтпазирии ташкилоти суғуртавиро таъминкунанда ворид карда шаванд. Масалан, маржаи пардохтпазирии суғуртакунанда ҳамчун нишондиҳандае, ки таносуби маблағҳои озоди мустақили ташкилотҳои суғуртавиро ба андозаи уҳдадориҳои суғуртавии қабулшуда, иҷрошаванда ва иҷро шуда инъикос мекунад, дар асл метавонад таъйиноти гуногуни ҳадафманд дошта бошад.

Акнун сохтори дороиҳоеро, ки ҳангоми сармоягузорӣ зери танзими давлат қарор мегиранд, дида мебароем. Пеш аз ҳама, маблағҳои суғуртакунандаи марбут ба иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ (ки захираҳои суғуртавии ташкилотро мепӯшонанд) ба дороиҳое мансубанд, ки механизми сармоягузории онҳо аз ҷониби давлат маҳдуд карда шудааст.

Вобаста ба ин, маблағҳои ташкилотҳои суғуртавиро мувофиқи моҳият ва таъйинот шартан ба се қисм тақсим кардан мумкин аст.

---

[76] Демьяненко А.Н. Влияние государственного регулирования инвестиционной деятельности страховой компании на формирование ее инвестиционного страхового портфеля. //http://jurnal.org/articles/2008/ekon29.html

**Якум** – инҳо дороиҳое мебошанд, ки сирф бо хусусияти трансаксияҳо ё амалиётҳои суғуртавӣ алоқаманданд. Хусусияти фаъолияти амалиётии ташкилотҳои суғуртавӣ ба сохтори дороиҳои дахлдор таъсир мерасонад. Масалан, агар фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ бо хавфҳои калон ҳамроҳ бошад, пас барои таъмини устувории молиявии худ он як қисми ин хавфҳоро ба азнавсуғуртакунӣ интиқол медиҳад. Ин намуди дороиҳо ба рӯйхати дороиҳое дохил мешавад, ки захираҳои суғуртавиро мепӯшонанд.

**Дуюм**, сармоягузориҳо – намудҳои дороиҳое, ки метавонанд даромади сармоягузориро таъмин кунанд. Ба ташкилотҳои суғуртавӣ дар раванди ташкили портфели сармоягузорӣ ҳамаи намудҳои дороиҳое, ки барои пӯшонидани захираҳои суғуртавӣ иҷозат дода шудаанд, зарур мебошад ва онҳо маҳз ба дороии сармоягузорӣ афзалият диҳанд. Аммо, дар айни замон, ба ин шартҳои асосӣ диққат додан лозим аст:

а) зарурати риояи принсипҳои фаъолияти сармоягузорӣ (пардохтпазирӣ, фоиданокӣ, қобили пардохтӣ, диверсификатсия ва тобеият);

б) ба назар гирифтан лозим аст, ки хусусиятҳои муҳимтарини ҳама гуна дороиҳо сердаромад ва эътимоднокии онҳо ба хавфи сармоягузорӣ осебпазир мебошанд. Ин дороиҳоро аз рӯйи объекти сармоягузорӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- маблағгузориҳо ё сармоягузориҳо ба ташкилотҳои фаръӣ ё ташкилотҳои дигар;

сармоягузориҳои дигар – ҳиссагузориҳои амонатӣ, хариди коғазҳои қиматнок ва ғайра; маблағгузориҳо ба амволи манқул ва ғайриманқул.

**Сеюм –** ин маблағҳои пулӣ дар хазина ва суратҳисобҳои бонкӣ мебошанд, ки тибқи қоидаҳои амалкунанда бидуни маҳдудият барои пӯшонидани захираҳои суғуртавӣ бо арзиши умумии онҳо қабул карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои суғуртавӣ, қабл аз ҷойгир кардани маблағҳо ба сармоягузорӣ, бояд муайян кунанд, ки:

- кадом қисми дороиҳо бо хусусиятҳои портфели суғуртавӣ алоқаманд аст;

- кадом ҳиссаи маблағҳоро (аз они ташкилотҳои суғурта) дар шакли пулӣ боқӣ гузоштан лозим аст;

- кадом қисми маблағҳоро онҳо бо мақсади сармоягузорӣ ихтиёрдорӣ хоҳанд кард.

Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои суғуртавӣ бояд як қисми муайяни маблағҳоро дар шакли пулӣ боқӣ гузоранд. Зеро онҳо барои амалисозии хароҷоти ҷорӣ ва пардохтҳои суғуртавӣ, ки хусусияти тасодуфӣ доранд, заруранд. Табиист, ки ҳар қадар маблағҳои суғуртавӣ дар шакли пулӣ (дар хазинаҳо) зиёд бошанд, ҳамон андоза пардохтпазирии дороиҳо баланд мешавад. Аммо дар ин ҳолат имконият барои ба даст овардани даромади зарурии сармоягузорӣ маҳдудтар мегардад. Аз ин рӯ, нақши маблағҳои пулӣ ҳамчун дороии сармоягузорӣ номуайян аст.

Бояд қайд кард, ки дар сохтори дороиҳои тавозуни ташкилотҳои суғуртавӣ мутобиқи қонунгузории ҷумҳурӣ моддаи «ҳиссагузориҳои амонатӣ» ба таркиби сармоягузориҳо дохил карда мешавад. Ва дар мавриди «маблағҳои пулӣ» бошад, онҳо ҳамчун моддаи мустақили дороиҳо ҳисобида мешаванд. Ин муқаррарот, ба ақидаи мо, ба амалияи байналмилалӣ мувофиқат намекунад, чунки тибқи стандартҳои байналмилалӣ амонатҳо ба маблағҳои пулӣ баробар карда мешаванд. Аммо дар сохтори тавозуни ташкилотҳои ватании суғуртавӣ зери мафҳуми ҳиссагузориҳои амонатӣ амонатҳои муҳлатнок фаҳмида мешаванд, ки даромад меоранд. Маблағҳои нақдии пулӣ ва суратҳисобҳо бошанд, ба таркиби маблағҳои пулӣ дохил карда мешаванд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ суратҳисобҳо низ амонат шуморида шуда, ҳадгузории онҳо беасос мебошад. Дар амалияи кишварҳои ғарбӣ маблағҳои нақдии пулӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ ба як модда – маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳо ҳамчун дороии бозгаштӣ ва камдаромад ҳамроҳ карда шудаанд.

Якчанд омилҳое мавҷуданд, ки ба интихоби дороиҳое, ки портфели сармоягузориро ташаккул медиҳанд, таъсир мерасонанд. Ба чунин омилҳо инҳоро нисбат додан мумкин аст: **аввалан**, ташаккули портфел аз ҷониби давлат танзим карда мешавад. Зеро ин портфел бояд бо иҷрои уҳдадориҳои

суғуртавӣ робитаи ҷудонашаванда дошта, ҳамчунин дороиҳое, ки онро ташкил медиҳанд, бояд ба талаботҳои дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинишуда мувофиқат кунанд; **баъдан**, мавҷудияти имконияти объективии гирифтани даромади сармоягузорӣ. Зеро таъсиси ҳама гуна портфели сармоягузорӣ бояд ба гирифтани даромади ҷорӣ (масалан, дар шакли дивидендҳо, даромадҳои дигар аз иштирок дар сармояи оинномавӣ), баланд шудани арзиши портфел аз ҳисоби афзоиши арзиши сармоя ва арзиши портфел аз ҳисоби афзоиши сармоя ва ба даст овардани даромади ҷорӣ, инчунин гирифтани даромад аз афзоиши арзиши сармоя нигаронида шавад. Татбиқи ин ҳадафҳо аз сатҳи хавфи портфелии сармоягузорӣ вобаста аст: портфеле, ки танҳо барои ба даст овардани даромади ҷорӣ пешниҳод шудааст, сатҳи пасттари хавфҳоро дорост, портфеле, ки ба баланд бардоштани арзиш пешбинӣ шудааст, хавфноктар ва албатта даромадноктар мебошад. Портфел, пеш аз ҳама, ба иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ пешниҳод шуда, ҳангоми эҷоди он ба стратегияи муътадили сармоягузорӣ самтгирӣ кардан зарур аст. Ба ибораи дигар, вай бояд портфелро бо мақсади ба даст овардани даромади сармоягузорӣ ва ё дар намуди даромади ҷорӣ (пардохтҳои мунтазам) ва ё афзоиши арзиши сармоя ташаккул диҳад.

**Сеюм** – ин омили муҳими рафтори афзалиятноки сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар соҳаи интихоби самтҳои сармоягузорӣ (дороиҳо) мебошад. Аз рафтори сармоягузорӣ таҳияи стратегияҳои сармоягузорӣ вобаста аст.

Аз ҳамин лиҳоз, ин ҷо намудҳои зерини стратегияҳои сармоягузорӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд:

- стратегияи нокифоягии сармоягузорӣ, ки хавфи баланди сармоягузориро пешбинӣ кардааст, барои ба даст овардани даромаде, ки ба таври чашмрас баландтар аст, нигаронида шудааст;
- стратегияи муътадили сармоягузорӣ, ки аллакай хавфи на он қадар баланди сармоягузориро пешбинӣ кардааст, ба гирифтани даромаднокии аснодҳои бо меъёри муқарраршудаи фоиз баробар аст;

- стратегияи муҳофизакоронаи (консервативии) сармоягузорӣ, ба гирифтани даромади босубот ҳангоми ба таври назаррас паст кардани сатҳи хавф нигаронида шудааст.

Аз сабаби он ки портфели сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ бо иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ алоқаманд аст, ҳангоми ташаккули портфел барои онҳо мувофиқи мақсад аст, ки стратегияи муътадил ё муҳофизакоронаи сармоягузорӣ таҳия шавад.

**Чорум**, мавҷудияти ҳатмии маблағҳои пулӣ, ки иҷрои саривақтии уҳдадориҳои суғуртавиро таъмин менамояд. Андозаи пули нақд аз хусусияти портфели суғуртавӣ, андозаи уҳдадориҳои суғуртавӣ ва муҳлатҳои иҷрои онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили басти сармоягузорӣ ин омилҳоро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Дар раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ зарур аст, ки таъсири робитаи портфел бо иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ, фаъолияти сармоягузории суғуртакунанда, ҳатмӣ будани пули нақд, инчунин муҳимияти рафтори сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ ва варианти ба даст овардани даромади сармоягузорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Бояд қайд кард, ки ташаккули портфели сармоягузорӣ, ки аз уҳдадориҳои суғуртавӣ озод аст, ба объекти танзими давлатӣ дохил намешавад. Дар ин ҳолат ташкилотҳои суғуртавӣ имкон доранд, ки фаъолияти сармоягузориро мувофиқи ҳадафҳои афзалиятноки ташкилот озодона ташкил кунанд. Аммо ин портфели сармоягузорӣ танҳо он дороиҳоеро дар бар мегирад, ки аз рӯйи таъйиноти мақсадноки худ, яъне иҷрои уҳдадориҳои ширкати суғуртавӣ таъйин шудаанд. Раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ ва интихоби дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз уҳдадориҳои суғуртавӣ (бе назардошти меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд) озоданд, зери таъсири як қатор омилҳо қарор мегиранд. Якум, аҳамияти рафтори сармоягузории суғуртакунанда, дар ин ҳолат портфели сармоягузорӣ бо иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ алоқаманд нест, бинобар ин, ташкилоти суғуртавӣ метавонад ҳар кадоме аз стратегияҳои сармоягузорӣ – номуътадил, муътадил ё муҳофизакорро ба кор барад. Баъдан, ташкилотҳои суғуртавӣ дар раванди ташаккули портфел

имкон доранд, ки ин ё он варианти сармоягузорӣ ва гирифтани даромади сармоягузориро интихоб намоянд.

Тавре, ки дар боло қайд кардем, фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми болоравии бозори суғурта рушд хоҳад кард. Дар рушди бозори суғурта дар давраи гузариш давлат ҳамчун ниҳоди пешбаранда нақши махсусан муҳимро мебозад. Аммо хусусияти фарқкунандаи ин кушишҳо асосан такя ба захираҳои давлатӣ бо роҳи маъмурии васеъ кардани майдони суғуртавӣ мебошад. Тамоюли афзоиши шумораи суғурташавандагон, пеш аз ҳама, аз ҳисоби маҷбуркунӣ ва ҷорӣ кардани намудҳои нави суғуртаи ҳатмӣ ба мушоҳида мерасад. Як қатор мушкилоти дигаре ҳаст, ки онҳоро ҳамчун нишондиҳандаи номукаммалии механизми танзими давлатии бозори суғурта арзёбӣ кардан мумкин аст. Масалан, муносибати давлат ба суғурта бо манфиатпарастии барзиёд, ба он хусусияти ҷамъиятӣ – тарбиявӣ хос нест. Дар марҳилаи кунунӣ муносибати давлат ба суғурта бояд ҳамаҷониба буда, дар асоси омезиши ҳадафҳои тактикӣ ва стратегӣ татбиқ карда шавад.

Аммо таъкид кардан зарур аст, ки танҳо ба *роҳи маъмурии* тавсеаи бахши суғурта аз ҳисоби васеъ намудани доираи суғуртаи ҳатмӣ дар ҷумҳурӣ аз рӯйи дурнамои миёнамуҳлат бо ҳамон омилҳои макроиқтисодии дар боло нишон додашуда, пардохтпазирии нокифояи истеъмолкунандагони эҳтимолии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва норасоии нисбии захираҳо рушди суғуртаро таъмин кардан имкон надорад. Набояд фаромӯш кард, ки ҷорӣ кардани ҳамагуна намуди суғуртаи ҳатмӣ боиси кам шудани даромадҳои истеъмолкунандагони бевоситаи хизматрасониҳои суғурта ё даромадҳои давлат мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на ин категория, на категорияи дигари «пардохткунандагон» бо сабабҳои объективӣ айни замон омода нестанд, ки рушди густардаи суғуртаи ҳатмиро дар кишвари мо таъмин кунанд.

Ҳамин тавр, низоми рушдёфтаи суғуртаи ҳатмӣ, маъмулан барои кишварҳои пешрафта ва ё барои кишварҳое хос мебошад, ки ҳиссаи иштироки давлат дар иқтисод хеле бузург аст. Тоҷикистон на ба ин, на ба дигарӣ мансуб

нест. Дар маҷмуъ, таъкид намудани рушди калонмиқёси суғуртаи ҳатмӣ комилан фаҳмо буда, бо душвории вазъият дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ, ки кайҳо боз аз ҷониби давлат дастгирӣ намешавад, асоснок шудааст. Дар айни замон, кӯшишҳои ҳавасмандгардонии маъмурии талабот, ки бештар ба низоми иқтисоди нақшавӣ хос буда, дар он нақши давлат фаъол буд, хеле муваффақ низ сурат гирифт. Ҳамчунин ба назар мерасад, ки ба саъю кӯшишҳо воқеияти объективии иқтисоди муосир ва сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ пурра мувофиқат намекунад. Дар роҳи ташаккули талабот бозори суғурта ба монеаҳои бартарафнашаванда дучор хоҳад омад, ки дар натиҷаи маҳдудиятҳои объективии такрористеҳсолкунии дорои хусусияти макроиқтисодӣ эҷод мешаванд. Ҳамин тавр, масалан, дар соли 2020 маблағи умумии суғуртаи ҳатмӣ нисбат ба соли 2010 ба андозаи 1,7 маротиба зиёд гардидааст. Маблағи суғуртаи ихтиёрӣ аз соли 2010 то соли 2020 2,4 маротиба зиёд шудааст.

Аз нигоҳи муаллиф, таҳқиқоти вазъи имрӯзаи бозори суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар давраи иқтисодиёти нақшавӣ суғуртаи ҳатмӣ ҳиссаи асосии ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавиро ташкил менамуд, зеро суғуртаи ҳатмӣ ҳуқуқи истисноии ҳокимият дониста мешуд. Вале раванди иқтисодиёти бозорӣ талаб менамояд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ диққати асосиро ба рушди суғуртаи ихтиёрӣ равона созанд (ҷадвали 4.1.4.).

**Ҷадвали 4.1.4.**

**Динамика ва сохтори мукофотҳои суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2020 бо % нисбат ба 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии мукофоти суғуртавӣ, млн. сомонӣ | 106,5 | 134,6 | 118,9 | 123,9 | 234,2 | 235,8 | 2,2 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| суғуртаи ҳатмӣ, млн. сомонӣ | 34,0 | 58,2 | 44,8 | 37,1 | 62,0 | 59,3 | 1,74 |
| суғуртаи ихтиёрӣ, млн. сомонӣ | 72,5 | 76,4 | 74,1 | 86,8 | 172,2 | 176,5 | 2,43 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С. 195.*

Таъкид кардан зарур аст, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ба равандҳои камхароҷоти фурӯши маҳсулоти худ талабот пешниҳод мекунанд, ки дар робита ба ин ҳамкории соҳибкории суғуртавӣ ва бизнеси бонкӣ, омезиши маҳсулоти бонкӣ ва суғуртавӣ густариш ёфта, муносибатҳои шарикии бонкдорон ва суғуртакунандагон барқарор мешаванд. Ба шумори нишонаҳои асосӣ ва ташвишовари фаъолияти бахшҳои бозори суғурта доираи маҳдуди маҳсулоти суғуртавӣ ва сохтори яктарафаи бозорро нисбат додан мумкин аст. Аксари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки дар бозори суғурта кор мекунанд, ба таври истисноӣ ба суғуртаи нақлиёти автомобилӣ, суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи зироатҳои кишоварзӣ тамаркуз карда, ба азхуд кардани қисматҳои дигари бозаргонӣ ва тақвияти фаъолияти сармоягузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Сабаби чунин вазъият, ба назари мо, таъминоти сусти камҳаракатӣ ва иттилоотии бахш, сатҳи пасти касбияти агентҳои суғуртавӣ ва дигар кормандони ширкати суғуртавӣ мебошад. Ғайр аз ин, рушд наёфтани як қатор бахшҳои бозори суғурта ва соҳибкории яктарафа дар бахши суғуртавӣ, ки сатҳи диверсификатсияи портфели суғуртавӣ ва ба ин васила ҳаҷм ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ ва сармоягузориҳоро коҳиш медиҳанд, сабаб шудааст. Аз ин рӯ, дар оянда роҳи асосии зиёд кардани талабот ба суғурта дар кишвар ва тақвият бахшидани фаъолияти сармоягузории онҳо таҳияи стратегияи суғурта барои давраи дарозмуҳлат мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки самарабахшии фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ аз сатҳи такомули механизми танзими давлатии ин бахш, аз раванди муассири пешбурди маҳсулот ва ташаккули раванди гуногуни фурӯш, сармоягузориҳо, бунёди низоми муносиби санҷиш ва назорат вобаста мебошад.

Аз ин рӯ метавон хулоса намуд, ки фаъолияти рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурӣ аз хусусияти таҷрибаи давлатҳои иқтисодиёташон рушдкарда ва сиёсати қонунгузориҳои миллӣ дар соҳаи танзими бозори суғурта вобастагӣ дорад.

Барои танзими фаъолияти субъектҳои бозори суғурта, пеш аз ҳама, усули меъёри танзимнамой, таҳия ва муқаррар намудани қоидаҳои илман асоснок ва сиёсати андозситонӣ асос ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, вобаста ба танзими вазъи ҷамъиятӣ ва амали қонунҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ аҳаммияти фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ низ бештар мегардад.

## 4.2. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории суғуртавӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории суғуртавӣ

Таҳлили динамика, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти агентҳои соҳибкории суғуртавии бозор, инчунин таҳқиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба мо имкон доданд, ки дар бораи дараҷаи баланди зарурати дастгирии давлатии ин навъи соҳибкорӣ ва танзими бозори суғурта таҳқиқот барем.

Иқтисоди Тоҷикистон то имрӯз имкониятҳои кофи барои он надорад, ки суғуртакунандагон ва суғурташавандагони ватанӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ҳамкории мутақобила ин бахши соҳибкорӣ ва ё бахши "кории" инфрасохтори қавӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ, ташкилӣ ва касбӣ рушдкардаро таъмин кунанд. Тавре таъкид шуд, бозори суғуртаи ватанӣ аз рӯйи дараҷаи рушди худ ба талаботи ҷамъиятӣ ба чунин навъи хизматрасониҳо мувофиқ нест. Он ба таври назаррас васеъ ва бештар гуногунҷанба мебошад.

Ба ақидаи мо, суғурта дар ҷумҳурӣ ҳанӯз манбаи сармоягузориҳои судманд ба фондҳои асосӣ ба шумор намеравад.

Дар баробари ин, ба андешаи мо заъфи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ ба хусусияти номутаносиби рушди он дар муқоиса бо бозори ҷаҳонии суғурта ва соҳибкории суғуртавӣ мусоидат мекунад. Ба ҷои он ки суғурта чун сарчашмаи асосии воридоти даромадҳои асъории трансаксионӣ бошад, он ба як манбаи хароҷоти афзояндаи асъорӣ, инчунин берун рафтани сармоя табдил ёфтааст. Ҳамчун манбаи тақвият ёфтани номутаносибиҳои якбораи минтақавӣ, бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба ҳадафҳои асосӣ, масалан, сиёсати минтақавӣ мувофиқ намебошад.

Ҳамчунин, як қатор мушкилоти дигар мавҷуданд, ки дараҷаи пасти танзими давлатии бозори суғуртаро дар Ҷумҳурӣ тасдиқ мекунанд. Пеш аз ҳама, муносибати давлат ба суғурта аз манфиатпарастии барзиёд маншаъ мегирад. Ба он хусусияти ҷамъиятӣ –тарбиявӣ хос намебошад. Зарурат ба суғуртакунӣ барои доираҳои расмӣ, корӣ ва аҳолӣ, тавре ки қаблан борҳо таъкид шуд, бояд хусусияти бошуурона дошта бошад. Инро танҳо аз тариқи чорабиниҳои давлатӣ ва алахусус, дар заминаи тарбияи «фарҳанги суғуртавӣ» ба даст овардан мумкин аст.

Албатта, суғурта ҳамчун яке аз фишангҳои самарабахши ҷамъоварии маблағҳои пулӣ метавонад манбаи муҳимми молиявӣ барои сармоягузорӣ бошад ва ҳамчун маблағгузории кӯтоҳмуддат хизмат кунад. Ин дар шароити гузариши Ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ногузир гардида, метавонад ба яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ табдил ёбад. Дар замони муосир муносибати давлат ба бозори суғурта бояд ҳамаҷониба ва дар асоси ҳадафҳои стратегӣ сурат гирад.

Аммо дар байни кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ва бозорҳои ташаккулёбандаи суғурта, аз ҷумла Тоҷикистон, вазни ками холиси ҳақпулиҳои суғуртавӣ нисбат ба ММД ба мушоҳида мерасад, ки аз арзиши як воҳид зиёд нест (ниг. ҷадвали 4.2.1.).

**Ҷадвали 4.2.1.**

**Нишондиҳандаҳои асосии бозорҳои суғуртаи кишварҳои дорои иқтисоди гузариш, ки аъзои ИДМ мебошанд**

| Мамлакатҳо | Мукофотҳои суғуртавӣ, млн. долл. ИМА | ММД, млн. долл. ИМА | Мукофотҳои суғуртавӣ, бо % нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|
| Россия | 21932,3 | 1578637 | 1,39 |
| Қазоқистон | 1135,5 | 158180 | 0,72 |
| Беларус | 543,7 | 54413 | 1,0 |
| Арманистон | 73,0 | 11560 | 0,63 |
| Қирғизистон | 15,6 | 7163 | 0,22 |
| Тоҷикистон | 27,6 | 7144 | 0,39 |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси «Эксперт РА», обзор «Интерфакс – 1000» Центральных банков стран СНГ таҳия шудааст.*

Таҳлили маълумоти ҷадвали 4.2.1. нишон медиҳад, ки сатҳи пардохтҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ дар байни кишварҳои ИДМ пасттарин мебошад. Вазъ дақиқ мегардад, агар мо ба ҳисоб гирем, ки дар бозорҳои пешрафтаи суғурта ҳиссаи суғуртаи ҳаёт дар мукофотҳои сафарбаркардашудаи маҷмуии суғуртавӣ, ки заминаи пулҳои дарозмуддатро дар иқтисод ташаккул медиҳанд, беш аз 50% – ро ташкил медиҳад. Аммо дар бозорҳои рушдёбанда, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи суғуртаи ҳаёт ҳамчунон кам (на бештар аз 8%) боқӣ мемонад. Чунин номутаносибӣ боиси норасоии музмини захираҳои молиявии дарозмуддати таъйиноти сармоягузоридошта дар субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ мегардад. Маълумотҳои ин ҷадвал нишон медиҳанд, ки сатҳи пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ ҳамчунон паст боқӣ мемонад, ки ҳатто талафоти субъектҳои бозорро аз ҳолатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пӯшонида наметавонад.

Ба ибораи дигар, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки суғурта дар дасти давлат накши механизми дахолати барномарезишударо ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳатто дар бунёд ва рушди муносибатҳои оилавӣ мебозад. Чунин муносибат аз ҷониби давлат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатто дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, бо назардошти дурнамои фавкулода номусоиди вазъи демографӣ ва тақвият ёфтани таҳдиди бемориҳои оммавӣ дар байни аҳолӣ, комилан қонунӣ мебошад. Танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ аз фароҳам овардани шароити заминавӣ аз ҷониби давлат барои фаъолияти бозори суғурта, ки дар доираи он субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ дар қабули қарорҳо озод мебошанд, иборат аст. Бо омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти танзими фаъолияти суғурта мо  масъулияти танзими ин фаъолиятро миёни мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тасниф намудем (расми 23)

**ТАСНИФИ ВАКОЛАТИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА МИЁНИ МАРКАЗУ МИНТАЌА**

**Дар сатҳи марказ:** мусоидат ба рушди боэътимод ва босуботи субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ ва бозори суғурта, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ; – таъмини риояи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои бозори суғурта; баланд бардоштани суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа бо кумаки суғурта;

**Дар стаҳи минтақа:** таъмини иҷрои ухдадориҳо аз ҷониби тарафҳои шартномаҳои суғурта; – гирифтани андозҳо ва пардохтҳо аз амалисозии фаъолияти суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти минтақавӣ.

**Методҳои асосӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ**: қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта; назорат аз болои риоя шудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ва иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ; танзими устувории молиявии суғуртакунандагон ва таъмини иҷрои ухдадориҳои мустақим аз ҷониби онҳо дар назди истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ; назорат аз болои пардохти андозҳо ва пардохтҳо аз ҷониби субъектҳои бозори суғурта; – татбиқи таҳримҳо ба иштирокчиёни бозори

**Расми 23. Таснифи масъулияти танзими фаъолияти суғурта миёни мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар аксари давлатҳои Аврупо низоми назорати суғуртавии ягонаро барои тамоми кишвар истифода мебаранд. Дар Канада баъзе ҷанбаҳои суғурта дар сатҳи федералӣ ба танзим даровarда мешавад, аммо ваколатҳои асосӣ ба мақомоти иёлатҳо вогузор шудаанд. Ниҳоят, дар ИМА қонунгузории федералӣ дар соҳаи суғурта вуҷуд надошта, танзими ин соҳаи фаъолият дар сатҳи иёлатҳо амалӣ карда мешавад.

Дар ҷумҳурии мо бошад, тибқи қонунгузории дохилӣ онҳо мавриди танзими давлатӣ қарор мегиранд:

- фаъолияти суғуртакунандагон ва азнавсуғуртакунандагон (фурӯшандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ);
- фаъолияти миёнаравҳои суғуртавӣ;
- фаъолияти суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва баҳрабардорандагон (истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ).

Ба андешаи муаллиф, дар шароити имрӯза омӯзиши амалияи танзими давлатии суғурта дар иқтисоди тағйирёбандаи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти давлат дар ин самт моҳияти анҷомнаёфта дорад. Дар аксари соҳаҳо бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, пеш аз ҳама, бо сабаби номукаммалии қонунгузорӣ тамоман танзим карда намешавад. Ин ҳолат рушди босуръати бозорро боздошта, ба он амалҳои номуташаккилиро ворид карда, дар асл нақши нобудкунандаи бешууронаи сохтори тавлидёбандаи бозориро мебозад. Вазифаҳои суғурта тадриҷан ба бизнеси сиёҳ интиқол меёбанд ё аз ҷониби ширкатҳои кэптивие иҷро карда мешаванд, ки фаъолияташон ба дараҷаи ночиз мавриди таъсиррасонии давлатӣ қарор дорад.

Ба ҳамин васила, ҳамаи ин зарурати такмили танзими давлатии бозори суғуртаро таъкид мекунад. Барои рушди бозори суғурта ва табдил додани он ба бозори суғуртаи мутамаддин, пеш аз ҳама, чораҳои муҳими танзимро андешидан лозим аст. Фаъолияти суғуртавӣ дар ҳамаи кишварҳо зери назорати давлат қарор дорад. Ин аз аҳамияти суғурта дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа дарак медиҳад. Манфиатҳои ҷомеа дар рушди васеи суғурта иштироки бевоситаи давлатро дар назорати фаъолияти ин соҳа пешбинӣ менамоянд. Ин зарурат бо ду ҳолат муайян карда мешавад:

Аввалан, давлат ба рушди суғурта манфиатдор аст, зеро он масъалаҳои муҳими хоҷагии халқро ҳал карда, ҷуброни зарарро бароварда, захираҳои сармоягузориро таъмин мекунад.

Баъдан, суғурташавандагон ба ҳимоя ниёз доранд, зеро онҳо ба ширкатҳои суғуртавӣ пули худро бовар мекунанд, ҳатто вақте ки онҳо дар бораи эътимоднокии сармояҳои худ натиҷагирӣ карда наметавонанд.

Чи тавре, ки мебинем, суғурта дар шароити иктисоди бозорӣ чун категорияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Вай чун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаи инфрасохтори кории суғурта дар Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии рушди худ қарор дорад. Суғуртаи амалиёти воридоти хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Точикистон ҳоло асосан аз тарафи ширкатҳои суғуртавии хориҷӣ зери назорат гирифта мешавад ва ин аз сатҳи баланди рақобатпазирии ҳам содироткунандагони ватанӣ ҳам воридоткунандагон, инчунин ширкатҳои суғуртавӣ, бадастории қисми зиёди савдои содиротӣ, амалиёти накдӣ аз рӯйи молу хизматрасонӣ аз тарафи сармояи хусусии хориҷӣ, ки суғуртаи борҳоро асосан ба ширкатҳои худ бовар мекунад, шаҳодат медиҳад.

Илова бар ин, қисми зиёди борҳои ба Тоҷикистон аз Аврупо, Эрон, Чин, ИМА ва як қатор мамлакатҳои дигар воридшаванда аз тарафи молгузорандагон ба тартиби ҳатмӣ дар ширкатҳои давлатии суғуртавии худ, мисли OPIC, Hermes ва ғ. суғурта мешаванд.

Бинобар ин, суғурта дар Тоҷикистон ҳоло ба талаботи афзояндаи объективии ҷомеа, ки ҳамзамон хеле кам дарк шудааст, ҷавобгӯ нест. Танзими давлатӣ низ дар ин соҳа самаранок набуда, танҳо бо додани иҷозатномаҳо маҳдуд мегардад.

Дар асл бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон акнун такмил ёфта истодааст ва сохтори ин бозор тадриҷан беҳтар мешавад. Ҳоло дар мамлакати мо ширкатҳои миллӣ - давлатии азнавсуғуртакунанда танҳо якто фаъолият менамояд. Аз нуқтаи назари касбӣ суғуртакунандагони ватанӣ дар ин самт аз кишварҳои хориҷӣ қафо мондаанд.

Ба андешаи И.Рубанов агар давлат ба бунёди инфрасохтор, ба пешбурди тамоми навъҳои тиҷорат мусоидат нанамояд, шуғл наварзад, захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва табиӣ ба охир мерасанд. Ин нуқта барои иқтисодиёти Тоҷикистон

низ, ки норасоии сармоягузориҳоро барои пешбурди тиҷорат ва барқарорсозии маҳсулнокии замин аз сар мегузаронад, муҳим мебошад. Дар деҳот низ бинобар муҳоҷирати меҳнатии мувақатӣ норасоии ашхоси дар синни коршоямӣ қарордошта мушоҳида мегардад.

Бояд қайд кард, ки бозори минтақавии суғуртавӣ – ин сохтори фаъолияти кории муштарак байни суғуртакунандагон ва суғурташавандагон мебошад, ки дар ҳудуди минтақаи мушаххас рушд карда, қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори «корӣ» (бозорӣ) – и минтақаи мазкур мебошад. Аз ҷиҳати ҳудудӣ ҳамкории зикргардида метавонад аз доираи минтақа берун бароянд. Масалан, иштирокдорони он метавонанд субъектҳои хоҷагидор бошанд, ки дар минтақаҳо ҷойгиранд. Ин пеш аз ҳама ба суғуртакунандагон дахл дорад. Гузашта аз ин, шартномаҳои суғуртавии объектҳое, ки дар ҳудуди минтақа баста мешаванд, набояд ҳатман дар ин ҳудуд (асосан ё дар маҷмуъ) ҷойгир шуда бошанд. Бо назардошти ин, фаъолияти ҳар як бозори минтақавии суғурта аз зербиное иборат бошад, ки тамоми фазои иқтисодии кишварро фаро гирифта, хусусиятҳо ва масъалаҳои рушди бозорҳои минтақавиро дар маҷмуъ инъикос карда тавонад.

Дар айни замон осори илмӣ оид ба масъалаҳои рушди бозори суғурта дар сатҳи минтақа хеле камшумор аст. Механизми ҳамкории мақомоти ҳокимияти иҷроия дар минтақа ва ширкатҳои суғуртавӣ, ки дар ҳудуди он амал мекунанд, таҳия карда нашудааст. Низоми муносибатҳои байни иштирокдорони бозори минтақавии суғурта нисбат ба бозори миллии суғурта дар маҷмуъ дур мебошад.

Бинобар ин, мавҷуд набудани заминаи расман эътирофшудаи консептуалии бозори минтақавии суғурта боиси он мегардад, ки дар аксарияти минтақаҳои кишвар он бенизом фаъолият карда, назорати фаъол ва дастгирии самарабахш аз ҷониби давлат дар масъалаи мазкур вуҷуд надорад ва ҳифзи боэътимоди суғуртавии аҳолӣ таъмин карда намешавад.

Масалан, соҳибкории суғуртавӣ дар минтақаи Кӯлоби  вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои осебпазири ҷумҳурӣ мебошад, аз рушди ниҳоят ноустувори бахши суғурта мушкилӣ мекашад. Дар ин минтақа амалан ягон

нишонаи низоми танзими давлатии бозори минтақавии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва соҳибкории суғуртавӣ мавҷуд нест. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки барои азхуд кардани самтҳои мутамаддини рушди бозори мазкур ва танзими он чораҳои мушаххас, аз қабили ташкили мақоми махсуси назорат ва мусоидат ба соҳибкории суғуртавӣ дар вилоят, ҳавасмандгардонии худташкилдиҳии ширкатҳои суғуртавӣ, тавсеаи ширкатҳои маҳаллии суғуртавӣ ва ғайра андешида шаванд. Татбиқи ҳамаи ин тадбирҳо ба таври худмухтор номумкин аст. Ноил шудан ба самаранокии ҳамаҷонибаи онҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар онҳо ба вазифаҳои стратегияи рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мувофиқат кунанд.

Дар баробари ин, дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ кӯшишҳое барои андешидани тадбирҳое ба назар мерасад, ки ба тавсеаи талабот ба суғурта нигаронида шудаанд. Хусусияти фарқкунандаи ин кӯшишҳо асосан такя ба тарзи маъмурии васеъ кардани майдони суғуртавӣ мебошад, хоҳиши зиёд кардани шумораи суғурташавандагон, пеш аз ҳама, аз ҳисоби фаҳмондадиҳӣ тавассути қонунгузорӣ ва ҷорӣ кардани намудҳои нави суғуртаи ҳатмӣ ба назар мерасад.

Ҳамзамон, дар ҷараёни эҷоди механизми иқтисодӣ ва ташкилии ҳавасмандгардонии талабот ба суғурта, инчунин ба дониши амиқ ва дарки падидаву тамоюлҳое, ки ба хусусиятҳои чунин талабот таъсир расонида, портфели бозори суғуртаро ҳадди ақал дар дурнамои миёнамуҳлат муайян хоҳанд кард, такя намудан хеле зарур мебошад. Кор оид ба эҷоди механизми муассири фаъолият ва рушди бозори ватании суғурта бояд ба заминаи мустаҳками илмие асос ёбад, ки дар асоси таҳлили амиқи шароити воқеии иқтисодӣ ташаккул ёфта, дар он суғурташавандагони эҳтимолии ватанӣ қарор дошта бошанд. Агар ин шартҳо ба назар гирифта нашаванд, худи ғояи ҳавасмандгардонии талабот ба суғурта бо кумаки фишангҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ ҳатман ноком хоҳад шуд. Он гоҳ дар мубориза барои васеъ кардани заминаи такрористеҳсолкунии худ суғуртакунандагон боз вақти зиёди пурқиматро аз даст медиҳанд.

Аз ҷумла, ҳангоми амали суғуртаи тиҷоратӣ бояд дар назар дошт, ки корхонаҳои бахши воқеии иқтисод имрӯз бештар на танҳо нодории сармоягузорӣ, балки норасоии сармояи гардиширо низ аз сар гузаронида истодаанд. Гуфтан кофист, ки раванди банақшагирии воқеии фаъолияти истеҳсолӣ – молиявӣ дар ин соҳаи асосии иқтисод, ки дурнамои рушди суғурта ба он мустақиман вобастагӣ дорад, ба ҳисоби миёна 2 – 3 моҳро ташкил медиҳад.

Вақте, ки чунин маҳдудиятҳои дар сатҳи захираҳо ва молия мавҷуданд, барои рушди суғуртаи воқеӣ муҳим нест, то кадом ҳисса аз ҷиҳати меъёрӣ иҷозат дода мешавад, ки хароҷоти суғурта ба таркиби хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дохил карда шавад. Дар чунин шароит соҳибкорон барои суғуртаи воқеӣ на ба андозае, ки барои онҳо иҷозат дода шудааст, балки ба ҳамон миқдоре ки метавонанд, хароҷот хоҳанд кард.

Масъалаи дигар ин аст, ки афзоиши ҳиссаи хароҷоти суғурта вақте ки аз ҷиҳати меъёрӣ ба арзиши аслӣ дохил карда мешавад ва онро барои «оптимизатсияи ҷараёнҳои молиявӣ», яъне барои пур кардани маблағҳои гардишӣ истифода бурдан мумкин аст, талабот аз ҷониби соҳибкорон ба чунин хизматрасониҳои молиявии ширкатҳои суғуртавӣ афзоиш хоҳад ёфт. Аммо бояд дар хотир дошт, ки дар шароити воқеии суғурташавандагони ватанӣ зиёд кардани меъёрҳои хароҷоти суғурта, ки ба арзиши аслӣ дохил карда мешаванд, боиси начандон зиёд шудани талаботи соҳибкорон ба суғуртаи воқеӣ гардида, ҳамон қадар ба афзоиши ҳаҷми амалиётҳои суғуртавӣ рӯякӣ мусоидат менамояд. Афзоиши босуботи шумораи муштариёни нав барои суғуртаи воқеӣ, яъне васеъшавии майдони воқеии суғуртавӣ ҳанӯз ба амал наомадааст. Ин аз ғайрисамаранокии қарорҳои маҳдуди соҳавии қабулшуда бе назардошти шароити умуми иқтисодии фаъолияти иштирокчиёни асосии бозори муосири суғурта – соҳибкорони ватанӣ, ки дар бахши воқеии иқтисод фаъолият мекунанд, шаҳодат медиҳад.

Бе муболиға метавон гуфт, ки омӯхтан, дарк кардан ва дар амал эҷодкорона татбиқ намудани таҷрибаи суғуртакунандагони хориҷие, ки бо ҷорӣ

кардани шаклу методҳои муосири ҳавасмандгардонии ташкилию иқтисодии талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ машғуланд, барои бозори суғуртаи миллӣ ҳаётан муҳим мебошад. Таҷрибаи хориҷӣ барои ҳалли вазифаҳои рушди босуръати бозори ватании суғурта ва ба сатҳи сифатан нав баромадани он боз ҳам эътимодбахш мегардад. Солҳои охир истифодаи таҷрибаи суғуртакунандагони хориҷӣ аз ҷониби бонкҳо, ширкатҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, лизингӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ ва савдо, ки ба муштариёни худ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод менамоянд, рӯ ба афзоиш аст. Вобаста ба ин, онҳо технологияҳои муқовимат ба хавфҳоро таҳким бахшида, омезиш (конвергенсия) - и технологияҳои суғуртавӣ ва молиявию бонкиро ба даст меоранд.

Дар ин раванд воридшавии мустақими ташкилотҳои махсусгардониданашудаи суғуртавӣ ба бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, истифодаи маҳсулоти универсалии бонкӣ – суғуртавӣ барои ҳимоя аз таъсири манфии хавфҳо барои табиат, соҳибкорӣ ва ҷомеа дар маҷмуъ ҳамчун яке аз зуҳуроти намоёни конвергенсия дар соҳаи муосири молиявӣ муайян карда мешавад.

Ба ибораи дигар, зери сарпарастии ташкилотҳои суғуртавӣ иштирокчиёни сифатан нави бозор ташаккул меёбанд, ки на танҳо дар бахши суғуртавии он фаъолият мебаранд, балки аз тариқи фаъолият дар асоси принсипҳои конвергенсия ба муштариёни худ хизматрасониҳои ҳамаҷонибаро пешниҳод менамоянд.

Ба андешаи муаллиф, тибқи маълумоти мутахассисон ин равандҳо дар бозори хориҷии хизматрасониҳои суғуртавӣ тақрибан 20 сол пеш оғоз ёфта, хусусан солҳои охир фаъол гардидаанд. Вақте ки аз иштирокдорони бозор афзалиятҳои иловагии рақобатӣ талаб карда шуданд, зиёд шудани талош барои талаботи истеъмолӣ дар соҳаи молиявӣ дар солҳои охир ангезандаи ин равандҳо гардид.

Ҳангоми таҳия ва амалисозии чорабиниҳо оид ба ташаккули механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандгардонии талаботи ихтиёрӣ ба суғурта бо роҳи

дастгирии конвергенсия дар бозори ватании хизматрасониҳои молиявӣ масъалаи мақсаду меъёрҳои самаранокии ин раванд боз ҳам тезутунд хоҳад шуд. Аз ҷумла, вақтҳои охир таваҷҷуҳи ҷомеа ва мутахассисонро якчанд муомилоти анҷомёфта ва дар ҷараёни амалисозӣ қароргирифтаи баҳамомезӣ байни баъзе бонкҳои ватанӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ ҷалб кардаанд. Далели чунин муомилот хеле муҳим ва намунавӣ мебошад. Аммо ҳангоми арзёбии чунин муомилот муҳим он аст, ки ҳам аз зоҳирнамоии таблиғотӣ – ташвиқотӣ, ҳам аз «ҳангомаҳои» расонавии навъи «кӣ киро фурӯ бурд» канорагирӣ карда шавад. Барои мутахассисон фаҳмидани он муҳим аст, ки ин муомилот воқеан чиро нишон дода, ба бозори хизматрасониҳои молиявӣ чӣ ангеза медиҳанд. Маҳз дар ҳамин ҷо меъёри зарурати афзоиши талаботи пардохтпазирро ба суғурта истифода бурдан лозим аст. Бо кумаки ин меъёр фаҳмидан мумкин аст, ки оё чунин муомилот ба рушди майдони суғуртавӣ мусоидат хоҳад кард, ё танҳо аз паҳншавии он аз равандҳои азнавтақсимкуние иборат аст, ки дер боз дар худи бозори суғурта бо номи «тамаркузи сармояи суғуртавӣ» вуҷуд доранд ва тавре ки маълум аст, боиси тавсеаи нерӯи воқеии истеъмолӣ намегарданд.

Барои бозор муҳим аст, ки чунин конвергенсия ба конвергенсияи шабеҳи бонкӣ – суғуртавии «тамаркузи» бароямон шиноси оянданадоштаи суғуртавӣ табдил наёбад. Дар айни замон, фаҳмише вуҷуд дорад, ки дар марҳилаи мазкур иштирокдорони чунин муомилот бо такя ба робитаҳои ҷадидан ба роҳ мондашавандаи расмии дар ҳамон як даст мутамарказ гардонидани бахшҳои дорои майдони суғурта хоҳиши бештар доранд, ҳол он ки барои афзоиш додани рушди он бояд кӯшиш намоянд.Ояндаи наздик нишон хоҳад дод, ки оё аз паси ин марҳилаи тамаркуз ва азнавтақсимкунӣ шумораи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ воқеан афзоиш хоҳад ёфт ё не ва маҳз ҳамин нукта имкон медиҳад, ки дар бораи он ҳукм бароварда шавад, ки то чӣ андоза барои бахши молиявии иқтисоди ватанӣ «нишонаҳо» - и конвергенсияи дар вақтҳои охир пайдошуда мусбат хоҳанд буд.

Татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии сиёсати иқтисодӣ бояд лаҳзаи асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ

гардад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ раванди ба фазои суғуртаи ҷаҳонӣ дохил шудани сектори суғурта ва бозори суғуртаи ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад. Ин зарурати интихоби модели самарабахши танзими бозори суғуртаро, ки сохтори мувофиқи институтсионалӣ дорад, ба миён меорад. Дар натиҷаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба системаи суғуртаи ҷумҳурӣ торафт норавшан шудани тафовути байни системаҳои суғуртаи миллӣ ва ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад, ки ба ташаккули хосиятҳои умумӣ ва тамоюлҳои рушд мусоидат мекунад. Таъсири ҷаҳонишавӣ дар бозори суғурта ба он вобаста аст, ки ин соҳа ба бахши молиявии иқтисодиёт дохил карда шудааст. Дар ин бахш нисбат ба дигар бахшҳои воқеӣ сатҳи ҳаракати захираҳои сармоягузорӣ, сармоя, воситаҳои молиявӣ ва чандирии онҳо баландтар аст. Соҳаи суғуртаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба категорияи соҳаи суғуртаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дохил мешавад. Аз ин рӯ, моделҳои танзими он ҳанӯз дар марҳилаи мутобиқшавӣ ба тамоюлҳои асосии ҷаҳонӣ қарор доранд. Таъмини такмили механизми танзим, таҳияи консепсияи нави рушди тиҷорати суғуртавӣ танзими давлатиро бо заминаи дахлдори институтсионалӣ, сохтори институтсионалӣ, ки аз системаи пайвастагии маҷмуи қоидаҳо ва меъёрҳои расмӣ иборат аст, талаб мекунад, ки «қоидаҳои бозӣ» дар бозори суғурта ва механизмҳои назорати ин қоидаҳо риоя гардад.

Ҳоло дар кишвар қонунгузории умумӣ ва соҳавӣ қабул карда шудааст, ки заминаи институтсионалии танзими фаъолияти суғуртаро муайян мекунад, ки шарти ҳатмӣ барои ислоҳ ва такмили минбаъдаи он мегардад. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро метавон ба умумӣ ва аз рӯи самтҳои фаъолият тақсим кард: дар доираи қонунгузории умумӣ (ҳуқуқи соҳибкорӣ, қонунгузории андоз, танзими зиддиинҳисорӣ) танзими давлатии фаъолияти суғурта бо истифода аз шаклу усулҳои анъанавии дар ҳама соҳаҳо истифодашавандаи иқтисодиёт амалӣ карда мешавад. Аммо дар ин ҳолат хусусияти фаъолияти суғурта ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ба назар гирифта мешавад. Бар хилофи қонунгузории умумӣ, қонунгузории соҳавӣ дар аввал хусусиятҳои соҳа ё соҳаи фаъолияти танзимшавандаро инъикос

мекунад. Он тартиб ё шартҳои фаъолияти субъектҳои тиҷорати суғуртаро муайян менамояд. Аммо дар байни ин санадҳои қонунгузорӣ як қатор муқаррароти мухолиф мавҷуд аст, бинобар ин дар оянда ба таъмини алоқаи диалектикии ин санадҳои қонунгузорӣ таваҷҷуҳ бояд кард, зеро қонунгузории умумӣ ва соҳавӣ ҳамдигарро пурра карда, ба ҳадди аксар тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои иқтисодиро, ки дар иқтисодиёти бахши суғурта амалӣ мегарданд, фаро мегирад.

Тавре дар боло зикр гардид, бахши суғуртаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дорад, бинобар ин тамоюли ба равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ ҷалб намудани ташкилотҳои суғуртаи ватанӣ мушоҳида мешавад. Азбаски равандҳои ҳамгироии иқтисодии дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҷойдошта фаъолияти суғуртавиро низ дар бар мегиранд, ташкилотҳои суғуртаи ҷумҳурӣ майл доранд, ки дар ҳайати ширкатҳои бузурги суғуртавии ҷаҳон фаъолият намоянд, зеро фаъолияти онҳо дар ҳудуди давлатҳои гуногуни ҷаҳон сурат мегирад. Дар ин шароит, пеш аз ҳама, барои рушди бозори дохилии суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ дар асоси ҳамоҳангсозӣ ва ягонагии қонунгузории миллӣ ё таъсиси (бидуни тағйир додани қонунгузории миллӣ) режими нисбатан мусоидтари миллӣ шароити институтсионалиро барои ширкатҳои суғуртаи хориҷӣ таъмин намудан зарур аст. Дар айни замон дар бахши суғуртаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарурати «транплантатсия» - и муассисаҳо ва интихоби модели танзими давлатии бозори суғурта бо сохтори дахлдори институтсионалие ба миён омадааст, ки дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон санҷида шудааст. Ин ба фаъол шудани равандҳои воридшавии ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ ба сохторҳои муттаҳидаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар системаи ҷаҳонии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ модели «англо-америкоӣ» ва «олмонӣ» мавҷуд аст.

Модели англо - америкоии танзим дар доираи низоми ҳуқуқи англо-америкоӣ, ки ба консепсияи либералӣ такя менамояд, амалӣ мегардад. Дар ин модел дар қонунгузориҳо танҳо шарту шароити умумӣ инъикос ёфта, танзими муфассали ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст. Хусусият ва сифати фарқкунанлаи

ин низом дар он аст, ки қонун ягона сарчашмаи бартаридоштаи ҳуқуқ набуда, дар баробари он амалиёти (претседенти) судӣ ҳам роли муҳим мебозад. Дар бозори суғурта ба назорати вазъи молиявии ширкатхои суғурта дар асоси омӯзиши ҳисоботи онҳо диққат дода мешавад; тарифҳои суғурта тасдиқ карда намешавад, бозор муаяйн менамояд, амалиёти суғурта зери танзиму назорати қатъӣ қарор намегирад. Ин система барои кишварҳои ИМА, Британияи Кабир, Австралия, Канада ва ғайра хос аст.

Модели олмонии (континенталии) танзими бозори суғурта ба дараҷаи зиёд зери танзими мутамарказии давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла дар мақомоти маҳаллӣ (минтақавӣ) қарор гирифтааст. Ҳама субъектҳои соҳибкории бахши суғуртаи иқтисодиёт дар кишвар зери тобеияти қоидаҳои муфассалкардашудаи тамоми ҷанбаҳои фаъолияти суғурта қарор гирифта, назорати қатъии ҳокимияти федералӣ аз болои риояи санадҳои қонунӣ ва бозори хизматрасониҳои суғурта ҷори карда шудааст. Асоси низомро танзими қатъии қонунгузории фаъолияти субъектҳои бозор ташкил медиҳад ва сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ ин қонунҳо ва кодексҳо мебошанд.[77]

Ба назари мо, дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи модели олмонии танзим, ки ба он сатҳи баланди танзими давлатии бозори молиявӣ хос аст, бахусус нисбат ба ташкилотҳои суғуртавӣ ва фаъолияти суғуртавӣ дар асоси маҷмуи механизми танзими давлатии бозор ба мақсад мувофиқ мебошад. Омезиши оптималии институтҳои давлатӣ ва бозорӣ бояд самти асосии танзими фаъолияти суғуртавие гардад, ки ба ташаккули модели самараноки танзими давлатии низоми суғурта мусоидат намояд. Муҳим он аст, ки таҳияи модел ба истифодаи усулҳои муосири танзими давлатӣ нигаронида шуда, ба татбиқи меъёрҳои самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ халал нарасонад.[78]

---

[77] Шокин В.О. Глобальная экономика и образцы лучших мировых практик государственного регулирования страхового рынка // Российское предпринимательство. – 2017. – Том 18. – № 1. С. 89 – 109.

[78] Гомелля В.Б. Проблемы современного государственного регулирования страхового рынка России // Финансы. 2011. № 8. С. 50 – 52.

## 4.3. Такмили муносибати методии назорати давлатии соҳибкории суғуртавӣ

Аз асрҳои XV – XVI сар карда, суғурта дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳамчун объекти назорат ва танзим аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо шинохта шудааст. Назорати давлатӣ аз болои фаъолияти субъектҳои кори суғуртавӣ (назорати суғуртавӣ) бо мақсади риояи қонунгузории суғуртавӣ аз ҷониби онҳо, пешгирӣ ва рафъи қонуншиканиҳо аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» танзим карда мешаванд, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, дигар шахсони манфиатдор ва давлат, рушди самараноки кори суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

Суғурта як намуди ба таври объективӣ муайяншудаи фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад. Он метавонад бидуни ягон танзим ва ё таъсир аз ҷониби давлат вуҷуд дошта, фаъолият намояд, зери таъсири қонунҳои иқтисодии мустақил, ки дорои хусусияти объективӣ мебошанд, рушд кунад. Аммо ин барои марҳилаи аввали ташаккули суғурта дар ҷомеа, вақте ки асосан меъёрҳои иҷтимоӣ амал мекарданд, хос буд. Зарурати танзими ин соҳаи муҳими иқтисод аз ҷониби давлат бо пайдоиши давлат ва ҳамзамон меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Тавре таъкид шуд, танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ аз таъсиррасонии давлат ба иштирокчиёни ӯҳдадориҳои суғуртавӣ, ки дар чанд самт амалӣ карда мешавад, иборат мебошад:

- иштироки бевоситаи давлат дар ташаккули низоми суғуртавии ҳимояи манфиатҳои амволӣ;
- таъмини қонунгузории ташаккул ва ҳимояи бозори миллии суғурта;
- назорати давлатии фаъолияти суғуртавӣ;
- ҳимояи рақобати одилона дар бозори суғурта, пешгирӣ ва рафъи инҳисор.

Вобаста ба ин, иштироки бевоситаи давлат дар ташаккули низоми суғуртавии ҳимояи манфиатҳои амволӣ бо зарурати: аввалан, кафолати ҳимояи иҷтимоии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ва аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ амалӣ

кардани суғуртаи ҳатмии давлатӣ; баъдан, муайян кардани асосҳо ва тартиби иштироки давлат дар суғуртаи хавфҳои ғайритиҷоратӣ барои ҳимояи сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ муайян мешавад.

Дар ин замина, самтҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ инҳоянд:

- муқаррар намудани ҳуқуқи субъект будани субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ;
- танзими ҳуқуқии муносибатҳои суғурта;
- назорати давлатӣ аз болои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ;
- таъмини устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ;
- ҷилавгирӣ аз фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати ноодилона дар бозори суғурта;
- таъмини иҷрои муқаррароти меъёрҳои қонунгузории суғуртавӣ.

Ба сифати методҳои амалӣ намудани танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ҳамон усулҳо ва тарзҳои мушаххасе амал мекунанд, ки тавассути онҳо давлат ин танзимро амалӣ менамояд (расми 24).




**Расми 24. Методҳои танзими давлатии бозори суғурта**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ бояд рушди низоми миллии суғуртаро таъмин намуда, назоратро аз болои бахши суғуртавии иқтисод амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, мувофиқи қонунгузорӣ вазифаҳои асосии мақомоти давлатии назорати суғуртавӣ аз болои фаъолияти суғуртавӣ аз инҳо иборатанд:

- додани иҷозатнома ба суғуртакунандагон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ;
- пешбурди феҳристи ягонаи давлатии суғуртакунандагон ва иттиҳодияҳои суғурташавандагон, инчунин феҳристи брокерҳои суғуртавӣ;
- назорат аз болои асоснокии тарофаҳои суғуртавӣ ва таъмини пардохтпазирии суғуртакунандагон;
- муқаррар намудани қоидаҳои ташаккул ва ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ, нишондиҳандаҳо ва шаклҳои баҳисобгирии амалиётҳои суғуртавӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти суғуртавӣ.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, назорати давлатии суғуртавӣ бо мақсади риояи қонунгузории суғуртавӣ аз ҷониби субъектҳои кори суғуртавӣ, ҷилавгирӣ намудан аз қонунвайронкунӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, дигар шахсони манфиатдор ва давлат, рушди самараноки фаъолияти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, назорати суғуртавӣ ба принсипҳои қонуният, ошкорбаёнӣ ва якпорчагии ташкилӣ асос меёбад.

Назорати суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти назорати суғуртавӣ амалӣ карда шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақомоти назорати суғуртавӣ қабул карда мешаванд, тавзеҳоти мақомоти назорати суғуртавӣ оид ба муқаррароти қонунгузории суғуртавӣ, феҳристи ягонаи давлатии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, феҳристи иттиҳодияҳои субъектҳои кори суғуртавӣ, иттилоот оид ба боздоштан ё маҳдуд кардани амали иҷозатнома, бозхонди иҷозатнома (хориҷ кардани маълумот дар бораи субъектҳои кори суғуртавӣ аз феҳристи ягонаи давлатии субъектҳои кори суғуртавӣ) ва дигар маълумот дар

бораи масъалаҳои назорати суғуртавӣ бояд дар мақомоти чопкунанда, ки онро мақомоти назорати суғуртавӣ муайян мекунад, бояд ба нашр расанд.

Дар ин асос, иҷрои шартҳои зерин аз ҷониби Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шудааст:

- иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ва пешбурди феҳристи ягонаи давлатии субъектҳои кори суғуртавӣ, феҳристи иттиҳодияҳои субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ;

- назорат аз болои риояи қонунгузории суғуртавӣ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани санҷишҳои маҳаллии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ва эътимоднокии ҳисоботдиҳии онҳо, инчунин таъмини устувории молиявӣ ва пардохтпазирии онҳо аз ҷониби суғуртакунандагон;

- дар давоми 30 рӯз додани иҷозат барои зиёд кардани андозаи сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ барои бастани муомилот оид ба бегона кардани саҳмияҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ, барои кушодани намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, азнавсуғуртакунӣ, брокерӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар соҳаи кори суғуртавӣ фаъолият мекунанд;

- назорат оид ба риояи тартиб ва шартҳои ташаккули захираҳо (фондҳо) аз ҷониби суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғуртавӣ) барои ҳамаи намудҳои суғурта;

- назорат оид ба риоя шудани таносубҳои меъёрии байни дороиҳо ва ухдадориҳои суғуртавии қабулкардаи суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғуртавӣ);

- назорат барои фаъолияти молиявию хоҷагии суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғуртавӣ), ки бо талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ алоқамандананд;

- назорат барои қонунӣ будани амалҳои ҳам суғуртакунандагон (ташкилотҳои суғуртавӣ), ҳам суғурташавандагон, ки шартномаи суғуртавӣ бастаанд.

Барои таъмини иҷрои вазифаҳои зикргардидаи мақомоти назорати суғуртавӣ ба зиммаи субъектҳои кори суғуртавӣ уҳдадориҳои муайян вогузор карда мешаванд. Ҳамин тавр, ин субъектҳо вазифадоранд:

- ҳисоботи муқарраршударо дар бораи фаъолият, иттилоот оид ба вазъи молиявии худ пешниҳод намоянд;

- талаботҳои қонунгузории суғуртавӣ ва иҷрои амрҳои мақомоти назорати суғуртавиро оид ба рафъи вайронкуниҳои қонунгузории суғуртавӣ риоя намоянд;

- бо дархости мақомоти назорати суғуртавӣ оид ба амалӣ намудани назорати суғуртавӣ (ба истиснои иттилооте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад) иттилооти зарурӣ пешниҳод намоянд.

Ҳамин тавр, се шакли амалӣ намудани назорати давлатӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ мавҷуд аст: иҷозатномавӣ, назоратӣ ва оморӣ.

Шакли иҷозатномавии назорат бо тартиби қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ танзим карда мешавад.

Назорат аз болои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатӣ амалӣ карда мешавад. Мавзӯи назорат аз ҷониби суғуртакунандагон анҷом додани амалиётҳои молиявии марбут ба ташаккули захираҳои суғуртавӣ, ҷойгиркунии дороиҳо мебошад.

Дар ин раванд шакли омории назорат дар асоси санҷиши ҳисоботи молиявие, ки аз ҷониби суғуртакунандагон ба мақомоти назорати суғуртавӣ пешниҳод мегардад, амалӣ карда мешавад.

Аз нигоҳи муаллиф, асоси бозори ватании суғуртавӣ – ин падидаи воқеияти иқтисодӣ мебошад. Воқеияти иқтисодӣ аз ҷониби муносибатҳои объективӣ ташаккул меёбад, ки ба онҳо иштирокчиёни бозор – суғурташавандагон, суғуртакунандагон ва давлат шомиланд. Дар ин муносибатҳо манфиатҳои онҳо татбиқ карда мешаванд. Зарур аст, ки таҳқиқоти илмии манфиатҳои иқтисодии суғурташавандагон, суғуртакунандагон ва давлат

таъмин карда шуда, роҳҳои мушаххаси чунин омезиши онҳо, ки тавонад ба рушди суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиат орад, муайян карда шаванд.

Суғурташавандагон манбаи асосии мавҷудият ва рушди соҳибкории суғуртавӣ мебошанд, бинобар ин, соҳибкорон ва давлат бояд ба таври объективӣ ба татбиқи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун асоси қобилияти ҳаётии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор бошанд. Соҳибкории суғуртавӣ дар ин низоми нави афзалиятҳо бояд ҳамчун василаи такрористеҳсолкунии муносибатҳои суғуртавӣ ва давлат бошад, ҳамчун ниҳоди асосие амал кунад, ки барои ин ҳавасмандиро ба вуҷуд оварда, шароити асосии рушди бозорро ташаккул диҳад.

Асоси объективии рушди бозори суғурта талаботе мебошад, ки дар раванди такрористеҳсолкунӣ баҳри таъмини муттасилии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва расонидани кумаки пулӣ дар ҳолатҳои сар задани ҳодисаҳои нохуш ба вуҷуд меояд.

Аз ин хотир, мисли соҳаи дигари фаъолияти соҳибкорӣ, нақши таъсиррасонии давлат дар фаъолияти суғуртавӣ бузург аст. Худи давлат суғуртаро амалӣ намуда, назорати давлатиро дар соҳаи суғурта пеш мебарад. Таъсиррасонии давлат ба фаъолияти суғуртавӣ аз тариқи ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, санҷиши фаъолияти онҳо ва танзими меъёрии фаъолияти суғуртавӣ сурат мегирад.

Вобаста ба ин, вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ оид ба назорати ҳуқуқ инҳоро дар бар мегирад:

- аз суғуртакунандагон ҳисоботҳо ва иттилооти дигарро гирад;
- иттилоотро аз шаҳрвандони дигар гирад;
- санҷишҳоро анҷом диҳад;
- ҳангоми ошкор кардани вайронкуниҳо аз ҷониби суғуртакунандагон ба онҳо барои бартараф кардани камбудиҳо то бозхонди иҷозатнома дастурҳо диҳад;

- муроҷиат кардан ба суди ҳакамӣ бо даъво оид ба бархамдиҳии суғуртакунанда дар ҳолати аз ҷониби он такроран вайрон кардани қонунгузории ҷумҳурӣ ва ё амалӣ намудани фаъолият бе иҷозатнома.

Сарфи назар аз он ки ташкили мақомоти назоратӣ тибқи қонун гӯё дақиқ муайян шудааст, аммо тавре амалия нишон дод, ин кифоя намебошад. Тавре ки қайд карда шуд, то ҳол қонун дар бораи назорати суғуртавӣ вуҷуд надорад. Қабули ин қонун имкон медод, ки мақоми назорати суғуртавӣ дар асоси васеъ шудани доираи вазифаҳо ва салоҳиятҳо таҳким ва низоми мақомоти ҳудудӣ тавсеа ёфта, масъалаи манбаъҳои маблағгузории назорати суғуртавӣ ҳал карда шавад.

Аммо нақши давлат дар ташкил ва танзими бозори суғуртаи кишвар танҳо бо мавҷуд будани Идораи назоратӣ маҳдуд намешавад (ҳарчанд нақши он хеле муҳим аст).

Дар шароити бозор вазифаи асосии давлат ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории суғуртавӣ мебошад. Аз ҷумла, ба методҳои ҳавасмандкунии давлатӣ инҳо мансубанд:

1) эҷоди қонунгузории босубот, ки «қоидаҳои бозӣ» – ро дар бозори суғурта барои ҳамаи субъектҳои он муайян мекунад;

2) ташаккули манфиати суғуртавии истеъмолкунандагони эҳтимолии хизматрасониҳои суғуртавӣ;

3) эҷоди низоми муассири назорати давлатӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (тавре ки дар боло қайд кардем);

4) ташкили низоми кафолатҳои иҷро шудани ухдадориҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ дар назди истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

5) ташкил ва ҳимояи рақобати солим дар бозори суғурта;

6) ташкили инфрасохтори бозори суғурта ва низоми омодасозии кадрҳо дар соҳаи суғурта;

7) танзими фаъолияти суғуртакунандагони хориҷӣ ва суғуртакунандагони дорои ҳиссаи афзалиятноки сармояи хориҷӣ дар бозори ватанӣ;

8) амалӣ намудани сиёсати андозситонӣ, ки ба ташаккули бозори мутамаддини хизматрасониҳои суғуртавӣ мусоидат мекунад;

9) фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузории захираҳои мустақил ва дигар маблағҳо аз ҷониби суғуртакунандагон.

Хусусан, масъалаи иштироки бевоситаи давлатро дар суғурта ба сифати фурӯшандаи хизматрасониҳои суғуртавӣ, яъне мувофиқи мақсад будани мавҷудияти ташкилоти давлатии суғуртавӣ қайд кардан зарур аст. Солҳои охир ҳиссаи давлат дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ки ин дар шароити дигаргуниҳои бозаргонӣ ва хусусигардонии иқтисод комилан табиӣ мебошад. Аммо, дар айни замон, дурнамои ширкати ягонаи давлатии суғуртавии КВД «Тоҷиксуғурта» хеле номуайян аст. Як қатор масъалаҳои дигари муҳим низ ҳалношуда боқӣ мемонанд:

- ташкили дигар сохторҳои давлатие, ки ҳамчун фурӯшандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ амал мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст;
- зарурати таъсиси ширкати махсусгардонидашудаи давлатии азнавсуғуртакунӣ вуҷуд дорад;
- таъсиси ширкати давлатие, ки дар суғуртакунии қарзҳои экспертӣ ва сармоягузориҳо дар кишварҳои хориҷӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ, иштирокчиёни касбии суғурта дар маҷмуъ, ташкилотҳои дигаре, ки ҳимояи суғуртавиро амалӣ месозанд, бидуни назорати ягона ва доимии давлатӣ имкон намедиҳад, ки вазъи корҳо дар суғуртаи миллӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ ва падидаҳои манфӣ пешгирӣ карда шаванд; он ба вайрон шудани ҳуқуқҳои суғурташавандагон ва шахсони суғурташуда боис мегардад, ки ҳимояи онҳо яке аз ҳадафҳои асосии назорати суғуртавӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, назорат аз ҷониби назорати суғуртавӣ аз бақайдгирии шахс ба сифати субъекти соҳибкории суғуртавӣ сар карда то қатъ гардидани фаъолияти он бояд дорои хусусияти умумӣ, доимӣ ва пайдарпай бошад. Ба соҳаи назорат инчунин бояд нақшаи рушди соҳибкории суғуртавӣ, таҳлили вазъи молиявии муассисон (саҳмдорон, иштирокдорон, шахсони вобаста) ва

ҳиссаи онҳо дар сармояи оинномавии ташкилоти суғуртавӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ, назорати қатъӣ аз болои пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ шомил бошанд. Муқаррароти ишорашуда ба таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои назорати суғуртавӣ мувофиқат пурра мекунанд.

Бояд қайд кард, ки имрӯз вазифаи асосии мақомоти танзимкунанда дар ҷумҳурӣ (назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ) ба тариқи ретроспективӣ амалӣ карда мешавад. Мақомоти назорати суғуртавӣ фурсат намеёбад, ки ба шароити тағйирёбандаи бозор саривақт вокуниш нишон диҳад, ки ин ба ҳамоҳангшавии муносибатҳои байни субъектҳои он мусоидат намекунад. Зарурати гузариш аз назорати ретроспективӣ ба перспективӣ, пруденсиалӣ, ки дар асоси он принсипҳои назорати дохилӣ, аудит ва идоракунии хавфҳо қарор доранд, аён аст.

Яке аз самтҳои такмили фаъолияти назорати давлатӣ, яъне ҷорӣ кардани принсипҳои назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳоро ҳангоми амалисозии назорати давлатии суғуртавӣ дида мебароем. Таҳлили ретроспективии фаъолияти субъектҳои кори суғурта ба ин ҳолатҳо имкон намедиҳад:

1) гирифтани иттилооти объективӣ ва мубрам оид ба вазъи кор дар ташкилоти суғуртавӣ;

2) кафолатнок муайян кардани соҳаҳои проблемавии ташкилоти суғуртавӣ;

3) гузаронидани ташхиси барвақтии муфлисшавии ташкилотҳои суғуртавӣ;

4) баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани хароҷоти муваққатии санҷишҳое, ки аз ҷониби мақомоти назорати суғуртавӣ аз ҳисоби на санҷишҳои маҷмуии фаъолияти суғуртакунанда, балки аз ҳисоби санҷишҳои мақсадноки соҳаҳои маҳдуди проблемавии фаъолияти ширкатҳо амалӣ карда мешаванд.

Назорати пруденсиалӣ, ки воситаи эътирофшудаи назорат аз болои фаъолияти суғуртакунандагон дар саросари ҷаҳон мебошад, дар ҷумҳурӣ асосан дар марҳилаи назорати пешакӣ, яъне дар раванди додани иҷозатнома

сурат мегирад, ки дар он назорати давлатӣ санҷиши пешакии ҳамаи довталабони иҷозатнома ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи онҳоро амалӣ менамояд. Васеъ намудани доираи истифодаи муносибати пруденсиалӣ назорат аз болои субъектҳои кори суғуртавиеро пешбинӣ менамояд, ки аз ҳисоби тавсеаи доираи назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо амалӣ карда мешавад.

Муносибати мазкур, пеш аз ҳама, иборат аст аз:

- мониторинги доимии фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ – ширкатҳои суғуртавӣ, ки ба пешгирии хавфҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва вайронкуниҳои қонунгузории суғуртавӣ нигаронида шудааст (назорати ояндадор);
- таҳия кардани харитаи инфиродии хавфҳо барои ҳар як ташкилоти суғуртавӣ дар асоси арзёбии гурӯҳҳои хавф ва таҳлили онҳо;
- таърифи возеҳи меъёрҳои интихоби субъектҳои кори суғуртавӣ, ки бояд мавриди санҷиш қарор дода шаванд;
- таснифи ташкилотҳо, мувофиқи меъёрҳои интихобӣ бо мақсади муайян кардани субъектҳои кори суғуртавӣ, ки бояд мавриди санҷиш қарор дода шаванд, инчунин дақиқии чорабиниҳои ба нақша гирифташавандаи санҷишӣ;
- ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии субъекти кори суғуртавӣ ҳангоми муайян кардани мавзӯи санҷиш (бо назардошти таҳлили харитаи хавфҳо);
- андешидани чораҳои саривақтӣ ва фаврии назорати давлатии суғуртавӣ ва чораҳои дигари имконпазир дар ҳолати мавҷудияти сатҳи баланди хавф, инчунин вайрон кардани қонунгузории суғуртавӣ аз ҷониби субъекти кори суғуртавӣ;
- имконияти ҷалб кардани диққати ташкилоти суғуртавӣ ба соҳаҳои проблемавӣ ва арзёбӣ кардани он, ки оё ширкати суғуртавӣ мавҷудияти проблемаро дарк мекунад ё не.

Бинобар ин, ба андешаи муаллиф, пайванди асосии муносибати пешниҳодшуда «низоми арзёбии хавфи ташкилоти суғуртавӣ» мебошад, ки амалҳои асосии он инҳоянд:

а) ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти мубрам оид ба фаъолияти ширкати суғуртавӣ ҳам аз ҳисоботҳои ҷорӣ, ҳам бо дархости махсусгардонидашуда ба ширкати суғуртавӣ ва иттилооте, ки дар дастрасии умум қарор дорад;

б) тартиб додани харитаи инфиродии ширкатҳои суғуртавӣ аз рӯйи гурӯҳҳои асосии хавф ва таҳлили муфассали харитаи хавфҳо дар асоси иттилооти ҷамъоваришуда;

в) таҳияи барномаи чорабиниҳо оид ба пешгирии ба ҳадди ақал расонидани хавфҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили харитаи хавфҳо;

г) имконияти пешбинӣ кардани хавфҳои суғуртакунанда дар асоси таҳлили маълумоти таърихӣ дар бораи харитаи тартибдодаи хавф дар давраҳои гузашта.

Вобаста ба ин, харитаи хавфҳо, хавфҳои молиявӣ, аз ҷумла хавфҳои муфлисшавӣ, идоракунӣ, қонунгузорӣ, хавфҳои амалиётӣ, хавфҳои нагирифтани даромад зиёдшавии хароҷотро дар бар мегиранд.

Ҳар як гурӯҳ шумораи муайяни хавфҳоро дар бар мегирад. Масалан, ба гурӯҳи «хавфҳои молиявӣ» хавфи аз даст додани устувории молиявӣ, хавфи беқурбшавии дороиҳо, хавфи бозгаштии нокифоя, хавфи муфлисшавӣ ва ғайра дохил мешаванд. Гурӯҳи «хавфҳои идоракунӣ» хавфи сохтори ғайрисамараноки ташкилии ширкат, хавфи эътимоднокӣ, хавфи мавҷуд набудани ҳадафҳои ташаккулёфтаи стратегии ташкилот ва ғайраро дар бар мегирад. «Хавфҳои қонунгузорӣ» инҳоянд: хавфи риоя накардани қонунгузории суғурта, хавфи риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи мубориза бо қонунигардонии (шустани) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ва маблағгузории терроризм ба даст омадаанд ва ғайра. «Хавфҳои амалиётӣ»: хавфи фаъолияти ғайрисамараноки амалиётӣ, хавфҳои ҳуқуқӣ, хавфи қаллобии кормандон, суғурташавандагон, контрагентҳо ва ғайра. Гурӯҳи «хавфи нагирифтани даромад» хавфи андеррайтерӣ, хавфи коҳиши ҳиссаи бозор, хавфи номутавозунии портфели суғуртавӣ ва ғайра ва гурӯҳи «хавфҳои зиёдшавии хароҷот» хавфи фалокатҳо, хавфи ҳимояи ғайрисамараноки ташкили ҳимояи азнавсуғуртакунӣ, хавфҳои таваррумӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Барои ҳар як хавф нишонаҳои дахлдоре муайян карда мешаванд, ки онҳоро дар асоси ҳисобкунии хавфҳо дар асоси маълумоти дар ҳисоботи пешниҳодкардаи ташкилоти суғуртавӣ, инчунин дар асоси иттилооте, ки назорати давлатӣ метавонад аз субъектҳои кори суғуртавӣ ба тартиби дархост ба даст орад, тавсиф мекунанд. Мувофиқи дараҷаи хавф ба он холҳо муайян карда мешавад. Меъёрҳои додани хол бо роҳи экспертӣ бо назардошти таҳлили маводи назорати давлатӣ, тавсияҳои Ассотсиатсияи байналмилалии назорати суғуртавӣ, Кумитаи Базел пешниҳод ва муайян карда мешаванд.

Бинобар ин, барои ҳар як хавф, вобаста ба дараҷаи он, таҳия кардани нақшаи чорабиниҳои назоратӣ пешниҳод карда мешавад, ки метавонад инҳоро дар бар гирад: гузаронидани санҷишҳои мавзӯии минтақаҳои проблемавии ташкилоти суғуртавӣ, фиристодани дархостҳо ва тавсияҳо ба ташкилотҳои суғуртавӣ.

Вобаста ба ақидаҳои иброзшуда, низоми арзёбии хавфи ташкилоти суғуртавӣ ҳамчун василаи дохилии назорати давлатӣ барои таҳлил ва муайян кардани минтақаҳои проблемавии фаъолияти суғуртакунандагон пешниҳод карда мешавад. Чораҳои назорати давлатии суғуртавӣ бевосита дар асоси таҳлили харитаҳои хавфҳо нисбат ба суғуртакунандагон татбиқ карда намешаванд. Аммо натиҷаҳои таҳлили харитаҳои хавфҳо барои гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ асос хоҳанд буд, ки дар натиҷаи он нисбат ба субъектҳои кори суғуртавӣ чораҳои таъсиррасонӣ татбиқ карда мешаванд. Айни замон тибқи қонунгузории амалкунандаи суғуртавии ҷумҳурӣ субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ вазифадоранд бо дархости мақомоти назоратӣ иттилооти заруриро оид ба иҷрои вазифаҳои худ пешниҳод кунанд (ба истисноии маълумоти сирри бонкӣ), яъне маҳз ҳамин иттилоот ҳангоми тартиб додани харита истифода мешавад. Тартиб ва таҳлили харитаҳои хавфҳо, инчунин таҳияи барномаи чорабиниҳое пешниҳод карда мешавад, ки барои ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ давра ба давра гузаронида шаванд.

Афзалияти муносибати пешниҳодшуда инчунин имконияти пешбинии нишондиҳандаҳои асосии харитаи дурнамои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат

мебошад, ки баъдан бо маълумоти мушаххаси ҳисоботӣ тасдиқ карда мешавад ва имкон медиҳад, ки чораҳои ишорашудаи назоратӣ бо мақсади пешгирии хатарҳо саривақт татбиқ карда шаванд.

Дар хулоса қайд менамоем, ки хавфҳо барои ҳар як субъекти иқтисодии хоҷагидор як амали муқаррарӣ мебошанд. Мақомоти назоратӣ ҳам ба гирифтани иттилооти объективӣ оид ба вазъи корҳои ширкати суғуртавӣ, ҳам ба он, ки суғуртакунанда дар фаъолияти худ дарк кунад, то кадом хавфҳо дар фаъолияти ӯ вуҷуд доранд ва барои пешгирии онҳо чораҳо андешад, манфиатдор мебошад. Низоми арзёбии хавфҳо имкон медиҳад, ки вазифаҳои мазкур ҳалли худро ёфта, ба вокуниши зудтар ва самарабахши мақомоти назоратӣ ба масъалаҳои бамиёномада дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ мусоидат намояд.

Ба назари мо, муносибати мазкур барои танзимгари суғурта ҳамчун василаи амалисозии назорати самарабахш аз болои фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор бигирад. Амалҳои алоҳидаи муносибати пешниҳодшуда метавонанд барои истифода аз ҷониби дигар идораҳое, ки дорои вазифаи танзим мебошанд, манзур карда шаванд.

## 4.4. Рушди механизми банақшагирӣ ваояндабинии рушди соҳибкории суғуртавӣ

Чи тавре, ки қайд намудем дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо»

пешбинӣ шудаанд.[79] Дар шароити ба марҳилаи нави тараққиёт гузаштани ҷумҳурӣ зарурати пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун субъекти бозори хизматрасонии молиявӣ ва инфраструктураи умумии системаи иҷтимоию иқтисодӣ меафзояд. Устувории низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа аз фаъолияти бомуваффақияти ширкатҳои суғурта вобаста аст, зеро онҳо барои безарар гардонидани таъсири хавфҳо ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор пешбинӣ гардидаанд. Ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт (хоҷагии хонадорӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, давлат), фаъолияти соҳибкории худро бо хавф пеш мебаранд. Ҳама гуна фаъолияти соҳибкорӣ хавф аст, зеро хавф ҷузъи асосии он мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як субъекти иқтисодӣ суғуртаи хавфро анҷом медиҳад. Суғуртаи хавф дар асоси бастани шартнома интиқоли баъзе хавфҳо ба ширкати суғуртавӣ мебошад. Аз тарафи дигар, захираҳои молиявие, ки дар ташкилотҳои суғуртавӣ ҷамъ карда мешаванд, манбаи асосии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошанд. Фаъолияти махсуси суғуртавӣ муҳимтарин навъи соҳибкорӣ мебошад, зеро ташкилотҳои суғуртавие, ки бо фаъолияти сармоягузорӣ машғуланд, даромади назаррас мегиранд.

Фаъолияти муътадили системаи суғуртаи иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ин низом ба таъмини ҳифзи боэътимоди иқтисодии иштирокдорони муносибатҳои суғуртавӣ ва фаъолияти бомуваффақияти онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунад. Рушд ва устувории иқтисодиёт дар маҷмуъ аз ин вобаста аст[80], зеро суғурта, пеш аз ҳама, бо безараргардонии хавфҳое, ки дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд, машғул аст. Дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки ғояи хатарҳо имрӯз дар *доираи* консепсияи идоракунии хавфҳо тағйир ёфта, ҳамчун захира амал мекунад. Хавф дорои тамоми хусусиятҳои хоси омилҳои истеҳсолот - соҳибият, арзиш (нарх), миқдор

---

[79] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С. - 71.

[80] Мирсаидов А.Б., Шамсуллозода Х. Хусусияти сармоягузории суғурта. Душанбе: «Ирфон», 2015 – 130 с.

буда, натиҷаи ниҳоӣ меорад[81]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки хавф ҳамчун захира ё омили истеҳсолии ширкати суғурта амал менамояд.

Дар нақшаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷамъоварӣ ва тақсимоти самараноки захираҳои калони молиявӣ аҳамияти калон дода шуда, дар ин самт суғурта воситаи басо муассирест, ки назорат ва сарфаи маблағҳои молиявиро таъмин менамояд. Дар ҷумҳурӣ рушди устувори соҳаи суғурта ба назар мерасад. Дар давраи солҳои 2005-2020 даромади ташкилотҳои суғуртавӣ бештар аз 7,3 баробар афзудааст. Соли 2020 пардохти суғуртавӣ зиёда аз 90 фоизи даромади умумии фонди суғуртавиро ташкил додааст. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва маблағҳои суғуртавӣ дар давраи солҳои 2005 -2020 беш аз 2,7 баробар, ҳиссаи онҳо дар хароҷоти умумӣ ба ҳисоби миёна 13,3 фоизро ташкил дод. Дар соли 2020 беш аз 66 фоизи даромадҳои суғуртавӣ ба захираҳои суғуртавӣ, ки манбаи фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин шарти рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, равона карда шудааст. Дар давраи таҳлилшуда фоидаи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ низ бо суръати баланд (аз 0,31 то 72 миллион сомонӣ) афзудааст.[82]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир доираи бозори хизматрасонии суғуртавӣ аз ҳисоби вусъати фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ беш аз пеш васеъ шуда истодааст. Бинобар он барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди муҳити рақобати бозорӣ дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ зарур аст, ки механизмҳои банақшагирии фаъолияти худро, ки ба шароити бозор мувофиқанд, такмил диҳанд. Дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ методология ва механизми тартиб додани нақшаи фаъолият тағйир ёфт. Ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун агенти озоди иқтисоди бозор, пеш аз ҳама бозори хизматрасониҳои молиявӣ, механизму усулҳои банақшагирии фаъолияти худро мустақилона интихоб намуда, маҳсулоти худро дар асоси талаботи бозор, талабот ва афзалияти истеъмолкунандагон пешниҳод

[81] Иода Е.В. Управление рисками региональной инновационной системы: автореферат дис. на соис. уч. степ. док. эк. наук. Тамбов – 2007.
[82] Нашрияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. С. 658.

менамоянд. Шартномаҳо ё созишномаҳое, ки бо муштариён ва таъминкунандагони захираҳо баста мешаванд, институт ва механизми асосии таҳияи нақшаҳои фаъолиятро ташкил медиҳанд. Банақшагирии фаъолият дар бизнес-нақшаҳои ташкилотҳо, ки ҳуҷҷати омодашуда мебошад, ҳадафҳо, вазифаҳо, роҳҳо, механизмҳои ноил шудан ба онҳоро дар давраи муайян инъикос менамоянд. Бизнес - нақшаи ташкилотҳои суғуртавӣ як шакли мусоид ва беназири ошноии сармоягузорон ва ҷонибҳои манфиатдор бо лоиҳа мебошад, ки мувофиқи ин онҳо баъдтар дар бораи ба мақсад мувофиқ будани иштирокашон дар лоиҳа қарор қабул мекунанд. Банақшагирии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дорои хусусиятҳои муайян ва механизмҳои дахлдор мебошад, ки ҳангоми таҳия ва татбиқи нақшаи бизнес бояд ба назар гирифта шаванд.

